**МАНИЖА САИДИСЛОМЗОДА**

# ОВОРАГАРД

(роман)

**Душанбе - 2025**

**ТКБ – 84 тоҷик7-4+87.717**
**С - 20**

**Манижа Саидисломзода. Оворагард** (роман). – **Душанбе: «Мулквар», 2025. 360 саҳ.**

Зери назари:
**Усмоналӣ Холиқзода**

Муҳаррири масъул:
**Бустоналӣ Холиқзода**

Китобати “Оворагард” дар шакле, ки хонандаи азиз дар даст дорад, бо мусоидати беғараз ва бародарвори бародари арҷманд Бустоналӣ Холиқзода ва бародари эшон Усмоналӣ Холиқзода муяссар гардид. Сармояи вақт, сармояи неру, сармояи самимият ва садоқат барои ба самар расидани талоши муаллиф бо умеди муфид воқеъ гардидани ин кӯшишҳо барои ҷомеа гувоҳ бар паҳноварии доманаи фикрест, ки ин ду бузургвор дар батни он сабз шудаанд. Бустоналӣ Холиқзода аз ҷумлаи нафаронест, ки ғояи сарбаландии Тоҷикистонро дар партави ҳамбастагии неруҳои мавҷуд дар ҷомеа матраҳ мебинад ва Тоҷикистонро самимона дӯст дорад. Масъулияти ҳамаҷониба дар робита ба китобати “Оворагард” аз сабаби дар хориҷи кишвар қарор доштани банда бар дӯши бародари азиз Бустоналӣ Холиқзода ва бастагони эшон афтид. Сипосгузории кӯтоҳ заҳмати беғараз ва бемузди бародари азиз Бустоналӣ Холиқзода барои дар шакли китоб зоҳир шудани “Оворагард”-ро ҷуброн нахоҳад кард. Умедворам, ки бародар Холиқзода ва бастагони эшон бо такя ба маърифат ва ахлоқи хубе, ки ин бузургворон доранд, сипосгузории ноқобили маро мепазиранд.

**ISBN 978-99985-49-50-0** **©Манижа С., с.2025**

## МУНДАРИҶА

**Пешгуфтор  аз муҳаррир**............................................. **5**

**Сипоснома** ........................................................................ **8**

**Сарсухан** .......................................................................... **10**

**Қисми 1.** Ҳуснигул ва Монро........................................ **13**

**Қисми 2.** Биҳишт…………………………………… **25**

**Қисми 3.** Корвони сурур…………………..………… **34**

**Қисми 4.** Ҷаҳони гап………………………..……… **43**

**Қисми 5.** Душанбешаҳр…..………………………… **47**

**Қисми 6.** Қароргоҳи оворагард…………………..… **50**

**Қисми 7.** Ҷодаҳои шатранҷӣ......................................... **57**

**Қисми 8.** Лаъли Бадахшон……………...…………... **68**

**Қисми 9.** Варзоб………………..…………...………. **85**

**Қисми 10.** Чора чист?...................................................... **90**

**Қисми 11.** Ҷаҳаннам…………………….....………… **105**

**Қисми 12.** Насими масмум…………………………… **116**

**Қисми 13.** Бабри сиёҳ……………………..………… **131**

**Қисми 14.** Муаммои нобаробарӣ…………….……… **138**

**Қисми 15.** Нақша ва нақшҳо………………………… **149**

**Қисми 16.** Задухӯрди ду нигоҳ……………………… **167**

**Қисми 17.** Фурӯғи Фаррухзод……………………… **183**

**Қисми 18.** Бозии қудрат…………..………………… **189**

**Қисми 19.** Ҷанҷол бо оина……………..…………… **195**

**Қисми 20.** Суиқасд………………………………… **199**
**Қисми 21.** Подоши суистифода……………….……… **209**
**Қисми 22.** Мактаби наберадорӣ……………………… **212**
**Қисми 23.** Раҳгумзадагон…………..………………… **217**
**Қисми 24.** Бешаи гургон……………………………… **226**
**Қисми 25.** Толори худбинӣ……………………….. **236**
**Қисми 26.** Доми фиреб……..……..………………… **246**
**Қисми 27.** Посухи суолҳо……..……….……………… **254**
**Қисми 28.** Адои қарз……………..………..………… **266**
**Қисми 29.** Ҳукми озодӣ……………………………… **275**
**Қисми 30**. Оғози дигар………………………………… **281**
**Қисми 31.** Раҳмати фарогир……..…………………… **285**
**Қисми 32.** Девона ва хирс…………..…..………… **289**
**Қисми 33.** Кофтукови ҷинояткор................................. **292**
**Қисми 34.** Калид………………………………..……… **299**
**Қисми 35.** Паймони хонумонсӯз………………….… **303**
**Қисми 36.** Милоди қотил……………………………… **311**
**Қисми 37.** Товон………………………………..……… **316**
**Қисми 38.** Фурӯғи нур дар зулмат…………………… **328**
**Қисми 39.** Қазоват………………………………..…… **335**
**Қисми 40.** Хостгорӣ……………………………..…… **345**

# ПЕШГУФТОР
# АЗ МУҲАРРИР

Адабиёт на танҳо инъикоси воқеият, балки ҷаҳоншиносӣ, худшиносӣ ва равзанае ба сӯйи маънавият ва кашфиёти ботинии инсон аст. Романи "Оворагард", ки аз ҷониби нависандаи соҳибистеъдод ва эҷодкори нуктасанҷ – Манижа Саидисломзода офарида шудааст, маҳсули тафаккури амиқ, эҳсоси нозук ва ҷаҳонбинии бекарони ӯ мебошад.

Манижа Саидисломзода яке аз бонувони фарзонаю хеле донишманди миллат аст, ки месазад аз ӯ ифтихор бикунӣ. Барои камина ӯ аз зумраи чеҳраҳои дурахшони фарҳангӣ ва адабии замони мо ба шумор меравад. Дониши фарогир ва забондонии ҳирфаӣ олами ботинии ӯро ғанӣ гардонидааст. То он ҷойе, ки огаҳӣ дорам, ӯ забонҳои тоҷикӣ (порсӣ), русӣ, инглисӣ ва олмониро дар сатҳи олӣ медонад ва бо забонҳои модарӣ, русӣ ва инглисӣ шеър менависаду асарҳо эҷод мекунад. Мавсуф шоир, нависанда, рӯзноманигор, сиёсатшинос, равоншинос аст ва боз дигар ҳунарҳое дорад, ки ӯро миёни хосу ом мутамайиз мегардонад.

Вале бо ин ҳама ҳунару истеъдод, Манижа шахси хеле хоксору фурӯтан аст ва ҳамин хоксориаш мақому манзалати ӯро баланд мегардонад. Ба қавли устод Қутбӣ Киром:

Хоксорӣ то ба қутбат мебарад рӯзе рафиқ,
Ман ба хокихислатон бисёр бовар мекунам.

Манижа олами ботинию ҷаҳони вижа ва хисолу атвори ба худ хосро дорад, вале ин барои шахсиятҳое, ки қобилияту истеъдоди фавқулода доранд, падидаи маъмулист, зеро жарфои андешаву тафаккур ва ҷаҳонбинии ғайримаъмулӣ дар маҳдудаи тартиботу меъёрҳои муқарраршуда намеғунҷад.

Вақте ки бо чунин фарзандони Меҳан шиносоӣ пайдо мекунам, дар зеҳнам андешае хутур мекунад: “Миллате, ки дар сиришту фитраташ асолату наҷобат аст, боз фарзандоне ба дунё меорад, ки ҳамин рисолати ворисӣ шоистаи ниёгони худ буданро идома хоҳанд дод.”

Романи “Оворагард”-и Манижа Саидисломзода асари хеле ҷолибу хонданбоб аст. Банду баст, шеваи баён, руҷуъҳои равоншинохтӣ ва андешаронихои мутафаккирона, ки аз камоли истеъдод ва рушди зеҳнии нависандаи ҷавон шаҳодат медиҳанд, ҳама дилчаспу дилнишинанд.

"Оворагард" дуюмин асари Манижа аст, ки пас аз романи нахустинаш – "Маҳин" ба хонандагон пешкаш мегардад. Ин китоб, ки самараи мушоҳида ва андешаҳои шахсии муаллиф мебошад, хонандаро ба сафари маънавие мебарад, ки дар он муҳаббат, садоқат, мубориза бо мушкилот ва ҷустуҷӯйи саодати ҳақиқӣ дар меҳвари сужаи асар қарор доранд.

Қаҳрамонҳои роман бо содагии хос ва дили софу мубарро, бо шикасту пирӯзиҳои худ зина ба зина назди хонанда ошно мешаванд. Муаллиф бо жарфнигарии моҳирона ба ҷаҳони ботинии инсон ворид мешавад ва отифаю эҳсосот, биму ҳарос, умеду орзуҳо ва пиндору рафтору гуфтори онҳоро бо забони салису равон ва шевою зебо ба риштаи тасвир мекашад.

"Оворагард" на танҳо достони як фард, балки инъикоси зиндагии воқеӣ, шинохти арзишҳои инсонӣ ва ҷустуҷӯйи маънии зиндагӣ аст. Муаллиф бо ҳассосияти баланд муносибати инсон бо муҳит, ҷомеа ва худи ӯро дар зеҳни хонанда ба тарзи хеле таъсирбахш ва фаромӯшнопазир наққошӣ мекунад.

Манижа Саидисломзода бо андешаронихои ҳикматомезу ҳикматомӯзи худ собит месозад, ки нависанда будан танҳо пеша нест, балки рисолат ва масъулияти бузург аст. Ӯ бо каломи нобу андешаи баланд арзишҳои инсонӣ ва маънавиро ҳифз намуда, барои хонандагонаш чароғи ҳидоятро рӯшан месозад.

Итминони комил дорам, ки "Оворагард" на танҳо ҷойгоҳи хос дар адабиёти муосири мо пайдо хоҳад кард, балки дар қалби ҳар як хонандаи боҳушу андешаманд ҷойгузин хоҳад шуд.

Мо аз Манижа як нависандаи ояндадор ва тавоною забардастро умедворем ва ин нукта мусаллам аст, ки чунин ҳам хоҳад шуд. Воқеан, бонувони нависанда дар адабиёти мо ба нудрат вомехӯранд. Аз ин лиҳоз, месазад, ки ҳунари нависандагии Манижа Саидисломзодаро ба ваҷҳи аҳсан пазироӣ намоем, то ӯ кори худро дар ин масир бо андешаи сабзу дили гарм идома бидиҳад.

Бо эҳтиром,

**Бустоналӣ Холиқзода**,
муҳаррири масъул

*Бузургтарин ҳақиқат – ту метавонӣ.*
*Бузургтарин дурӯғ – онҳое, ки тавонистаанд, дигаргунанд.*

# Сипоснома

**Ба номи Худованди бахшанда ва меҳрубон.**

**Ба падар ва модарам**. Ба хотири ҳузур ва ҳимояти бечунучарои шумо ба поёни ҳар роҳу пайроҳа ба осонӣ расидам. Идомаи ҳамон роҳе ҳастам, ки шумо оғоз намудед. Солики сарсахт, ки имрӯз дар вуҷуди ман қувват гирифтааст, дастпарварди мактаби боварҳои шумост. Худо аз шумо розӣ бошад ва аз тақсирҳои шумо бигзарад. Омин.

**Ба Ватан**. Ба суфраи паҳни беминнат. Ба оғӯши гарму самимӣ. Ба аввалин ангораҳо аз зебоӣ. Ба пайроҳаҳои ошно. Ба насими хушатру навозишкори саҳарӣ. Ба кӯҳсори амину сарбаланд. Ҳангоми ҳангомаи парешониҳои ғурбат дар кошонаи хотироти сабзи ту паноҳ мегирам, Ватан.

**Ба Эрон. Ба Теҳрон.** Дайни ғайриқобили пардохт. Эҳсоси сипос то поёни умр.

**Ба Олмон**. Ба воқеияти урён ва пойгоҳи балоғат.

**Ба Мастура Шамсовна**. Ҳаводори ростин ва пирӯз.

**Ба Эрих Фромм**. Равоншиноси забардаст ва ҳақиқатҷӯйи беғараз.

**Ба ду омӯзгор**. Ба омӯзгоре, ки маро дар дил ҷо нанмуд, вале дар раванди анҷоми рисолати омӯзгорӣ партави виҷдонро рӯшанибахши роҳи худ қарор дод ва ба омӯзгоре, ки дар канори дониш дарси муҳаббат ба ман омӯхт. Аввалӣ муҳаббат накард, вале софдилона дарс дод ва дуввумӣ дилу дониш диловарона эҳсон намуд. Донишу тавонмандиҳои дирӯз аз шумо дарёфтнамуда имрӯз василаи рӯзии мананд. Сипос.

**Ба душман.** Душмани ба хусумат содиқ, ки бо талоши хастагинопазири худ барои шикастани болҳои андешаи

баландпарвоз боиси хок шудани худхоҳӣ ва нодонӣ, боиси боло рафтани сатҳи муқовимати маънавӣ дар баробари озмоишҳои тоқатфарсои зиндагӣ, боиси афзоиши неруи ботинӣ ва боиси ҳадафрастар шудани пайконҳои камони андешаи ман гардид. Душманиии ту асарбахштар аз ангезаҳои ишқи сарсарӣ буд, азиз. Ёр нашудӣ, вале ёвар шудӣ. Медонам, намедонӣ.

**Ба номус**. Номуси покдоман, ки ба фишори нобаробариҳои зиндагӣ нигоҳ накарда, бо такаббур ё риё ҳамдаст намешавад. Номуси саркаш. Номуси созанда.

**Ба маҷроҳои андеша.** Чорчӯбнопазир, пурталотум ва тоза. Маҷроҳои андешаи ҳақиқатмеҳвар ва эҳёгар.

Ба онҳое, ки дар масъалаи ибрози муҳаббат **бо ҳисобу китоб бегонаанд**.

Ба афроде, ки ба хотири пешгирӣ аз ривоҷи тамаъкорӣ, дар кори хайр низ **ҳисобкоранд**.

**Ба қаҳрамонҳои беном**. Шахсоне, ки бо табассуми беғараз ба симои гирифтаи раҳгузари хаста, бо дасти солмандеро ҳангоми убур аз роҳ гирифтан, бо шитобидан ба кумаки ҳамсоя, бо ба забон овардани ҳарфи ташвиқ дар баробари талошҳои носараи раҳрави навпо, бо таҳаммулгароӣ нисбат ба ҷаҳонбиниҳои мутафовит, бо гирифтани ангезаи пешрафт аз худхоҳии баавҷрасида дар густариши умед дар ҷомеаҳо даст доранд.

**Ба марг**, ки барои хиёли афсонабовари инсон ҳушёрибахш аст. Ба хотири мусоидат ба раҳоӣ аз васвасаи Худованд шудан ва маънодору арзишманд гардидани ҳар як нафаси зудгузар.

**Ба сарнавишт ва Ӯ, ки сарнавишт навишт**. Барои фурсат, бовар ва шафқат. Танҳо Туро мепарастам ва танҳо аз Ту умеди ёрӣ дорам.

## Сарсухан

Хонандаи соҳибназар!

Асари пеши рӯро бо умеди эҷоди майл ва бовар ба озодагӣ дар хонандаи азизи ҳамзабон менависам. Забони тоҷикӣ (порсӣ) мероси ниёгони сарбаланди мост. Сарбаландӣ ҳам аз фикри баланд маншаъ мегирад ва фикри баланд дар чорчӯбаи забони тавонманд сохта мешавад.

Хушбахтона, барои сарбаландӣ забони тавонманду қавӣ ва мероси фикрии ғанӣ дар ихтиёр дорем. Фикри баланд ҷангхӯву ҷангҷӯ нест, вале сарбаланд аст ва зидди ҳар зулму бедод адолатбоварона меистад. Бинобар ин, қадри меросеро, ки ниёгон барои мо эҷод карданду ба армуғон гузоштанд, бояд донист.

Ояндаро насли нав месозад, аз ин рӯ, агар хостори идома додани суннати фикрии ниёгони равшанзамирамон ҳастем, бояд ба ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии насли нав бипардозем. Вазифаи асосӣ ва ҳадафи аслии эҷодкори муосир ҳифзи муҳаббати насли наврас нисбат ба забону таъриху тавонмандиҳои аҷдодист, то замонат барои идома ва равнақ ёфтани суннати фикрии баланд дар ҳудуди сарзамини мо гардад.

Яке аз роҳҳои зинда нигоҳ доштани суннати маънавии ниёгон хониши мероси адабии мутафаккирони қарнҳои пешин аст. Роҳи дигар пардохтан ба эҷоди нав аст. Эҷоди нав, ки бо забони аҷдодӣ ва дар домани суннати фикрии худомеҳвар ва инсонпарвар, ки ин суннат ба мо аз бузургворон мерос мондааст, арзи вуҷуд намояд.

Нависанда, шоир, олим, наққош, наворбардор, муҷассамасоз, меъмор ва умуман, аҳли фикру аҳли ҳунар масъулияти ҳифз ва идомаи сармояҳои ахлоқию фикрии умумибашариро бар дӯш мекашанд. Аҳли зиё, гарчанде дар

маҳдудаи маҳал ё миллат гом мебардоранд, бояд ҷаҳонӣ биандешанд.

Бар онам, ки барои шомил шудан ба табақаи зиёӣ дар ҷомеа донишвару ҳунарманд будан кофӣ нест. Зиёӣ ба маънои томи калима ба шахсияте хитоб мешавад, ки дар ҷодаи илм ё дар ҷодаи ҳунарҳои тахайюливу дастӣ моҳир шудааст ва донишу маҳорати худро ба сурати огоҳона дар хидмати манфиатҳои умумибашарӣ қарор медиҳад. Зиёӣ ба нафаре гӯянд, ки ҳунарро ба унвони имтиёзи худ дар баробари "камҳунарон" намебинад, балки имтиёзоти худро барои расонидани башар ба имтиёз ба хидмат мегирад.

Аз ин рӯ, донишварону ҳунармандонро ҳунари дигар мебояд, ки ин ҳунар таҳти унвони "ахлоқ" маъруф аст. Ҳунари нописанд ва худмеҳвар, чунонки дар дунёи худпарастӣ ҳамарӯза шоҳид ҳастем, тӯдаҳоро ба парешонӣ ва ба худбегонагӣ даъват мекунад, дар ҳоле ки андеша ва ҳунари асил, ки ҳақписанданд, бешак, худогоҳӣ ва суботу оромиши маънавии инсонҳоро афзоиш хоҳанд дод.

Ҳол суол пеш меояд, ки **чӣ гуна метавон ҳунари асилро шиносоӣ кард**?

Аввалин нишонаи асолати ҳунар ва дониш ин аст, ки дониш ва ҳунари асил дер ё зуд ба мавҷудияти Худо ба унвони офаридгори олам иқрор мекунад. Ҳунарманди воқеӣ, агарчи зебоиро дар худ парвардааст, вале зебоиро моли худ ва дар инҳисори худ намедонад. Барои ҳунарманд сафеду сиёҳ андозаи баробар илҳомбахшанд. Ҳунарманди асил ба дунболи офариниши дунёи дигар ва ҳақиқати дигар нест, балки ҳақиқати мавҷудро дар қоидаҳои бетағйири коинот ва зиндагӣ меҷӯяд. Ҳунари беасл инсони зиндагибезор месозад ва ҳунари асил зиндагиро, албатта, дар қолаби баёнҳои зебоишиносона, каломи мавзун ё ҳазл, ҳамон тавр ки ҳаст, муҷассам намуда, шоистагиҳои зиндагии солимро бозтоб медиҳад. Ҳунари асил инсонро ба андешидан дар мавзуъҳои асосӣ во медорад ва ҳунари сарсарӣ ӯро дар рӯзмарра ва

дунёи хиёлоти воҳӣ ғарқ мекунад. Ҳунарманди асил бо изтиробу эътироз ва дарди шуҳратталабиву қудратталабӣ бегона аст. Эҷоди ӯ на барои исботи ҳунари хеш, балки барои ба самар расонидани маърифати итминонбахш ба майдон меояд. Ҳунар дар дасти ҳунарманди асил силоҳ нест, балки чароғи роҳнамост, ки шиносоии хубу бадро барои тӯдаҳо осон менамояд.

Бад-ин тариқ, дар раванди тавлиди асари ҳунарӣ ҳунарманд ё эҷодкор бояд мадди назар дошта бошад, ки тавлиди нав, пеш аз ҳама, барои насли нав аст. Ҳар насл нигарониҳо, сабки фикр ва ҷаҳонбинии хоси худро дорад ва ҳар асарофаринӣ, ки дар замони ҳол сурат мегирад, бояд бо эҳтиёҷоти эҳсосии насли нав ҳамоҳанг гардида бошад.

Сарфи назар аз сатҳи пешравӣ ва дигаргуниҳо дар чеҳраи замона, то ҳол ҳеч кадом насл бениёзи ҳақиқат нашудааст ва намешавад. Руҳияи инсон новобаста ба боварҳои ӯ ташнаи ҳақиқат ва зоти поки Ҳақ аст. Бинобар ин, асари пеши рӯ тақдим барои насли наврас аст, ки роҳи ҳақшиносиро пеши рӯ дорад.

Ҳадаф аз навиштани китоб касби ном ё эътибор нест. Гумномӣ беҳтар аз хушномист. Таҷрибаи зиндагии хушномон гувоҳ бар эътибори ин асл аст.

Бошад, ки шоҳиди талъати партави меҳри забони порсӣ-тоҷикӣ, ки меросдори руҳияи баланди тамаддуни бузург аст, дар дилҳои хастаи насли муҳоҷир гардем.

Камбудӣ бахши ҷудоинопазири талошҳои инсонист. Бобати номулоиматиҳои эҳтимолӣ дар рафти мутолиа аз якояки шумо − бузургворон пӯзиш металабам.

Бо салому сипос,
Манижа Саидисломзода

# Қисми 1

## ҲУСНИГУЛ ВА МОНРО

Ҳуснигули лоғарандом, бонуи гандумгун ва миёнақад зани оворагард аст. Лашкари чину ожанг сатҳи чеҳраи зебои Ҳуснигулро тасарруф карда бошад ҳам, ташхис додан душвор нест, ки дар ҷавонӣ аз таваҷҷуҳу ихлоси ҳаводорони ҳусн бенасиб набудааст. Ҷаззобу дилрабо. Ҳанӯз ҳам дилчасп. Ин дар ҳолест, ки офтоби умри Ҳуснигул ба хатти уфуқ мойил шудааст. 56-умин соли умри ӯст, ки мегузарад.

Бону ҷаззобияти хос дорад. Аз ҳамон ҷозибаҳои ғайри қобили ламсу тасвир. Падидаи номаълум дар тинати Ҳуснигул дар нигоҳи аввал дар танӯри кунҷковиҳои зеҳни ҷустуҷӯгар оташак мезанад. Агар ҷарақаи кунҷковӣ аз як тараф инсонро ба Ҳуснигули солманд ҷалб созад, аз тарафи дигар эҳсоси хатар аҳли назарро аз Ҳуснигули назаррабо мерамонад.

Ҳуснигул мавлудгоҳи эҳсоси дугонаи нафаронест, ки дар маҳзари ӯ омаду рафт мекунанд. Дугонаэҳсос кунҷковии серобношуданӣ ва ваҳшати беихтиёрро дар бар мегирад. Нигоҳи пурасрори бону ишора ба сиришти амиқ ва пурмоҷаро дорад. Аз як ҷиҳат, дӯст дорӣ, дар аъмоқи вуҷуди ӯ ғӯтавар шавӣ, вале аз тарафи дигар, жарфо ва мазмуни норавшани тангнои тираи вуҷуди Ҳуснигул шиновари тӯфоннадидаро ба ваҳшат меандозад.

Сарнавишти пурмоҷаро бонуи оворагардро бо нигоҳи хунсарду ханҷарвор бурро мусаллаҳ кардааст. Ҳуснигул, оворазани бепаноҳ, бо эҳсоси хиҷолат ва одати поин андохтани нигоҳ ҳамхӯ нест. Нигоҳи худро аз нигоҳи мухотаб намегурезонад. Таҳти ҳеч шароит. Чунки нигоҳи ҳавобаландонаи Ҳуснигул охирин сангари дифоъ аз ғурури батангафтодаи ӯст. Агар нигоҳи тасодуфӣ ба Ҳуснигул афтад

ва ба ӯ хира шавад, филҳол бо нигоҳи барқсон шикофанда ва пархошгари Ҳуснигул рӯ ба рӯ мегардад, ки қасди аз беху бун зеру забар кардани вуҷуди наззорагари номусаллаҳро дорад.

Ҳусни бонуи оворагард омезиш аст аз абрӯвони шарқиёна возеҳу сиёҳ, кашидагии бодомгунаи чашмони туркӣ, гардани дарозу борики оҳумонанд ва бинии бо хаткаш тасвиршуда – аспгуна барҷаста, вале дар айни ҳол зебандаву мутаносиб. Лабҳои пургӯшти арғувониранги бонуро хатти равшани дар ҳошияи лабҳо ба назар қаламкашшуда возеҳтар месозад. Холи мушкин бо фосилаи кам аз лаб рӯйи гунаи рости бону ба ҳусни Ҳуснигул таровату ҷилваи дигар мебахшад.

Агар Ҳуснигулро бо наққошии рӯйи деворҳо муқоиса намоям, метавон гуфт, ки дасти мусаввир ҳангоми тасвири тарҳҳои чеҳраи Ҳуснигул лағжиш нахӯрдааст. Тарҳҳо дар чеҳраи Ҳуснигул возеҳ, пурранг ва расоянд. Симои бодиққат тасвиршудаи бону шоҳкореро мемонад, ки рассом дар раванди тавлидшавии он барои ба ҳар як хатти чеҳра возеҳияти кофӣ ва маъно бахшидан вақт, диққат ва ҳассосияти зиёд масраф кардааст.

Ҳуснигул ҷозибаҳои зоҳирии худро дар айёми ҷавонӣ воситаи хонавайронии дилҳои ҳавасбоз қарор медод. Духтараки ҷавон, гарчанде дар тангдастӣ ба воя расида бошад ҳам, ба оянда бо умедворӣ менигарист, чунки ҳусни худодод дошт. Ҳуснӣ, ки аз овони хурдӣ аз таҷрибаи таъми хуши донишандӯзӣ маҳрум монда буд, ҳуснро бузургтарин сармоя мепиндошт. Фитнае, ки аксари хубрӯён ба он мубталоянд.

Ба ҳар ҳол, бояд иқрор намуд, ки Ҳуснигул дар радабандии иштибоҳи арзишҳо андозае ҳақ ҳам дошт. Вабои зоҳирпарастӣ дар асл домангири афроде мешавад, ки аз мутолиа ва маънавият фосила мегиранд. Ҳуснигул дар

муҳити хонаводагӣ ва муҳити иҷтимоии носолим ба воя расидааст.

Вақте мардон харидори ахлоқи зан не, балки харидори ҳусн ва ҷозибаҳои зоҳирии занон мешаванд, духтарон, аз он ҷо ки дар муҳити носолим бархӯрди истеъмолӣ нисбат ба занон дар мафкураи падару модари духтарон низ реша медавонад, бидуни роҳнамоии дуруст ба воя мерасанд ва дар натиҷа духтар ба ҷойи сайқал додани дониш ва ахлоқ, ба масъалаи ҷозибадор кардани симову андоми худ мепардозад.

Ҳуснигули наврас яқин дошт, ки ҳусни худодод чиптаи барандаи ӯ дар зиндагист. Ҳуснӣ, пас аз мушоҳидаи зиёди атвори ҳунарманди дӯстдоштаи худ Мэрилин Монро, шеваҳои истифода аз латофати занона барои дастрасӣ ба манфиатҳои моддиро аз бар намуд.

Ҳуснигул гоҳ-гоҳ аз мактаб фирор карда, ба хонаи ҳамсоязан – бону Рухсора, ки дар хона видеомагнитофон дошт, рафта, бо ӯ фиттаҳои филмҳоеро тамошо мекарданд, ки Мерилин Монро дар ин филмҳо нақш офаридааст. Фиттаҳоро мухлиси Ҳуснигул – ҳамсинфи ӯ Даврон, писари беқавора ва назарногир бо дархости Ҳуснӣ аз куҷое барои ӯ дастрас кардааст.

Даврон Ҳуснигулро дӯст медошт. Ҳуснигул медонист, вале муҳаббати Давронро ҷиддӣ намегирифт. Барои Даврон Ҳуснигул бонуи руъёҳо ва барои Ҳуснигул Даврон хидматкори қобили эътимод буд.

Фиттаҳои филмҳои Мерилинро Ҳуснӣ дар хонаи ҳамсоязан – бону Рухсора нигоҳ медорад. Гарчанде Ҳуснӣ духтари қадрас шуда бошад ҳам, дар хонаи падару модар барои ӯ гӯшаи шахсӣ дар назар гирифта нашудааст. Риояи марзҳои шахсии кӯдак боиси шаклгирии иззати нафс дар кӯдак мешавад. Марзҳое, ки ҳатто падару модар ҳаққи убур кардан аз ин марзҳоро надоранд. Марзҳои шахсие, ки барои нашъунамои шахсият ва таҷрибаи виқори фард будан дар

кӯдак лозиманд. Марзҳои шахсии Ҳуснигулро дар хона ҳеч кас ба расмият намешиносад.

Падару модари Ҳуснигул дар ҳар кори ӯ дахолат мекарданд. Ҳуснигул ҳарими шахсӣ ва ҳаққи нигаҳдории васоили хусусӣ дар хонаи падару модарро надошт. Бо Ҳуснӣ дар хона ҳамон тавр ки бо ашёи куҳна ва изофӣ бархӯрд мешавад, бархӯрд мешуд.

Шавҳари Рухсораи 38-сола аз солҳо қабл бедарак аст. Пас аз ин ки Рухсора 3 сол пеш бидуни шавҳар ҳомила шуд, аксари ҳамсояҳо аз муоширeт бо ӯ даст кашиданд. Барои Рухсора дӯстӣ бо Ҳуснигули наврас ҳасрати муошират бо одамонро ҷуброн мекунад.

Рухсора дар вақти тамошои филм бисёр ҳарф мезад. Ҳуснигул, ки ҳарисона ва бо диққати тамом тарзи либоспӯшӣ ва ишваву адоҳои Мерилинро муоина намуда, қасди ёд гирифтани ишваву адоҳои мерилингунаро дошт ва аз ин рӯ, ба муҳтавои филмҳои Мерилин низ зиёд таваҷҷуҳ намекард, суҳбатҳои Рухсораро нашнида мегирифт.

Ҳуснии навпо ҳасрати эътимод ба нафси Мерилини ботаҷрибаро мехӯрад. Монро Ҳуснигулро бо адову ишваи бесобиқа сеҳр кардааст.

Мерилин ба ин хотир афсона шуд, ки ҳадду марзҳои таъйиншударо бидуни хостани иҷоза аз касе ё тарс аз қазовати дастаҷамъӣ беибо зери по менамуд. Мерилин дар ҳадде густох гардид, ба назар мерасид, ки ӯ дигар аз марг ҳам наметарсад. Ҷуръате, ки тамошобинро ҳам ба ҳайрат ва ҳам ба ваҳшат меандозад. Ҷуръате, ки ҳамсояи девонагист.

Дар муқобил вуҷуди Ҳуснигули навқадамро тарсҳо фаро гирифтаанд. Акнун Ҳуснӣ ба Мерилин ба унвони мактаб ва роҳ менигарист. Ҳуснӣ дигар ба камтар аз Мерилин розӣ нахоҳад шуд. Ҳуснигул мехост ва талош мекард, ки сад дар сад айни Мерилин бошад.

Мисли ҳар хиёлпардози бетаҷриба Ҳуснигул ҳаваси ҷилваҳо ва ҷилои Мерилинро мехӯрд, вале худро даргири

мавзуи марги зудҳангоми Мерилин намекард. Андешаи марг то ҳол Ҳуснигулро ба ваҳшат меандозад. Инсоне, ки зиндагӣ накардааст, аз андешидан дар мавриди марг сахт метарсад. Мерилингунаҳоро инсонҳои одӣ, ки на ҷуръати зиндагӣ кардан ва на ҷуръати мурдан доранд, ба хотири густохӣ мепарастанд. Мухлисон намедонанд, ки “ситораҳо” бештар аз ҳар чизи дигар аз марг метарсанд ва ҳамин ташнагии зинда мондан онҳоро ба густохӣ ва ҳаримшиканӣ тела медиҳад.

Гарчанде Мерилин шуҳраи олам гардид, барои шуҳрат ва таваҷҷуҳ нархи гарон пардохтааст. Ситораи бахти Мерилин барроқтар аз ситораи дигарон дурахшид, вале ин дурахшандагӣ дер напойид.

Вақте духтарони ҷавон бонувони маъруфро қаҳрамони руъёҳои худ қарор медиҳанд, фақат ба ҷойгоҳи иҷтимоӣ, намуди зоҳирӣ ва имконоти моддие, ки ин бонувон дар ихтиёр доранд, тамаркуз мекунанд. Духтарони ҷавон ба ин намеандешанд, ки ҳар дастовард нарх дорад ва пайомади пайваста дар маърази таваҷҷуҳи тӯдаи мардум қарор доштан, озор ва парешонист.

Шуҳрат, ба хусус, барои руҳияи латифи зан метавонад, пайомадҳои нохуш дошта бошад. Гарчанде занон қобилиятҳои баланди таҳлилӣ доранд ва ин қобилият бонувонро дар рӯёрӯйӣ бо зарарҳои эҳтимолӣ эмин нигоҳ медорад, вақте зан вориди саҳнаи дилхушӣ мешавад, худро дар баробари ҳайвонияти нафси ҳаводорон, ки ин ҳайвоният аз таҳлил ва мантиқ итоат намекунад, бепаноҳ меёбад.

Ҳуснигул намедонист, ки Мерилин дучори мушкилоти равонии шадид шуда буд, маводи мухаддир истеъмол мекард ва мардони зиёд дар тайи фаъолияти ҳунарии Мерилин аз ӯ суистифодаи ҷинсӣ кардаанд. То ҳол маълум нест, ки Мерилин худкушӣ кардааст ё бонуи руъёҳоро яке аз хушдорони соҳибмақом ба хотири ахлоқи нофармон ва шӯришгаре, ки Мерилин дошт, ба сурати фоҷиабор ба қатл расонидааст.

Билохира, машқу тамрини Ҳуснигул натиҷа дод. Акнун Ҳуснии навҷавон рафтори бонувони таҷрибадорро дорад. Ба назар менамояд, ки фосилаҳои синнусолӣ низ барои духтари наврас беаҳаммият шудаанд. Бо мардони аз худ бузургтар чунон моҳирона муошират менамояд, ки мардони дар бозӣ додани занон собиқадор худро дар назди Ҳуснӣ бачаи наврас эҳсос мекунанд. Эҳсоси ҷавонӣ, ки дар вуҷуди мардони калонсол дар раванди муошират бо Ҳуснӣ ҷавона мезад, мардонро беш аз пеш муштоқи Ҳуснигул месохт.

Дар ин бозӣ додану бозӣ хӯрданҳо Ҳуснигули навкор савори аспи макр ҷилавдорӣ мекард. Духтари ҷавон дар муошират бо мардон ба хотири ҳисобу китоби хунсардонаи атвори худ истиқлолияти беназир дар тасмимгириҳо пайдо карда буд.

Ҳуснии навҷавон табиати мардонро хуб мешиносад. Ҳар кас иҷозаи наздик шудан ба Ҳуснигулро ба даст намеоварад. Ҳаводоронро, ки бахти хидмат ба Ҳуснӣ насиби онҳо гардида буд, чунон омӯзиш медод, ки фикри зӯр гуфтан ба Ҳуснӣ аз кӯчаи зеҳни онҳо намегузашт. Чунон муштоқ буданд, гӯйӣ Ҳуснӣ риштаи ҷони онҳоро дар даст дорад. Бо Ҳуснӣ, ба умеди касби ҳусни назари духтари ҷавон, эҳтиёткорона муносибат мекарданд, вале муштоқони Ҳуснӣ намедонистанд, ки Ҳуснӣ дар ҷустуҷӯйи робитаи солим ё марди эҳтиёткор нест. Фотиҳаи эҳсосоти воқеиро падару модар барои Ҳуснӣ дар овони тифлӣ хондаанд.

Мисли боқӣ духтарон Ҳуснӣ пайгири муҳаббати безавол нест. Зебоиаш сард, зебои хунсард. Ҳуснигул ба мардон ба унвони васила менигарад. Мардон бояд зинапоя барои расидани Ҳуснӣ ба қудрат шаванд. Туҳфаҳои мухлисонро гоҳ мепазирад, гоҳ не. Ноумед намекунад, вале ҳар кадомро дар фосилаи муайян аз худ бо умеди пайдо кардани марди қудратманди муштоқ нигоҳ медорад.

Ягона мавзуи барои Ҳуснӣ ваҷдовар мавзуи қудрат аст. Духтараки наврас, пас аз таҷрибаи ноамнӣ дар хонаи волидайн, ба қудрат, ки дар тасаввури Ҳуснӣ ҳаммаъноии амният шуда буд, дилбанд гардид. Ҳуснӣ дар раванди бозӣ додани мардон фурсатҳоеро, ки қудрат барои соҳибони қудрат фароҳам месозад, шиносоӣ кард. Бозии хатарноке, ки мисли бозӣ бо оташ оқибатҳои нохуш дошта метавонад. Вале лаззати бозӣ қавитар аз тарсе буд, ки Ҳуснӣ аз хатарҳои эҳтимолӣ дошт.

Дар ҳар сурат, Ҳуснӣ новобаста ба лаззатҳои ҷонибӣ, ки духтарони гумроҳ аз ҳисоби бозӣ додани мардон касб менамоянд, нақшаи барпои оила бо марди сарватманду сиёсатмадорро дар лавҳи хотир тарҳ чидааст. Ҳамсариояндаи Ҳуснӣ бояд марди соҳибмақом ва сарватманд бошад, ки сарфи назар аз  ҷойгоҳи иҷтимоии худ, ғуломии Ҳусниро ба ҷон бипазирад.

Ҳуснӣ дар миёни мардон низ пайгири ҳамчеҳраи худ аст. Ба дунболи марде буд, ки ҳалли муаммои ноамниро дар роҳпиллаҳои қудрат меҷӯяд. Марди ба зоҳир қавипоя ва ботинан сустмоя, ки қобили бозӣ додан бошад.

Пасттарин зинаҳои мавҷудиятро Ҳуснӣ аз овони тифлӣ дар ҷисму ҷони худ таҷриба карда, пеш аз муҳлат ба воя расида буд, вале балоғати маънавии кофӣ барои дарки пайомади интихобҳои худро надошт.

Ҳуснӣ медонад, ки парвонаҳои даври ӯ фитрати парвонаҳоро надоранд. Медонад, ки мардоне, ки ғуломии нафсро бар дӯш мекашанд, хостгоҳи хатар ва ноамнианд. Бо вуҷуди ин, Ҳуснӣ аз бозӣ додани мухлисон даст кашида наметавонад. Мисли нашъаманд бояд гоҳ-гоҳ ба нашъаи худ, ки эҳсоси қудрат доштан аст, дастрасӣ пайдо кунад, то марҳами захмҳои куҳан шавад.

Уқдаҳои Ҳусниро ин эҳсос, ки ҷавонмардони чорпаҳлу дар баробари духтари одӣ нотавон мешаванд, навозиш мекард. Ба ваъдаҳои дурӯғини онҳо гӯш медод ва ба

содалавҳиву сустмоягиашон дар дил писханд мезад. Фикр мекарданд, ки бо ваъдаҳои дурӯғин барои духтари ҷавон дом мекананд, вале торикии беинтиҳои вуҷуди Ҳуснӣ худ барои онҳо дом буд.

Дар назари аввал Ҳуснӣ, духтараки лоғарандом ва навҷавон аз хонаводаи камбизоат, дар чашми мардони ҳарис туъмаи осонҳазм ба назар меомад, вале талоши рамзкушоии дурусти Ҳуснӣ аз рӯйи адову атвори бозигӯшонаи ӯ талоши абас аст, чунки сурати воқеии одамро аз рӯйи ниқоб, ки ба чеҳра кашидааст, наметавон шинохт.

Аз тасвири зиндагии Ҳуснигул атрофиён ҳамон бахшеро медиданд, ки ба онҳо намоиш дода мешуд. Касе намедонист, ки пушти чордеворе, ки Ҳуснӣ ҳар шаб маҷбур ба бозгашт ба он ҷо аст, чӣ мегузарад? Чордеворе, ки дар он падару модар дар нақши ҷинояткорон зоҳир мешаванд. Мактабе, ки ҳеч кӯдак набояд аз он бигзарад. Мактабе, ки инсони дарунии кӯдакро дар давраи ҷанинӣ буғӣ карда, мекушад.

Ҳуснӣ дар хонаи падарӣ зиндагӣ не, балки қоидаҳои зинда монданро омӯхтааст ва дар набард бо ҳар даранда ба зинда мондан ҳаристар аст. Дарандаҳое, ки ниқоби меҳрубонӣ ба чеҳра кашида, парвонаи даври Ҳуснӣ шуда буданд, инро намедонистанд.

Бо вуҷуди қудрати нисбӣ нисбат ба мардони ҳавасбоз, Ҳуснӣ дар дил орзуи расидан ба қудрати ҳаматарафаро мепарвард. Духтараки ҷавонро дидагӣ нодида гирифта наметавонист. Нигоҳи ваҳшӣ ба ҳусни ӯ қудрати ҷодуро мебахшад. Ғуломони сурат асорат дар зиндони Ҳуснигулро бе мулоҳиза ихтиёр мекарданд. Асорати бе мулоҳиза оқибат бо яъс анҷом меёфт, чунки Ҳуснӣ соилони даргоҳи худро дар аташи сӯзони интизориҳои воҳӣ мекушт.

Тааҷҷубовар, вале Ҳуснӣ аз ҳар моҷаро бидуни зарар ё бо камтарин зарар берун меомад. Истифода мекард, вале чунон ҳисобшуда, ки барои касе баҳона барои додхоҳӣ боқӣ

намонад. Билохира, пас аз озмоиши бисёр Ҳуснигул ҳамчеҳраи худро пайдо кард.

Пайрав аз ӯ 17 сол бузургтар буд. Ҳам пул дошт, ҳам ҷойгоҳ ва ҳам қудрат. Ба қавли Ҳуснӣ “он қадар пир ҳам набуд”. Пайрав мисли Ҳуснӣ ошиқи қудрат аст ва ҷоҳталабиҳои Ҳуснидро меписандад. Пас аз якчанд моҷаро миёни ду гург – Ҳуснӣ ва Пайрав издивоҷ карданд, вале Пайрав боиси осудаҳолии Ҳуснӣ нашуд.

Пул ва фурсатҳоеро, ки Пайрав Вализода ҳамроҳи худ вориди зиндагии Ҳуснӣ кард, дасту пойи девҳои вуҷуди Ҳуснигулро боз карданд. Чорчӯбаҳо, ки Ҳуснӣ барои расидан ба ин ҷо бо мақсади идораи рафтору гуфтори худ сохта буд, шикастанд. Баъд аз издивоҷ бо марди сарватманд, Ҳуснӣ ба оғози рӯз ба унвони фурсат барои идома додан ба дилхушиҳои дирӯз менигарист.

Ҳуснӣ дӯстони доимӣ надорад. Аз дӯстон ва якрангии онҳо зуд хаста мешавад. Ӯ ба субот ва ҳамешагишуданҳо одат накардааст. Ба дӯстони нав мисли кӯдак ба бозичаи нав бо ҳаяҷон менигарад ва дар охир бо “бозичаҳои куҳнашуда” бо хунсардии хосси худ видоъ менамояд.

Таҳи дил Ҳуснӣ муштоқи дӯсти роздор аст. Кашидани бори розҳои ниҳон, ки Ҳуснӣ ҳатто ба Пайрав нақл накардааст, бар дӯши Ҳуснӣ сангинӣ мекунад. Сарсониҳои руҳияи худро бояд бо маҳраме тақсим намояд, вале аз он ҷо ки Ҳуснӣ худ роздор нест ва розҳои шунидаро дер ё зуд силоҳи заҳролуд алайҳи дӯстони собиқ қарор додааст, розҳои худро ба касе бовар карда наметавонад.

Ҳуснӣ рафиқбоз буд, вале дар сохтани бунёди рафоқати пойдор нотавон монд. Онҳое, ки таҷрибаи рафоқат бо Ҳуснигулро доштаанд, аз тамоси дубора бо ӯ безорӣ меҷӯянд.

Сангдилӣ ва хунсардӣ зебоии худододи Ҳуснигулро бо мурури замон ноқис кардааст. Аз чеҳраи зебои ӯ сармои

ваҳшатнок мевазад. Бе тараҳҳум ва шафқат ҷамол бекамол аст. Ҳуснигул аз ҷамоли худ доми ҷафо сохтааст.

Ҳуснигул ваҳшист, ҳусни ӯ ваҳшист. Дирӯз ба дилҳо ва имрӯз ба нигоҳҳо чанг мезанад. Дар айёми ҷавонӣ ҳусни дилошӯби Ҳуснии ҷавон доми ногувор барои дили ошиқи зоҳирпараст буд. Доме, ки афтидан дар он осон ва берун баромадан аз он ранҷовар аст. Ҳоло Ҳуснигул, гарчанде оворагард аст, дар дили мардуми одӣ, ки Ҳуснӣ акнун дубора бо онҳо ҳамсатҳ шудааст, ваҳшат меандозад.

Ҳеч кас намедонад, ки ҳусни беайб ҷуброни сарнавишти доғдори Ҳуснигул аст.

Бо вуҷуди ҳусни худодод, ожангзадагии чеҳраи Ҳуснигул бозтоби қиссаи талхи шӯришҳои бесамари бонуи овора алайҳи бозиҳои эҳсосии зиндагист. Афсонаи хунсардии Ҳуснигулро ожангҳои бешумор дар чеҳраи ӯ, сарфи назар аз ниқоби бетафовутӣ, ки бар чеҳра кашидааст, мутолошӣ мекунанд.

Агар алифбои забони ожангҳоро ёд бигирӣ, аз тарзи ҷобаҷойии хатҳои сурат асрореро, ки одамон дар сират ниҳон медоранд, фош мехонӣ. Эҳсосоти қавӣ ва сатҳӣ осори худро дар сатҳи сурати одам барҷо мегузоранд. Ин осор рафта-рафта табдил ба хутути возеҳ мешаванд. Барои пешравии минбаъдаи ожангҳо ҳамин хатҳои эҳсосӣ роҳ мекушоянд.

Ҳар кас наққоши чеҳраи худ аст. Обу рангу ҳамоҳангии чеҳра дар айёми пириро аҳволи дарунии инсон ва интихобҳои ӯ дар айёми ҷавонӣ муқаррар мекунанд. Бинобар ин, ҳар солхӯрда тасвири ожангии муносиб ба аҳволи дарунии худро дорад.

Одамон фикр мекунанд, ки бастани забон боиси нуҳуфтагии асрор мешавад, вале агар хуб таваҷҷуҳ намоӣ, асабҳои инсон, ки дар ҷисми ӯ бо суръати баланд ҳаракат карда, тағйироти руҳии ӯро лаҳза ба лаҳза ёддошт менамоянд, нияти хуб ё бад, тарс, ҳасад ё баръакс, муҳаббат дар дили ӯро дар чеҳраи ӯ бозтасвир мекунанд.

Мегӯянд, ки дар қиёмат дасту пову чашму гӯшу забони инсон алайҳи ӯ шаҳодат хоҳанд дод. Вале чеҳраи инсон дар ҳамин дунё алайҳи ӯ шаҳодат медиҳад. Барои шунидани ин шаҳодат басират бояд дошт.

Баъзеҳо ба сурати бисёр ҳамоҳанг пажмурда мешаванд. Дар рухсораи инсони хуб ожангҳо табиати нарму латиф доранд. Ба чеҳраи нуронии баъзе солхӯрдаҳо менигарӣ, дар чеҳра миёни ҳамин хатҳои ба назари аввал номавзун ҳамоҳангии дилнишин мавҷуд аст. Гӯё пири нуронӣ ба теғкашиҳои сарнавишт бо хирадмандиву виқор, бидуни кашидани теғи ғазаб аз ғилоф, посух дода бошад. Ба ғилофи теғи ғазабаш бингарӣ, нуронӣ пажмурда шудааст, вале теғи ғазаб дар ғилофи адаб, ки аз ҷавонӣ дар камар дорад, нав аст. Одами нодонро такаббур овора месозад. Хирадманд такаббурро дар вуҷуди худ овор кардааст.

Хулоса, дар чеҳраҳои нуронӣ ожангҳо нимдоира, моҳвор ва камонгунаанд. Тасвире, ки рӯзгор дар чеҳраи солхӯрдаи Ҳуснигул кашидааст, новобаста ба ин ки Ҳуснигул ҳусни худодод дорад, номавзун ва теғдор ба назар мерасад. Теғи ғазаби Ҳуснигул беғилоф ва кухна шудааст. Теғи кунди Ҳуснигул ҳанӯз ҳам омодаи садама задан ба атрофиён дунболи фурсати муносиб мегардад.

56-сола аст, вале агар ба бону аз пушт, вақте ки ӯ роҳ меравад, назар андозӣ, фикр мекунӣ, духтараки 16-солаи шӯху чобук равон бошад. Ҳуснигул ғурури худро аз роҳи рост нигоҳ доштани қомат ва қадаммониҳои боитминон ба рухи атрофиён мекашад. Руҳияи сарсахту тунди Ҳуснигул намегузорад, ки пайкараи солхӯрда аз шикаст ва таслим аломат ба намоиш гузорад.

Барои нигоҳҳои зоҳирбин Ҳуснигул ҷозиба дорад, чунки аз чорчӯбаи тасвиру тасаввури мардум дар мавриди пириву шикастагӣ берун баромада тавонистааст. Маҳрумиятҳо ва оворагӣ боиси пеши роҳгузарони тасодуфӣ хам шудани сару камари зан нахоҳанд шуд. Ҳуснигул аз

ҷумлаи инсонҳоест, ки ҳатто вақти ҷонсупорӣ таслими эҳсоси шикастагӣ ва бечорагӣ намешаванд.

Бо мардуми атроф ҷангу зиддияту душманӣ дорад. Дар чеҳраи ҷозибадори зани 56-сола устувории хоси паҳлавонони маргталаби майдон ҳувайдост. Гӯё ҳар лаҳзаи ӯ дар руҳияи омодабош ба ҷанг мегузарад.

Новобаста ба тақдири оворагӣ, Ҳуснигул чашминтизори бахшишу эҳсони ҳамтоён нест. Инро аз нигоҳи бебоку ҳавобаланди ӯ метавон фаҳмид. Зани миёнсоли оворагард нигоҳро сипар кардааст. Нафареро ба худ наздик шудан намемонад. Касе ӯро аз наздик намешиносад. Дунёи Ҳуснигул қасри дарбаста аст. Қасре, ки пушти деворҳои сарду баланди нигоҳи хунсарди Ҳуснигул маҳфуз аст.

Дасту домони бону тиҳист. Вале нигоҳи Ҳуснигул, баръакс, ғаниву хонданист. Фарёди инқилобро нигоҳи Ҳуснигул дар миёнаи ду майдон – майдони хотироти дирӯз ва майдони эътирозоти имрӯз сар медиҳад. Бону аз вазъияти мавҷуд розӣ нест. Вале нигоҳи адолатхоҳи ӯ хостгори инқилоби мардумсолор ба назар намерасад. Муроди Ҳуснигул, ки ниҳоли бадбинӣ нисбат ба одамонро тайи солҳо дар тинати худ парвардааст, инқилоби мардумшикан аст. Адолат аз нигоҳи зани оворагард, яъне тороҷи инсоният. Адолате, ки Иблис аз рӯйи ҳасад нисбат ба имтиёзоти зотии инсон ҳар рӯзу ҳар сония ҷорӣ карданист. Инсонҳо бо Ҳуснигул чӣ кардаанд, ки ӯ иблисвор бо насли Одам дар ситез аст?

Шарҳи ҳоле, ки аз нигоҳи Ҳуснигул метавон хонд, бозтоби авзои мутазодди ӯст: на мурда аст, на зинда, сард аст, вале бӯйи сӯхтагӣ медиҳад, маргталаб аст, вале чанг ба таноби зиндагӣ задааст.

Худхоҳии ҳамлагар ва ҳангоматалаб дар зиндони нигоҳи пинҳонкори Ҳуснигул виқори покдоманро ҷойгузин кардааст. Ҳуснигул иддаои доштани ахлоқи ашрофӣ

мекунад, вале шарафе, ки Ҳуснигул ба намоиш гузоштааст, бадал аст.

Савори худхоҳӣ ба шарофат намерасад. Диле, ки ба тасарруфи худхоҳӣ даромадааст, мудири нафс не, балки мутеи нафс мешавад. То худхоҳиро дар дили худ эъдом накунӣ, дил аз ҳақорати хушомад гуфтан ба нафс раҳо намегардад. Дили бовиқор ва шариф самараи раҳоии одам аз султаи худхоҳиҳост. Дар вуҷуди Ҳуснигул бошад, худхоҳӣ тантана мекунад.

Дидани ҳақиқати Ҳуснигул бо нигоҳи сарсарӣ номумкин аст. Мисоли тир мебояд зи чандин пардаи найранг убур кард, то ба воқеияти Ҳуснигул даст ёбӣ.

Нигоҳи ғавғогари оворазан озору машаққати зиёд дидааст, вале бо вуҷуди ин, нигоҳи ӯ ба чапу рост бо исрори хастагинопазир теғ мекашад. Бо нигоҳи ситезаҷӯ Ҳуснигул дору надори дунёро ба масхара гирифта, дорандаҳо ё ба қавли дигар «дарандаҳо»-и дунёро шармсору ҳақир намуданист. Бо вуҷуди ситеза бо хӯйи дарандагӣ Ҳуснигул худ даранда аст.

Пушти нигоҳи амиқу кунҷковибарангези зани оворагард чӣ меистад? Таърихи шаклгирии шахсияти тазодмояи зане, ки дар 56–солагӣ маҷбур ба оворагардист, чист? Кист Ҳуснигул?

## Қисми 2

## БИҲИШТ

Ҷаҳонпаҳлавон ҷавонест, ки сарнавишти ӯ дар марҳилаҳои баъдтар бо сарнавишти Ҳуснигул пайванд хоҳад хӯрд. Ҷавоне, ки дар симои Ҳуснигул фурсати ҷуброни хатоҳои худро мебинад, вале дучори хатои ду баробар мешавад. Ҷавони камолгарои худписанд, ки орзуи дигаргун

кардани одаму оламро дорад, вале фарҷоми қисса худ дигаргун мешавад. Ҷавоне, ки худро оғӯштаи мавзуи наҷоти Ҳуснигул аз қисмати оворагардӣ намуда, азизтаринҳои худро аз даст медиҳад.

Ҷаҳонпаҳлавон хабарнигори 26-сола аст. Падари Ҷаҳонпаҳлавон – Сардорхон дар яке аз деҳаҳои наздик ба шаҳри Исфара дар мактаби деҳ ба ҳайси муаллими синфҳои ибтидоӣ кор мекунад ва модари Ҷаҳон  – бону Давлатбӣ, муовини вазири  фарҳанг аст. Сардорхон Давлатбӣ – духтараки чобук ва фаъоли хатлониро дар донишгоҳ дида, ба ӯ дил баст. Дар навбати худ, Давлатбӣ дар баробари садоқат ва руҳияи ҷавонмарди Сардорхони оромтабиат муқовимат карда натавонист.

Ҷаҳонпаҳлавони хурдакак пас аз даҳ соли зиндагии муштараки Сардорхон ва Давлатбӣ ба дунё омадааст. Ӯ ягона фарзанди хонадон аст.

Падари Ҷаҳон – муаллим Сардорхон инсони наҷиб аст. Ба ӯ борҳо пешниҳоди мансабу мақоми баланд додаанд, вале муаллим ба бачаҳои худ содиқ монд ва кори таълимро раҳо накард. Боре Сардорхон интихоби худро ба Ҷаҳонпаҳлавон чунин шарҳ дод:

„Кор бо кӯдакон ҳавсала ва вақти зиёд талаб мекунад, Ҷаҳонҷон. Агар омӯзгор худро дар канори фаъолияти омӯзгорӣ бо масъулияти дигар пойбанд кунад, ба рисолати омӯзгорӣ вафо карда наметавонад. Чунки омӯзгорӣ бо ёд додани ҳарфу адад ба шогирд ҷамъбаст намешавад.

Омӯзгор бояд роҳнамои рӯзгор бошад. Рӯзгор фаротар аз дарсу машқ аст, Ҷаҳонҷон. Омӯзгори хуб на танҳо фанни таълимиро хуб фаро гирифтааст, балки ӯ бояд ҷаҳонбинии васеъ, андешаи печида ва баёни сода дошта бошад, руҳияшинос бошад ва аз ҳама муҳим ба саволҳои ҳастишиносонаи кӯдакон, аз қабили ҳадафи зиндагӣ, фалсафаи офариниши дунё, чароии марг ва ғайра посухҳои омода ва осонфаҳм муҳайё намояд.

Дар канори дониш омӯзгор бояд ба шогирд дарси худогоҳӣ, худоогоҳӣ ва хештандорӣ биомӯзад: шогирдро бо худ, бо офаридгор ва бо сабкҳои зиндагии шоиста ошно намояд. Албатта, бидуни фишоровари. Вазифаи мо кӯдаконро бо маълумоти лозим муҷаҳҳаз кардан аст, Ҷаҳонҷон. Омӯзгор набояд по аз ҳадди худ фаро ниҳад ва иродаи кӯдаконро аз онҳо бигирад. Ихтиёри инсон дахлнопазир аст. Кори омӯзгориро ҳамин душвор месозад. Бояд ёд бидиҳӣ, роҳнамоӣ кунӣ ва дар айни замон интихоб ва ихтиёри кӯдакро аз ӯ нагирӣ.

Хубии нафаре, ки аз тарс, иҷбор ё зери фишори дастаҷамъӣ хубиро ихтиёр мекунад, бо хубии шахсе, ки хубиро бо ихтиёри худ ва огоҳона интихоб кардааст, баробарарзиш нест. Ихтиёр, агар аз як тараф хатар дорад, аз тарафи дигар, танҳо роҳи шахсият шудани фард аст. Худо, ки донотарини донотаринҳост, ба инсон ҳусни назар дорад ва ихтиёрро аз ӯ нагирифтааст. Бинобар ин, омӯзгор бояд ҳадшинос бошад, то дар муносибатҳои худ бо шогирд аз марзҳои муайян нагузарад.

Медонӣ, Ҷаҳонҷон, кор бо кӯдак, агар эҳсоси масъулият намоӣ, кори душвор аст, вале подоши азим дорад. Барқи ҳаяҷону хушҳолии софдилона дар чашмони кӯдакони навомӯз дар ҷисми мурда ҷони дубора медамад. Ҳаяҷони тозаи тифл хастагиҳои омӯзгорро ҷуброн мекунад. Инҳо руҳияи беолоиш доранд ва ташнаи донишанд. Агар омӯзгор дилбохтаи тадрис набошад, кӯдакро аз маърифат дилзада ва безор мекунад. Яъне, омӯзгори ҷоҳил бадтар аз ҷаллод аст, чунки дур шудан аз маърифат барои инсон баробар бо марг аст.

Машъали маърифат дар дасти омӯзгор амонати вазнин аст, ҷӯра. Агар руҳияи кӯдакро дар хона саркӯб кардаанд ва шавқи доно шудан дар вай нест, муштоқ ба доноӣ намудани ӯ вазифаи омӯзгор аст. Аз тарафи дигар, кӯдакони дастнахӯрда, кӯдаконе, ки дар фазои хонаводагии амн ба воя

расидаанд, худ як мактабанд. Чӣ гуна будан ва чӣ гуна зистанро бояд аз кӯдакони садаманадида омӯхт, чунки инсонҳо табиатан саршори ҳаяҷони зиндагиянд.

Руҳияи зиндаи кӯдак пас аз таваллуд гирифтори тарбия мешавад. Тарбияи дуруст ба кӯдак маҳоратҳои зиндагӣ ва тарбияи дурушт ба кӯдак маҳоратҳои мурданро меомӯзад. Инсонҳое, ки сигор мекашанд, маводи мухаддир ё нӯшокиҳои спиртӣ истеъмол менамоянд, дидаву дониста ба худ садама мезананд. Барои ба худ садама задан пул мепардозанд. Ба назарат барои чӣ?

Ба хотири ин ки ҳеч кас ба онҳо имтиёзҳои зиндагии солимро наомӯхтааст. Аз лаҳзаи таваллуд инсон сари дуроҳаи маргу зиндагӣ қарор мегирад. Касе, ки зиндагиро интихоб намекунад, ногузир аст дар масири зиндагӣ ҷилваҳои гуногуни маргро зиндагӣ кунад. Нафароне, ки худогоҳ ё нохудогоҳ ба худ садама мезананд, гарчанде зиндаанд, мойили марганд. Сабаб? Падару модар, омӯзгор, ҳамсафар ё дигар шахси мавриди эътимод майли онҳо ба зиндагиро костаааст. Чора чист? Чораи марг зиндагист.

Нафаре, ки зиндагӣ карданро ёд дорад, худро пеш аз муҳлат таслими марг намекунад. Нафаре, ки шоиста зиндагӣ кардааст, аз омадани марг наметарсад. Ана барои ин ки инсонҳо дубора зиндагӣ карданро ёд бигиранд, доноӣ ва маърифат лозим аст.

Бузургтарин маразе, ки инсонҳоро ба фасод ва безорӣ аз зиндагӣ мойил месозад, худхоҳист, Ҷаҳон ва душмани ашаддии худхоҳӣ худогоҳист. Худхоҳӣ дар вуҷуди инсони худогоҳ рушд карда наметавонад. Инсонҳои худхоҳ, гарчанде ба мақомҳои дунявӣ даст мееёбанд, аз назари маънавӣ бечораанд.

Бинобар ин, мураббии башар будан рисолати бузург аст. Огоҳ кардани инсонҳо танҳо роҳи наҷоти инсоният аст. Вақте падару модар ва муаллим дар пайи огоҳ ва аз назари маънавӣ қобил кардани кӯдакон нестанд, кӯдаки нодон ба

домани худхоҳӣ, ба унвони сипар дар баробари чолишҳои зиндагӣ, чанг мезанад. Ҳайф аст, чунин шавад, чунки раҳраве, ки роҳи пеши рӯро бо машъали худхоҳӣ равшан кардааст, мебинад, вале ибрат намегирад.

Ҳар як кӯдак мактаб аст, Ҷаҳонҷон. Симо, нигоҳ, тарзи нишастану роҳ рафтану ҳарф задану тарзи сукут кардани кӯдак бозтоби аҳвол дар хонаводаи ӯст. Ман ба унвони муаллим имконияти ворид шудан ба дунёи андешаи кӯдаконро дорам. Бо вуҷуди ин ки зеҳни кӯдак бо суръати баланд кор мекунад ва дар лавҳи хотири кӯдак ҳар сония ангораи нав тавлид мегардад, бояд ба дунёи ӯ чунон боэҳтиёт дохил ва аз он хориҷ шавӣ, ки зеҳни кӯдакро мағшуш нанамоӣ.

Ба дунёи андешаи кӯдакон ворид шуда, аз онҳо ёд мегирам. Аз дунёи андешаи кӯдакон хориҷ шуда, ба дунболи бозсозии бунёдҳои андешаи мусбат дар зеҳни кӯдакони садамадида мешавам. Бояд дар майдони зеҳни онҳо донаҳои маърифат бикорам, то тифл дар оянда нахли бесамар бор наояд.

Падару модар хоста ё нохоста ба кӯдакон зарбаҳои равонӣ мезананд. Волидайнро маломат намекунам, Ҷаҳонҷон. Тарбияи фарзанд ҳунар аст ва аксар волидайн худ падару модари ноқобил доштаанд. Муҳаббат кардан ва мусбат андешидан дар дунёи умедсӯз кори осон нест. Дӯст доштан ва аз дигарон ҳимоят кардан ҳунар аст, ки бо тамрин аз овони кӯдакӣ рушд мекунад.

Бинобар ин, ҷони падар, кӯдакон дар майдони пуртазодди зиндагӣ бепаноҳанд. Ба ҳамаи онҳо бо як чашм – чашми тараҳҳуми инсонӣ менигарам. Аз он ҷо ки аксарияти кӯдакон аз бадхӯйӣ дур ва саршори шавқи зиндагианд, бо онҳо рӯз аз рӯз ҷавонтар мешавам.

Ана дар идора бошад, одам ба муҳраи беруҳ мубаддал мегардад, ҷӯраҷон. Мемирад. Одамон дар идора беқадранд – аз раис гирифта то дарбон. Руҳияи инсон бошад, дар фазои

озод рушд мекунад. Дар идора тоири андешаи инсонҳо иродаи аз сақфи идора баландтар парвоз карданро надорад. Дар идора инсон ба адад мубаддал мегардад. Аҳаммияту арзиши инсонии худро гум мекунад. Ман шаҳомату таровати руҳияи озодаи кӯдаконро бо ҳеч мақому мартаба дар идораҳои сарбаста иваз намекунам".

Бинобар ин, падари Ҷаҳон – муаллим Сардорхон ду машғулият дорад: омӯзгорӣ ва боғдорӣ. Бо ташаббуси муаллим боғи калони тартибёфта аз ниҳолу дарахту гулҳои гуногун, ки шуморашон ба беш аз чандсад адад мерасад, фазои деҳаро сарсабзтар кардааст. Сардорхон рӯзона якчанд соат аз умри худро дар боғ сипарӣ мекунад. Гоҳ ба боғдорӣ ва гоҳ ба роздорӣ бо дарахту гулу гиёҳ. Рӯзҳое, ки боду ҳаво мусоид аст, шогирдонро дар боғ, ки "Биҳишт" номгузорӣ шудааст, ҷамъоварӣ намуда, дар ин ҷо ба онҳо дарси ҳамзистӣ ва доду гирифт бо табиатро меомӯзад.

"Бачаҳо. Мо инсонҳо бахше аз табиатем. Табиати зинда хонаи мост. Инсон бояд дар оғӯши табиати зинда ба воя расад. Табиат ба мо чигунагии зиндагии солим ва дурустро меомӯзад. Табиат ғамхори мост ва мо бояд ғамхори табиат бошем. Агар ба ниҳолпарварӣ машғул шавед, зуд мефаҳмед, ки бар дӯш гирифтани масъулияти нашъу намои ниҳол ба шумо маҳоратҳои зиндагии солимро меомӯзад. Дар рафти дарахт шудани ниҳол ниҳоли вуҷуди шумо низ мисоли дарахтон поядор мешавад. Шиносоии табиати зинда боиси беҳтар гардидани шинохти мо аз худи мост, чунки мавҷудоти зинда шабеҳи ҳаманд. Ба хусус, дарахтон шабоҳати зиёд ба одамон доранд. Ҳамон тавр ки оби зиёд боиси пӯсидани дарахт мешавад, зиёдаравӣ дар истеъмоли неъматҳо инсонро низ ба табоҳӣ мебарад. Дарахтон мисли одамон на танҳо ба обу ғизо эҳтиёҷ доранд, балки аз он ҷо ки мавҷудоти зиндаанд, ба муҳаббат низ вокуниш нишон медиҳанд. Боғи боғбоне, ки дӯстдори табиат аст, босамартар ва сарсабзтар аз боғи боғдорест, ки боғро сирф аз барои фоидаи молии он

нигаҳдорӣ мекунад. Табиат мисли одам ба муҳаббат ва муносибати раҳмдилона эҳтиёҷманд аст. Беҳтарин дарси зиндагии солимро инсон аз табиати зинда мегирад” – ба шогирдон дар ҳар як боздид аз боғ таъкид мекунад муаллим Сардорхон.

Тағйироти мусбат самараи тамаъҳои бузург не, балки самараи афкори ҷаҳоншумуланд. Дар боғи муаллим Сардорхон ба номи ҳар як шогирд бо дасти шогирд ниҳол шинонда мешавад.

“Акнун, бачам, ту низ аҳли “Биҳишт” шудӣ. Аз сояву меваҳои дарахти ту дигарон баҳраманд мешаванд ва ту ба хотири ин ки кори беғаразе барои ҷомеа муфид анҷом додаӣ, умри бобаракат хоҳӣ дошт” – гуфта, бо мақсади дилгарм намудани шогирде, ки навбати ниҳолшинонии ӯ дар боғ фаро расидааст, сари шогирдро сила карда, ҳар бор бо умеди қувват бахшидан ба боварҳои мусбат дар вуҷуди толибилмон мегӯяд муаллим Сардорхон.

Суннати боғдории дастаҷамъиро муаллим Сардорхон ҷорӣ кардааст. Тамоми сокинон дар деҳа худро дар сарсабзии “Биҳишт” масъул медонанд ва дар нигаҳдории боғ саҳм мегузоранд. “Биҳишт” мутааллиқ ба нафаронест, ки барои сарсабзии он заҳмат кашидаанд.

Шогирдони муаллим Сардорхон муштоқи сайру гашт дар “Биҳишт”-анд. Дар “Биҳишт” ҳар дарахт ба номи инсоне, ки он дарахтро шинондааст, номгузорӣ шудааст. Шогирдони хурдсол дар боғ ба таърихи пайдоиш ва синну соли дарахтон, сарнавишти шахсияте, ки ин ё он дарахтро шинондааст, бо завқ ва диққат гӯш медиҳанд ва рӯзи дарахтшинониро бесаброна мепоянд, то як рӯз онҳо низ бо шинондани ниҳоли худ дар “Биҳишт”, „биҳиштӣ“ шуда, асари худро дар ин ҷо ҷовидонӣ кунанд ва пас аз рафтан аз онҳо ба некӣ ёд шавад.

Шогирдони хурдакак муаллим Сардорхонро бениҳоят дӯст медоранд, чунки муаллим ба ҷону равони онҳо пардохтааст. Муаллим ба шогирдон ғизои маънавӣ дода, ба

қувват гирифтани неруи дарунии онҳо мусоидат мекунад. Сардорхон руҳияи ҳалим дорад ва бо равияи нарм бо шогирдон бовари онҳо ба ояндаи некро тақвият медиҳад.

Ҳангоми боздид аз боғ Сардорхон таърихи пайдоиши ҳар дарахт ва шахсияти шогирдеро, ки он дарахтро шинондааст, дар зеҳни кӯдакон моҳирона муҷассам намуда, дар вуҷуди шогирдони хурдсол майли бунёдкорӣ ва созандагиро афзун мегардонад. Одатан, соли чаҳорум, қабл аз ин ки муаллим Сардорхон шогирдони хурдсоли худро ба муаллими синфҳои болоӣ супорад, соли дарахтшинонист.

Мавсими киштукор, рӯзи муайянро дар деҳа рӯзи дарахтшинонии бачаҳо дар "Биҳишт" эълон мекунанд. Якчанд муаллими дигар, шогирдони синфҳои болоӣ, падару модароне, ки майли кумак ва иштирок доранд, ба боғ ташриф меоваранд. Агар шогирде бо сабабҳои муайян пеш аз хатми синфи чаҳорум маҷбур ба тарки мактаб бошад, ба мактаб ё маҳалли дигар равад, барои ӯ рӯзи истисноии дарахтнишонӣ таъйин мекунанд, то ҳадди ақал дар ҳузури ҳамсинфон ва муаллим Сардорхон дарахти худро дар "Биҳишт" шинонда, аз ин ҷо бенишон ва бенасиб наравад.

Баъзе чорабиниҳо боиси қувват гирифтани худхоҳӣ дар тинати беолоиши кӯдакони хурдсол мешаванд. Масалан, ширкат додани кӯдакон дар мусобиқаҳое, ки мояи асосӣ дар баргузории ин мусобиқаҳо асли ҷойгоҳдеҳии зинапояист, пайомадҳои ногувори ахлоқӣ дошта метавонад. Барои кӯдакони дар ин гуна мусобиқот ширкаткунанда дар зинапояи ҷойгоҳҳо ҷойи аввал, дуввум ва севвум таъйин мегардад. Радабандии кӯдакон дар рӯйи зинапоя боиси пайдоиши эҳсоси нобаробарӣ дар тинати кӯдак мешавад. Эҳсоси бо дигарон ҳамтароз набудан, эҳсоси бо дигарон ҳамвазну ҳамарзиш набудан ба иззати нафси аксар кӯдакон садама мезанад.

Кӯдаке, ки ба ҷойгоҳи аввал расидааст, ёд мегирад, ки аз пешӣ гирифтан аз дигар кӯдакон, дигаронро дар пушти

худ гузошта гузаштан лаззат барад. Кӯдаке, ки дар зинапояи ҷойгоҳҳо дар зинаи поинтарин қарор мегирад, аз сохтори нобаробари арзишгузорӣ дар ҷомеа ранҷ мекашад ва новобаста ба ин ки ҷойи севвум ҳам ҷойгоҳ аст, агар ин кӯдак бархӯрди хештандорона бо шароити нобаробари зиндагиро аз падару модар наомӯхта бошад, эҳсоси бо кӯдакони дар зинаҳои болотар баробарарзиш набуданро пайдо мекунад. Кӯдаконеро, ки дар ин мусобиқот ҷой намегиранд, эҳсоси ҷойгоҳ надоштан, эҳсоси арзишманд набудан, эҳсоси беэътиборӣ фаро мегирад.

Ҳоло ғояи ташкили мусобиқаҳои зебоӣ барои кӯдакон дар ҳоли пешравист. Ташкили мусобиқаҳои зебоӣ барои кӯдакон дар навбати худ боиси густариши камбудиҳои ахлоқӣ дар сиришти насли навпо, нобудии шавқи пардохтан ба дунёи ботинӣ ва ҷойгузин шудани ин шавқ бо майли зоҳиророӣ ва дар натиҷаи гузаштан аз сират ба сурат боиси парешонии бештари насл хоҳад шуд.

Суннате, ки муаллим Сардорхон поягузорӣ кардааст, баръакс, майли ҷамоатхоҳӣ дар кӯдаконро бештар намуда, ба арзиш ва аҳаммияти зотии ҳар як кӯдак бидуни тақсими кӯдакон ба ду дастаи хоссу ом таъкид мекунад. Кӯдакон, аз як тараф, эҳсоси арзишманд будан, эҳсоси ҷойгоҳ доштан, эҳсоси азизу муҳтарам буданро таҷриба мекунанд ва аз тарафи дигар, ёд мегиранд, ки арзишу эътибори дигар ҳамтоёни худро ба расмият бишиносанд.

Ҳамин яксоннигарӣ ба худ ва ҳамтоёни худ заминаи шаклгирии шахсияти поядор аст. Аз тариқи ширкат додани кӯдакони хурдсол дар кори боаҳаммият чун боғдорӣ ва ниҳолпарварӣ, муаллим Сардорхон қасд дорад, ки ба кӯдакон иззат ва виқори кофӣ барои собитқадам шудан дар ҷодаҳои зиндагиро тазриқ намояд. Фазои "Биҳишт" барои густариши бахилӣ, кина ва душманӣ мусоид нест. Дар "Биҳишт" дӯстиву якдилӣ ҳукмфармоянд.

## Қисми 3

## КОРВОНИ СУРУР

Яке аз шогирдони собиқи муаллим Сардорхон Фирӯзи оромтабиат баъд аз мактаб оиладор шуда, соҳиби 3 фарзанд гардид. Фирӯз ба хотири таъмини хонаводаи худ ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русия рафт.

Вақте ҷасади шиканҷашудаи Фирӯзи ҷавонмаргро дар яке аз ҷангалҳои Русия пайдо карданд, духтари хурдсоли ӯ Нозанини 4-сола ҳанӯз тифли кӯчаки оғӯшипадарнадида буд. Аз сабаби бенаво будани оилаи Фирӯз, муҳоҷирони дигар сарҷамъ шуда, ҷасади Фирӯзро дар яке аз қабристонҳои Русия ба хок супурданд.

Вақте Нозанин мактабхон шуд, ӯро ба мактабе, ки Фирӯз дар он ҷо таҳсил кардааст, бурданд. Духтари оромтабиат чеҳраи борику кашидаи падарро дорад. Сафедпӯст, борикандом, қоматбаланд бо мӯйҳои қаҳвайӣ. Дар чеҳраи Нозанин, Сардорхон, ки инсони бисёр нозукбин аст, Фирӯзро шинохт. Дар домони рӯзгори бепадарӣ кӯдаки бошахсияте ба воя расидааст, ки новобаста ба суолҳои зиёд ва бепосух, машқи хештандорӣ мекунад.

Нозанин чеҳраи барои дигар кӯдакон пинҳони зиндагӣ, воқеияти урён ва бениқобро дидааст. Нозанини 7-сола дар назари муаллим Сардорхон кӯдаке менамуд, ки ғаму ғусса ва шикваи худро дар дил ҳабс карда, роҳи селаи ашкро ба сӯйи дидагон бастааст. Ба дигарон нишон намедиҳад, вале эътирози пинҳон сол ба сол ҳамроҳи Нозанин дар вуҷуди ӯ дар ҳоли бузург шудан аст.

Нозанини хурдсол бар ин бовар аст, ки ин бор, вақте иродаи чанг задан ба домони зиндагӣ хоҳад кард, пирӯзи моҷарои дастбагиребонӣ бо зиндагӣ ӯст. Нозанин ба худ ҳаққи шикасти дубора намедиҳад, бинобар ин, мисли дигар кӯдакон беқарор ва ба дунболи намоиши тавонмандиҳои худ

нест. Ӯ дар дунёи хиёл ва орзуҳо ғӯта намезанад ва зиндагиро ба додгоҳ намехонад. Умеди пирӯзӣ қомати виқори Нозанини маҳрум аз ҳимояти падарро тайи солҳо рост нигоҳ доштааст.

Пас аз хатми синфи чаҳорум Нозанин дарахти худро дар боғ шинонд. Ба синфҳои болоӣ рафт. Духтари қадрас ва дилпазир шуда буд. Руҳияи эътирозии ӯ низ оромтар ба назар меомад. Духтар дар мактаб, гарчанде дар маҳфилҳои адабӣ фаъол набуд, бо баҳои аъло мехонд.

Як рӯзи офтобӣ, рӯзи таътил дар мактаб, Нозанини 15-сола ба хонаи муаллим Сардорхон омад. Дарвозаро бо эҳтиёт, вале бо исрор кӯбид. Ҷаҳонпаҳлавон он рӯз ба аёдати падару модар омада буд. Зуд аз ҷо бархост, то падар ва модар мушавваш нашаванд. Дарро боз кард. Ҷаҳонпаҳлавон, гарчанде аз Нозанин даҳ сол бузургтар аст, Нозанинро хуб мешиносад. Духтараки ҳамсояро назди дар дида, Ҷаҳон бо шеваи ба худ хос, бародарвор ва бо шӯхӣ гуфт:

– Ассалому алайкум, хоҳари акош. Шир, намак, шакар, дӯғ, пиёз, лаблабу ҳамаи чӣ дар хона ҳаст. Чӣ биёрам?

Ҷаҳон шӯхӣ кард, то ба чеҳраи ғамгин ва беш аз ҳад гирифтаи духтараки ҳамсоя ханда биёрад. Нозанин вокуниш нишон надод. Чеҳраи ӯ карахт ва беҳаракат менамояд. Духтари наврас Ҷаҳонро намебинад ва намешунавад. Абрӯҳои Нозанин, гӯё фикри муҳиммеро дар гиреҳи абрӯвон "фаромӯш накунам" гуфта, баста бошад, сахт ба ҳам печидаанд. Тамоми таваҷҷуҳи Нозанин ба афкори худ дар як нуқтаи барои Ҷаҳон номаълум банд омадааст. Ҷаҳон бо шӯхии кӯдакона ба мақсад нарасида, дар назари худ аблаҳ намуд. Хандаро аз чеҳраи худ дарҳол зудуда, бо садои баланду беғаш, ба хотири ҷалби диққати Нозанини парешонхотир гуфт:

– Чӣ шудааст, хоҳарҷон?

– Бо муаллим кор доштам, – сарду ором посух дод Нозанин.

– Бошад, Нозанинҷони акош. Ҳозир, – табассуми мухтасари худро барои нагузаштан аз ҳад миёни лабон фишор дода, бо нигоҳи ҳамдардии бародарона ба чашмони Нозанин неру барои истодагарӣ ворид карданӣ шуда, гуфт Ҷаҳон ва дарро боз гузошта, дар дохили ҳавлӣ нопадид шуд.

– Додоҷон, бо шумо кор доштаанд, – ба хона даромада, дар назди модар нишаста, ором гуфт Ҷаҳон.

– Ассалом, бачем. Биё, хона даро, – пушти дари боз Нозанинро дида, ба назди дарвоза бо нимшитоби бидуни изтироб омада, гуфт Сардорхон.

– Не, муаллим. Раҳмат. Як суол доштам, – бо беқарорӣ гуфт Нозанин.

– Ҳеч гап не, бачаҷон. Сари як пиёла чой гап мезанем, хӯрок ҳам омода шуда истодааст. Ба хона даро, бачаҷон, – бо меҳрубонии падарона исрор кард Сардорхон.

– Не! – бо қотеияти кӯдакона гуфт Нозанин.

Ба назар мерасид, ки Нозанин бо сабабҳои барои худ маълум беқарор ва беҳавсала шудааст. Дидагони духтараки наврас пуроб шуданд ва манаҳи ӯ бо изтироб ба ларзидан даромад.

– Бошад, бачаҷон. Бигӯ, – аз дари мусолиҳа ворид шуда, бо садои нарми падарона гуфт Сардорхон.

– Дар “Биҳишт” ба номи падари ман ҳам дарахт ҳаст? – бо нигоҳ ва садои ҳасратомез пурсид Нозанин.

Сардорхон ба кӯдаки беамон бо таассуф ва ҳамдардӣ нигарист. Ашк кӯдакро гулӯгир мекунад, вале Нозанин ҳанӯз ҳам дар худдории худ исрор меварзад.

Нозанин, толибилми оромтабиат муддати чор соле, ки шогирди Сардорхон буд ва борҳо бо ҳамсинфон ба боғ рафтааст, аз муаллим бобати падар суол напурсид. Сардорхон чандин дафъа худро омодаи посух додан ба суолҳои эҳтимолии Нозанин карда буд, вале Нозанин, гӯё изтироби муаллимро дарк мекарда бошад, ба ӯ бо суолҳои

беҷавоби худ наздик нашуд. Нозанин напурсид ва Сардорхон низ ба захмҳои барои андому руҳияи кӯдаки навпо бардоштнопазир чанг назад.

Инак, дар синну соли 15-солагӣ, дар даврони шаклгирии худогоҳӣ Нозанин ба дунболи нишона аз падар мегардад. Инсонҳо воқеан ҳам шабеҳи дарахтонанд. Ҳар чӣ решаи инсон амиқтар, ҳамон қадар пояи шахсияти ӯ пойдортар мешавад.

Ниҳоли вуҷуди Нозанин, ба монанди ниҳоли вуҷуди дигар кӯдакони ятим, ки таҷрибаи тамос бо падар ё модарро надоштаанд, дар ҳасрати решадавонист. Нозанин дар ин ҷо ба дунболи решаҳои худ мегардад.

Ашк дар чашмони Сардорхон ҳалқа зад. Дили меҳрубони муаллим дар қафаси сина дар худ печид.

– Ҳаст, бачем. Ҳаст, – ҷамъшавии ҳавзи об дар чашмони худро базӯр пешгирӣ карда, нигоҳи ҳимоятгари худро аз Нозанини бепаноҳ наканда, гуфт Сардорхон.

– Метавонам, дарахти падарамро бубинам? – бо беқарорӣ ва исрори кӯдаконае, ки хосси Нозанин набуд, пурсид Нозанин.

Сардорхон руҳияи одамонро хуб мешиносад. Медонист, ки ниёзи Нозанин таъхирбардор нест.

– Холаатро бо худамон гирем, майлаш, бачем? – бо нигоҳ ва садои рафиқона пурсид Сардорхон.

– Майлаш, – бо чашмони пур аз об ва нишоти кӯдаке, ки пас аз рӯзгори бепадарӣ падар медида бошад, сарро ба рамзи ризоят якчанд бор кӯдакона ва саросема такон дод Нозанин.

Ҳамдигарфаҳмӣ ва бовари бечунучаро асоси муносибатҳои Сардорхон ва Давлатбиро ташкил медиҳанд. Ин ду рафиқ ва ҳамсафар талотумҳои нобаҳангоми мавҷҳои дарёи пуршӯри зиндагиро ҳамеша якдаст шуда, паси сар кардаанд. Сардорхон руҳияи фаъол ва ташаббускори Давлатбии ҷавонро нашикаст ва Давлатбӣ руҳияи

мутафаккир ва сиёсатмадори Сардорхони ҷавонро бо эътирозу муқобилаҳои беҳуда хаста накард.

Аз вуҷуди Сардорхон, гарчанде руҳияи латиф ва меҳрубон дорад, сиёсат меборад. Сиёсатмандӣ дар руҳияи Сардорхон аз ҳисоби сиёсате, ки дар вуҷуди худ алайҳи нафси саркаш ҷорӣ кардааст, шакл гирифтааст. Инсонҳои худсохта ва огоҳ ҳақиқатан ҳам ҷазаба ва сиёсати табиӣ доранд. Сардорхони қоматбаланди чеҳракушод аз овони навҷавонӣ ҳар қадам ва ҳар суханро дар тарозуи андеша баркашида, муҳтавову вазни суханро бо зарфиятҳои муҳит ҳамсоз карда, матлаби дил ироз менамуд.

– Ҷаҳонҷон, агар иҷозат бошад, калиди мошини туро гирифта, бо модарат ва бо Нозанин ба боғ меравем. Ту мизбони хона, бачаҷон. Гурусна шудӣ, мунтазири мо намон. То мо баргардем, дубора гурусна мешавӣ. Боз ҳамроҳи мо хӯрок мехӯрӣ, – вориди хона шуда, болопӯши худро аз овезаи либосҳо гирифта, гуфт Сардорхон.

– Майлаш, додо. Хуб, – гуфта, калиди мошинро аз рӯйи миз гирифта, ба падар дароз кард Ҷаҳон.

Сардорхон ба ҳамсари худ бо нигоҳи эътимодҷӯ назар андохт. Давлатбӣ посухи нигоҳи Сардорхонро бо табассуми мухтасар дода, болопӯши худро аз овезаи либос гирифта, суоле накарда, аз паси Сардорхон ба берун баромад.

– Ассалом, Нозанинҷони хола, – гуфта, Давлатбӣ Нозанинро дар оғӯши худ сахт фишурд.

Давлатбӣ медонист, ки Нозанин муҳтоҷи эҳсоси амният аст. Бинобар ин, Нозанинро бо муҳаббат ба оғӯш кашид. Давлатбӣ қалби Нозанинро ба қалби худ чунон мефишурд, ки гӯйӣ аз неруи қалби худ ба қалби хастаи Нозанин неру интиқол медода бошад. Оғӯши нисбатан тулонӣ ба Нозанин, ки дами гиря кардан буд, қувват бахшид ва ӯ оромишу таодули маъмулии худро дубора ба даст овард, вале тули роҳ ҳарф назад. Давлатбӣ ва Сардорхон низ ба

хотири мушавваш накардани руҳияи Нозанин оромиши фазои дохили мошинро халалдор накарданд.

Мошини азимҷуссаи Ҷаҳон, гарчанде Сардорхон мошинро ором меронд, дар роҳҳои хокии русто ғуррида, чангу ғубори роҳро дар ҳаво мерақсонд.

«Биҳишт»-ро дар канори деҳа, дар доманаи кӯҳ ва дур аз роҳи мошингард бунёд кардаанд. Рӯдхонае, ки аз дили кӯҳ ҷӯшида, се деҳаро ба ҳам пайванд медиҳад, аз канори "Биҳишт" мегузарад. Садои ҷорӣ шудани рӯдхона тараннуми зиндагӣ дар фазои «Биҳишт»-ро возеҳтар мегардонад. Хурӯши рӯдхона оромиши аҷиброро дар «Биҳишт» мусаллат намудааст. Хурӯши рӯдхона хурӯши зиндагист. Қалби инсонро сукут не, балки навиди зиндагӣ ором мегардонад. Ба хотири фазои зиндае, ки дар "Биҳишт" эҷод шудааст, ҳеч кас дар ин ҷо эҳсоси танҳоӣ намекунад.

Сардорхон мошинро ба ҳамон тарафи боғ ронд, ки роҳи пиёдаравӣ ба самти дарахти Фирӯзро осон мекунад. Сардорхон ва Нозанин аз мошин фаромаданд. Давлатбӣ дар мошин монд. Сардорхон ва Нозанин вориди боғ шуданд. Дарахти Фирӯз дар гӯшаи боғ қад афрохтааст. Фирӯзи гӯшагир рӯзи дарахтшинонӣ низ гӯшаеро барои шинондани дарахти худ интихоб кардааст. Сардорхон дарахтро ба Нозанин нишон дод:

– Ин дарахти соядори пурборро падари ту дар 10-солагияш шинонд. Дарахт аз рӯйи синну сол аз ман ҷавонтару аз ту бузургтар аст. Номи дарахт Фирӯз аст. Фирӯз мисли падари ту қоматбаланд ва бенақс бор омад. Решаҳои амиқ, пояи паҳну мустаҳкам ва рост, шохаҳои бешумор дорад. Мо, духтарам, бо холаат туро дар мошин интизор мешавем. Саросема нестем.

Нозанин ба чашмони Сардорхон нигоҳ намекард, чунки зеҳни ӯ аллакай машғули вомондаи падар гардида буд. Дар ҷавоб ба ҳарфҳои Сардорхон Нозанин сарро ором ба

ишораи тасдиқ такон дод. Духтараки навраси ғамдида аз шиддати ҳаяҷон гулӯгир шудааст. Сардорхон рафт.

Нозанин оҳиста-оҳиста ба дарахт наздик шуд. Қатраҳои ашк дона-дона ва бо навбат, гӯё мурооти ҳоли Нозанинро мекарда бошанд, аз дидагони духтар бо эҳтиёт ҷорӣ шудан гирифтанд. Ба қатраҳои ашк иноят накарда, Нозанин пояи дарахти паҳноварро оҳиста ламс кардан гирифт. Аз поя то шохаву баргҳои баландтарини дарахтро муоина кард.

Пас аз муоинаи нисбатан тулонии дарахт Нозанин пойи «Фирӯз» нишаст. Чашмбаста, ором ба танаи дарахт такя дод. Гӯё дарахт libораи гумшудаи Нозанин бошад ва инак, Нозанин аз роҳи такя додан ба дарахт ваҳдати вуҷудиро дубора ба даст меоварад. Духтараки навраси падарнадида муддате бо чашмони баста, ба танаи дарахт такя дода, ором гирифт.

Сипас, Нозанин чашмони худро оҳиста боз карда, ба осмон назар андохт. Чашмони Нозанин ранги хуни дили Нозанинро гирифта буданд. Ҳоло ӯ дар осмон Худоро меҷӯяд. Ба осмон Нозанин бо нигоҳи шукромез менигарист. Баъд аз чанд сония дар чеҳраи Нозанин, гӯйӣ Нозанин ҳузури Худоро эҳсос карда бошад, табассуми гарм ва сабук ҳувайдо гардид.

Нозанин бо дарахт тавре суҳбат мекард, ки гӯйӣ бо падар суҳбат мекарда бошад. Тамоми розу дардҳоро, ки Нозанин то ҳол ба кас нақл накардааст, пойи дарахти Фирӯз қисса кард. Гоҳ ашк мерезонд ва гоҳ механдид.

Дарахти калон пояи паҳновар дорад. Нозанин рӯйи худро ба танаи дарахт монда, андоми дарахтро бо ангуштони зарифу бачагонаи худ навозиш мекунад. Гоҳ чашмпӯшида дар танаи дарахт, мисли духтаре, ки дар оғӯши амни падар аз изтиробу ранҷҳои зиндагӣ паноҳ меҷӯяд, ором мегирад.

Сардорхон ба назди мошин омада, нишаст. Дидагони Давлатбӣ аз шиддати гиря сурх шудаанд. Давлатбӣ сабаби ба

ин ҷо омадани Нозанинро фаҳмида, дилхун шуд. Сардорхон аҳволи Давлатбиро аз панҷараи мошин мушоҳида намуда, ба мошин нишаста, ба ҳамсари худ бо нигоҳи меҳромез ва лабони пурханда нигоҳ карда, гуфт:

– Модарҷонаш, акнун гиря ба мани муаллими одии мактаб зебанда. Мо одамҳои одӣ зуд-зуд эҳсосӣ мешавем. Шумо раиса ва раҳбар. Бояд барои дигарон намунаи қувват ва сабр бошед. Канӣ, як худатонро ҷамъ кунед чӣ? – гуфта, бо шӯхӣ, ба тарафи ҳамсар нигариста, дастмоли аз мошини Ҷаҳон дар аснои суҳбат пайдокардаро ба Давлатбӣ дароз кард Сардорхон.

Шӯхтабъии Ҷаҳон низ аз падар ба ӯ гузаштааст. Албатта, Сардорхон риояи меъёр мешиносад ва Ҷаҳон дар шӯхӣ зиёдарав аст. Ба ҳар ҳол ҳарду ҷуръати лабханд задан ва дигаронро низ водор ба лабханд кардан дар шароити сахтро доранд. Модари Ҷаҳон, гарчанде нисбати дигарон ҳалим аст, ба худ сахтгир ва дар анҷоми вазифаҳои худ беш аз ҳад ҷиддӣ мебошад. Ӯ шӯхиҳои меҳромези Сардорхонро дӯст дорад, чунки Сардорхон ҳаргиз намегузорад, ки ғусса дар хонаи дили Давлатбии камолгаро барои муддати тулонӣ маскун шавад. Сардорхон ҳамеша таъкид мекунад, ки:

“Ғусса меҳмон аст. Ғуссаи кӯтоҳ ҳангоми фишороварии эҳсос ба қалб воҷиб аст, чунки ашк ғубори дил мешӯяд, вале набояд фаромӯш кард, ки меҳмони азизро низ бояд саривақт гусел кунӣ”.

Давлатбӣ ором шуд. Сардорхон ба дуриҳои тарафи боғ мутафаккирона нигариста, гуфт:

– Медонистам, ки Нозанин як рӯз ба ин ҷо барои пайдо кардани нишон аз падар хоҳад омад...

Пас аз як соат андоми Нозанин аз дур падидор шуд. Нозанин аз боғ баромад. Нозанине, ки ба сӯйи Сардорхон ва Давлатбӣ меояд, Нозанини қаблӣ нест. Нозанини дигар ба боғ ворид шуд ва Нозанине дигар аз боғ берун омад. Нозанин сабук шудааст. Сар то по ҳаяҷон дорад. Ба парешоншавии

домани пироҳани дароз ва гесӯвони хушранги худ дар оғӯши беқарори насими навозишкор, вале бебок механдад. Руҳияи духтари наврас аз ғубору ғусса раҳо ва асари сабукии руҳия дар чеҳраи духтар намоён аст. Дар роҳи боғ то мошин Нозанин хокистари эътирозҳоеро, ки хотираи духтараки навҷавонро солҳо озор додаанд, хокистари эътирозотеро, ки Нозанинро ба хусумат бо зиндагӣ даъват менамуданд, ба дасти бод дод.

Пас аз ин, Нозанин аз Сардорхон иҷоза пурсида, қабл аз дохил шудан ба яке аз донишгоҳҳои пойтахт, муддати се сол ба "Биҳишт" омада, дар танаи дарахти Фирӯз такя дода, китобҳои барои ба донишгоҳ дохил шудан заруриро мутолиа мекард.

Тайи солҳои омӯзгории Сардорхон, боғи назарногир оҳиста-оҳиста ба боғи паҳновар ва соядор мубаддал шуд, ки солона ҳосили бисёр медиҳад. Шогирдон парронча к шуда, мераванд, вале асари онҳо дар "Биҳишт" барҷо мемонад. Насли нав ба боғ барои об додан ба ниҳолҳое, ки наслҳои пешин шинонидаанд, меоянд. "Биҳишт" макони баҳамоиву қадршиносиву якдигарфаҳмии хурду бузург ва макони сабти номҳо ва сабти хотираҳои нек шудааст.

Вақти ҳосилғундорӣ дар саросари деҳа ҳашари умумӣ эълон мешавад. Мактаббачаҳои хурдсол мисли рӯзи тӯй ё идгардак, аввал либосҳои корӣ пӯшида, ҳамроҳ бо омӯзгорон латтапораҳои калонро зери дарахтон паҳн намуда, ҳосили боғро ҷамъоварӣ мекунанд. Заҳмату кор дар фазои хандаву бозии кӯдакона дар хотираи кӯдакон ба унвони машғулияти дилчасп нақш мебандад, нигоҳи кӯдаконро ба меҳнат мусбат мегардонад ва майли онҳоро барои инсони хуб шудан ва ба дигарон беғаразона хубӣ кардан бештар менамояд. Рӯзи ҳашар кӯдакон дар фазои орӣ аз изтироб ва фишор таъми хуби хуб буданро мечашанд.

Сипас, кӯдакон бо кумаки калонтарҳо бастаҳои иборат аз меваҳои гуногунро, ки бардоштани чунин бастаҳо барои

як кӯдак душвор нест, омода месозанд. Кӯдакони синфҳои поёнӣ ва мактаббачаҳои синфҳои болоӣ сару сурати худро шуста, ба тартиб дароварда, либосҳои ба қавли ом “ҷойравак”-и худро ба бар намуда, ба мошинҳое, ки муаллим Сардорхон барои кумак даъват кардааст, савор мешаванд.

Корвони мошинҳо дар навои доиразаниву ғазалсароии ширинкорони маҳалла, ки савори мошини саркушода дар сафи аввали корвони мошинҳо оҳанги ҳаракати корвонро таъйин мекунанд, ба роҳ мебароянд. Корвони сурур бо бачаҳо ва ҳадяҳои таҳиянамуда дар миёни деҳаҳои наздик гашту гузор карда, ҳосили боғро бо дасти кӯдакон дар байни мардум тақсим мекунад. Кӯдакон лаззати бахшидани самараи заҳмати худ ба дигаронро меозмоянд ва аз ин тариқ дар миёни деҳаҳо фазои дӯстиву ҳамдилӣ густариш меёбад.

Дар биҳишти меъмори “Биҳишт” Ҷаҳонпаҳлавон ба воя расид.

## Қисми 4

## ҶАҲОНИ ГАП

Сардорхон дили модари нозуктабиати Ҷаҳонпаҳлавонро маҳз ба хотири пойбандӣ ба усули ҷавонмардӣ ба даст овардааст. Падари Ҷаҳон камгап, вале хушсухан аст. Ҳамсари худ Давлатбиро, ки дар идора кор мекунад, „партави қолабшикани идора“ мехонад. Гоҳ-гоҳ бонуро «Сарҳанги фарҳанг» номида, бо ӯ ширинсуханӣ мекунад.

Ҷаҳон дар фазои муҳаббату эҳтироми самимии Сардорхон ва Давлатбӣ ба воя расид. Фазои дӯстие, ки Сардорхон ва Давлатбӣ бино намудаанд, дӯстдоштанӣ ва

дилнишин аст. Осор аз дилгирифтагӣ ва малолро дар чеҳраву дидагони ҳарду, гарчанде тайи чанд соли охир чину ожанг рӯйи гунаҳо ва ҷабини Сардорхону Давлатбӣ пешравӣ кардаанд, намеёбӣ. Аз нигоҳ ва лабханди падару модари Ҷаҳонпаҳлавон насими неруманди шафқат мевазад.

Муҳаббати бечунучаро рисолати қалби болиғ аст. Муҳаббат кори қалби бекина аст. Сардорхон ва Давлатбӣ ду руҳияи садаманадида, ки дар фазоҳои солими хонаводагӣ сабз шудаанд, туъмаи тӯфонҳои зиндагӣ нашуданд, чунки тайи солҳои зиндагии муштарак барои ҳамдигар такягоҳи амн буданд.

Модари Ҷаҳон – бону Давлатбӣ зани фаъолу боназокат аст. Тахаллуси бону аз хурдсолӣ "пешқадамбону". Чобуку ҳамакора. Ҳам ба кори идора мерасад, ҳам ба кори хона. Бо чолокӣ ва давутози хастагинопазир иштиёқи ҷавонон ба фаъолиятро бештар кардааст. Кормандони ҷавон дар идора талош меварзанд, ки ба ҳар коре, ки бону Давлатбӣ дар он кор даст дорад, ҳамроҳ шаванд, чунки бону бо шавқи касбии ба худ хос аз ҳар кори мушкил моҷарои ҷолиб ва илҳомбахш меофарад.

Сардорхон, гарчанде бону Давлатбӣ ва Ҷаҳон ба хотири машғулиятҳои корӣ бештар ба Душанбе васланд, фазои деҳаро бо фазои шаҳру имконоти пойтахт иваз намекунад.

Бобову бибиҳои Ҷаҳон ҳам аз тарафи падар ва ҳам аз тарафи модар олимони варзида ва маъруф ҳастанд. Бо назардошти рағбати обои Ҷаҳонпаҳлавон ба маърифат, ӯ зиёизода ба шумор меояд. Албатта, Ҷаҳон дар зоҳир камтарин шабоҳат ба зиёиҳоро надорад. Дар хонае, ки Ҷаҳон зиндагӣ мекунад, мегӯйӣ, мушаки ҳастаӣ тарконда бошанд – бесарусомонии мутлақ аст. Ҷаҳон ашрофзодаест, ки ба чорчӯбаҳои расмии либоспӯшӣ эътибор намедиҳад.

Бо вуҷуди фориғболии зоҳирӣ, Ҷаҳон ҷавони соҳибандеша, нуктабин ва ҳалим аст. Ӯро падару модар

одамдӯст бор овардаанд. Сигор намекашад, нӯшидание ҷуз об наменӯшад, варзишкор аст ва бо одати гила ё шикоят кардан бегона аст. Ҷаҳонпаҳлавон ботини зебо ва зоҳири айни оворагардон жӯлида дорад.

Вақте Ҷаҳонро ба ҷамъомади зиёиён даъват мекунанд ва маҷбур мешавад, ки сару вазъи худро ҳамранги ҷамоат намояд, эҳсоси шабеҳи арчаи солинавӣ шудан мекунад. Албатта, арчае, ки пас аз ороста шудан, туъмаи навозишу дастмоли гурбаи нодида шудааст. Агар маҷбур ба пӯшидани либоси расмӣ шавад, аз одаму олам гиламанд менамояд.

Бастани гулӯбанди дарози мардона (галстук), ба қавли Ҷаҳон «таноби сабилмондаи дор», барои Ҷаҳон мушкили сатҳи олист. Илми нуҷумро аз худ кард, вале бастани гулӯбандро бо туфанг ҳам тарсонӣ, ёд нахоҳад гирифт. Ҳар корро ангеза осон ва камбуди ангеза ба муаммои сатҳи олӣ табдил медиҳад. Ҷаҳон мантиқи бастани гулӯбандро намефаҳмад ва барои овехтани «таноб» дар гардан ангеза намеёбад.

Ҳангоми зарурат ҳамкор ва дӯсти Ҷаҳон – Фурӯғ, ки Ҷаҳон ӯро бо унвони ифтихории «ёрии таъҷилӣ» мушарраф гардондааст, ба хотири доштани маҳорати бастани гулӯбанди мардона ба наҷоти ӯ меояд. Фурӯғ ҳар вақте, ки пӯшидани гулӯбанди мардона барои Ҷаҳон фарзи айн шавад, гулӯбандро ба ӯ ба таври бояд баста, медиҳад. Албатта, бо сад ҳазор миннату ноз.

Бинобар ин, як рӯз Ҷаҳон тамоми гулӯбандҳои мавҷуд дар хонаро оварда, рӯйи мизи кории Фурӯғ гузошта, аз ӯ хост, ки ҳамаи онҳоро ба таври бояд баста, ба Ҷаҳон бидиҳад, то ӯ барои муддати кӯтоҳ ҳам бошад, аз вазъияти «муттаҳамӣ» хориҷ гардад. Фурӯғ тамоми гулӯбандҳои овардаи Ҷаҳонро бо лабханди маккорона нимколабанд карда, ба ӯ дод, чунки ӯ мехост, ки Ҷаҳон ба зудӣ ба вазъияти «муттаҳамӣ” бозгардад. Пешбинии Фурӯғ рост баромад. Ҷаҳон аз он ҷо ки ба пӯшидани гулӯбанд ё ба қавли барои ом

ошно «галстук» ҳавасманд нест, ҳар бор ҳалқаи гулӯбандеро, ки қасди ба гардан андохтан дорад, нохоста беш аз ҳад боз карда, гиреҳи онро мекушояд. Ана баъд, илтимосу зории Ҷаҳон дубора дар назди Фурӯғ аз сар гирифт.

Ҷаҳонпаҳлавон бо вуҷуди пургап ва хушчақчақ будан, оила барпо накардааст. Ҷавони порсост. Айёш нест. Ба зиндагӣ бо нигоҳи боз менигарад. Бонувонро ба ду дастаи бонувони муҳтарам ва бонувони номуҳтарам ҷудо намекунад. Кори паҳлавон тақдими эҳтиром ва эҳсоси хуб ба бонувон аст, ки рисолати бузурги ҷунбонидани гаҳвораи тамаддунро бар дӯш доранд.

«Агар воқеан мехоҳӣ, нафареро ба ислоҳ шудан ташвиқ намоӣ, ӯро азизу муҳтарам дор. Навмедӣ инсонҳоро мешиканад. Умед аст, ки одамонро ба идома додан водор месозад. Сарзанишу беадабӣ нисбат ба одамон боиси ислоҳи онҳо намешавад. Афроде, ки нисбати занон беэҳтиромӣ карда, бадрафториву дағалгуфтории худро бо баҳонаҳои ахлоқӣ-динӣ сафед мекунанд, бо нозукиҳои руҳияи инсонҳо ошно нестанд. Худхоҳ ва кӯтаҳназаранд. Баҳона сипари шахсияти заиф аст. Ҳеч ҷавонмарди асил баҳонаи кофӣ барои сар ба сар шудан бо зани шикастхӯрда ё зани качрафторро нахоҳад дошт» – пайваста таъкид мекунад Ҷаҳон.

Дӯстони Ҷаҳон ӯро дидан замон шӯхиомез, ҷаҳони гап омад" гуфта, истиқбол мекунанд.

Достони муҷаррадии Ҷаҳонпаҳлавон талху ибратомез аст. Дар рафти ошноӣ бо Ҳуснигул бо Ҷаҳон низ ошно мешавем. Ҳарду дар як шаҳр, дар Душанбе зиндагӣ мекунанд. Сарнавишт масири зиндагии ҳардуро ба ҳам печиданист.

## Қисми 5

## ДУШАНБЕШАҲР

Ошноии Ҷаҳон ва Ҳуснигул тасодуфӣ буд. Ҷаҳон дар Душанбе, гарчанде рӯзона ба хотири кор дар расона бо шахсони гуногун мулоқот мекунад ва мудом дар роҳ аст, умдатан пиёда мегардад.

Душанбе шаҳри дилпазир аст. Боду ҳавои форам ва муҳити сарсабз дорад. Мегӯянд, ҳар шаҳр руҳияи худро дорад. Руҳияи Душанбе дилбарона аст. Гиряву гармову сармову хандаи Душанбе латифу дилнишину муътадил аст.

Мошини абарҷуссаеро, ки Ҷаҳонпаҳлавон аз бобо Мухторхон ба муносибати 20-солагӣ ба унвони ҳадя дарёфт кардааст, маъмулан дар саҳни манзили истиқоматӣ ё таваққуфгоҳи назди идора раҳо карда, меравад. Дар тафовут бо Ҷаҳон, бачаҳои идора аз мошини Ҷаҳон бешумор истифода мекунанд.

Хонандаи асар тааҷҷуб мекунад, ки чаро Ҷаҳон, ки мошину имконот дорад, бо тӯда ҳамроҳ мешавад?

“Зиёие, ки аз ҷамъи мардум дур аст, рисолати худро дуруст дарк накардааст. Зиёие, ки рӯйи шонаҳои мардум менишинад, ба зиё даст наёфтааст. Зиёие, ки ба ҷамъомадҳои бошукӯҳ хӯ гирифта, ба зиндагии мураффаҳ мепардозад, мафкураи носара аст. Зиёии воқеӣ ҳампойи мардуми одист, аз даргир шудан бо мушкилоти рӯзмарраи мардум наметарсад ва бо назардошти тамоси бевосита бо мардум дар пайи чораандешист. Зиё дар домани қаноат мерӯяд» – мудом таъкид мекунад Ҷаҳон.

Ҷаҳон илҳоми кори худро аз дили тӯда истихроҷ мекунад. Сармашқи илҳоми рӯзноманигори ҷавон таърихчаи зиндагии ҳамин инсонҳост, ки дар хутути чеҳраву оҳанги садову тарзи нигоҳу тарзи нишастану тарзи роҳ

рафтанҳояшон инъикос ёфтааст. Пушти нигоҳҳои мардуми одӣ Ҷаҳон қиссаҳои саркӯбшуда ва ногуфтаашонро мехонад.

Ҷаҳонпаҳлавон, сарфи назар аз шӯхтабъӣ ва хушсуханӣ, гоҳ–гоҳ дар домани сукут ғӯтавар мешавад. Бо ҳавсалаи андешамандона ба мушоҳида мепардозад. Руҳияи муҳит, вақте Ҷаҳон руҳияи неруманд ва халлоқи худро водор ба сукут менамояд ва бо ин авзоъ ба нақлиёти мусофирбар менишинад, таҳти таъсири ҳузури ӯ осудатар мешавад. Ҷаҳон ҷавони рашид ва огаҳ аст, вале новобаста ба қавӣ будани сипари андеша, ба хотири дили нарм доштан, гоҳ-гоҳ таҳти таъсири парешониҳои мавҷуд дар муҳит мушавваш мешавад.

Инсон аз муҳит таъсир мепазирад ва ба муҳит таъсир мегузорад. Агар ҳамаи инсонҳои худсохтаву худшинохта дар як сатҳ ба ҳам оянд, илҳоми таскин ёфтанро мардуми парешон, ки дар парешонтар кардани якдигар даст доранд, аз кӣ бигиранд?

Ҷаҳонпаҳлавон як хислати дигар низ дорад. Ошиқи борон аст ва ҳамл кардани чатрро намеписандад. Душанбеи Ҷаҳон қобили пешбинист. Софу сода аст. Маъмулан боронҳои ногаҳонӣ ва шадид надорад, вале ҳамин боронҳои нам-наму пешгӯйишавандаи Душанбе низ Ҷаҳони бепарворо гоҳ-гоҳ ғофилгир мекунанд.

Рӯзе аз рӯзҳо, вақте аз домани ҳавои софи Душанбе борони нам-нам меборид, Ҷаҳонпаҳлавон бо шитоб аз хона берун омад. Осмони софу зебои Душанбешаҳр ногаҳон бо таҳдид ғуррида, пас аз додани фурсати кофӣ барои пайдо кардани паноҳгоҳ ба пиёдагардон бо исрор шорид.

Ҷаҳон ба ғурриши осмони болои сар, мисли дигар раҳгузарон, ки паноҳгоҳҳои гуногун ёфта, яке паси дигар аз хиёбонҳо нопадид шуданд, эътино накард. Хабарнигори ҷавон ҳуҷҷатҳои муҳимми яке аз корафтодагонро дар даст дошт. Ба хотири ин ки ба мулоқоти расмӣ мерафт, пираҳани сафед ва гарданбанди сиёҳ пӯшидааст. Агар Ҷаҳонпаҳлавон

худро фавран ба паноҳгоҳе назанад, Душанбеи аз дасти беэътиноиҳои Ҷаҳон дилтанг, аз он ҷо ки Ҷаҳонпаҳлавон ба шӯриши Душанбе дер вокуниш нишон дод, фотиҳаи ҳуҷҷатҳои дардастдоштаи Ҷаҳонро мехонад.

Дар аснои боронгарӣ Ҷаҳон аз миёни сохтмонҳои қадимии 3-ошёнаи даврони шуравӣ, ки дар маркази шаҳр қарор доранд, мегузашт. Душанбе тасмим гирифт, ки Ҷаҳони ба назар дуруст шустушӯнакардаро саховатмандона шустушӯ диҳад, вале Ҷаҳон аз кароматӣ маҳбуби дил сарпечӣ намуда, худро ба аввалин даре, ки аз сохтмони пеши рӯ ба назар расид, зад.

Одамон ба тасодуф бовар доранд, вале сарнавишт, ки мутобиқи нақшаи Парвардигориояндабин тарроҳӣ мешавад, тасодуфро намешиносад.

Даре, ки Ҷаҳон ба амри тасодуф худро ба он зада буд, дари тасодуфӣ нест. Дарест, ки хотироти дафншударо дар вуҷуди Ҷаҳон зинда хоҳад кард. Даре, ки Ҷаҳонро баробари гузариш аз остонаш, ба оғӯши ғамҳои куҳан партоб менамояд. Пушти дар давраи доғдору захмоғӯшта, ки Ҷаҳон солҳост ҷуръати рӯшаниандозӣ ба ин давраи зиндагиро намекунад, дубора вориди саҳна хоҳад шуд. Пушти остонае, ки Ҷаҳон чанд лаҳза пеш аз он убур кард, чӣ чизе дар интизори Ҷаҳон аст?

Дар пушти дар Ҳуснигул бо нигоҳи ваҳшии барои Ҷаҳон ошно камин гирифтааст. Нигоҳи ваҳшие, ки Ҷаҳонро як замон зеру рӯ карда буд. Нигоҳи Ҳуснигул дарича барои афтидани Ҷаҳон ба чоҳи хотироте, ки Ҷаҳон чанд сол пеш аз он бо машаққат берун омада буд, мешавад. Баробари ғарқ шудани Ҷаҳонпаҳлавон дар нигоҳи Ҳуснигул, шӯхиҳову дилбариҳои ӯ, ки Ҷаҳон солҳо ба унвони сипар дар баробари хотироти талх ба кор бурдааст, фурӯ хоҳанд нишаст.

Ҷаҳонпаҳлавон аз чӣ метарсад? Кадом эҳсоси ранҷовар ӯро солҳо шикор кардааст? Қиссаи дар чоҳ афтидану аз чоҳ берун омадани Ҷаҳонпаҳлавон чӣ гуна аст?

Чаро сарнавишт мусоидат мекунад, ки хотироти талх дар хотираи захмини ҷавон дубора зинда шаванд? Бозгашти дубора ба он ҷо барои ӯ чӣ ҳикмат ва чӣ пайомад хоҳад дошт?

## Қисми 6

## ҚАРОРГОҲИ ОВОРАГАРД

Дари чӯбин ва роғдор боз буд. Анбор будааст. Ҷаҳонпаҳлавон бидуни чашмдошти хос бо шаст вориди анбор шуд. Аз борон паноҳ меҷӯяд. Дар анбори сохтмони куҳна Ҷаҳон аввалин бор бо Ҳуснигул рӯ ба рӯ афтод.

Баробари ворид шудан ба даруни анбори чойхонаи куҳна, манзараи пеши назари Ҷаҳонпаҳлавон тағйир кард. Ҷавони хушхиёлро гӯё бо таркиши мушак, дар як чашм ба ҳам задан аз Душанбеи обод ба дунёи дигар – дунёи танг, намнок, сард ва торик партоб кардаанд.

Дари анбор мисли вурудии оғилҳои деҳ чӯбину ноустувор аст. Сармо аз роғҳои дари чӯбин, гарчанде ки роғҳоро бо часп масдуд кардаанд, вориди анбори намнок мешавад ва шароити зиндагиро дар ин ҷо номусоид мегардонад. Равзанаҳои борику дароз, ки дар растаи болоии як тарафи сақфи анбор барои ворид шудани рушноӣ ба анбор тариқ мешаванд, ба хотири надоштани шиша, бо латтапораҳо, бо ин ҳадаф, ки латтапораҳо садди роҳи вуруди ҳавои сард ба анбор бошанд, масдуд шудаанд. Чароғи равғанӣ дар рӯйи токча дар гӯшаи анбор ба фазои дохили анбор равшанӣ меандозад.

Шароити нобаробари зиндагӣ дар рӯйи замин, агар фарзанди Одам моҷароҷӯ намебуд ва ба дунболи ҳикматҳо мегашт, домани наслҳоро намегирифт. Ҷаҳонро, гӯё ба мошини вақт нишонда, ба сад сол ақиб ронда буданд. Барои ба гузашта ё оянда сафар кардан мошини вақт лозим нест. Кофист, аз як хона ба хонаи дигар биравӣ. Нафаре дар гузаштаи дур ақибнишинӣ мекунад, дигарӣ ояндаеро, ки барои тӯдаҳо дастрас нест, мезияд.

Фасли боронгарист ва ҳаво дар ҳоли сард шудан аст. Дар кунҷи наздик ба зери зинаҳои фарсудаи дохили анбор, ки ба табақаи аввали сохтмон роҳ мекушояд, аз чӯбу афзори бекора ҷой барои хоб дуруст кардаанд. Гарчанде шароит дар ин ҷо барои зиндагӣ номусоид аст, дохили анбор ба тартиб даровардa шудааст.

Қолин ё палос зинатбахши манзил нестанд. Инсонҳо ҳастанд, ки ба чордевор руҳия ва зеб мебахшанд. Анборе, ки манзили зисти инсони ташнаи зиндагист, дилпазиртар аз қасри боҳашамати раҳошуда аст. Ин ҷо барои зиндагӣ номусоид аст, вале бӯйи хуши зиндагӣ медиҳад. Зиндагие, ки фаромӯш шудааст, вале боз ҳам дар ҷараён аст. Оворазане масири муқовимат барои зинда монданро дар чорчӯбаи ҳамин анбор тай мекунад. Селаи фикр дар сонияи аввали вуруди Ҷаҳон ба анбор мисли ҷараёни об бо суръат аз зеҳни ӯ гузашт.

Зани солхӯрдаи хаста, вале матинқомат латтапора дар даст, рӯ ба ҷониби дар, дар миёнаи анбор андармони таҳ кардани латтапора рост истода буд. Ҳуснигул, садои ба шаст ворид шудани Ҷаҳонро шунида, дакка хӯрд. Ворид шудан замон, Ҷаҳон пас аз муоинаи фаврии фазои дохили анбор ба чашмони зани оворагард назар андохт.

Нигоҳи ваҳшии Ҳуснигул ба нигоҳи ваҳшии Замира мемонад. Гарчанде мардумаки чашмони Ҳуснигул аз ҳаракат бозистодаанд, нигоҳи ӯ мисли нигоҳи бабри бадомафтода ваҳшист. Бадани Ҳуснигул дар ҳамон вазъияте, ки ӯ ҳангоми

вуруди нобаҳангоми Ҷаҳон дар он вазъ қарор дошт, карахт шуд. Ҳуснигул мисли ваҳшии дар тангномонда, ба Ҷаҳон хира шуда, нигоҳ мекард.

На Ҷаҳон ва на Ҳуснигул, намедонанд, ки бояд чӣ вокуниш нишон бидиҳанд. Ҳуснигул ба ин хотир, ки интизори дар ин шароит дида шуданро надошт ва Ҷаҳон аз он ҷиҳат, ки нохоста дар миёнаи ҳарими шахсии шахси бегонаи нигоҳошно қарор гирифта буд.

Бону Ҳуснигул дар ин ҷо мехобад, ҳаммом мегирад, либос мешӯяд, хӯрок мепазад ва дарки ин масоил бо нигоҳи сатҳӣ ба асбобу анҷоми рӯйи фарши сангии дохили анбор муяссар мегардад. Зиндагии бону бояд дар маҳдудаи масоҳати се дар чор метр бичархад.

Қисмати дигари анборро маҳсулот ва маводи хӯроквории анборшуда фаро гирифтаанд. Иҷозаи сукунат дар анборро ба Ҳуснигул соҳиби чойхона, ки дар табақаи аввали сохтмони қадимӣ аз муштариёни бадмаст пазироӣ намуда, маҳсулот ва маводи аввалияи лозимро дар анбор анбоштааст, додааст.

Ҷаҳонпаҳлавон бе иҷоза ворид шуд. Ҷаҳон, ки муоина ва таҳлили нигоҳи одамонро машғулияти ҳаррӯзаи худ медонад, ин бор аз амиқ шудан дар нигоҳи шахси ба ӯ бегона хиҷолат кашид. Найзабörони барқи нигоҳи маҳкумгари Ҳуснигул, гарчанде Ҷаҳон шӯхиомез ба худ унвони "ғаввоси дарёи нигоҳҳо" додааст, Ҷаҳонпаҳлавонро водор ба андешидан дар мавриди масъулияти ахлоқии ғаввосии бе иҷоза дар дарёи нигоҳи шахси бегона намуд. Пораи шеърие, ки Фурӯғ – ҳамкори Ҷаҳон барои ба завқи кунҷковиҳои Ҷаҳон задан эҷод кардааст, дар гӯши Ҷаҳон канда-канда садо дод:

*«Бе иҷоза сирри касро аз нигоҳаш хондан,*
*Ройзан!*
*Аз адаб дур аст,*
*Хӯйи раҳзанист».*

Ҳарим ҳарими Ҳуснигул аст ва нигоҳи муҳофизакору хунсарди зан Ҷаҳонпаҳлавонро ба бегонагӣ ва ҳифзи фосила даъват мекунад. Дар нигоҳи сармозадаи бону иддаои зиндагӣ камранг шудааст, вале тартибу низом дар манзили зисти бону шавқи рӯйпӯшшудаи ӯ нисбат ба зиндагиро бармало месозад.

Дар рӯбарӯйи Ҷаҳон зане меистад, ки гоҳ бегона ва гоҳ ошно, гоҳ ваҳшӣ ва гоҳ аҳлӣ менамояд. Ҳуснигул бегона аст, вале руҳияи ошно дорад. Айни ҳамон руҳияест, ки бунёди мустаҳками Ҷаҳонпаҳлавонро барбод додааст. Вуҷуди Ҷаҳонро ду эҳсоси мутазод тасхир кардаанд: аз яке дастури фирор меҷаҳад ва дигарӣ Ҷаҳонро ба наҷоти Ҳуснигул фаро мехонад. Дусадоӣ шудан нишонаи расмӣ гардидани истиқомати шайтон дар вуҷуди инсон аст, ки пас аз итминон дар мавриди гирифтани иқомати доим ҷуръати садо баровардан дар баробари садои виҷдонро мекунад.

Мазмуни нигоҳи бонуро Ҷаҳонпаҳлавон, бо вуҷуди ин ки ба чашмони Ҳуснигул фақат дар чанд сонияи аввал хира шуд, хонд. Бону, сарфи назар аз нигоҳи хунсард, хиҷолатзада ба назар мерасад. Осори қазоватро Ҳуснигул, ки сипарбадаст дар нигоҳи андешамандонаи ҷавон ба дунболи тири қазоват ё маломат мегашт, наёфт. Нигоҳи Ҷаҳон кунҷков ҳам наменамояд. Гӯё Ҷаҳон ба шарҳу эзоҳи зиёдатӣ зарурат надорад ва бо воқеияти Ҳуснигул ошност.

Ҷавони пеши рӯ зери девори таассуф банд мондааст. Зери бори нигоҳи таассуфомези Ҷаҳон садои шикастани камари виқори бону берун раст. Тамоси чашмии ҳарду ҳамагӣ чанд сония тул кашид, вале ин тамос аз назари руҳӣ чунон муташанниҷ буд, ки Ҷаҳон банд мондани нафас дар қафаси синаро эҳсос кард ва Ҳуснигул нафаси дар гулӯ бандшударо бо машаққат фурӯ бурд.

«Сабил монад», – аз дил гузаронд Ҷаҳон.

Ҷаҳон гулӯбанд ё ҳамон «галстук»-и ба қавли ӯ “сабилмондаи дарде даво намекардагӣ»-ро бояд фавран

бадар созад. Бо худ дастбагиребон шуда, гулӯбандро бо ачала ва парешонии бесобиқа бадар намуд. Ҷаҳонпаҳлавон, ки нигоҳи худро бо баҳонаи нафастангӣ аз нигоҳи Ҳуснигул канда буд, ончунон даргири худ менамояд, ки гӯйӣ ҳузури Ҳуснигул дар анборро аз ёд бурда бошад.

Буғзи куҳна Ҷаҳонро аз дарун безобита кардааст. Ӯ фиғон кашидан мехоҳад. Мехоҳад фарёдҳоеро, ки ҳамсони ҳуҷуми селаи зоғи сиёҳ ба шохаву барги дарахтони бешохубарг ба ӯ ҳамлавар шуда, гӯшаи қалби ҷаҳонро торик ва пурсарусадо кардаанд, ба берун сар диҳад. Ҷаҳон баҳори маснуӣ дар вуҷуди худ сохта, ин селаро солҳо аз ҳуҷум ба шаҳри дил боздоштааст. Ҳуснигул баҳори худсохти Ҷаҳонро бо як нигоҳи сард фурӯ пошонд.

Ҷаҳонпаҳлавон аз он ҷо ки рӯзона бо одамони зиёд рӯбарӯ шуда, шоҳиди бевоситаи нороҳативу нокомиҳои мардум аст, ба шеваҳои бархӯрд бо инсонҳои шикастхӯрда тасаллут дорад, вале шикасти Ҳуснигул шикасти маъмулӣ нест, балки шикасти зани худхоҳ аст.

Шикасти инсони худхоҳ ба шикастани одамони хоксор монанд нест. Вақте одами хокӣ мешиканад, ба бечорагии худ, ба ночории худ осон иқрор мекунад. Воқеиятро, ҳар чӣ қадар талх ҳам набошад, мепазирад. Пазириши шикаст осоиш меоварад. Вале инсонҳои худхоҳ, ҳатто пас аз шикастан, таъми оромишро намечашанд. Шикасти онҳо эътирозу изтиробу парешонии мудом аст.

Ҷаҳон ҷониби Ҳуснигул баргашта, дубора ба ӯ бо эҳтиёт назар андохт. Ба Ҳуснигул бо нигоҳе, ки ошнои деринро менигаранд, нигарист. Ҳуснигул таҷассуми тарсҳои Ҷаҳон дар мавриди Замира аст. Ҳуснигул воқеиятест, ки Ҷаҳон аз он гурезон аст. Ақли Ҷаҳон медонад, ки худхоҳ фарҷоми хуб надорад, вале муҳаббат исрор ба бовари мусбат мекунад. Бо ин ҳол, Ҳуснигул тасдиқи изтиробҳои Ҷаҳон бобати Замира аст. Гӯё, агар Ҳуснигули зебо ва назарболо ба ин фарҷом расида бошад, Замира ҳам ба хотири доштани

руҳияи мушобеҳ ба руҳияи Ҳуснигул аз чунин як оқибат наҷот нахоҳад ёфт. Худхоҳӣ назарҳои болоро ба хоки сиёҳ менишонад.

Ҷаҳон тарҳҳои чеҳраи Ҳуснигулро муоина намуда, монандии тарҳҳои чеҳраи Ҳуснигул ба тарҳҳои чеҳраи Замираро ташхис дод. Ҳуснигул руҳияи монанд ба руҳияи Замираро дорад. Ҳуснигул чеҳраи монанд ба чеҳраи Замираро дорад. Ҳуснигул ҷаҳоннигарии монанд ба ҷаҳоннигарии Замираро дорад. Нигоҳи Ҳуснигул айнан ҳамон нигоҳҳои ваҳшиест, ки Замира ҳангоми қарор гирифтан дар вазъияти ногувор барои худ сипар мекард. Замирае, ки Ҷаҳон, аз андешидан дар мавриди ӯ сахт метарсад.

Хотираи Замира ва захмҳои зиндабагӯршудаи Ҷаҳон рӯ заданд. Хотираи ҳамон Замирае, ки Ҷаҳонро сӯхту шикаст. Хонаи модарии Замира ва намнокии фазои он хона ба руҳияе, ки дар фазои анбор мусаллат аст, мемонад… Фазои анбор мисли фазои хонаи модарии Замира сарду сангин аст.

Нигоҳи зани бенаво ҳамон эҳсосеро, ки Замира ва нигоҳҳои охирини ӯ дар Ҷаҳон эҷод карда буданд, зинда намуд. Замира ба Ҷаҳон, ки ҷони худро барои духтар фидо кардан мехост, ба унвони сарбор менигарист. Мехост зудтар аз Ҷаҳон халос шавад. Ҷаҳон ба безории Замира аз муҳаббати худ пай мебурд, вале иллати ин безориро намефаҳмид.

Ҷаҳонпаҳлавон ба Ҳуснигул мисли ин ки пас аз солҳо Замираи солхӯрдаро дида бошад, менигарад. Ӯ Замираро аз чанголи худхоҳӣ наҷот дода натавонист. Қалби Ҷаҳон Ҷаҳонро аз дергоҳ ба хотири Замира маломат мекунад ва ҳоло қалби барошуфтаи ҷавони дар ишқ камолгаро ҷомаи навҳасарой ба бар карда, табли маломат ва мотам ба даст гирифта, бо исрори беш аз пеш вориди майдон шудааст.

Ҳуснигул дар миёнаи анбор беҳаракат истода, бетобии Ҷаҳонро бо тааҷҷуб ва кунҷковӣ муоина мекунад. Бону авзои

беш аз ҳад парешони Ҷаҳонро дида, маҷбур ба берун омадан аз вартаи изтироб шуд. Акнун Ҳуснигул саропо диққат шудааст. Зани оворагард абрӯвони сиёҳу барҷастаи худро дарҳам кашида, ба Ҷаҳон менигарад. Ҳуснигул бо худ андешид, ки ҷавони пеши рӯ аз назари руҳӣ аз Ҳуснигул дида, овōратар аст.

Пас аз якчанд сония Ҷаҳон, гӯё ба худ омада бошад, нигоҳро дубора аз Ҳуснигул канда, набзи ваҳшии дилро аз тариқи рост кардани нафасҳои худ илоҷ намуд ва базӯр бо нимханда ва бепарвоии сохтакорона аз роғи дари нимбоз нигоҳи беғаш ва мухтасар ба берун андохта, ба Ҳуснигул баргашта, садо баровард:

– Душанбеи оромтабиатро касе сахт хафа кардааст. Бо исрори интиқомҷӯёна меборад.

– Душанбе ҳаргиз якранг набуд, табиати тағйирёбанда дорад, – бо хунсардӣ посух дод Ҳуснигул.

Шикояти пинҳони Ҳуснигулро Ҷаҳон дар ҷумлаи мухтасари Ҳуснигул дар мавриди Душанбе хонда, безобитатар шуд. Мехост бо Ҳуснигул суҳбат кунад, вале Ҳуснигул нигоҳи сарди худро ҳоил миёни худ ва ҳасратҳои Ҷаҳон қарор дода буд. Ин нигоҳ айни нигоҳҳои хунсарди Замира Ҷаҳонпаҳлавонро ба ақибнишинӣ ва бегонагӣ во медорад. Нигоҳи Ҳуснигул монанди сипар ҳам аз ӯ дифоъ мекунад ва ҳам ба мухотаб ҳамлавар мешавад.

Нигоҳи хомӯши Ҳуснигул ғавғозада аст. Ақли инсон сукутро дар фазо дар баробари ғавғои нигоҳи сард, ҳамон тавр ки барои дили инсони мотамзада ба ҷойи ҳарфи тасаллобахш тавсия мешавад, роиҷ мегардонад.

Танҳо лутфе, ки Ҷаҳон дар ин асно дар ҳаққи Ҳуснигул ва дар ҳаққи худ анҷом дода метавонад, ҳарчи зудтар тарк кардани ҳарими бонуи оворагард аст. Қалби Ҷаҳонпаҳлавон ӯро барои ақибнишинии дубора маломат мекунад. Ҷаҳон аз дасти дил дилгир аст. Қалби беқарорро бо ваъдаи дубора ба ин ҷо баргаштан, розӣ ба рафтан кард.

Ҷаҳон нигоҳи худро дубора аз нигоҳи Ҳуснигул канд. Ҳуҷҷатҳоро дар лифофа печида, зери пираҳан гирифт ва худро бидуни ин ки бо бону худоҳофизӣ кунад, ҳамроҳи парешоние, ки дар анбор ба ӯ мусаллат гардид, бо ҳамон шаст, ки ба анбор ворид шуда буд, ба берун зад.

Ошноии Ҷаҳонпаҳлавон ва Ҳуснигул тасодуфӣ буд, вале тасодуфҳо тасодуфӣ нестанд. Сарнавишт ҳар тамос ва ҳар ошноии тасодуфиро дақиқ нақшакашӣ намудааст.

## Қисми 7

## ҶОДАҲОИ ШАТРАНҶӢ

Ҷаҳонпаҳлавон нахустин тасвири Замираро, ки дар аввалин бархӯрд дар зеҳни писари ҷавон сабт гардид, солҳо аз ёд бурда натавонист. Ӯ он замон дар факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мехонд. Ҷаҳонпаҳлавон 19 сол дошт ва Замира 18-сола буд. Рағбати Ҷаҳонпаҳлавон нисбат ба пиёдаравӣ боиси ба ҳам печидани ду роҳи ноҳамгун гардид.

Хабарнигори ҷавон илҳоми кори худро аз пиёдаравиҳои ҳаррӯза мегирад. Нигоҳи Ҷаҳон ба пиёдаравӣ фалсафист. Ба қавлӣ ӯ:

«Зиндагӣ барои як нафар масири кӯтоҳ ва барои нафари дигар масири тулонист. Саросема пеш рафтан дар ҷодае, ки фарҷоми он барои раҳрав равшан нест, боиси гум кардани ҷиҳат мешавад. Маслаки ман пиёдаравӣ дар масири зиндагист. Боҳавсала роҳ рафтану ба тамоми аломатҳои сари роҳ диққат карда, пеш рафтан аст. Инсони саросема пеш меравад, вале ёд намегирад, ба даст овардан мехоҳад, вале аз даст медиҳад.

Намедонам, масире, ки сарнавишт барои ман дар назар гирифтааст, то куҷо тул дорад ва ба куҷо мебарад? Дур

ё зуд рафтан рисолати мошин аст. Инсони бошуур дар масири зиндагӣ гомҳои санҷида мебардорад ва ба дунболи дарки рисолатест, ки бар дӯши ӯ гузоштаанд.

Зиндагии пуршитоб фараҳ надорад. Инсон барои дастрасӣ ба мақом ё наафтидан аз чашми ом шитоб мекунад, вале болоравӣ аз роҳпиллаи дастовардҳо инсонро аз ҳисси нокомӣ раҳо намесозад, чунки дастоварди бешумор зомини саодатмандӣ намешавад. Эҳсоси хушбахтӣ дар инсон ба дастовард ё ба инояти дигарон вобаста нест.

Хушбахтӣ аз ҳавсалаи одам вобаста аст. Дунёи инсон, ҳарчи ӯ сабуртар, ҳамон андоза бонишоттар мегардад. Инсони тангдасти қаноатманд аз инсони давлатманди тангчашм ба маротиб хушбахттар аст, чунки хушбахтиро фурсатҳо барои инсон фароҳам намеоваранд. Хушбахтӣ тасмим ва интихоби огоҳонаи ҳар шахс аст. Инсони нодон эҳсоси дарунии худро, ки фақат аз иродаи ӯ вобаста аст, ба шароити маишӣ побанд мегардонад. То вақте ки ман ҷилави эҳсоси худро дар даст дорам ва ҳисси худро ба шароит вобаста накардаам, ҳар лаҳза ирода кунам, хушбахтам.

Аксари инсонҳо дар дунёи воқеӣ не, балки дар дунёи тасаввур зиндагӣ мекунанд. Ҳисси нокомӣ дар инсонҳо ба воситаи шароити зиндагӣ не, балки ба хотири носозгории шароит бо тасвирҳои хиёлие, ки инсон дар зеҳн сохтааст, шакл мегирад. Аз тариқи ҷобаҷо кардани тасвирҳо дар зеҳн метавон эҳсоси худ нисбат ба шароити тағйирнаёбандаро тағйир дод. Масири зиндагиро барои ҳеч кас пешопеш ҳамвор накардаанд, ҳар зиндагӣ шебу фароз дорад. Нокомӣ бахши ҷудонашавандаи ҳар талош аст. Қобилияти табдил додани нокомиҳо ба замина барои комраво шудан замонати хушбахтист. Дар ҳар шикаст ба дунболи зовияҳои мусбат гаштан замонати хушбахист.

Инсони хушбахт, баръакси бардошти аксарият, дар ширу асал шино намекунад. Хушбахт нафарест, ки аз зӯргӯйиҳои нафси роҳатталаб раҳо шуда, нафсро ба сурати

худогоҳ ва худхоста ба меҳнати ҳаррӯза хӯ додааст. Одитарин монеа барои хушбахтӣ тасвири иштибоҳи одамон аз хушбахтист.

Инсони бахтбаргашта хушбахтиро бо фурсати танпарварӣ мусовӣ мебинад, дар ҳоле ки танпарварӣ роҳи рост ба сӯйи бадбахтист. Ҳеч кас аз паси серобии нафси бешхоҳ набаромадааст, чунки нафс ба як орзу нарасида, туро бо тасвири орзуҳои бартар безобита мекунад. Нафси бедор душмани осоиш аст. Нафси бедор душмани хушбахтист.

Хушбахтии мудом дар дунёе, ки шаб ҷойи рӯз ва рӯз ҷойи шабро мегирад, муяссар нест: ҷавони тануманд ҳам як рӯз пири нотавон мешавад, чархиши замона ҷойи шоҳон ва гадоёнро иваз мекунад, номварони ҷаҳон бо гузашти замон гумном мешаванд. Бинобар ин, хушбахтӣ фурсати шино дар ширу асал не, балки ҷасорати рӯёрӯйӣ бо воқеияти тағйирёбандаи зиндагӣ – эҳсоси шукргузорӣ ҳангоми бориши неъмат ва эҳсоси оромиш ба ҳангоми коҳиши баракат аст. Хушбахтӣ фарёду фиғону рақсу шодӣ не, балки оромиши беинтиҳост. Саросема шуда, инсон қобилияти мушоҳида ва қобилияти таҳлили ҷузъиётро аз даст медиҳад. Вале дарки ҷозибаҳои зиндагӣ, бидуни мушоҳидаи ҷузъиёт мумкин нест. Пиёдаравӣ беҳтарин шеваи расидан ба зиндагии бонишот аст».

Он рӯз Ҷаҳонпаҳлавон аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар маҳалли маъруф ба "Ҷазира" ҷойгир шудааст, берун баромад. Самти дарвозаи пуштии донишгоҳ, ки ба тарафи хобгоҳи донишҷӯён роҳ дорад, раҳсипор шуд. Аз ин тарафи донишгоҳ роҳи Ҷаҳон ба тарафи хона тулонитар мешавад, вале масири пушти донишгоҳ барои руҳи оромишталаби Ҷаҳони ҷавон мусоид аст. Ҷаҳонпаҳлавон дар ҷодаи аз хобгоҳи донишҷӯён то Донишгоҳи омӯзгорӣ фурсати хилват бо Душанберо меёбад.

Ғурриши мошинҳои роҳгузар садди муошрати безабони Ҷаҳон бо Душанбе намешавад. Хотири нозуки

Ҷаҳонпаҳлавонро садои ҷорӣ шудани «Душанбинка» аз дур навозишкорона ламс мекунад. Садои атрофро тамаркуз намуда, дар гӯши худ пахш ва оҳанги хурӯши Душанбинкаро баландтар месозад. Хилвати ошиқона дар навои мусиқинавозии табиат.

Ҷамъият равон, дарё дар ҷараён, ҷавон низ зоҳиран роҳгардон аст, вале пиёдаравии Ҷаҳон дар воқеъ мақсади ниҳоӣ надорад. Ҳадафи Ҷаҳонпаҳлавон дар ин гоҳ-гоҳ огоҳона роҳдарозкарданҳо Душанбест.

Пиёда аз дарвозаи пуштии донишгоҳ баромада, вориди пиёдароҳе шуд, ки дар масири рӯ ба самти Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ қарор гирифтааст, то аз назди Донишгоҳи омӯзгорӣ савори мошини кироя шуда, ба хонаи бобо, ки дар маҳалли наздик ба бозори «Баракат» қарор дорад, биравад.

Хонаи падари Сардорхон, бобои Ҷаҳон – Мухторхон, доктори илмҳои физика ва математика хонаи дуқабатаи паҳновар аст. Ҷаҳонпаҳлавон бахши муҳимми ҳаёти огоҳонаи худро дар хонаи бобо гузарондааст. Вақте Мухторхон завҷаи худро аз даст дод, Ҷаҳон писарбачаи 7-сола буд. Ӯ ба хотири рафоқати бечунучаро бо бобо, ба падару модар гуфт, ки дар Душанбе бо бобо мемонад ва боборо нигоҳубин мекунад.

Новобаста ба синну соли кам, Ҷаҳонпаҳлавони хурдсол руҳияи ҷавонмардони рашидро дошт. Падару модар аз раъйи ӯ сарфи назар накарданд. Мухторхон сари Ҷаҳонро сила намуда, набераи матини худро ба оғӯш гирифт. Машғул шудан ба тарбияи Ҷаҳонпаҳлавон Мухторхонро аз андӯҳи танҳоӣ берун баровард.

Дар давраи донишҷӯйии Ҷаҳон падару модари ӯ низ муддате дар Душанбе ҳамроҳи Мухторхон ва Ҷаҳон дар хонаи бобо маскун шуданд, вале Сардорхон пас аз ду моҳи сукунат дар оғӯши шаҳри пурсарусадо дилтанги осудаҳолии фазои русто шуд.

Сардорхон тобистони қабл аз шуруи дарсҳои Ҷаҳонпаҳлавон дар донишгоҳ, сарфи назар аз ин ки Сардорхонро бо исрору илтимос барои тадрис дар мактабҳои шаҳр ба Душанбе даъват карда буданд, пас аз маслиҳат бо хонавода дубора ба мактаби русто баргашт. Модари Ҷаҳонро низ бо дархости бону барои якчанд сол ба яке аз шуъбаҳои маҳаллии Вазорати фарҳанг дар вилояти Суғд ба кор гузаронданд. Ҳоло муддатест, ки бону Давлатбиро бо исрори масъулини вазорат дар Вазорати фарҳанг муовини вазир таъйин намудаанд ва ӯ рӯзгори худро дар роҳи Душанбе – Суғд – Душанбе сипарӣ менамояд.

Ҷаҳонпаҳлавон давраи донишҷӯйии худро низ дар хонаи бобо гузаронд. Мухторхон, инсони донишманд ва шӯхтабъ, рафиқони Ҷаҳонро зуд-зуд ба хона даъват намуда, барои онҳо мусобиқаи шоҳмотбозӣ баргузор мекард. Писарони ҷавон ба Мухторхон гурӯҳӣ ҳариф мешуданд. Ҳар як ҷобаҷокунии пайкараҳои рӯйи тахтаи шоҳмотро гурӯҳӣ машварат карда, рӯйи тахтаи шоҳмот пеш мерафтанд. Мухторхон ҳаяҷони ҷавонони ташнаи пирӯзиро бо шавқ ва ханда муоина менамуд ва ниҳоят, бозиро бо итминон аз онҳо мебурд. Сипас, сари як пиёла чой ва шириниҳои дастпӯхте, ки бону Давлатбӣ барои Ҷаҳон ва бобои ӯ фароҳам менамуд, бо ҷавонон шӯхтабъӣ карда, ба онҳо барои пирӯз шудан дар майдони шоҳмот ва майдони зиндагӣ маслиҳатҳои корбурдӣ медод:

“Тахтаи шоҳмот саҳнаи зиндагист. Қобилтарин муҷассамаи рӯйи тахтаи шоҳмот фарзин аст. Фарзин, паҳлавони қобил маҳорати баланди ҷангидан дорад. Вақте фарзин аз бозӣ хориҷ мешавад, аз сарбози қаторӣ ба қимати қурбонсозии чанд сарбози қатории дигар фарзин месозанд, вале вақте шоҳ мот мешавад, бозӣ анҷом меёбад. Гарчанде шоҳ аз назари маҳоратҳои ҷангӣ қавитарин пайкара дар рӯйи тахтаи шоҳмот нест, боаҳаммияттарин аст.

Аҳаммияти шоҳ ба хотири неруи ҷисмонӣ ва маҳоратҳои ҷисмонии ӯ дар майдони набард нест. Одамонро неруи фикр фармонраво месозад. Ҷаҳонбинӣ, қудрати таҳлил ва неруи андеша аст, ки шоҳро дар миёни дигар бозигарон мумтоз мегардонад. Сарфармондеҳонро ба хотири тасмимсозиҳо, ки боиси ба пирӯзӣ расидани талоши ҳамагонӣ мешаванд, ситоиш мекунанд.

Вақте сарбози қаторӣ ба ҳошияи он тарафи тахтаи шоҳмот мегузарад, фарзин мешавад. Сарбоз фарзин шуда метавонад, вале ҳеч ҷанговари рӯйи тахтаи шоҳмот имконияти ҷойгузин кардани шоҳро надорад. Чаро? Чунки ҷанговар будан замонати сарваршавӣ нест. Одамон бо ҷанҷол ва тасодуфан ба сарварӣ намерасанд. Фитрат ва хӯйи сарварист, ки инсонҳоро сарвар мекунад.

Агар дар бозии шоҳмот нияти шумо фақат пирӯзӣ бошад, аз бозӣ на ибрат мегиред, на лаззат мебаред. Шоҳмотбоз пеш аз ҳама қиссаофаринӣ мекунад. Ӯ қиссаро аз аввал то охир навиштааст ва дар рафти пешравӣ дар рӯйи тахтаи шоҳмот воқеаҳои навро ба ривояти худ ворид месозад.

Ман ҳаргиз аз шоҳмотбозӣ хаста намешавам, чунки дар ҳар бозӣ қиссаи нав меофарам. Дар як бозӣ фарзинро аввалин шуда, қурбон мекунам. Ҳамроҳи фарзин ҳарифро ба коми худхоҳӣ меандозам. Ҳариф аз маҳви қобилтарин бозигари ман ба сурур омада, фикр мекунад, ки бозиро ба осонӣ хоҳад бурд, вале ӯ намедонад, ки ман қасди ба ҳадди фарзин расонидани ду сарбози қаторӣ ва ғофилгир кардани ҳарифро дорам. Рақиби худро бо пирӯзиҳои пайдарпай маст мекунам ва асоситарин зарбаро, ҳангоме ки дигар ба шикаст намеандешад, ба ӯ мезанам. Дар ривоятномаи дигар қасди шикори қавитарин сарбозони тарафи муқобилро аз ҳамон лаҳзаи аввали бозӣ дар сар мепарварам.

Агар таваҷҷуҳ карда бошед, дар шоҳмот дар шуруи бозӣ ҳарду тарафи задухӯрд баробарқувваанд. Ба ин маънист,

ки зиндагӣ ба ҳар нафар ҳарифи ҳамвазн медиҳад. Дар рафти муқобила яке аз тарафҳо бо гирифтани кумак аз андеша оҳиста-оҳиста имтиёзоти худ нисбат ба ҳарифро афзоиш медиҳад ва тарафи дигар имконоти мавҷудро ба тариқҳои гуногун ба бод дода, худро дар ниҳоят ба шикаст маҳкум менамояд.

Шоҳмот дурангист ва саҳнаи задухӯрд аст, ба ин мазмун, ки одамон бо якдигар сари нигаришҳо ва рангҳо меҷанганд. Аксари баҳсҳо миёни одамон хушранг, вале бемуҳтавоянд.

Шоҳмот на танҳо задухӯрди неруҳои рӯйи тахта, балки задухӯрди равонии ду бозигар аст. Шоҳмотбоз дар канори фикри риёзибандшуда бояд ба ҳарифи худ бо дидаи боз нигарад, ба эҳсос ва худбинӣ дода нашавад, ҳарифро ҳақиру нотавон нашуморад, нисбат ба бозиҳои равонии ҳариф муқовим бошад ва тамоми ривоятномаҳои барои худ ва барои ҳариф мумкинро хунсардона таҳлил намуда, гом бардорад. Шоҳмотбозони моҳир афкори ҳарифи худро мехонанд".

Билохира, як рӯз вақте Мухторхон эҳсос намуд, ки зеҳни писарони ҷавон омодаи пирӯзӣ шудааст, онҳоро ба хона даъват карда, гуфт:

– Агар имрӯз бозиро аз ман бибаред, шуморо дар сафари се моҳ баъд ба Юнон ҳамроҳи худ мебарам.

Ҷаҳон бобои худро хуб мешинохт ва медонист, ки бобо натиҷаи бозиро аллакай аз пеш таъйин кардааст. Рафиқони Ҷаҳонпаҳлавон якдаст шуда, бозиро аз Мухторхон бурданд. Шодии писарон ҳадду канор надошт.

Бузург ба нафаре намегӯянд, ки ҳамеша пирӯз мешавад. Бузургони воқеӣ ба хотири тақвияти худбоварӣ дар дигарон бо шикасти огоҳона созиш мекунанд.

Ҳеч кадом аз ҳамтоёни Ҷаҳон орзуи ба Юнон сафар карданро дар сар намепарварид. Аксари онҳо аз хонаводаҳои одӣ буданд.

– Билохира, ҷӯраҷонҳои ман, ба неруи ваҳдат қоил шудед? Агар шумо якдил бошед, мумтозтарин ҳарифонро низ шикаст хоҳед дод. Ваҳдат кафолати пирӯзист. Агар пароканда шавед, шумори рақибони шумо камтар не, балки бештар мегардад, чунки дарандаҳо ҳамеша ба дунболи туъмаи осонҳазм ҳастанд, – бо писарон ҳамоғӯшӣ карда, гуфта буд Мухторхон.

Мухторхон ба қавли худ вафо намуд. Барои панҷ рафиқи Ҷаҳонпаҳлавон раводид таҳия карда, чипта харида, харҷи сафари онҳоро бар дӯш гирифта, писарони ҷавонро ба саёҳати ҳаяҷонбарангез бо роҳбаладии марди дунёдида бурд. Писарони ҷавон дар ҳар як кашфиёт дар тули сафар мисли кӯдак ғарқи шодӣ мешуданд. Дар ҳавопаймову қатораву мошину қаиқу нақлиёти мусофирбар шӯхтабъӣ ва сурудхонӣ мекарданд. Мухторхон ба хомии ҷавонон меҳрубонона табассум карда, шароити лозим барои дилхушии бемонеаи онҳоро фароҳам овард. Ҷойҳои таърихии Юнонро ба ҷавонписарон нишон дода, зеҳни онҳоро нисбат ба таъсире, ки таърих ва меъморӣ дар мафкураву сарнавишти инсонҳо мегузорад, ҳассостар кард.

Ҷаҳонпаҳлавон, ки қаблан бобои худро дар чандин сафарҳои хориҷӣ ҳамроҳӣ намудааст ва аз ин рӯ, нисбат ба ҳамтоёни худ оромтар ба назар мерасид, дар миёни сарусадои рафиқони худ гоҳ-гоҳ дар оромиши нигоҳи дурандешонаи бобо ғарқ шуда, ба бобои донишманду мардаш бо табассуми сипосгузорӣ нигоҳ мекард. Мухторхон бузург шудани ҷавони хирадманд ва раҳмдил дар вуҷуди Ҷаҳонпаҳлавонро мушоҳида намуда, ба наздик шудани ғояти зиндагӣ бо ризоятмандӣ менигарист. Пас аз 2 сол, Мухторхон дар синни 81–солагӣ, вақте Ҷаҳон ҳанӯз 21–сола буд, чашм аз олами ҳастӣ пӯшид.

Замира – духтари ҷавон ва зебо, он рӯз дар тан домани роҳ-роҳи кӯтоҳи пар-пари бунафш ва мӯзаҳои сиёҳи дароз, пираҳани сафед ва аз рӯйи он ҳамранги доман болотани роҳ-

роҳ ба тан дошт. Кулоҳи пӯпакдори зебои якранг бунафш, ки камари онро тасмачаи чармини нозуки барроқи сиёҳ печидааст, ба духтараки 18-сола ҷаззобияти хос мебахшад. Сабки либоспӯшии Замира либоспӯшии донишомӯзони британиёиро ба хотир меоварад.

Ҳар инсон холиқи дунёи худсохтаи худ аст. Замира намои дунёи худро аз намои дунёи ҷавондухтарони дигар нозанинтар оростааст. Дунё ва тасвире, ки Замираи ҷавон барои худ сохтааст, дар назари Ҷаҳонпаҳлавони сода ва бетаҷриба беназир намуд…

Абрӯвони Замира возеҳу сиёҳ, мӯйҳои ӯ мавҷдору парешон ва чашмонаш қаҳваии барроқи бозигӯшанд. Даври танӯри тафсони чашмони қаҳваии Замираро хатти модарзод сип-сиёҳ оғӯштааст. Мижгони дарозу бешумор ба чашмони Замира возеҳияти хос мебахшанд. Хатти сиёҳ дар ҳаволии дидагон ва нигоҳи қотеъ ниқоб аз рӯйи руҳияи ваҳшӣ ва ҷангалии Замира бармедорад. Руҳияи духтараки 18-сола ба руҳияи бабри сиёҳ мемонад.

Андоми нозуки Замира аввалин бор пеши назари Ҷаҳонпаҳлавон вақте ҷилвагар шуд, ки Замира бо гурбаи оворагард бозӣ мекард. Муоширати безабони гурба ва Замира дар ин асно ҳаяҷонитар аз муколамаҳои қолабии рӯзмарра ба назар мерасад. Гурба меҷаҳаду дастони навозишкорро бо эҳтиёт мегазад. Замира дастро бо ишваҳои барои худ хос пас кашида, дубора дасти навозиш ба сару рӯву бадани гурба кашида, қоҳ-қоҳ мезанад. Муҳаббат ваҳшиҳоро низ аҳл мегардонад.

Ларзиши садои Замира вуҷуди писари ҷавонро ларзонд. Замира чунон ғарқи бозӣ бо гурба буд, ки рафтуомад ва сарусадои мошинҳоро намешунид.

Пушти донишгоҳ маҳалли сермошин ва камодам аст. Бепарвогии Замира нисбат ба одаму олам барои Ҷаҳонпаҳлавон ҷозиба дорад. Тасвири духтари бепарво зеҳну дили Ҷаҳонро аз сонияи аввали бархӯрди нигоҳи писар ба

Замира фаро гирифт. Ҷаҳонпаҳлавон дар ҳошияи ҷодаи мошингард, рӯйи пиёдароҳи холӣ беҳаракат рост истода, ҷилваҳои Замираро наззора мекард.

Гурба гурбаи кӯчагист, вале ба назар меояд, ки бо Замира унс гирифтааст. Навозишкории бериёи дастони Замира низ нишон медиҳад, ки Замира бо гурбаи оворагард эҳсоси қаробат дорад. Эҳсосоти гурба ва тақдири ӯ барои Замира ғариб наменамоянд. Замира худро бо гурбаи овора қарин медонад.

Баъд аз чанд дақиқа бозӣ бо гурба Замира хӯрданиеро аз дохили бастаи хурдакак аз ҷузвдони кӯчаки чармини сиёҳранг, ки рӯйи бозуи рости худ овехта буд, бароварда, пеши гурба гузошт. Гурба бо завқ машғули тановул гардид. Замира канори гурба нишаст, сари ӯро навозишкорона ламс карда, лаҳзае ба ишрати гурба диққат шуд ва баъд оҳиста аз ҷо бархоста, шитобкорона аз гурба дур шудан гирифт. Намехост, ки гурба дунболагири ӯ шавад. Гурба низ ҳангоми аз ҷо баланд шудани Замира, гӯйӣ ба ин рафтори Замира одат карда бошад, сарро аз замин баланд карда, ба Замира, ки аз ӯ бо шитоб дур мешуд, нигоҳ андохта, мӯйлабҳоро дар ҳаво ба чанд тараф сих намуда, бинии худро ба ҷиҳате, ки Замира ҳаракат мекард, ёзонд ва баъд сарро дубора поин андохта, ба нӯши ҷон кардани хӯрокӣ идома дод.

Ҷаҳонпаҳлавони 19-сола аз ҷумлаи писароне набуд, ки духтарони мавриди писандро дидан замон дунбол мекунанд. Дар ҷо карахт шуда, нигоҳро аз Замира намеканд. Дур шудани ногаҳонии Замира Ҷаҳонро ба воқеият баргардонд. Хаёл кард, ки Замира аз ӯ дур шуда, дилро аз реша канда, бо худ мебарад. Замира дур мешавад ва баробари дур шудани Замира майли ҷудоӣ аз ҷисми карахт дар равони нооромӣ ҷавон, ки фикр мекард, гумшудаи ҳаётиро аз даст дода истодааст, рӯ ба фузунӣ ниҳод.

Мавҷи беқарорӣ дар ҷисми беҳаракати Ҷаҳонпаҳлавон ҷорӣ гардид. Мавҷи тафсон бадани Ҷаҳонро бо неру ва гармои лозим барои давидан таъмин мекарда бошад? Ҷаҳон

беқарориеро, ки дар вуҷуди ӯ шӯриш кардааст, пахш карданӣ шуд. Селаи эҳсоси номафҳум тамоми вуҷуди Ҷаҳонро тасхир карда, роҳи дастрасии ӯ ба сарриштаи андешаро баст. Садди ахлоқӣ–тарбиявие, ки дар вуҷуди Ҷаҳонпаҳлавон дар натиҷаи тарбияву насиҳатҳои бобо ва падару модар шакл гирифта буд, писари ҷавонро, новобаста аз туғёни мавҷи беқарорӣ дар ҳошияи дил, дар ҷо боз медорад. Дили ҷавонписари 19-сола барои аввалин бор бидуни далели ошкор ба қафаси сина дарафтод. Пас аз чанд сония шӯриш, дил худро ба дару девори қафаси сина мезадагӣ шуд. Ҷаҳон эҳсос кард, ки дил, агар ками дигар сабр кунад, аз шиддати беқарорӣ аз роҳи гулӯ ба берун меҷаҳад. Беқарории худро дарк карда наметавонист. «Охир, ӯ як духтари ношинос аст», – далели беқарориҳои дилро дарк накарда, ба талабкориҳои дил эътироз намуда, аз дил гузаронд Ҷаҳон.

Мухторхон ба набераи навҷавони худ мудом таъкид кардааст, ки «ҷавонмард ҷилави эҳсоси худро ҳамеша дар даст дорад». Ҷаҳонпаҳлавон, новобаста ба синну соли ҷавонӣ, ҷавони солор ва хештандор аст ва шарҳи авзои зудтағйирёбанда сония ба сония барои ӯ мушкил ва мудирияти ҳаяҷонот номумкинтар мегардад. Чорчӯбаҳои тайи солҳо дар зеҳни писари ҷавон шаклгирифта зери фишори селаи шавқе, ки тасвири духтари мармуз, дар вуҷуди Ҷаҳон эҷод карда буд, ба як бор рехтанд ва саранҷом пойҳои ҷавон ба ҳаракат даромаданд. Ҷаҳон дунболагири Замира шуд.

Ба хиёли Ҷаҳонпаҳлавон ӯ духтарро на, балки тасвир, афсона ва оҳанги дилнавозро дунбол мекунад. Духтари зебо қадам пушти қадам чунон мавзун ва ҳисобшуда мемонад, мегӯйӣ аз рӯйи савти оҳанги хос роҳ мерафта бошад. Мӯйҳои мавҷдори Замира шабеҳи қад хӯрданҳои мутавозини ангуштони нозуки раққосаҳои суннатӣ аз рӯйи зарби хос ҳамоғӯши насими тавлидшуда дар суръати ҳаракати пойҳои Замира гашта, дар ҳаво тасвирҳои ҷаззоб меофаранд.

Зулфони нозанини Замира рӯбанди ҳарир болои тасвири ҷонсӯзи воқеияти талхи зиндагии ӯянд. Ҷаҳон намедонад, ки барои чӣ аз паси духтари ношинос меравад. Ин дунболагирӣ

амри дил аст. Ҳадафи дил пешгирӣ аз фироқу бегонагӣ бо Замира аст. Муҳим нест, ки Замира дилро ба куҷо мебарад. Қалби писари ҷавонро ҷозибаҳои руҳияи нозуки духтари ҷавон ончунон фаро гирифтаанд, ки ӯ амри дилро ба муҳокимаи ақл намегузорад.

Ҷаҳон Замираро, бидуни ин ки ҳадди ақал номи ӯро бидонад, дунбол мекунад. «Ӯ ҳам мисли ман ошиқи пиёдаравӣ будааст», – табассум намуда, аз дил гузаронд Ҷаҳон.

Ҳарду Душанберо оҳиста-оҳиста паси сар гузоштанд – мисли ду муҳраи занҷири пайваста, Замира пеш-пеш ва Ҷаҳон аз қафо. Ҷаҳон ҷасорати парешон кардани тасвири зебои пеши рӯро надорад. Ором аз пушти Замира меояд ва талош мекунад, ки ҳамнаво бо навои қадамҳои Замира бошад…

Замира он рӯз барои мулоқот бо Бахтиёр ба Душанбе омада буд. Бо сабабҳои барои Замира номаълум, Бахтиёр ба мулоқот наомад ва Замира, ки роҳкирои баргаштан ба хонаро надошт, маҷбур шуд, роҳи Душанбе то хонаро, ки дар ҳошияи шаҳр қарор дорад, пиёда биравад.

## Қисми 8

## ЛАЪЛИ БАДАХШОН

Ҷаҳонпаҳлавон аз манзили Ҳуснигул бадар шуд. Дар қафаси синаи Ҷаҳон пас аз рӯёрӯйӣ бо Ҳуснигул ва берун омадан аз анбор гулулаи давришакли ғелони ғусса аланга гирифт. Сӯзанзании дардро дар ҳошияи дил, гӯё симхори сӯзони ғамро даври дили Ҷаҳон печида бошанд, эҳсос мекунад. Ба сахтӣ нафас мекашад. Гӯё муддати мадид беист давида бошад. Роҳи нафасро ҳавои гарми ғам дар қафаси сина банд кардааст. Ҷаҳонпаҳлавон ду кафи даст рӯйи зонуҳо камарро дуқад карда, ҳавли ғами дар сина ҳабсшударо бо фишор ба берун зад. Пас аз якчанд сония дубора қомат рост

намуда, сар ба осмон карда, нигохро ба нуқтаи номаълум дар осмон дӯхт. Аз болову поин омаданҳои қафаси синаи Ҷаҳонпаҳлавон маълум мешавад, ки таҳлука вуҷуди ӯро фаро гирифтааст ва ӯро ором намегузорад.

Ҷаҳонпаҳлавон ва Душанбе якҷо гиристанд – Душанбе беш аз пеш ва Ҷаҳон бесадо ва барои чашми раҳгузарон ноаён. Хабарнигори ҷавон чашмони рӯ ба осмонро оҳиста пӯшид. Ҳавли дили сӯхтакабобро бо боз нигоҳ доштани даҳон ба берун сафарбар кард. Ҳузни дили ғамзада ором намегирад. Захмҳои куҳна аз нав хунрез шуданд. Дар фазои Душанбеи боронӣ фарёде, ки Ҷаҳонпаҳлавон солҳо пеш дар вуҷуди худ дафн кардааст, танинандоз шуд. Селаи ашк, гӯйӣ қасди таваққуф надошта бошад, беист аз чашмони Ҷаҳон мешорад. Душанбе аз Ҷаҳон дида, аламзадатар мегиряд, то рози ҳабиби хешро аз чашми бегонагон пӯшонад.

Душанбе Ҷаҳонпаҳлавонро дар навмедиву хушнудӣ ҳамовоӣ намудааст. Душанбеи роздори Ҷаҳон ин бор ҳам ашкҳои Ҷаҳонро дар лобалои қатраҳои борон печида, аз назари раҳгузарон ниҳон, боэҳтиёт мешӯяд. Фақат Душанбеи боронӣ иҷозаи дидани Ҷаҳонпаҳлавони ғамолударо дорад. Ситоишномаи маъруфи «Душанбеи ман – ҳамдарди ман, содиқтарин ҳамрози ман»-ро Ҷаҳонпаҳлавон навиштааст.

Зери борон Ҷаҳон мехост худро ба оғӯши гарм, хушатру хушранги Душанбеи боронӣ занад. Бо ҳам дар навои ғамҳои куҳна бирақсанду бигирянд.

Ғами бисёр инсонро ба марзи девонагӣ мебарад. Гиряву хандаи инсони ғамзада навои сар ба сар шудан бо маргро дорад. Вақте борони ғам ба сари одам меборад, аксари одамон ғамро, ба ҷойи берун задан аз ҳошияи дил, ба мазмуни зиндагӣ табдил медиҳанд, бо ғам ҳамоғӯш мешаванд, чунки ғам ҳам инсонро мисли шароб сархуш мегардонад. Инсон вақте мойил ба мастӣ ва мадҳушӣ мешавад, ки эҳсоси ноқобил будан дар баробари муаммоҳои

зиндагӣ ӯро ба вартаи безорӣ аз воқеият кашидааст, вале мутаассифона, фирор аз мушкилот боиси аз байн бардошта шудани мушкилот намегардад. Ғарқ шудан дар дарёи ғам одамро аз зарурати ислоҳи воқеияти талх мераҳонад. Вале инсон, новобаста ба зарбаҳои ногаҳониву сангини зиндагӣ, сарфи назар аз ҷазбаи соғари ғам, бояд аз ғам фосила бигирад, чунки дар домани пуртарафдори ғам шаётин барои задани зарбаҳои сангинтар ба одамони ҷиҳатгумкарда ва душворгузартар кардани роҳи бозгашт ба ақлоният садои виҷдони ӯро бо задани табли девонагӣ пахш месозанд. Ғами бисёр ҷисму руҳи инсонро афгор ва ақли ӯро халалдор мекунад.

Дар муқобил чашми нафаре, ки аз дастбагиребон шудан бо ғамҳо бим надорад, сарфи назар аз кашишҳои навоҳои ғамангез ҷасорат дар ихтиёр кардани зиндагии бонишот кардааст, ба дидани рангҳои ниҳони зиндагӣ қобил мешавад. Домани ғам тиҳӣ ва домани шукргузорӣ пурбор аст.

Дар кори пешгирии одамон аз афтидан дар чоҳи навмедӣ эҳсоси масъулият боздорандаи қавист. Эҳсоси масъулият бобати ҳуҷҷатҳо, ки Ҷаҳонпаҳлавон зери пироҳан дошт, ӯро, новобаста ба рағбати бисёр ҷиҳати фурӯ рафтан дар дарёи ғам, ба наздиктарин қаҳвахона кашонд.

Ҳуҷҷатҳо, гарчанде дар лифофа буданд, намнок шудаанд. Ҷаҳон ҳуҷҷатҳоро рӯйи миз бо ҳадафи хушконидан ҷудо аз ҳам чид. Пешхидмат азми ба Ҷаҳон наздик шудан дошт, ки Ҷаҳон аз дур ба ӯ бо садои қотеъ, вале муаддабона гуфт:

– Қаҳваи гарм, лутфан.

Пешхидмат – ҷавони тақрибан 18-солаи лоғарандоми чеҳракушод рамзи тасдиқи қабули супориш сарро бо ишора ба тарафи Ҷаҳон такон дода, дар ошпазхона нопадид шуд.

Ҳалқаи хун даври чашмони Ҷаҳонпаҳлавонро гирифтааст. Ранги лолагуни чашм пайомади муқовимати

беамон алайҳи рӯ задани аломатҳои дард аст. Ранги лолагуне, ки рӯйи сафедии чашм хатҳои хунӣ мекашад.

Ҷаҳон телефони дастии худро аз ҷайб бароварда, ба Некрӯз занг зад:

– Салом, Некрӯз! Дар дафтари ёддоштҳои ман дар рӯйи миз суроға ва соати мулоқот навишта шудааст. Дохили ҷузвдони чармӣ дар ҷевони парвандаҳо парвандаи Ҳомидовро ёб. Даруни парванда нусхаи ҳуҷҷатҳои барои мулоқот зарурӣ ҳаст. Мехостам, шахсан пайгири ин мавзуъ шавам, вале ба хотири бетобӣ ба он ҷо саривақт ҳозир шуда наметавонам. Лутфан, ҳар коре, ки дорӣ, як тараф гузошта, аз паси ин кор шав.

Пас аз чанд сония гӯш додан ба посухи Некрӯз садои Ҷаҳонпаҳлавон дубора баланд шуд:

– Чизе нашудааст, Некрӯз. Ба фикрам, сармо хӯрдаам. Бошад. То дидор.

Ҷаҳон телефонро қатъ карда, дубора рӯйи миз гузошт.

Ҷаҳонпаҳлавон қасд дорад, таодули руҳии худро дар қаҳвахона барқарор созад, сару вазъро ба тартиб дароварад ва ба идора биравад. Медонад, ки авзои ӯ агар аз чашми бачаҳои идора пинҳон бимонад ҳам, аз чашми Фурӯғи кунҷков пинҳон нахоҳад монд. Бо теғи нигоҳи тез бақияи сафедии чашмони Ҷаҳонро шикофта, аҳволи дили ба қавли Фурӯғ «ношудраис»-ро аз қаъри чашмони ӯ дармеёбад.

Муносибати Ҷаҳонпаҳлавону Фурӯғ фаротар аз рафоқати маъмулист. Ӯ парвои Фурӯғро дорад ва Фурӯғ парвои ӯро.

Падару модари Фурӯғ дар садамаи нақлиётӣ, вақте Фурӯғ ҳанӯз 12-сола буд, даргузаштанд. Тарбияи минбаъдаи Фурӯғ бар дӯши модарбузург аз тарафи модарӣ – бону Заррагул афтод. Падару модари Фурӯғ ҳарду табиб буданд ва дар хориҷ аз кишвар кору зиндагӣ мекарданд. Давраи кӯдакии Фурӯғ дар хориҷа ва кӯдакистону мактабҳои хориҷӣ гузашт. Бо забони англисӣ ва фаронсавӣ озод суҳбат

мекунад. Бо вуҷуди ин ки Фурӯғ ҳатто пас аз марги падару модар бо мушкилоти молӣ рӯ ба рӯ нашуд, худро мисли кӯдакони ғарбӣ дар такопӯйи худмухторӣ ба ин тарафу он тараф мезад, то билохира, муваффақ шуд.

Фурӯғ, гарчанде то 12-солагӣ дар хориҷ аз Тоҷикистон бузург шудааст, забони тоҷикиро аллакай дар давраи наврасӣ дар ҳадди аъло медонист ва манзумаҳои Рӯдакӣ, Мавлоно, Фирдавсӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Иқболи Лоҳурӣ ва дигаронро азбар кардааст. Шеърҳои форсиро дар маҳфилҳои қироати шеър барои ҳамсабақони худ ба форсӣ қироат намуда, мазмуни назми форсиро барои муштоқони назми форсӣ ба забони фаронсавӣ маънидод мекард.

Фурӯғи наврас, пас аз бозгашти ногаҳонӣ ба зодгоҳ, муддате дар радио ва рӯзномаҳои даврӣ ба унвони тарҷумон фаъолият кард. Аз ин тариқ муҳаббати Фурӯғ нисбат ба рӯзноманигорӣ шакл гирифт. Фурӯғ дар озмунҳои сафоратҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ барои рӯзноманигорон иштирок намуда, барандаи ҷоизаҳои гуногун шудааст.

Вале Фурӯғ – рассоми модарзод, наққошиҳои ҳунарии беназири худро аз чашми дигарон пинҳон медорад. Барои дарки изтиробу нигарониҳои худ қалам ба даст мегирад ва ба рассомӣ ба унвони наҳве муоширати маҳрамона бо мани дарунии худ менигарад. Дар хонае, ки Фурӯғ ва бону Заррагул зиндагӣ мекунанд, утоқи алоҳида барои наққошиҳои Фурӯғ ҳаст ва танҳо нафаре, ки ба ҳарими эҳсосоти Фурӯғ дастрасӣ дорад, бибии Фурӯғ – бону Заррагул аст.

Дар ҳар гӯшаи хилватгоҳи Фурӯғ наққошиҳои бешумор аз ҳолатҳо ва авзои руҳии Ҷаҳонпаҳлавон ҳаст. Дар як тасвир Ҷаҳон андӯҳгин ва дар тасвири дигар шод ҷилва намудааст. Гоҳ чеҳраи ӯ хиҷолатзада, гоҳ ҷиддӣ ва гоҳ асабӣ менамояд. Фурӯғ муҳаббати аз косаи дил лабрезшударо дар ин тасвирҳо холӣ кардааст.

Боре бону Заррагул аз Фурӯғ пурсид:

– Магар рассомӣ туро захминтар намекунад, бачам? Чаро ба худаш намегӯйӣ?

– Намехоҳам, ки сарнавишти Ҷаҳонпаҳлавон мисли сарнавишти қаламе, ки дар даст дорам, бошад. Ҳар вақт эҳсосотӣ шуда, иродаи ибрози эҳсос мекунам, қалам фидо мешавад. Метарсам, агар муҳаббати худро ба Ҷаҳон бор кунам, мисли қалам адо шавад, – бо шӯхӣ посух дод Фурӯғ.

Фурӯғ ҷумлаи охиринро бо шакарханд ба итмом расонд. Хандаҳои ширину руҳияи мубориз и Фурӯғ чунон гироянд, ки мехоҳӣ ба сурури ӯ бовар кунӣ. Партави гарми табассум дар чеҳраи нигарони бону Заррагул ҳам дамид.

Фурӯғ дар даврони донишҷӯйӣ дар факултаи журналистии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон нотиқи расмии радио, мутарҷим дар Сафорати Амрико буд ва дар канори дарсу кор дар маҷаллаҳо мақолаҳои танқидӣ нашр мекард. Билохира, пас аз хатми донишгоҳ ба фаъолияти омӯзгорӣ дар донишгоҳ низ пардохт.

Имрӯз Ҷаҳонпаҳлавон, мисли ҳар бори дигар, намехоҳад Фурӯғро бо авзои беҷойи худ нороҳат ва парешон кунад. Фурӯғ дар чунин мавридҳо ба Ҷаҳон чизе намегӯяд, вале рӯзи дароз парешон мегардад, хуб кор намекунад ва бо худ ғур-ғур карда, ба дили ҳама ва ба дили худ мезанад. Ғур-ғури Фурӯғ аз сари меҳр аст. Ӯ худро дар баробари симои боронии пушти хандаҳои рангинкамонгуна ҷаззоб мондаи Ҷаҳонпаҳлавон ночор дида, дилтанг мешавад.

Фурӯғ хушомад гуфта наметавонад. Агар кори Фурӯғ ба касе афтад, илтимоси Фурӯғ ба худ оҳанги амрӣ гирифта, ба масхарабозӣ монанд мешавад. Ҳамаи ҳамкорон Фурӯғро дар ин ҳолат дида, шикамсерӣ ба талоши беҳудаи ӯ механданд. Фурӯғ як абрӯ боло намуда, гӯшаи лаброкаҷ карда, нигоҳи виқоромези худро дар баробари ҷамоати чоқдимоғ сипар намуда, аз доираи назарҳо ба шаст хориҷ мешавад. Даруни дил ӯ низ механдад, вале Фурӯғ ниқоби

беэътиноиро ба хотири аз даст нарафтани сиёсат аз чеҳра бадар намесозад.

Фурӯғ руҳияи сарбаланд ва виқори кӯҳистонӣ дорад. Ҷаҳон гоҳ бо ишора ба носозгориҳои Фурӯғ шӯхиомез ба ӯ «Фурӯғ-ал-Бадахшӣ» мегӯяд, чунки Фурӯғ духтари кӯҳистони Бадахшон аст. Бадахшони сарватманд ва сарбафалаккашида. Мардуми минтақаҳои кӯҳистон руҳияи носозгор доранд. Шаҳомати устувору тағйирнопазири кӯҳҳо ба кӯҳистониҳо сироят кардааст. Кӯҳистонӣ бо мушкилот созиш намекунад. Кӯҳистонӣ бо шикаст созиш намекунад. Кӯҳистонӣ бо ақибнишинӣ созиш намекунад.

Нафаре, ки кӯҳистонро ба хотири дастрасӣ ба тамоси бевосита бо осмон зери по кардааст, сар хам намекунад. Саркашии кӯҳистонӣ аз сари хусумат ё душманӣ нест. Саркашии ӯ тақозои шароити сахтест, ки дар домани он ба авҷ расидааст. Инсон агар дар оғӯши кӯҳҳои сарбафалаккашида саркаш набошад, дар тангно мемонад. Созиш накардан бо мушкилот, таслими зӯровариҳои табиат нашудан, нафси худро водор ба заҳмат кардан боиси тавлиди одамони озода дар домани кӯҳистонҳо мешавад.

Дар рафоқат касе пойдортар аз кӯҳистониҳо нест. Фатҳи қалби кӯҳистониҳо монанди фатҳи кӯҳ мушкил аст, вале агар дили кӯҳистониро фатҳ кунӣ, ба манзараҳои беназир даст меёбӣ. Фарзандони кӯҳ рафиқони худро то марзи марг ҳамроҳӣ мекунанд.

Бадахшон қалъаи табиат аст, ки пойи табиатсӯзи одамони табиатноогоҳ қудрати фатҳи қуллаҳои онро надоштааст. Бадахшонро кашф мекунанд, вале ҳанӯз ҳам бо эҳтиёт ва дар ҳошияҳо. Касе ба қаъру дили Бадахшон, ба ҷуз мардуми кӯҳистон ва ҳайвоноти ваҳшӣ, роҳ наёфтааст.

Кӯҳ таслими ҳар кас намешавад. Руҳияи сахту бераҳм дорад. Бадахшон зоҳиран сахту сард аст. Душворгузар. Ба назар мерасад, ки Бадахшон барои гуфтушунид омода нест. Кӯҳистон доманаи паҳновари бениёз аст. Шахсияти

Бадахшон шахсияти инсонҳои ҳаким ва камҳарфро мемонад, ки дар зоҳир содаву дар ботин ганҷина ниҳон доранд. Яке аз ганҷҳои кӯҳистони Бадахшон лаъли Бадахшон ва ганҷи дигари Бадахшон шахсияти кӯҳистонист, ки ҳар бор дар фурӯғбаринҳо бозтавлид мешавад. Фурӯғ лаъле аз лаълҳои Бадахшон аст.

Дар ғайбати Ҷаҳонпаҳлавон Фурӯғ дар идора ба танҳоӣ кори як қушун дафтардорро анҷом медиҳад. Духтар дар ҷасорату шаҳомат руҳи бибиамон Гурдофаридро ба шармидан во доштааст. Якранг аст. Ба ҳамаи инсонҳо бо шавқи ибратомӯзӣ менигарад ва нисбат ба нодонии инсонҳо таҳаммулгарост. Фурӯғ бо ҳама яксон самимӣ ва кушодарӯст. Камбудии инсонҳоро мебинад, вале намак бар рӯйи иззати захмкушодаи касе намепошад.

Шояд якрангиву якрӯйии Фурӯғ аст, ки кормандони баландрутбаи давлатиро, сарфи назар аз камэътибор будани кори хабарнигорӣ, во доштааст, ба шахсияти ӯ ва кори ӯ эҳтиром қоил шаванд. Агар ба касе мувофиқаи мусоҳиба надиҳанд, мутмаин бошед, ба Фурӯғ иродаи "не!" гуфтан намекунанд. Боре мансабдоре дар ҷавоб ба суоли Фурӯғ, ки чаро розӣ ба мусоҳиба бо Фурӯғ шудааст, чунин посух дод:

– Дидор бо шумо одамро болидарух мекунад, бону. На. Ба хотири назокати занона ва ҳусни нотакрори шумо нест. Руҳияи неруманди шумо руҳияи хаставу шикастаро ҳаяҷонӣ ва ба ҳаракат во медорад. Дигарон дар вуҷуди мақомдорон бадиҳоро меҷӯянд. Нафаре, ки дар пайи кашфи бадиҳост, ба бад гирифтор мешавад. Нафаре, ки баръакс, ҳатто зери харобаҳо ба дунболи нишон аз зиндагӣ мегардад, мутмаин бошед, дар бадтарин шароит низ навмед нахоҳад шуд. Одамон ба боварҳои худ мерасанд, бону Фарҳодӣ. Шумо мисли дигар хабарнигорон ба дунболи паст задани талошҳои мо нестед. Матлаберо ба хотири ором кардани укдаҳои шахсӣ наменависед. Бовар кунед, ман аз ҳар мақола, ҳатто мақолаҳои танқидии шумо ҳатман чизе ёд гирифтаам.

Шуморо, ки мебинам, болидарух мешавам. Мутаассифона, ҳаргиз напазируфтед, ки ҳамсангари мо бошед, вале мо дар симои шумо хатарро намебинем, чунки ба садоқат ва покизагии шахсияти шумо бовар дорем. Ҳар инсон метавонад, ҳазор чеҳра дошта бошад, вале чеҳраи Фурӯғи Фарҳодӣ як ва такрорнопазир аст. Чунки шумо беназиред, беҳтарин чеҳраи худро ба шумо нишон медиҳам.

Фурӯғ ошно ва хотирхоҳ бешумор дорад. Мӯйҳои модарзод рангияш гоҳ зард менамоянд, гоҳ сурх ва гоҳ қаҳваӣ. Чашмони ӯ сабз ва ранги рӯяш мисли барфи сафед равшан ва тоза аст. Дар қисмати фук нимҳалқае монанди сарпӯш, мисли моҳи нопурраи баргашта фуки Фурӯғро ба сурати бисёр латиф барҷаста менамоёнад ва хатти роста дар миёнаи ин барҷастагӣ малоҳати Фурӯғро хоси худаш мегардонад. Ҷаҳонпаҳлавон гоҳ бо нияти азият кардани Фурӯғи камолгарои зебоипараст, хам шуда, оҳиста дар гӯши ӯ "фукча" гуфта, Фурӯғро озор медиҳад. Касе ба ҷуз Ҷаҳон иҷозаи ба забон овардани ин тахаллусро надорад. Кӣ ҷуръат мекунад бо Фурӯғ сар ба сар шавад? Албатта, чӣ касе ба ҷуз Ҷаҳон? Ҷаҳон медонад, ки унвони «фукча» бо ҳисси зебоишиносии Фурӯғ созгор нест, вале дидани вокуниши эътирозолуди Фурӯғи ғазабӣ ба қавли Ҷаҳон «арзиши хатарро дорад». Хатарро ба ҷон харида, оҳиста хам шуда, дар гӯши Фурӯғ "ассалом, фукча" мегӯяд. Ҳоло Фурӯғ низ аз Ҷаҳон ёд гирифтааст. Оҳиста баргашта, бо нигоҳи пурханда, овозро паст карда, дар гӯши Ҷаҳон "дуруд бар ту бод, хугча" мегӯяд. Аз он ҷо ки ҳамдигарозории Фурӯғу Ҷаҳонпаҳлавон беолоиш, рафиқона ва шӯхиомез аст, ҳар моҷаро миёни ҳарду бо хандаи дастаҷамъӣ ҷамъбаст мегардад.

То бархӯрд бо Ҷаҳонпаҳлавон лаъли Бадахшон дар майдони хабарнигорӣ яккатозӣ мекард. Ҳама хостори ҳамкорӣ бо Фурӯғанд, вале Фурӯғ узви ҳеч кадом аз гурӯҳҳои хабарнигорӣ нашуд.

Ҷаҳонпаҳлавон Фурӯғро моҳҳо шикор карда, билохира, дар як ҷамъомад ба тӯр андохт. Пешхидматҳо дар маҳфили хабарнигорон дар танаффуси 1-соата дар толор миёни ҳозирин гашту гузор намуда, ба ҳозирин чой, қаҳва ва ширинӣ пешниҳод мекарданд. Чунин фазоҳо барои суҳбатҳои сарипо ва ошноиҳои мухтасар мусоиданд.

Ҷаҳонпаҳлавон бидуни салому алейк бо тиккаи ширинӣ ва чойи гарм дар даст ба Фурӯғ, ки то он дам бо Ҷаҳон бархӯрд накарда буд, аз пушт наздик шуда, гуфт:

– Чаро хабарнигор шудӣ?

Ногаҳон садо баланд кардани Ҷаҳон Фурӯғро тарсонд. Аз ҷо як қад парида, ба Ҷаҳон бо ҷиддияту асабонияти безарар баргашта нигоҳ кард. Фурӯғ аз хабарнигорони дигар шунидааст, ки муассиси «Шабехун» ба чорчӯбаҳои расмӣ аҳаммият намедиҳад, вале то ин дараҷа густох будани Ҷаҳонпаҳлавонро намедонист. Маълум буд, ки Ҷаҳонпаҳлавон бо бархӯрди ғайрирасмӣ ба завқи Фурӯғ бархӯрдааст. Баробари рӯ ба тарафи Ҷаҳонпаҳлавон кардан, бо бадҷаҳлӣ гуфт:

– Ба ту марбут нест!

Ҷаҳон дар ҷавоб қоҳ-қоҳ хандид. Қоҳ-қоҳи паҳлавонии Ҷаҳон дар дили ҳозирин ваҳму изтироб андохт ва назарҳо ба ҷониби Фурӯғу Ҷаҳонпаҳлавон нигарон шуданд.

Ҷаҳон, гӯё чизе нашуда бошад, ба ҳозирин эътино накарда, дар айни хунсардиву ҳисобкории ба худ хос дуруст ба чашмони эътирозолуди Фурӯғ хира шуда, идома дод:

– Медонӣ, чаро ман хабарнигор шудам?

Оромиш дар чеҳра ва садои муътадили Ҷаҳонпаҳлавон боис гардид, ки ҳозирин дубора ба суҳбатҳои худ баргарданд.

Фурӯғ ба нишони эътироз алайҳи дахолати беиҷозаи Ҷаҳон ба ҳарими шахсии ӯ хунсардиро ҳифз карданӣ шуда, нафаси сангин ба берун дода, гуфт:

– Барои ин ки дар маркази таваҷҷуҳ будан мехоҳӣ ва серҷоғӣ!

– Не! – бо нигоҳи бозигӯшона, гӯё рози муҳимро ба Фурӯғ ифшо карданӣ бошад, гуфт Ҷаҳон.

Фурӯғ дар зоҳир ба Ҷаҳонпаҳлавон бо беҳавса-лагии тамом нигоҳ мекард, вале Ҷаҳон шарораи кунҷковиро таҳи нигоҳи босиёсати Фурӯғ дида, худбоварона ба суҳбат идома дод:

– Ман аз зиндон баромада, хабарнигор шудам.

Ҳоло Фурӯғ парда аз рӯйи кунҷковии рӯйпӯшшуда бардошта, бодиққат мунтазири идомаи шарҳи ҳоли Ҷаҳон истод. Айни ҳамон диққате, ки Ҷаҳон қабл аз наздик шудан ба Фурӯғ дар Фурӯғ нисбат ба худ эҷод кардан мехост.

Аз он ҷо ки зиндони мавриди назари Ҷаҳон-паҳлавон зиндони хиёлист, барои парешон накардани таваҷҷуҳи Фурӯғ ҳарфро ба дигар тараф бурда, гуфт:

– Медонед, падарам дар факултаи астрофизика таҳсил карда, донишгоҳро бо баҳои аъло хатм кардаанд. Ман низ аз баракати ҳузури эшон илми нуҷумро аз тариқи худомӯзӣ фаро гирифтам. Метавонистам ба донишгоҳ дохил шуда, физик, кайҳоннавард, халабон, муҳандис шавам ё агар билохира ҳеч намешудам, раисҷумҳур шавам.

Ҷаҳон ҳарфи худро ба итмом нарасонда буд, ки Фурӯғ қоҳ-қоҳ зад. Қоҳ-қоҳе, ки ба сурати ғайритабиӣ ҷарангосист ва барои пархош кардани руҳияи мухотаб ба унвони силоҳ ба кор меравад.

Ҳозирин дубора сукут карда, ба Фурӯғ ва Ҷаҳон мутаваҷҷеҳ шуданд.

Фурӯғ низ хунсардиро ҳифз намуда, ба ҳозирин аҳаммият надода, гуфт:

– Садқаи ҳикматҳои Парвардигор ва раҳмати Ӯ шавам. Хуб шуд, раисҷумҳур нашудед, вагарна аз пушти садои гӯшхарош кишварро вабои гӯшдард мегирифт.

– Ба ман фурсат диҳед, Фурӯғ, – Фурӯғро бо ҷиддияту нигоҳи илтимосомез водор ба диққати дубора намуда, гуфт Ҷаҳон.

Сурати Фурӯғ шаҳодат медод, ки ӯро ба муошират бо Ҷаҳонпаҳлавон водор кардаанд. Нигоҳи бетафовут ва беқарори худро ба Ҷаҳон, ки дар назари Фурӯғ ҷавони бетарбия ва густох менамуд, равона карда, худро бо мақсади гӯш додан ба идомаи суханони Ҷаҳон водор ба сукут намуд.

– Бону Фарҳодӣ, ман озодии худро бо мақому мартаба иваз намекунам. Агар раисҷумҳур дар чорчӯбаи ақлу фаҳмиши мардум амал накунад, ҳатто агар беҳтарин тасмимҳоро барои мардум месозад, дер ё зуд барканор хоҳад шуд. Мардум фикр мекунанд, ки сарварони кишварҳо ҳар чӣ хоҳанд, анҷом медиҳанд, вале зимомдорӣ низ шарту чорчӯбаҳои худро дорад. Бонкдорон, сарфи назар аз қудрати бешумор, ки дар ихтиёр гирифтаанд, дар тасмимгириҳо комилан озод нестанд. Тасмимҳое, ки бонкдорон мегиранд, аз андозбандии давлат, манфиати сармоягузорон ва фарҳангу маърифати истеъмолгарон вобастаанд. Сабки кори меъмор бояд то ҷойе ба салиқаи замона интибоқ дода шавад, то ҷамъияти васеи одамон кори ӯро эътироф ва қадрдонӣ кунанд. Қозӣ, ҳатто агар садои виҷдон дигар аст, ҳаққи по аз чорчӯбаи қонун берун гузоштанро надорад. Қозӣ низ, ки чӯби адолат дар даст дорад, аз қазовати мардум масун нест. Бадии мақом, эътибор ва шуҳрат дар ин аст, ки одамро дар чорчӯба қарор медиҳад. Чорчӯбаҳои сахт боиси ақибмондагӣ, вале дар айни ҳол боиси ҷилавгирӣ аз пешравии истисмор мешаванд. Ҳатто дарё ба чорчӯба зарурат дорад, вале ман ҳар гоҳ худро дар чорчӯба қарор доданӣ шудам, худро аз даст додам.

Ҷаҳон ҳоло қиёфаи ҷиддиро бо табассуми маккорона зинат дода, идома дод:

– Аввалин чизе, ки дар кори хабарнигорӣ писанди ман аст, Фурӯғбону, реҷаи кории озод аст. Барои кор кардан ба

мизу курсӣ ва идора банд нестам. Чорчӯбаи кори маро каси дигар таъйин намекунад. Ҳар рӯз ба мавзуи алоҳида мепардозам. Хабарнигор ҳаққи берун баромадан аз чорчӯбаҳо ва сарак кашидан ба дигар соҳаҳоро дорад.

Фурӯғ, ки то ҳол ба суҳбати Ҷаҳонпаҳлавон бодиққат гӯш медод, ҷумлаи охиринро шунидан замон ҳозирҷавобӣ карда, бо писханд ва кинояи гуфт:

– Касби сараккашиву бинихалонӣ ба шумо зебанда.

Ин ҷумларо гуфтан замон дар нигоҳу чеҳраи Фурӯғ осори ризоятмандӣ дамид. Фурӯғ аз ин ки ба Ҷаҳон-паҳлавон тири нишонрас холӣ кардааст, меболад. Бо ин ҳол Фурӯғ барои аз чорчӯбаи ахлоқ берун нарафтан, талоши ноқобил ҷиҳати пинҳон намудани шодкомӣ менамуд, вале селоби ҳаяҷони лаҷомгусехта дар чашмони Фурӯғ гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ айни ҳол бешармона шод аст.

– Фурӯғ, ман аз сари бечорагӣ хабарнигор нашудаам. Медонед, ки мутаассифона, хабарнигорӣ дар кишвари мо аз ҷумлаи камдаромадтарин ва камэътибортарин касбҳост. Албатта, ба шарте ки худро ба манфиати ин ё он гурӯҳ овезон накунӣ. Ман, бо вуҷуди интихоби фаровон доштан, хабарнигориро интихоб кардам. Хабарнигорӣ роҳи ман аст, рисолати ман аст.

Исрор ва эътирози Ҷаҳонпаҳлавон содиқона буд. Ҷаҳон аз таҳи дил ба дунболи ҳамово мегардад ва ин ҳамоворо дар чеҳраи Фурӯғ дидааст. Аз тағйири ҳолати чеҳра ва нармтар шудани теғи нигоҳи Фурӯғ маълум буд, ки назари худро нисбат ба Ҷаҳон бозбинӣ карда истодааст.

Ҷаҳон фурсатро ғанимат шумурда, идома дод:

– Бону Фарҳодӣ, шумо пурфурӯғу бедурӯғ ҳастед. Мо ба тулуи офтоби инсонияти шумо дар «Шабехун» эҳтиёҷ дорем. Маошатон 6500 сомонӣ. Даромадҳои ҷонибӣ шуд, байни ҳам тақсим мекунем. Дар коргоҳи мо раис нест. Дастоварду шикастро бо ҳам қисмат мекунем. Соати корӣ 7

то 10-и шаб, вале ҳузури физикӣ дар идора ҳатмӣ нест. Мошини ман дар ихтиёри кормандон аст. 20 дарсади даромад аз таблиғот ва лоиҳаҳои супоришӣ байни кормандон ба унвони ташвиқпулӣ тақсим ва ба рӯйи маошҳо зам мешавад. 15 дарсади даромади холиси моҳонаро ба иқдомҳои хайриявӣ сафарбар мекунем. Дар як моҳ як бор ҳама бо ҳам ба ятимхонаҳо, хонаи маъюбон, хонаи пиронсолон дар ноҳияҳои дурдаст рафта, бо худ кумакпулӣ ва савғотӣ мебарем. «Шабехун» иборат аз 6 нафар аст: Солор, Ҳуринисо, Некрӯз, Соро, ман ва шумо. Шуморо барои такмил шудани тими мунтахаб кам дорем, бону Фурӯғ. Шаш моҳ аст шуморо зери назар дорам ва мунтазири фурсати муносибам…

Фурӯғ одамони густох ва ба ҷойи дигарон тасмимгирро дӯст намедорад. Ҷаҳонпаҳлавон чунон суҳбат мекард, ки гӯйӣ Фурӯғ дар интихоб озод набошад ва хоҳ-нохоҳ вориди «Шабехун» хоҳад шуд. Бо ин ҳол, аз чӣ бошад, густохиву худбоварии сарбаҳавои Ҷаҳонпаҳлавон ба дили Фурӯғ назад. Руҳияи латиф ва гирои Ҷаҳонпаҳлавон, сарфи назар аз сару вазъи номураттаби ӯ, қалби покизаи Фурӯғро тасхир кардааст. Бинобар ин, Фурӯғ ба густохии Ҷаҳонпаҳлавон аҳаммият надода, пурсид:

– Ман нафаҳмидам, туро барои чӣ зиндон карда буданд? – ба аввали суҳбат ишора карда, пурсид Фурӯғ. – Исто исто, ҳадс мезанам. Ҳмм... Барои дуздӣ? Не, не. Сабр. Ту ба дуздони боҷуръат камтарин шабоҳатро ҳам надорӣ. Ҳмм... Барои маводи мухаддир. Ба зоҳират нигоҳ карда, беихтиёр бовар ҳосил мекунам, ки ту бача ҳаминкорай.

Дар ин асно ба сари Фурӯғ чӣ фикре зад, ки ӯ қабл аз ин ки фикри худро ба Ҷаҳон гӯяд, қоҳ-қоҳ хандид. Ҷаҳон нигоҳи худро аз Фурӯғ наканда, тағйироти руҳии ӯро бо шавқ ва табассум мушоҳида намуда, ба гумонҳои Фурӯғ бодиққат гӯш медод. Қалби Ҷаҳонпаҳлавон гувоҳӣ медиҳад, ки моҳии

тиллоӣ аллакай ба шаст афтодааст. Фурӯғ ғарқи гумонҳои масхараомези худ идома дод:

– Ту шикорчии занони пулдор ҳастӣ. Худро аз хонадони хуб вонамуд мекунӣ, вале карру фаррат аз ҳисоби занони пулдор аст. Ҳмм… Ишораи тасдиқро дар чеҳраву нигоҳи ту намебинам. Боке нест. Идома медиҳам. Оҳо, фаҳмидам. Бо кадом духтари тағодор сар ба сар шудӣ, тағои ӯ туро адаб карда, тамоми роҳҳоро ба рӯйи ту баст? Густохӣ карда, равонаи зиндон шудӣ.

Ҷаҳон гумонҳои Фурӯғро, ки машғули ривоятсозӣ дар хандаҳои нобаҳангоми худ зеботарин ҷилваҳоро ба Ҷаҳон намоиш медод, бо шавқ гӯш мекард. Аз оромиш ва табассуми гарм дар чеҳраи Ҷаҳонпаҳлавон маълум аст, ки беҳудагӯйиҳои Фурӯғ ӯро хаста намесозанд.

Фурӯғ интиқоли гармои нигоҳи пурмеҳри Ҷаҳонро ба вуҷуди худ эҳсос намуда, ҷиддиятро ба қиёфаи худро баргардонда, гуфт:

– Ба хиёлам, маро бозӣ дода истодаӣ, писар?

– Бозӣ? Ҳаргиз, Фурӯғҷон. Ин як дурӯғи маслиҳатӣ барои оғоз кардани суҳбат буд, – бо шодӣ ва ризоятмандӣ, ки дурӯғи ӯ ба осонӣ фош шудааст ва ӯ, инак, бори сангини дурӯғро аз дӯш поин фароварда метавонад, посух дод Ҷаҳон.

Фурӯғ теғи нигоҳро ба чашмони Ҷаҳонпаҳлавон равона карда, дар баробари талоши Ҷаҳон барои фаҳмидани маънии нигоҳҳои Фурӯғ сипари эҳсосӣ гирифт:

– Ман ба дурӯғи маслиҳатӣ бовар дорам, ҷаноби Сардорхонзода, вале дурӯғ агар барои ҳифзи манфиатҳои шахсӣ гуфта шавад, дигар маслиҳатӣ не, балки манфиатист. Бо шумо ва шумо баринҳо кор карда наметавонам. Маъзурам доред. Бароям таҳаммули инсоне, ки барои ҳифзи манфиат сафедро сиёҳ ва сиёҳро сафед мехонад, душвор аст. Умед аст маро дарк мекунед.

Пас аз гуфтани ин ҳарфҳо, Фурӯғ, ки ба худ руҳияи комилан хунсард гирифта буд, азми тарки суҳбат бо Ҷаҳонро

кард. Ҷаҳон, беихтиёр барои худ, ки пас аз баргашти ногаҳонии Фурӯғ дар пушти ӯ қарор гирифта буд, нидо зад:

– Ман дар интихоби шумо хато накардам, бону Фарҳодӣ. Шумо воқеан Фурӯғи бедурӯғед. Ба ман ду дақиқа фурсат диҳед. Агар тасмими шумо иваз нашуд, дигарбор хотиратонро намеозорам.

– Бифармоед, – рӯяшро дубора ба тарафи Ҷаҳон карда, бо қотеият посухи кӯтоҳ дода, таваққуф кард Фурӯғ.

– Фурӯғи азиз! Шӯхиҳои пуч ва зоҳири оворагардона ниқоби ман аст. Аз ҷамъомадҳои хабарнигорӣ дилсардам, вале гӯшагирӣ низ чораи кор нест. Вақте ман ба донишкадаи ҳуқуқ барои таҳсил дохил шудам, тасаввури дигар аз ҷомеа ва адолат доштам. Хаёл мекардам, ки ҳомии ҳуқуқи мардум ва посдори адолат хоҳам шуд, вале, мутаассифона, зиндагии воқеӣ печидатар аз интизороти хаёлии мост. Гуфтам, хайр, ҳеч гап не. Дониши ҳуқуқиеро, ки дар донишгоҳ гирифтам, ҳайф намекунам. Дар кори хабарнигорӣ низ ба кор меояд. Хабарнигорон иродаи амали бештар ва озодии бештар доранд. Хостам аз бозиҳои сиёсӣ дур бошам, вале ба ҳар куҷо, аз филармонияи давлатӣ гирифта, то радио, телевизион, иттифоқи нависандагон, театр сар назанӣ, ҳама ҷоро сиёсат фаро гирифтааст, дар ҳама ҳалқаҳо ҷанги пӯшида барои дастёбӣ ба қудрату манфиат дар ҷараён аст. Ба хабарнигорон бинигар, Фурӯғ. Дар миёни хабарнигорон ҳалқаву ҳизб бешумор аст. Хабарнигорон дигар ба покизагии кори хабарнигорӣ намеандешанд. Худро бо мақсади афзоиши манфиат ба ин қудрату он қудрат овезон мекунанд. Ҳамеша фикр мекардам, ки хабарнигорон мудофеони ҳақ ҳастанд ва барои рӯйи об баромадани ҳақиқат ҷонбаркафанд. Вале ба инҳо назар андоз. Як гурӯҳ худро диндор гирифта, нидои озодагӣ сар медиҳад, вале дар асл занозор ва дар орзуи табаддулоти динӣ ва баста шудани фазои умумӣ барои вуруди занҳо ба арсаи ҷомеа ҳаст. Гурӯҳи дигар ба хотири равнақ ёфтани кору косибии худ дар партави ҷалби

сармоягузориҳои хориҷӣ ба баррасии мавзуъҳои барои ҷомеа беаҳаммият мепардозад ва аз мавзуъҳои мубрам сарфи назар мекунад. Аз тариқи дасткории паёмҳо зеҳни мардумро ба ин ё он ҷиҳати барои сармоягузорони пойгоҳҳои хабарӣ муфид ҳидоят карданӣ мешаванд. Гурӯҳи навгаро бо ҳар чӣ куҳна аст, агарчи куҳна ақлонӣ бошад ҳам, меҷангад ва гурӯҳи суннатгаро худро дар баробари тохтутози ҷараёнҳои мудерн ночор дида, ситамро дар роҳи ҳифзи ҷаҳонбинии суннатӣ восита қарор медиҳад. Касеро қазоват намекунам, Фурӯғ. Пайдо кардани рӯзӣ мушкил ва интизороти мардум аз зиндагӣ дигаргун шудааст. Дар мағзи зиёиён низ андешаи ғорат ҷойи ватандориро танг намуд. Ҳеч кас дар як рӯз ба маърифати ватандорӣ намерасад, вале равшанфикрони имрӯза теша ба решаҳо мезананд. Таккаҳрамонҳо фардо осори ҷиноятеро, ки имрӯз хабарнигорон содир мекунанд, аз байн нахоҳанд бурд. Дунё ба таккаҳрамон эҳтиёҷ надорад. Дунё ба ҷамоати худогоҳ эҳтиёҷманд аст. Бо як гул баҳор намешавад. Равшанфикрони ҷомеа бояд роҳҳои созандаро ба мардум равшан бисозанд. Ман дар миёни хабарнигорон, гарчанде ки шумо дар хориҷи кишвар ба дунё омада, дар он ҷо 12 соли умри худро гузарондед, худогоҳиро дар вуҷуди шумо мебинам, Фурӯғ. Парокандагӣ чораи кор нест. Биёед, мушт шавем.

Фурӯғ лабханди сохтакорона зад ва ба чашмони Ҷаҳон нигоҳ карда, бо киноя гуфт:

– Аз кӯдакӣ орзу мекардам, ки калон шуда, зердасти ягон зиндонӣ шавам. Ё ҳадди ақал ягон дурӯғгӯ! Ин зиндагӣ не, як руъёи тамом аст.

Ҳарду ба расми мувофиқа ва ҳампаймонӣ лабханд заданд.

## Қисми 9

## ВАРЗОБ

Пешхидмат қаҳва овард. Ҷаҳонпаҳлавон ҳуҷҷат-ҳоро аз рӯйи миз ҷамъ карда, дар гӯшаи миз рӯйи ҳам гузошт. Қаҳваи доғро Ҷаҳон дарҳол дам кашида, қаҳваи дуввумро супориш дод.

Ширу шакари қаҳва талхиҳои коми Ҷаҳонро ширин намекунанд. Баръакс, қаҳва аҳволи Ҷаҳонпаҳлавонро номуътадилтар сохт, вале аз он ҷо ки ӯ ҳузури зеҳн надорад, ба таъсири қаҳва таваҷҷуҳ накарда, қаҳва супориш дода, муҳтавои финҷонҳоро яке паси дигар дар як қурт фурӯ медод.

Ҷаҳонпаҳлавон вақте бори аввал Замираро дар пушти сохтмонҳои марказии Донишгоҳи миллӣ, дар наздикии саҳни хобгоҳи донишҷӯён дид, духтари ҷавонро пас аз худоҳофизии рамзии ӯ бо гурбаи маллаву азимҷуссаи кӯчагӣ дунбол кард. Он рӯз Замира Ҷаҳонро, ки ошиқи пиёдаравӣ аст, маҷбур ба эътирофи хастагӣ намуд. Хонаи падару модари Замира дар ҳошияи шаҳр, дар сари ҷодае, ки ба Варзоб мебарад, қарор гирифтааст. Ҷаҳон аз мушоҳидаи пиёдаравии Замира дар масири тулонӣ ҳайрон монд ва бо худ суол мекард, ки чаро духтар ба нақлиёти мусофирбар наменишинад?

Ду-се соат бад-ин минвол гузашт. Ҷиҳату суръати ҳаракатро, ба хотири ин ки Ҷаҳонпаҳлавон мақсади роҳро намедонист, Замира таъйин мекард.

Ҷаҳони мафтун дигар қобил ба дидани ҷаҳони пиромун нест. Духтар тамоми дунёи сарусомонёфтаи паҳлавонро зеру забар кардааст. Бо вуҷуди андому атвори нозук, Замира сода наменамояд. Нигоҳи ваҳшии ӯ барои дунёи беолоиши Ҷаҳон хатарофарин аст. Дили Ҷаҳон хостори бовари бечунучаро ба ҷамоли ғайримаъмулӣ зебои

Замира омода аст, камтарин шӯриш дар ҷисму ҷони худ алайҳи Замираро бераҳмона саркӯб намояд, вале ақли саркаш зери бори зӯровариҳои қалби якрав нарафта, мавҷҳои хатарро дар вуҷуди Ҷаҳонпаҳлавон мегустаронад.

Ҳаяҷоне, ки дар дили Ҷаҳон аланга гирифтааст, ҳаяҷони тоза нест. Ин дилбохтагӣ воҳимаи аҷибро дар вуҷуди бекинаи Ҷаҳон маскун кардааст. Гӯшаи қалби фурӯзон аз иштиёқ торик аст, вале пойҳои ҷавони шайдо ба садои заифи зангӯлаи хатар гӯш намедиҳанд.

«Ҷазира» пушти сар шуд. Душанбе низ қурбони исрори пойҳои Замира ақибнишинӣ кард. Оҳиста-оҳиста ба ҳошияи шаҳр расиданд. Хурӯши Варзоб Ҷаҳонро ба воқеият бозгардонд.

Дарёи Варзоб натиҷаи омезиши ду дарёи кӯҳистонии Зидеҳ ва Майхура аст. Агар руҳияи Душанбе латиф аст, дарёи Варзоб шахсияти ғаюру нописанд ва гоҳ худхоҳ дорад. Шӯх, зулол, саркаш. 71 километрро ба тасарруфи илҳоми шӯришгарии худ даровардааст. Ӯст, ки барои соҳилҳо марзу ҳудуд таъйин менамояд.

Варзоб гоҳ-гоҳ мехурӯшад ва ба манзили сокинони соҳили дарёи Варзоб таҷовузгарӣ мекунад. Гӯйӣ ба сокинони кӯҳистонҳои Варзоб ҳушдор медиҳад, ки ҳама дар мулки ӯ иҷоранишинанд. Ӯ ба азамати кӯҳҳои аз ду тараф қоматафрохта эътино накарда, дар ин водиҳо даъвои ҳукумат мекунад.

Сарфи назар аз руҳияи пархошгар, дарёи Варзоб мисли оҳанрабо ҷозиба дорад. Нописанд аст. Нописанде, ки нописандӣ ӯро дар дили ҳаводорон маҳбубтар мегардонад. Дар дунёи ҷамолпарвар бахшидани ҷабри дилбарони соҳибҷамол, аз он ҷо ки одамон ба шиддат зоҳирпарастанд, ягона суннати тағйирнаёбанда аст.

Шахсияти дарёи Варзоб гоҳ шахсияти духтарони покдомани носозгорро ба ёд меоварад: дили соф дорад, вале

ба касе иродаи пешравӣ намедиҳад, чунки аз суннати итоаткорӣ безор аст. Варзоб саропо тазод асту сеҳр.

Дарёи саркаш дар дили кӯҳистони Варзоб ғуррида, салобати кӯҳҳои осмонбӯси Варзобро, ки иддаои саркардагӣ дар мулки Варзобро доранд, зери суол бурдааст. Ҷорист ва барои ҷорӣ будан дар ин мавзеъ на аз касе иҷоза мепурсад ва на ба касе боҷ мепардозад. Суханвар аст ва дар ҳар пойкӯбии мавҷҳои бебоки худ, ки мисоли аспҳои даванд ба пеш метозанд, садои худро баланд мекунад ва ғояҳои худро дар фазои кӯҳистон мутантан мегардонад.

Дарёи Варзоб ором надорад. Хурӯшон ҷорист. Мехоҳад ҳамаро аз ҳузури худ огаҳ созад. Шакку шубҳаи мавҷуд бобати ҳукумати мутлақи худ дар ин ноҳияро зери фишори мавҷҳои сангини ҷоҳталабӣ шикаста, ба тундӣ шуста мебарад. Ҳар куҷоро бихоҳад, барои худ забт мекунад, ба ҳар кӯҳ, ки хоҳад, арса медиҳад, ба ҳар кас хоҳад, мебахшад, месабзонад ва аз касе, бихоҳад, мерабояд, мехушконад.

Дарёи Варзоб мусофир аст. Мусофире, ки ҳеч бумӣ ҷуръати сар ба сар шудан бо ӯро надорад. Мусофире, ки иддаои салтанат бар мулки Варзобро дорад. Дарё дили кӯҳро шикофта, ба суръат сарозер мешавад ва роҳи худро аз миёни кӯҳҳо бо итминони шӯришгарона ба ҷониби Кофарниҳон мекушояд. Кӯҳҳои сарбафалак ҳама дар тули дарёи Варзоб саф кашида, ба навову фармони дарё лаббайк мегӯянд.

Ҷаҳонпаҳлавон бо мақсади ба ташвиш наандохтани Замира аз ӯ фосила гирифта, дар ҷодаи муқобил зери сояи дарахтзорҳо қадам мезанад. Гӯшакиҳои калони худро низ аз ҷузвдон бароварда, рӯйи сар қарор дод. Вонамуд мекунад, ки машғули гӯш додан ба мусиқӣ, аз муҳити пиромун фориғ шудааст. Дар асл хандаҳои ҳаяҷонбарангези Замира дар гӯши Ҷаҳон садо медиҳанд ва ӯ ба Замира ва руҳияи роҳ рафтанҳои ӯ таваҷҷуҳ дорад. Ҷаҳонпаҳлавонро эҳсосоти хос

фаро гирифтаанд. Худро мисли қаҳрамони афсонаҳо дар маркази қиссаи дар ҳадди боварнакарданӣ зебо мебинад.

Эҳсоси бегонагӣ нисбат ба Замираро ҳар гом, ки Ҷаҳонпаҳлавон дар ҷиҳати Замира мегузорад, пархош мегардонад. Бо ҳар қадам Замира барои ӯ ошнотар ва азизтар менамояд. Худро бовар кунондааст, ки пайгирии Замира танҳо тасмими дуруст барои ӯст. Ҷаҳони хом ба хотири руҳияи дилкаши дар пеши рӯ равон омодааст уқёнусро бидуни қаиқ убур кунад.

Албатта, ошиқон дӯстдори муболиғаанд, чунки ишқ қавитарин моддаи мухаддир аст. Бинобар ин, агарчи ошиқон ҳарзагӯйӣ бисёр мекунанд, баҳс накардан бо дили ошиқ шарти ақл аст.

Дар ҳар сурат, ошиқони бекина мақбуланд. Дар пайи бадии касе нестанд ва ба ҳама аз самими қалб орзуи хушбахтӣ мекунанд. Ҳакимон шояд ба ҳамин хотир гуфтаанд, ки «дуои кӯдак ва дуои ошиқ мустаҷоб мешавад». Эҳтимолан ба хотири бекинагии вуҷуди ҳардуст: ҳам ошиқу ҳам кӯдак. Ҳарду аз ғаму ғуссаҳои беҳуда раҳо ва бо таваҷҷуҳу тамаркузи зиёд толибу матлуби дили хешанд. Дар пеши рӯйи худ монеа намебинанд ва таноби умедро ҳаргиз аз даст раҳо намекунанд. Яъне, ҳар чӣ дил бекинатар, дуо муассиртар. Бинобар ин, рози қабул нашудани дуо дар кинаи дил аст. Ҳар кас бахшандагӣ омӯхт, бахшиши бештар мебинад. Ба ҳамин содагӣ.

Ҷаҳон ва Замира берун аз дунёи физикӣ, дар дунёи хиёлоти зебои Ҷаҳон қадам мезананд. Шояд мазҳаби барҳақ, ки инсонҳоро дубора ба ҳам созиш хоҳад дод, ишқ аст? Ишқе, ки дар партави ҷилваҳои дурӯғин аз ишқ бадном шудааст.

Пиёдаравии зиёдаравона ҷавонро ба марзҳои иштиёқи ӯ нисбат ба пиёдаравӣ расонд, вале Замира таваққуф намекард. Ҷаҳони ҷавон ҳадшинос аст ва Замираи ҷавон ҳадшикан. Ҷаҳон тавонмандиро дар риояи андозаву меъёр

мебинад ва Замира шикастани марзу ҳаримҳоро тавонмандӣ медонад. Мутазодҳо ҷазби ҳам мешаванд, вале ҳамоҳанг намешаванд.

Оё Ҷаҳонпаҳлавон ва Замира – ду тазод ҳамово хоҳанд шуд? Ин қисса бо шарораи кунҷковӣ дар ҳошияҳои кӯҳистони Варзоб тавлид шуд ва ниҳоят, дар шикастапораҳои шахсияти номукаммали Ҷаҳон фарҷом хоҳад ёфт.

Варзоб Тоҷикистони марказиро бо Тоҷикистони шимолӣ васл мекунад. "Духтар маро пойи пиёда ба Суғди бостонӣ мекашонда бошад?“ – гӯён мавзуи дурустии иштиёқи беш аз ҳадди худ ба пиёдаравиро дар зеҳн бозбинӣ мекардагӣ шуд Ҷаҳон.

Душанбе хостгоҳи илҳоми Ҷаҳон, пойтахти расмии сарзамин аст, вале Суғд пойтахти фарҳангии Тоҷикистон ба шумор меояд. Хушбахтона, Замира беш аз ин дар дили Варзоб пешравӣ накард ва ба масире, ки ба Суғди бостонӣ мебурд, ворид нашуд.

Ниҳоят, ба рустои сарироҳӣ наздик шуданд. Замираи назарболо дар деҳаи назарногир дар домани Варзоб ба авҷ расидааст. Дарвозаҳои хонаҳои лойӣ суст ва деворҳои хонаҳо ба ҳадде пастанд, ки дар сурати хатар, садди роҳи таҷовузгарон намешаванд, вале хонаҳои беруҳи русто тамаи нигоҳи ҳариси дуздро низ қонеъ намесозанд. Гарчанде ҷавони чусту чолок бидуни такя додан ба девори гилӣ аз рӯйи он ҷаҳида, якбора дар саҳни ҳавлиҳо қарор гирифта метавонад, хонаҳои каппамонанди беқавора назари дузди гузароро ҳам намегиранд. Дарвоза дар ин хонаҳо хосияти ороишӣ дорад.

Рустое, ки Замира дар он ба воя расидааст, нуқтаи сиёҳ дар домани Варзоби шукӯҳманд аст. Варзоби кӯҳистонӣ, бо вуҷуди карру фар ва шукӯҳи оламгир, ҳатто насими нарму навозишкори кӯҳистониро аз ин русто дареғ донистааст. Русто дар баданаи ноҳамвору ноҳамгуни кӯҳ, дар

қисмати офтобрӯяи он қарор гирифтааст. Офтоб дар навбати худ ба сари ҳавлиҳои саркушода чунон бо исрор ва бо асабоният меборад, гӯйӣ қасди ба оташ кашидани русторо дорад.

Варзоб мисли нигин медурахшад ва ин русто нигинро мисоли гард олуда кардааст.

## Қисми 10

## ЧОРА ЧИСТ?

Рӯзи аввали корӣ Некрӯз Фурӯғро бо низоми кор дар «Шабехун» – пойгоҳи хабарие, ки Ҷаҳонпаҳлавон таъсис додааст, ошно намуд.

“Шабехун” иборат аз 4 утоқи васеъ аст: утоқи корӣ бо компютерҳо барои 8 нафар, утоқи пазироии меҳмонҳо, ошпазхона ва студияи сабти наворҳо. Дар идора ду ҳоҷатхона ба андозаи вусъати утоқҳои алоҳида бо тамоми имконот барои занон ва мардон дар ду гӯшаи дур аз ҳам ҷойгир шудаанд. Мошини либосшӯйиро, ки одатан дастмолҳои ошпазхонаро дар он мешӯянд, дар ҳоҷатхонаи бонувон қарор додаанд. Айвони барҳаво ба тарафи сохтмони телевизиони «Сафина» боз мешавад. Деворҳо ба рангҳои равшан ва шод ранг шудаанд ва ҷо-ҷо дастнавиштаҳо дар дохили қоб ба унвони ороиши чордевори идора тасвири муҳтавоии «Шабехун»-ро комилтар мекунанд.

Некрӯз ва Фурӯғ вориди ошпазхона шуданд. Ошпазхона бо тамоми ҷиҳози барои пазириши меҳмонон лозим муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Доштани чунин ошпазхонаи фазодор орзуи ҳар ошпази моҳир аст. Дар гӯшаи барҳавои наздик ба айвон мизи мармарии нозуктанаи

пояоҳании байзашакли дарозу паҳнро, ки барои 16 то 20 нафар одам ҷо дорад, қарор додаанд. Дар гӯшаи дигари ошпазхона мизи шишагини почӯбии кӯтоҳпоя, ки дар васати он шишаро шакли ҳалқа бурриш дода, аз зери шиша гулдонро даруни миз ҷосозӣ намудаанд, дар назди нимкати росткунҷаи чармии паҳни поякӯтоҳ ҷой гирифтааст. Рӯбарӯйи яхдони азимҷусса, дар фосилаи чанд метр дар рӯйи мизи доирамонанди хурдакаки дарозпоя, ки дар канори оинаи нилгуни деворӣ қарор гирифтааст, дафтари калони тугмадорро гузоштаанд. Рӯйи дафтар бо хатти чопӣ барчаспи “ЧОРА ЧИСТ 4”-ро задаанд.

Некрӯз Фурӯғро утоқ ба утоқ гардонда, бо шароити маишии мавҷуд дар идора ошно кард. Фурӯғ аз дари ошпазхона ворид шуда, дохили утоқро бо диққат аз назар гузаронд. Чашми Фурӯғ ба дафтари рӯйи миз афтод. Аз канори ҷевонҳои ошпазхона гузашта, ба назди мизи хурдакаки доирашакли чорпоя рафт. Фурӯғ даст ба дафтар бурда, нигоҳро ба Некрӯз баргардонида, аз ӯ пурсид:

– Ин дафтар барои чист?

Некрӯз лабханди мухтасар зада, наздик омада, дафтарро аз рӯйи миз бардошта, тугмаи онро боз карда, муҳтавои дафтарро ба Фурӯғ шарҳ дод:

– Ин дафтар дафтари илҳомоти тасодуфист. Масалан, ман ҳар рӯз ба берун рафта, гузориш ҷамъоварӣ мекунам, бо мардум ва мушкилоти онҳо ошно мешавам. Вақте бармегардам, барои нӯшидани об ё қаҳва ба ошпазхона омада, дар ин ҷо истироҳат мекунам. Ҷаҳон мегӯяд, «агарчи ҷисми инсон ба истироҳат эҳтиёҷ дорад, зеҳни ӯ беист кор мекунад». Ҳангоми истироҳат, агар фикри муҳим ба сар ояд, дар ҳамин дафтар ёддошт мекунам. Аз сабаби машғулиятҳои рӯзмарра рӯзона барои нақл кардани таҷрибаҳои фардӣ ба якдигар вақт намеёбем. Ҳар кадом бо супориши алоҳида даргир аст. Ин дафтар осонтарин ва мусоидтарин роҳи мубодилаи афкор дар идора аст. Агар ҳамкорамро ба серӣ

намебинам, афкори ӯро дар дафтар хонда, аз аҳвол ва фаъолияти рӯзонаи ӯ огоҳ мешавам. Албатта, мо дар ин дафтар фақат афкори пухтаи худро менависем, бинобар ин ҳар ёддоштнавис поёни ёддошт роҳи ҳалли масъалаи матраҳнамуда, рӯз ва соати нигориши ёддоштро қайд мекунад.

Некрӯз кашаки тоқчаи болоии ҷевони ошпазхонаро боз карда, дохили онро ба Фурӯғ нишон дод. Дар кашак 3 дафтари калони дигар, айни дафтаре, ки рӯйи миз буд, рӯйи ҳам чида шудаанд. Некрӯз дари ҷевонро оҳиста, боэҳтиёт пӯшида, рӯ ба тарафи Фурӯғ кард ва идома дод:

– Дафтаре, ки рӯйи миз мебинӣ, шумораи чорум аст. Тайи 2 соли фаъолияти «Шабехун», ҳамаи мо 3 дафтари дигарро бо ёддоштҳои худ пур кардем. Ин дафтар низ дар ҳоли тамом шудан аст.

Фурӯғ дафтарро ба даст гирифта, рӯйи нимкати чармӣ нишаста, ба мутолиа пардохт. Зери ҳар як ёддошт таърихи рӯз, соат ва номи ёддоштнавис сабт шудааст. Ҳусни хатти Ҷаҳон, сарфи назар аз либоспӯшии бепарвоёнаи ӯ бисёр мураттаб ва ҳамоҳанг ба назар мерасад. Ҳусни хатти сода, ҳарфҳои ҳамқаду ба тарафи рост мойил, бе печхӯрдагиҳои изофӣ, пайвастагии ҳарфҳо ҷо-ҷо канда мешавад, вале Ҷаҳон дар маҷмуъ хатти равон, хоно ва ҳамоҳанг дорад.

Ҳусни хатти Ҳуринисо, сарфи назар аз ин ки дар зоҳир бисёр инсони муназзам ва тозакор ба назар меояд, парешон ва ёддоштҳои ӯ пур аз худислоҳӣ ва сиёҳнависист. Ҳарфҳоро беш аз ҳад печу тоб медиҳад. Матнҳои навиштаи Ҳуринисо ба зоҳир номураттаб ва ноҳамоҳанганд. Ҳусни хатти Ҳуринисо мисли авзои зудтағйирёбандаи бонуи ҷавони рашти дар ҷойҳои гуногун якранг нест. Ҳуринисо шахсияти эҳсосотӣ ва тағйирёбанда дорад.

Ёддоштҳои Ҷаҳонпаҳлавон муфассал ва ёддоштҳои Некрӯз мухтасаранд. Ҳусни хатти Некрӯз ба ҳусни хатти Ҷаҳон монандӣ дорад, бо ин фарқият, ки ҳарфҳои Некрӯз

гоҳ–гоҳ ба тарафи чап низ мойил мешаванд. Агар Ҷаҳон ҳамеша мусбатнигар аст, Некрӯз ба хотири эҳсосититар будан, гоҳ дилгир шуда, ба навмедӣ тан медиҳад. Хушбахтона, навмедиҳои Некрӯз мисли борони найсони баҳорӣ шадид, вале муваққатианд. Аз домани ҳар навмедӣ Некрӯз бо ғояи ҳунарии ҷадид берун меояд. Саҳначаҳои Некрӯз, ки дар театри бачагон ба намоиш мегузорад, саропо маъниву ҳикматанд ва ишора ба фикри амиқ ва руҳияи ҷустуҷӯгари Некрӯз доранд.

Ёддоштҳои Соро – духтараки оромтабиати хуҷандӣ мисли худи ӯ якранг ва одианд. Соро бо ҳарфҳои майда ва ба якдигар ҷафс ва мураттаб пайвандхӯрдаи рост-рост менависад. Пайвастагии ҳарфҳо дар навиштаҳои Соро дар ҳеч куҷо канда намешавад. Аз навиштаҳои Соро маълум аст, ки вақти навиштан ба худкор фишори зиёд меоварад. Навиштаҳои Соро мисли авзои ӯ бетағйир ва якхелаанд. Дар ин якхелагӣ ҳамоҳангии дилнишин ҳаст. Дар ҳар куҷое, ки зери ёддошт номи Соро навишта шуда бошад, ёддошт дар як ё ду ҷумлаи кӯтоҳу сода хулоса мегардад.

Ёддоштҳои Солор – писари ҷавони ҳисорӣ ба муаммоҳои риёзӣ монанданд. Барои мухтасар кардани заҳмати навиштан, матни комил наменависад, балки дафтарро аломаткорӣ мекунад. Маънои ёддоштҳои Солорро фақат Солор мефаҳмад. Солор, ки дар «Шабехун» ба унвони барномасоз ба бартарафсозии мушкилоти техникии мавҷуд дар идора машғули кор аст, мегӯйӣ, ёддошт не, балки муодила барои барномаҳо менависад.

Фурӯғ барои ошноӣ бо руҳияи ҳамкорон аз ҳар кадом як ёддошти тасодуфиро хонд. Дафтарро варақгардон намуда, шуруъ ба мутолиаи ёддошти тулонӣ намуд:

“Имрӯз дар шаҳр бо модаре мулоқот доштам, ки бо яке аз бонкҳо сари масъалаи хонаи писар баҳс дорад. Модар муаммои асрро ба ман кушода дод. Писари ӯ баъд аз бекор

мондан, ба хотири қарзҳои зиёд худкушӣ кардааст. Модар ба ман гуфт:

– Яккаписарамро эрка бор овардам. Шавҳарам, вақте писар 6-сола буд, вафот кард. Дубора ба шавҳар набаромадам. Муаллимаи мактаб будам. Дору надори худро барои писар харҷ мекардам, то эҳсоси камбуд накунад. Дар марги ҷигарбандам худро гунаҳкор медонам. Аз ӯ зиёд ҳимоят кардам, ба зиндагии роҳат хӯ гирифт. Бешхоҳ шуд. Оиладор ва соҳиби кӯдак гардид, вале эҳсоси масъулият намекард. Пас аз ин ки донишгоҳро хатм намуда, ҷойи кор ва даромади хуб ба даст овард, пойи худро аз ҳад берун мениҳодагӣ шуд. Аз бонк қарз гирифта, мошини қимат харид. Пасандозҳои ману завҷаи писарам кифоят мекарданд, ки хонаи хоксорона бихаранд, вале на. Писари ман хоксор будан намехост. Хонаи маро фурӯхт, пасандозҳоро ба маблағи бадастомада аз фурӯши хона илова кард. Бо вуҷуди ин, маблағҳои ҷамъшуда барои харидории хонаи дилхоҳи писар кифоят накарданд. Дубора аз бонк қарз гирифта, бо ҳамаи ин пулҳо хонаи 4-ҳуҷрагӣ дар сохтмони навсохти баландошёна дар маркази шаҳр харид. Ба унвони модар шодии фарзандро мехостам. Медидам, ки хушбахт аст, худро тасалло медодам, ки оқибати кор нек хоҳад буд. Ман, бачаҷон, инсони одӣ ҳастам, ба Худо ва насиҳатҳои пайғамбарон бовар дорам. Судхӯрӣ ва пардохтани суд ҳаром аст, вале маънои воқеии ин дастурро пас аз марги яккаписар фаҳмидам. Пули бонк пули воқеӣ нест. Пулест, ки одам аз оянда барои имрӯз қарз мегирад ва аз ин тариқояндаи худро табоҳ месозад. Пули бонк, гарчанде ки дар ҳоли ҳозир вуҷуд дорад, дар айни ҳол вуҷуд ҳам надорад. Қарзе, ки мепардозӣ, зиёд шудан мегирад. Инсонҳо на бояд аз бонк қарз бигиранд. Қарз чора нест. Бисёр бетоқат шудаем. Дар ҳар мушкилоти худ, ба ҷойи сабр, талош, меҳнат, дуо ва мурочиат ба Худо, ба тарафи бонкҳо медавем. Бо пулу ризқи додаи Худо қаноат кардан намехоҳем. Мехоҳем ба дигарон нишон бидиҳем, ки

дар шароити шоиста зиндагӣ мекунем, вале бачаҷон, шароити шоиста, тӯйи бодабдаба, хонаву дари боҳашамат, ки бо қарз гирифтан аз бонк муяссар шавад, шоистагӣ не, балки ҳақорат аст. Қарз як рӯз не, як рӯз бояд бозпас дода шавад. Бадии қарзи бонк дар он аст, ки моликиятеро, ки бо қарзи бонк мехарӣ, дар сурати нотавон дар пардохти моҳона шудан, новобаста ба ин ки ҳаҷми зиёди ин қарзро пардохтаӣ, аз даст медиҳӣ. Моликият дорӣ, вале то охирин қатраи қарзро пардохт накардаӣ, соҳибмулк нестӣ. Ҳамин фикр инсонро табоҳ мекунад. Магар одам зери таҳдиди табари рӯйи сар овезон эҳсоси осудагӣ мекунад? Хушбахтии одами қарздор беранг ва бемазза аст. Вақте писарам ҷойи кори худро аз даст дод, дар байни чанд моҳ пажмурда ва пир шуд. Қарзи беш аз ҳад ва фикри зиёд қомати писарамро шикаст. Ҷавонӣ ва шодобии дурӯғине, ки аз тариқи қарзи бонк барои муддати кӯтоҳ насиби писарам шуда буд, дар муддати кӯтоҳ аз байн рафт. Ҳоло мефаҳмам, ки чаро Худо судхӯриро ҳаром эълон кардааст. Судхӯрон орзуву ҳаваси одамонро восита қарор дода, аз ҳисоби бозӣ додани инсонҳои хом пул кор мекунанд ва нафаре, ки ба ин бозӣ дода мешавад, оҳиста-оҳиста қаноат, сабр ва таваккалро, ки пояҳои шахсияти устувор ва саодатманданд, аз даст медиҳад. Қарзи бонк ё ба қавли дигар рибо фиреб аст ва ҳар касе, ки ба он одат мекунад, бо таваккал ба Худо ва қаноат бо ризқи Худо бегона мешавад. Писари ман қурбонии бешхоҳӣ ва худхоҳӣ шуд, бачаҷон, чунки ман бо меҳри кӯр-кӯронаи модарона ва ҳимояти бечунучарои худ нагузоштам, ки зиндагии воқеиро бишиносад ва зиндагӣ карданро ёд бигирад. Ҳоло барои ояндаи наберагонам дар синну соли пирӣ бо бонкҳо меҷангам. Нигарони ин ҳастам, ки фарзандони писари нокоми ман баъд аз дарди бепадарӣ гирифтори ранҷи бесарпаноҳӣ мешаванд.

Бо навиштани сарнавишти модар дар ин дафтар, суол мекунам, ки оё метавон низоми бонкии берибо ташкил дод,

ки аз тариқи он инсонҳои гирифтори мушкилоти вазнин ё нафароне, ки нақшаҳои хуби тиҷорӣ доранд, ба маблағҳои пулӣ дастрасӣ пайдо кунанд? Оё метавон бидуни барҳам додани бонкҳо, низоми судхӯрии бонкҳоро барҳам дод? Чӣ бояд кард?

Бояд мавзуи бонкдорӣ, судхӯрӣ ва пайомадҳои ногувори ахлоқии зиндагӣ аз ҳисоби қарзро дар ҷомеа бозбинӣ намоем.

Ман ба бозтақсими сарват эътиқод дорам. Вале сарватмандон ба мавзуи бозтақсими сарват аз зовияи манфиатҳои ҷамъӣ не, балки аз зовияи манфиатҳои шахсӣ менигаранд. Фикр мекунанд, ки даводави шабонарӯзии онҳо замонати сарвати беинтиҳо шудааст ва бобати сармояе, ки ҷамъ кардаанд, дар қиболи ҷомеа масъул нестанд.

Низоми ноодилонаро дар олам худи одам ҷорӣ кардааст, на Худо. Пулдорон дар фикри моликият ва сарвати бештаранд. Арсаро барои худ васеъ ва барои дигарон танг мекунанд. Оё майли ҷамъоварии сарвати бисёр, ки фаротар аз ниёзҳо меравад, майли ахлоқист?

Аксари сарватмандон, вақте бо онҳо ҳамсуҳбат мешавӣ, аз бартариҳои худ ба унвони андешаи корофарин мегӯянд, вале эътироф намекунанд, ки пули калон ҳамеша аз ҳисоби истисмори неруи кории арзон ҷамъ мешавад. Бо сарватмандони зиёд ҳамсуҳбат шудаам. Албатта, шавқи зиёди онҳо нисбат ба пул боиси эҷоди ҷойҳои корӣ барои мардуми одӣ мешавад, чун нақшаҳои калон корофаринанд. Намехоҳам ба сарват ва сарватмандӣ барчаспи сиёҳ бизанам. Дар ҳар сатҳи ҷомеа инсони хуб ва бад ҳаст. Вале ҷамъоварии сарват сирф ба хотири афзоиши эътибор ва ҷойгоҳи худ дар ҷомеа гувоҳ бар камбудиҳои ахлоқӣ дар шахси сарватманданд. Пули бисёр масъулият ва бори маънавии сангин аст. Барои инсони андешаманд ва нозукназар сарвати бисёр ҷозибадор наменамояд.

Вақте инсон ночор мешавад, зуд-зуд ба таноби таваккал ба Худо чанг мезанад. Захмбардор будан инсонро аз худобехабарӣ раҳо месозад. Пул бошад, инсонро ба зоҳир аз ниёзи мурочиат ба Худо дар рӯзмарра бебаҳра мегардонад. Инсони худогоҳ, чунки рӯзона ба истиғфор ва шукрона машғул мешавад, сангинии сарватро бар дӯши худ эҳсос намуда, дар канори сохторҳои анбошти сармоя сохторҳои бозтақсими сармоя дар байни мардумро бунёд мениҳад. Тақсими дорой руҳияи инсонро осуда ва ҷамъоварии беш аз ҳадди сарват руҳияи инсонро пареш мегардонад.

Иштибоҳи асосии аксари мардум худро аз дигарон ҷудо дидан аст. Вақте ҳамсоя кӯдаки худро лагадкӯб мекунад, баману ту рабт дорад. Ҳаққи дахолат дорӣ. Чаро? Чунки агар имрӯз ту монеи зулм нашавӣ, фардо фарзанди ҳамсоя бузург шуда, ба фарзандони зулмнадидаат зулм хоҳад кард. Ҳамсояе, ки дар чордевори хона ба фарзанди худ зулм мекунад, хонаро ба мактаби золимпарварӣ табдил додааст ва агар имрӯз ҷилави ӯро нагирӣ, фардо золимони тарбиянамудаи ӯ сари роҳи ту қарор хоҳанд гирифт.

Сарватмандон фаромӯш кардаанд, ки ҳамаи мо дар як хона қарор дорем. Аксарият худро тасмимгир ва худованди бани одам мебинанд. Ба фикри худ баргузидагонанд. Ба худ имтиёзотеро раво медоранд, ки барои дигарон дастрас нест. Ҳангоми ҷамъоварии мол ва берун кардани неъмат аз гардиши умумӣ ба бозтақсими мол намеандешанд. Худбоварона имон доранд, ки фақирон дар зоти худ танбал ва ноуҳдабароянд. Вале низоми сармоядорӣ, ки имрӯз дар тамоми ҷаҳон чира шудааст, табақаи коргарро, ки кори асосиро анҷом медиҳад, истисмор мекунад. Танбал бошӣ ё набошӣ, заҳмат бикашӣ ё накашӣ, роҳи бурунрафт аз фақр баста шудааст. Дар сохтори имрӯза сармоядорон ба хотири тамоюли беш аз ҳад ба анбошти сармоя, пардохтро дар ҳадди “бихӯру намур” таъйин мекунанд. Ба ҷойи таъйини пардохти

шоистаи неруи кор, сармоядорон пардохти ришвапулӣ ба мақомдоронро тарҷеҳ медиҳанд.

Чӣ бояд кард? Сарват бояд пайваста дар миёни мардум бозтақсим шавад. Чаро бозтақсими сарват муҳим аст ва ин бозтақсим чӣ гуна бояд сурат бигирад?

Ба назари ман, бозтақсими сарват метавонад ҷойгузини низоми қарзии бонк шавад. Чӣ гуна? Вақте бонкҳо ба мардум қарз медиҳанд, мардум бо қарзи азбонкгирифта молу маҳсулот ва хидматрасониро харидорӣ мекунанд. Вақте қудрати хариди мардум ба сурати маснуӣ – аз тариқи қарз боло меравад, гарчанде дар марҳилаи аввал боиси рушди бозор ва иқтисод мешавад, дар баландмуддат ба хотири ин ки қарзи гирифташуда бояд бо фоизҳо бозпас дода шавад, боиси якуякбора поён рафтани қудрати хариди мардум ва аз кор мондани чархаи иқтисодиёт мешавад. Решаи асосии буҳронҳои иқтисодии ҷаҳон низоми қарзии бонк ва низоми судситонии бонкҳост. То замоне, ки асоси рушди иқтисодии кишварҳоро қарзи бонк таъйин мекунад, буҳронҳои иқтисодӣ омаду рафт хоҳанд дошт. Вале дар бозтақсими сарват, ки метавонад аз тариқи низоми андозсупорӣ ба давлат сурат бигирад, сарвате, ки бо кумаки неруи кории мардуми одӣ ё мошинҳо дар дасти сарватманд анбошта шудааст, аз тариқи низоми андозситонии давлат дубора вориди чархаи иқтисодӣ шуда, дар миёни мардум бозтақсим мешавад. Бозтақсими сарват ба сурати табиӣ боиси боло рафтани неруи хариди инсонҳо, ба чархиш омадани чархаи иқтисодиёт ва рушди мутаодил дар ҷомеа мешавад. Дар оянда қарзе вуҷуд надорад, ки ба хотири он маҷбур бошӣ фардо аз истеъмоли маҳсулот ё хизматрасониҳо баякбор даст бикашӣ ва дар натиҷа буҳронҳо домангири ҷомеа шаванд. Даст кашидан аз низоми қарзи бонкӣ ва ҷойгузин намудани камбуди пул дар ҷомеа аз тариқи бозтақсими сарват боиси аз байн рафтани буҳронҳои нобаҳангоми иқтисодӣ ва муфлисшавии ғайричашмдошти миллионҳо одамон дар саросари ҷаҳон

мешавад. Ҳамчунин қобилияти додани қарз бидуни доштани пули воқеӣ дар суратҳисоб ба бонкҳо қудрати бозӣ кардан бо арзиши асъор ва дар натиҷа ба бозӣ гирифтани арзиши кори мардумро додааст.

Вале ба хотири ин ки низоми қарзи бонкӣ башиддат судовар аст, ба хотири ин ки сарватмандони ҷаҳон сармояи анбоштшударо бо дигарон шарик кардан намехоҳанд ва худро дар дигаргунсозии сохтори иқтисодии мавҷуд манфиатдор намебинанд, бухронҳои барои одамони одӣ хонумонсӯзро ҳамчун бахши ҷудонашавандаи сохтори иқтисодии матлуб пазируфтаанд.

Ҳоло суол ба миён меояд, ки дар сурати пазириши бозтақсими сарват ҳамчун ҷойгузини низоми қарзи бонкӣ, дарсади андозе, ки аз даромади холиси сарватмандон ситонида мешавад, чӣ қадар бояд бошад? Агар сарватмандон омодаи бозпардохти 90 дарсади даромади худ набошанд, фақр, бесаводӣ, вабо ва дигар мушкилот домангири ҷомеаҳо хоҳанд буд.

Қабл аз ҳама бояд нигоҳи инсонҳо нисбат ба корофаринӣ тағйир ёбад. Корофарин бояд ба худ ба унвони ходим нигоҳ кунад. Инсоне, ки ширкат таъсис медиҳад ва барои дигарон корофаринӣ мекунад, бояд муштоқи ғояи беҳбуд ёфтани авзои ҷомеа бошад. Давлат бояд барои корофаринон сандуқи махсус аз ҳисоби андозҳо пешбинӣ кунад, то ин сандуқ барои пешравӣ ва замонати ғояҳои иқтисодии инсонҳои ташаббускор сармоягузории бидуни суд пешниҳод намояд. Вақте ҳадафи тоҷир ё соҳибкор ё корфармо дастрасӣ ба сарвати зиёд не, балки ҳадаф ташкили фурсатҳои корӣ барои фароҳам намудани шароити шоистаи зиндагӣ дар ҷомеа ҳаст, корофарин бо 10 дарсад фоида аз фаъолияти худ низ созиш хоҳад кард. Бо ҳифзи 10 дарсад даромад низ зиндагии мураффаҳ метавон дошт. Даромади холиси ширкатҳо бояд то 90 дар сад андозбандӣ шавад. Аз ҳисоби 90 дарсад андозе, ки аз фоидаи холиси ширкатҳо

ситонида мешавад, 25 дарсади онро бояд ба сандуқи эҳтиётӣ, ки барои рушди корофаринӣ ва ҳимоят аз ширкатҳои корофарин пешбинӣ шудааст, сафарбар намоянд. Боқимонда пулҳоро бояд барои дастгирии варзиши кӯдакон, низоми мактабу маориф, бемористонҳо, афзоиши маошҳо равона намуд, то сатҳи зиндагии мардум ва ба ҳамроҳи он сатҳи маданиятнокӣ дар ҷомеа боло бурда шавад.

Сохторсозии дуруст аз тағйири боварҳои одамон шуруъ мешавад. Барои сохтори нав инсони нав бояд сохт. Сохтори одилона хостори инсони одил ва соҳибназар аст.

**19.11.2010, соати 14:21 Ҷаҳонпаҳлавон**

Сипас, Фурӯғ дафтарро дубора варақгардон намуда, ёддошти Ҳуринисоро хонд:

Имрӯз бо муфаттише, ки парвандаи худкушии модари ҷавонеро мебарад, ки худро бо 4 фарзанд дар дарё ғарқ кардааст, мулоқот доштам. Аз ман пурсед, ки чӣ бояд кард, Ҳуринисо?

Замонаи бераҳм раҳмро аз дили инсонҳо шустааст. Тоҷирон дар бозор дар фикри ба ҳар қимат бештар кардани суди худ ҳастанд. Намехоҳанд бипазиранд, ки сатҳи зиндагии худро аз ҳисоби гарон ва тоқатфарсо кардани зиндагӣ барои мардуми одӣ боло бурдаанд. Таодули бозор, вақте нозирони бозор дар фикри назорат не, балки дар фикри ғоратанд, ба зарари мардуми одӣ ба ҳам мерезад.

Аксари инсонҳо пойбандии худ ба арзишҳои ахлоқиро, вақте мудом даргир бо гуруснагӣ мешаванд, аз даст медиҳанд. Дар миёни бародару хоҳарон баҳс сари мерос мехезад. Риштаи хешутабориҳо бо ҷанҷоли кӯдаконаи фарзандон канда мешавад. Сафи нафароне, ки аз сари ночорӣ даст ба худкушӣ мезананд, рӯ ба фузунӣ мениҳад.

Чаро парвозиҳо фикр мекунанд, ки хазандаҳо ҳаққи зиндагии шоиста надоранд? Кӣ гуфтааст, ки парвоз кардан

имтиёз ва хазидан ҳақорат аст? Магар моро дар шароити гуногун ва бо имконоти гуногун наофаридаанд, то барои якдигар ибрат шавем? Беҳуда ба таҳқири мақоми якдигар пардохтаем. Намоишкорона зиндагӣ мекунем. Ҳама чиз дар меҳвари пул мечархад. Пул волотарин арзиш дар ҷомеаҳост. Ҳама тасмимҳо дар меҳвари пул гирифта мешаванд. Арзишҳои ахлоқиро ба хотири дастрасӣ ба манфиати бештар бо баҳонаҳои зебо зери по мекунем. Муҳаббатро дар ҳар кӯчаву паскӯча метавон харид.

Чӣ бояд кард? Замонаро бояд тағйир дод ва инсонро аз нав сохт. Мегӯянд, рақобат решаи пешрафт аст, вале мо фаромӯш мекунем, ки рақобат фақат дар тиҷорат хуб аст, албатта, агар солим бошад. Зиндагӣ вале тиҷорат нест. Арсаи зиндагӣ арсаи рақобат не, балки арсаи ҳамгироист.

Ахлоқи паҳлавонӣ низ дигаргун аст. Варзишкорон тамаи ҷойи аввал доранд, чунки ҷойи аввал ба маънои пулдор ва шуҳратманд шудан аст. Ҷавонмардони тануманд ба хотири маҳрумият аз ҷойи аввал мисли кӯдакони ранҷур мегирянд, чунки дигар умедҳо ба Худо не, балки ба шуҳрат ва обрӯ равона шудааст.

Ҳадафи тарбияи ҷисмонӣ дигар саломатӣ нест. Одамон ба хотири худнамоӣ варзишкор мешаванд. Ҷисму ҷони худро обутоб медиҳанд, то васила барои дастрастӣ ба пул, ном, мақом ва шухрат бошад.

Паҳлавонони имрӯз бо паҳлавонони дирӯз фарқ доранд. Паҳлавони дирӯз ҷони худро барои некӯаҳволии ҳар фарди тасодуфӣ мебахшид. Паҳлавони имрӯз бераҳм, ҳарис ва хешпараст аст. Паҳлавони дирӯз фидокор буд ва паҳлавони имрӯз хӯйи ғоратгарӣ дорад.

22 нафар тӯбро дар майдон ба ин тарафу он тараф медавонанд ва ҷамоати бешумор бар сари онҳо доду фиғон сар медиҳад? Ба дарвоза зада шудан ё зада нашудани тӯб кадом дардро даво мекунад? Магар руҳияи бузурги инсонро барои сайқал додани маҳоратҳои бозӣ бо тӯб офаридаанд?

Магар зиндагӣ бозист, ки бозиро ба маънои зиндагӣ табдил додаем?

Тамошои футбол ба хотири лаззат бурдан аз бозӣ, пайгирии масири зиндагии як варзишгар барои ибратомӯзӣ аз шебу фарози зиндагии ӯ айб надорад, вале азбас худобехабарист, аз футболу футболбозон низ бут ва василаи гумроҳӣ тарошидем.

Ба ман бигӯед, ки зане, ки худро ба ҳамроҳи 4 фарзанди ноболиғ туъмаи мавҷҳои бетафовути дарё кардааст, чанд маротиба аз канори ману ту рад шуда буд? Агар воқеӣ ҳастӣ, чаро дарду шодии варзишгари маҳбубро аз дур эҳсос мекунӣ, вале аз аҳволи ҳамсоя, аз аҳволи раҳгузари хаста бехабарӣ?

Чӣ бояд кард? Бояд дар кӯдакӣ шикамсерӣ бозӣ кард ва дар даврони балоғат ба воқеиятҳои талх пардохт. Эҳсоси худро дар майдонҳои варзишӣ холӣ карда, ба зиндагии воқеӣ хунсард барнагард. Дар дунёи руъёҳои худ бедор ва дар зиндагии воқеии худ хоб ҳастем.

Чӣ бояд кард? Бояд ба зиндагии воқеӣ баргардем.

## Ҳуринисо 21.12.2010, соати 16.41

Пас аз хондани ёддошти Ҳуринисо, Фурӯғ бо худ кӯтоҳ андешид, ки Ҳуринисо ҳангоми ибрози назар ба эҳсосот дода мешавад, вале дар маҷмуъ шахсияти ҳақписанд дорад. Бо ин афкор Фурӯғ ба хондани ёддошти дигар пардохт:

«Имрӯз бо яке аз сарватмардони диёр мулоқот кардам. Шахси таҳсилдида. Дипломи иқтисодшиносии яке аз донишгоҳҳои машҳури Фаронсаро дорад. Дар мавриди низомҳои иқтисодӣ суҳбат кардем. Аз низоми либералӣ ва бозори озод ҷонибдорӣ мекунад. Сарвати худро аз ҳисоби қимор ҷамъоварӣ кардааст. Айни ҳол бо пули аз қимор бадастомада маҷмааи варзишӣ барои кӯдакон месозад.

Созмони хайриявӣ низ дорад. Аввалин қиморхонаҳои сабки ғарбиро ӯ дар мамлакат сохт. Мегӯяд, ки худ ва дороии худро бо такя ба халлоқияту чобукии фикр шакл додааст. Дар лобалои ситоиши дастовардҳои худ як-як аз Худо низ ёдовар мешуд.

Ӯ ба ҷавонмардии худ меболад, вале қимор тиҷорати ҷавонмардон нест. Қимор сарватест, ки аз роҳи васвасаи нафси раҳгумзадагон ба даст меояд. Қимор ҳаётсӯз аст. Ба эҳсос ва иззати нафси одамон садама мезанад. Инсонро маҷбур ба бовар ба хиёлҳои воҳӣ намуда, иродаи пешравии зина ба зинаро дар ӯ мекушад. Қимор аз раҳгумзадагон бераҳмона суистифода намуда, онҳоро дар ҷодаи зиндагӣ бечоратар мегардонад. Қимор инсонҳо ва хонаводаҳоро барбод медиҳад. Нафси бешхоҳро васваса ва бебандубориро таблиғ мекунад. Қиморхонаҳо барои ҷалби қурбонии бештар, бо мақсади пур кардани хазинаи худ, ғояи бардурӯғи сарватманд шудан аз ҳисоби қиморбозиро таблиғ менамоянд. Қиморхонаҳо дӯстдори муштариёни беирода ва эҳсосотӣ ҳастанд.

Вале зиндагӣ қимор нест. Зиндагӣ назми хос ва қоидаҳои тағйирнопазири худро дорад. Инсони қиморбоз ба умеди эҳтимоли пирӯзӣ оҳиста-оҳиста иродаи зиндагӣ ва мубориза карданро аз даст медиҳад. Дар кишварҳои ғарбӣ қиморбозонро равондармонӣ мекунанд. Нафаре, ки аз роҳи бемор кардани руҳияи инсонҳо, аз роҳи бехонумон кардани инсонҳои заифтоқат сарват андӯхтаст, маро бовар кунондан мехоҳад, ки марди корофарин ва ватандор аст. Бо вуҷуди гуногунии сарчашмаҳои даромад, ӯ ҳанӯз ҳам бештарин даромади худро аз ҳисоби қиморхонаҳояш ба даст меоварад.

Чӣ бояд кард? Бояд нигоҳи худро ба ибораи “меҳнати ҳалол” ва вожаи “дастовард” иваз намоем. На ҳар фаъолияте, ки даромадзоӣ мекунад, ҳалол аст ва на ҳар заҳмате, ки давутоз металабад, дастовард аст.

**Некрӯз 25.05.2011, соати 13:22**

Ёддоштҳои Соро кӯтаҳанд, бинобар ин Фурӯғ якчанд ёддошти ӯро хонд:

“Бояд гирист. Бар сари қабри тамоми инсонҳои хуб бояд гирист”.

“Гоҳ сахт навмед мешавам, вале ҷисми солим ва ақли расо доштан маро аз навмедӣ берун ва дар оғӯши хиҷолат партоб медиҳад”.

“Муқаддастарин инқилоб – инқилоб алайҳи нафси саркаш аст. Ба нафс фишор оварӣ, фишорҳо аз берун ба сурати худкор камтаъсир мешаванд”.

**Соро 14.01.2011, соати 15:41**

Фурӯғ пас аз талошҳои бесамар барои хондани яке аз ёддоштҳои Солор таслим шуда, ба навиштани аввалин ёддошти худ дар дафтар пардохт:

Аз Бадахшонам, Зарафшонам, Ҳисор,
Аз Хуҷанди Бостону Сабзавор,
Аз Самарқандам, зи Кӯлоб, Данғара,
Аз дили Ғармам, зи Яғноб, Исфара.
Духтари кӯҳам, яли кӯҳӣ манам,
Ботаҳорат, аз виқор аст доманам.
Дӯст дорам, Тоҷикистон зинда бод!
Мардуми покизаи хокит шод!

Чӣ бояд кард? Аз маҳалгароӣ бояд даст кашид. Дар андешаи маҳалгароёна маҳал зидди маҳал меистад. Дунё ва андешаи маҳалгаро дар як маҳал ҷамъбаст мегардад. Мафҳуми миллат фаротар ва арҷмандтар аз маҳдудаи маҳал аст, вале миллатгароӣ низ аз табори маҳалгароист, фақат дар сатҳи ҷуғрофиёии калонтар. Дар андешаи миллатгароёна миллат зидди миллат меистад. Вале одамгарӣ дар чорчӯбаи

миллат низ хафақон мешавад. Маҳалгароӣ ва миллатгароиро бояд бо одамгароии ҷаҳоншумул ҷойгузин намоем ва ба фарқиятҳо миёни одамон ба унвони аломати имтиёз ё таҳқир не, балки ба унвони фурсати ёдгирӣ аз ҳамдигар бингарем.

Инсонгарии воқеӣ таваҷҷуҳ ба маишати дигар мавҷудоти зиндаро низ дар бар дорад. Вақте ёд гирифтӣ ба тамоми одамон, сарфи назар аз маҳал, миллат, нажод, хостгоҳи иҷтимоӣ эҳтиром бигузорӣ, нисбат ба ҳайвонот ва ғаризаҳои табиияшон раҳмдилона бархӯрд намоӣ ва ба ҳар он чӣ зинда аст, арҷ бигузорӣ, мақоми бузургеро, ки унвони "инсон" барои ту дар назар гирифтааст, ҳалол кардаӣ.

**Фурӯғ, 26.06.2011, 11:03**

## Қисми 11

## ҶАҲАННАМ

Замира аз пул гузашт. Пайроҳаи гилӣ аз тарафи чапи пул ба самти поини баданаи кӯҳ печ мехӯрад. Ҷаҳон дақиқае дар ин тарафи пул таваққуф кард, то Замира, ки аз пайроҳаи он тарафи пул поин мерафт, аз назар нопадид шавад. Сипас, рӯйи пул бо эҳтиёт по гузошта, ба он тараф гузашт, то сару садои чӯбҳои барҷаставу номуназзами рӯйи пули кухна дар дили Замира, ки аз Ҷаҳон дур мешуд, изтироб эҷод накунад.

Хушбахтона, хурӯши дарёи зери пул ба сарусадои он чира шудааст. Ҷаҳон ба он тарафи пул гузашта, ба поён нигоҳ андохт. Аз дур андоми нозуки Замира намоён мешавад. Пайроҳае, ки Замира вориди он гардида буд, ба поин мебарад.

Хонаҳои русто аз баландие, ки Ҷаҳонпаҳлавон дар он ҷо рост истода, поёнро наззора мекард, қобили мушоҳида

аст. Хонаҳои хурдакак мисли қуттиҳои парокандаи гӯгирд дар ҳар гӯшаи бадана ва доманаи кӯҳ ҷобаҷой шудаанд. Меъмории манзилҳое, ки кӯдакон аз гил месозанд, аз тарҳи ин хонаҳо дида, чандин маротиба беҳтар аст. Ба назар мерасад, ки хонаҳои якошёна ва каппамонандро кадом бинокори худомӯз баланд карда бошад. Чашми Ҷаҳонпаҳлавон аз баландии теппачаи канори пул на танҳо ба тамоми хонаҳои русто, балки ба хотири паст будани деворҳои гилӣ дар ин хонаҳо, ба саҳни дохили ҳавлиҳо низ дастрасӣ дорад.

Марди бадмасти нимурёни ба назар 50-55-сола дар яке аз ҳавлиҳо доду фиғон мекашид ва зани тақрибан 55-60-соларо, ки қиёфа ва мӯйҳои парешон дорад, мӯйкаш карда, ба ин тарафу он тарафи ҳавлӣ кашола медод. Офтоби сӯзон, гарчанде яке золим ва дигарӣ мазлум ба назар меоянд, бар сари ҳарду якранг бо бераҳмии хос меборад. Офтоб саҳни ҳавлиҳои русторо айни дегдон тафсондааст. Ин хона шабеҳи ҷаҳаннам аст ва хонаҳои дигар, ки ғарқи сукутанд, ба гӯристон монанданд.

Замира пушти дарвозаи ҷаҳаннам таваққуф намуд. Дили Ҷаҳон ба дунболи пайдо кардани шарҳи муносиб барои таваққуфи Замира дар пушти дари ин хона мегардад. Андешаҳои парешон дар зеҳни Ҷаҳон шиновар шуданд:

«Чаро духтар маҳз пеши дари ин хона таваққуф кард? Чаро Замира роҳро идома намедиҳад? Агар поёни роҳи Замира ҷаҳаннами сӯзон аст, пиёдаравии тулонии аз сари шавқ нест. Малаки парсӯхта роҳи дарозро пиёда омад, то расидани ногузир ба ҷаҳаннамро кашол диҳад?...»

Садои гӯшхароши марди майхора ва нолиши уллосмонанди зан аз дохили ҳавлӣ ба гӯши Ҷаҳонпаҳлавон гоҳ баланд ва гоҳ паст мерасанд. Замира худро ба сутуни борику сангии назди дарвоза такя дода, дуздӣ-дуздӣ бо тарс аз роғи дарвоза ба дохили хона нигоҳ карда, сангин-сангин нафас кашид. Духтари ҷавон, гӯё аз сутуни дарвозаи хона

паноҳ металабида бошад, худро ба он ҷафс намуда, пушти сарро ба ягона пайкараи устувори хона такя дода, чашмонашро ба ҳам фишурд. Ӯ аз ин тариқ ҷилави қатраи ашкеро, ки қасди ба берун рехтан дорад, мегирад. Даҳонро боз карда, ба манаҳи ларзон ва чеҳраи рангпаридаи худ фишори зиёд оварда, нафаси дар гулӯ ҳабсшударо якчанд маротиба базӯр ва бо таҳлука берун дод. Оҳиста-оҳиста ожангҳои дар пайи изтироб дар чеҳраи Замира эҷодшуда яке паси ҳам аз лавҳи чеҳраи ӯ гум шудан гирифтанд. Замира бо оромиши хунсардонаи аҷиби монанд ба суръати ҳаракати беруҳи мошинҳо даҳонро баст ва чашмонро дубора боз кард.

Саросемагӣ ва таҳлука аз вуҷуди Замира рахт бастаанд. Нигоҳи оҳанини духтар омодагии ӯ барои рӯ ба рӯ шудан бо воқеияти талхро ба намоиш мегузорад. Замира дар гӯши худ фиғонеро, ки аз дохили ҳавлӣ ба берун мебарояд ва дар вуҷуди духтари ҷавон изтироб эҷод мекунад, пахш кардааст. Акнун Замира ба мошини беҳис мемонад. Гӯйӣ руҳи ӯ аз дунё хориҷ шуда, ба дунёи амну гуворо дар лавҳи хиёл, ки дар он ҷо Замира бонуи муҳтарам ва дӯстдоштанист, сууд кардааст. Билохира, дар чеҳраи Замира ниқоби хунсардӣ, ки Замира тайи чанд дақиқаи охир ба сохтани он машғул буд, ҳувайдо гардид.

Духтари ҷавон ба хотири фирор аз таҳлукаи кушанда, маҳорати хомӯш кардани алангаи эҳсос дар вуҷуди худро ёд гирифтааст. Фиғони гӯшхарош, ки аз вуҷуди марди дар обу арақ ғӯтавар берун мезад, нигоҳи хунсарду бераҳми Замираро ба тарафи дари вурудии хона нигарон кард:

– Замираи қанчиқ ҳар ҳафта ҳамин рӯз аз хона баромада, то бегоҳ бедарак мешавад. Дар хонаи ман фоҳиша парварда истодаӣ, беваи паст? – фиғон кашида, Гуландомро бо исрори беш аз пеш лату кӯб мекард Насим.

Гуландом – модари Замира, ба назар мерасад, лол шуда бошад. Аз гунбади холӣ садо ҳаст, вале аз Гуландом садо намебарояд. Модари Замира зулми лаҷомгусехтаи

шавҳари бадмастро муттаҳамона ҳазм мекунад. Гуландом ҷуръати муқовимат бо зӯргӯйиҳои Насимро надорад. Гоҳ-гоҳ эътироз мекунад, вале фақат дар ҳадде, ки шуълаи оташи ғазаби Насимро бод дода, забона заданҳои ин оташро шадидтар гардонад.

Вақте одам ҷуръат барои муборизаро надорад, ба хӯ гирифтан бо зулм маҷбур мешавад. Ба зиндагии пурмағал модари Замира кайҳо унс гирифтааст.

Нолаҳои канда-кандаи Гуландом пас аз чанде сукут ҷойгузини ёваи уллосмонанди ӯ шуданд. Оҳанги нолаи Гуландом монанди нолаи инсони аз мотам афгор якнавохт ва паст ба гӯш мерасад. Гуландом хашми Насимро бо якнавозиҳои дилбазан бештар мегардонад. Оё зани нотавон шавҳари бадхӯро қадам ба қадам ба ниҳояти хушунат расонида, куштанист?

Насим намурдааст, вале Гуландом чунон дилхарош уллос мезад, ки мегӯйӣ ин зан дар мотами ҳамсар нишаста бошад. Ҳайвони вуҷуди Гуландом худро дар беҳбуд ёфтани авзоъ манфиатдор намебинад, чунки ӯ кашмакашро дӯст медорад. Аз чӣ бошад, нолаҳои марговои зани хунсардро ашки ҷорӣ ҳамроҳӣ намекунад. Гуландом худ намедонад, ки ӯ Насимро куштан мехоҳад ё ҳайвони дарунии Насимро мепарастад?

Ашк намерезад, вале дар чашмони зарду мурдормонанди зани миёнсол, гарчанде Гуландом бо воқеияти талх созиш кардааст, ҳанӯз ашк ҳалқа мезанад. На, ин ашки ҳасрат ё таассуф нест. Ашкҳои Гуландом бемуҳтавоянд. Ӯ сарозершавии таққатраҳои тасодуфӣ аз чашмони худро дуруст маънӣ карда наметавонад, чунки ба Насим иҷозаи саркӯби ҳамаҷонибаи худро дода, дар ташхиси аҳволи худ ноқобил мондааст. Одам, вақте муддати тулонӣ ба ниёзҳои руҳии худ намепардозад, худро ба хидматкори бечунучарои манфиати дигарон мубаддал месозад, тамоси воқеӣ бо мани даруниро аз даст медиҳад. Дигар худ ва

ниёзҳои воқеии худро ҳам намешиносад. Зинда нест, балки мавҷуд аст. Аз он ҷо ки азхудбегонагӣ боиси камранг гаштани ҷозибаҳои табиии инсонҳо мешавад, фақат нафароне ба одамони азхудбегона мароқ зоҳир мекунанд, ки ҳаводори суистифода аз ҷисму руҳи одамони зиндаанд.

Дар назари аввал Гуландом қурбонӣ менамояд, вале кайҳост, ки ӯ ридои худ иваз кардааст. Насим аз доштани руҳи Гуландом дар қабзаи иродаи худ ва Гуландом аз девона кардани Насим лаззат мебаранд. Золими бабалоғатрасидаи вуҷуди Гуландом мунтазири фурсат барои садама задан аст. Деви тарсу, вале қасдгир дар вуҷуди Гуландом деви интиқом ном дорад ва Гуландомро кайҳост, бо бадтарин тасвирҳо аз шиканҷаи мавҷудоти зинда васваса мекунад. Одамоне, ки аз маҳорати зиндагӣ маҳруманд, қасди зиндагӣ накарданҳои худро аз зиндагии дигарон мегиранд. Бонуи шикастхӯрда ончунон раҳгум задааст, ки барои дастёбӣ ба лаззати шиканҷа ба фарзанди худ низ раҳм намекунад.

Баробари афтодани сояи Замира дар пешгоҳи зани нимҷони захмин, ки мисли қолини куҳна дар замин ҳамвор шуда буд, баякбор ҷон гирифта, мисоли бабри шикорӣ аз ҷо ҷаст ва фиғон кашида, ба сӯйи Замира „қанч-и-иқи бадбахти сабукпо-о-о“-гӯён давид.

Шахсияти Гуландом дар шахсияти Насим ҳал шудааст. Ӯ айни Насим ҳарф мезанад, айни Насим дашном медиҳад ва ҳатто айни Насим менишинад. Дар ин хона зану шавҳар не, балки ду гурги ҳампайкор зиндагӣ мекунанд. Гурги мода пайрави гурги нарина аст.

Хашми Гуландом хашми табиӣ нест. Ӯ ба дунё бо чашмони Насим менигарад. Шавҳар ба Гуландом иҷозаи доштани шахсияти мустақил аз шахсияти худро надодааст. Насим худхоҳи ситезаҳӯст, ки тоқати дидани иззати нафс дар одамонро надорад. Гуландом ба хотири ҷалби ризоияти шавҳари бешхоҳ тайи солҳо тамоми рафтору гуфтори Насимро мисли кӯдаки ноогоҳ нусхабардорӣ намуда, такрор

кардааст. Бонуи миёнсолро касе аз овони хурдсолӣ барои доштани шахсияти мустақил аз шахсияти дигарон ташвиқ нанамуд. Ба неруи дарунии худ ҳатто замоне, ки аз ду писари хурдсоли худ ба танҳоӣ парасторӣ мекард, имон наёвард. Бадгумонӣ дар вуҷуди Гуландом чунон реша давонидааст, ки таҷрибаи воқеии истиқлолият низ ӯро нисбат ба худ хушбин нагардонд.

Одамони заиф ва тарсу ба дунболи сохтани шахсияти мустақил нестанд. Ба дунболи инсонҳои аз худ қавитаранд, то вуҷуди бемазмуни худро дар партави шахсияти ба назар "паҳновар"-и ҳамсафар маънодор кунанд. Вале риволи зиндагӣ аз ҳилагарии одамон не, балки аз усулҳои бетағйири мусаллат бар коинот ҷиҳат мегирад. Одамони заиф, ниҳоят, ба шахсияти паҳновар не, балки ба шахсиятҳои нокоми ҷоҳталаб гирифтор мешаванд. Ду ҷоҳил – яке ҷоҳили тарсончак ва дигарӣ ҷоҳили пархошгар, аз сари ночорӣ ва аз рӯйи ғараз ҷазби якдигар мешаванд. Пайванди ду шикастхӯрда силсилаи шикастҳоро ба бор меоварад. Шикасте, ки дар домани парҳез аз заҳмат ва майли осон расидан ба мақсад тавлид мегардад.

Насим – худхоҳи зӯргӯ ва Гуландом – худхоҳи тарсу, ҳамдигарро комил мекунанд. Худхоҳи худбовар аз роҳи ба итоати комили худ даровардани худхоҳи нобовар эҳсоси иззатмандӣ менамояд. Итоат ва ҳамовоии худхоҳи беҷуръат худхоҳи густохро аз эҳсоси ноҳақ будан ва эҳсоси танҳоӣ раҳо месозад. Итоати бечунучарои инсон аз инсон нишонаи ихлос не, балки нишонаи бехирадист, чунки одам аз одам бечунучаро итоат карда, ба махлуқи беандеша мубаддал мешавад. Раҳм дар дили одам кори андеша аст. Итоат аз дастурҳо, бидуни таҳлили дурустии дастур, аз одам мошини хатарнок меофарад.

Дар муқобил нафаре, ки атрофиёнро ба итоати бечунучаро аз худ водор месозад, гарчанде худро ғаюр ҷилва медиҳад, шахсияти тавонманд надорад ва аз ин рӯ,

намегузорад, ки дигарон низ соҳиби шахсияти комил гарданд. Ӯ касеро дӯст намедорад. Бо ҳар кӣ, ҳатто бо аъзои оилаи худ, бо ҳадафи амалигардонии ин ё он ғарази шахсӣ вориди тамос мешавад. Рӯякӣ ташвиқ мекунад, вале рустакӣ донаи шубҳаро бо танқидҳои такрории ба зоҳир дилсӯзона барқасд дар дили мухотаб мекорад. Суханвар аст, вале кирдори зишт дорад.

Гарчанде Насим шахсияти Гуландомро поймол кардааст, Гуландом зиндагии худро бидуни шавҳар тасаввур карда наметавонад. Ҳузури Насими пархошгар ба ӯ, ки дар вуҷуди худ мазмунҳои барои Насим ғарибро аз байн бурдааст, эҳсоси амният мебахшад. Тарзи суҳбат ва сабки андешидани Гуландом нусхабардоришуда аз ҷилваҳои Насим аст.

Насим фикру зикри Гуландомро дар ихтиёр гирифтааст ва ӯро мисли мошин идора ва аз ӯ мисли ашё истифода мекунад.

Қиссаи Насим ва Гуландом низ ба номи ишқ шуруъ шуда буд. Инсонҳо бадтарин ҷиноётро ба номи ишқ муҳркӯбӣ мекунанд. Вале муҳаббати воқеӣ одамро ба шикори одам не, балки ба тамошои виқори ӯ мойил мегардонад. Ишқи воқеӣ ҳаргиз ба дунболи сохтани ваҳдат аз роҳи шикастани фардиятҳо нест. Муҳаббати воқеӣ ваҳдати ду қутби мустақил ва поядорро мумкин мегардонад.

Муҳаббат ҳунари пазириши инсони алоҳида ва худмухтор аст. Майли дидори равнақи маҳбуб ҳастаи муҳаббат аст. Бо шиори «ба номи ишқ» инсонҳои худхоҳ дар пайи маҳви шахсияти тарафи муқобил ва фарогир кардани шахсияти худ ҳастанд. Дигаронро зери сояи худ дидан мехоҳанд. Ошиқи меҳрубон, вақте маҳбуб боли худро барои парвоз аз зери соя боз мекунад, мубаддал ба ҷаллоди паршикан мешавад. Решаи сиёҳбахтии аксари одамон надоштани маҳорати шиносоии муҳаббати воқеист. Дар

хонавода муҳаббатнадидаҳо фиреби муҳаббати дурӯғинро бештар мехӯранд.

Гуландом аз пӯпаки Замира сахт дошта, сари ӯро ба девор кӯбидан гирифт. Ҳамроҳи пӯпаку кулоҳ орзуҳои ширин аз сари Замира париданд. Мӯйҳои духтар парешон шуданд. Зан аз мӯйҳои дарозу ғафси Замира маҳкам гирифта, ӯро дар замин кашола кард.

Падари Замира дар ин асно рӯйи сандалии куҳнаи такягоҳдор, ки зери ягона дарахт дар рӯйи ҳавлии хурдакак қарор гирифтааст, такя дода, сигори худро равшан намуда, ба модару духтар бо писханди хунук, хунсардона нигоҳ мекард.

Аз тарзи роҳ рафтан, тарзи нишастан, тарзи сигоркашӣ, тарзи нигоҳ ва писхандҳои Насим возеҳ аст, ки ӯ худро аз дигарон ҳушёртар мепиндорад. Бо вуҷуди худбузургбиниҳои бесобиқа Насим зоҳири девонаҳоро дорад. Сару вазъи Насим нопуста, аз бадани ӯ бӯйи ғализ ва куҳнаи арақ ба машом мерасад. Дандонҳои зарди Насим рӯйи мисвокро намебинанд, вале Насим, ки бо баҳонаи оташин шудан тамоми оинаҳои мавҷуд дар хонаро шикаста, гоҳ-гоҳ бо кунҷковӣ дар оинаи доирашакли кӯчаки назди дастшӯйӣ овезон ба чеҳраи афсурдаи худ нигоҳ мекунад, худро ба оина низ бузургу мумтоз ҷилва доданӣ мешавад. Одамон воқеияти худро дар оина мебинанд, вале нобоварӣ ба неруи дарунӣ бобати ислоҳи воқеият боиси лағжиши онон ба дунёи хиёл мешавад. Оинаи кӯчаки дар саҳни ҳавлӣ овезон намоди тиккаи виҷдонест, ки дар вучуди фиреболуди Насим раҳгум задааст. Аз аҳволи хонаи одам авзои дарунии ӯро метавон дид. Дунёи пиромун бозтоби дунёи дарун аст. Хонаи одамон бозтоби тасвирҳои мавҷуд дар зеҳни онҳост. Насим дар дарун мисли ҳамин хона холӣ ва тафсида аст. Дигаронро меозорад, чун худ аз зулми худхоҳии аз занҷир раҳошуда ранҷ мекашад.

Модари Замира, ки то ҳол худ лагадмол мешуд, Замираро аз мӯйҳо кашола карда, ба пеши пойи падар

андохт. Ногаҳон осори осудагӣ дар чеҳраи Гуландом ба сурати ғайритабиӣ ҳувайдо гаштанд. Гуландом аз фикр кардан нафрат дорад. Андешидан ба масоили печидаро дӯст намедорад. Бинобар ин, барои осонҳазм кардани талхиҳо, Замираро дар зеҳни худ асоси бадбахтиҳо таъриф кардааст. Гӯё Замираро барои наҷоти Гуландом гарав монда бошанд, ҳар бор Замираро туъмаи хашми падар ва сипар барои худ месозад.

Ғаризаҳои модариро Гуландом дар худ маҳв кардааст. Нигоҳи беруҳи Гуландом вақте осуда мешавад, ваҳшатнок менамояд. Гуландом нафаси сарду сабук кашид. Ором шуда буд. Чунон ором, ки гӯйӣ як умр осудааст ва ошуфтаҳолиро намедонад. Замираро дар пеши пойи падар раҳо кард ва бепарво аз паси корҳои худ рафт. Ҳатто ҳайвон нисбати фарзанди худ, то ҳадде, ки инсонҳо қодиранд, бетафовут шуда наметавонад.

Саҳна дар саҳни ҳавлӣ ба маросими қурбонии қавмҳои ҷоҳил шабоҳат дорад. Дар рӯйи минбар бути нимҷонро худо гумоштаанд ва мардум мавҷудоти зиндаро ба хотири наҷот аз ғазаби нобаҳангоми бут, даступобаста барои гардан задан дар пеши пойи ӯ мегузоранд. Насим бут, Гуландом бутпараст ва Замира гӯсфанди қурбонист.

Вазъияти руҳӣ дар ин хона чунон ваҳшатафкан аст, ки дар ин шароит, агар инсон иродаи кофӣ барои инсон мондан надошта бошад, нохудогоҳ ба фикри наҷоти пӯстини худ меафтад. Шароити сахт одамони қавиро месозад ва одамони заифро месӯзад. Ҷаҳаннаме, ки Насим дар дили Варзоб барпо кардааст, бӯйи сӯхтор медиҳад.

Худхоҳии бебандубор падари Замираро бо гузашти сол ба хуношом мубаддал намуд. Замира, духтараки ҳушёри ноком, аз падару модар тасвири ғалат аз муҳаббат ба ирс бурдааст. Фарзандон на танҳо деворҳои хона, балки руҳияеро, ки волидайн дар хона месозанд, ба мерос мебаранд ва руҳияи хона мероси маҳвнашаванда аст.

Ин хонаи се ошнои мойил ба бегонагист. Ин ҷо хона не, балки тантанагоҳи худхоҳист. Руҳияи ситамдидаи Замира ба дунболи хона ва осоиш мегардад, вале тасвири ғалат дар даст Замира низ роҳҳоеро хоҳад рафт, ки ба хонаҳои сард мебаранд. Замира эътироф кардан намехоҳад, вале ӯ, бо вуҷуди нафрати бисёр нисбат ба фазои хонаи падарӣ, интихоби худро аллакай кардааст. Интихоби Замира ба фоидаи зиндагии солим нест, чунки ӯ толиби ҷуброни зулм ба ҳар қимати мумкин гаштааст.

Ду деви дупо духтаракро мисли тӯб ба якдигар партоб мекунанд ва сарфи назар аз асабонияти зоҳирӣ, аз ин кор лаззат мебаранд. Замира дар дасти ду ноқобил фарзанд не, балки лӯхтак аст. Инсон, агар ба худхоҳӣ арса бидиҳад, аз ҳайвони ваҳшӣ бадтар мешавад, ба фарзанди худ низ раҳм нахоҳад кард. Гуландом ба руҳияи дарандаи шавҳари ваҳшии худ хӯ гирифтааст. Замира низ, гарчанде эҳсоси нафрат ба падар дорад, аз он ҷо ки падар ягона намунатасвири ӯ аз мардон аст, золимии мардон нисбат ба занонро пазируфтааст.

Падари Замира сигори дардастбударо чунон бо ҳавсала дуд медиҳад, гӯё дар зиндагӣ парвои дигар надорад. Дар осмон бо кумаки лабҳои уштурмонанд беқавораи худ адои рассомҳоро даровcovarда, аз дуди сигор ҳалқасозӣ мекунад. Замираи қурбонӣ рӯйи зонуҳо сархам бо мӯйҳои парешон пеши пойи падар мунтазири ҳукми бут нишаст.

Аз зери домани кӯтоҳи Замира зонуҳои харошбардоштаи ӯ менамоянд. Зонуҳои нимбараҳнаи Замира рӯйи саҳни тафсони ҳавлӣ месӯзанд, вале ӯ ҷуръати такон хӯрдан надорад. Чашмони Замира ҳавзи об шудаанд, вале духтар медонад, ки қалби яхзадаи марди худхоҳро ашки сӯзон ҳам об нахоҳад кард. Замира ба чашмони падар нигоҳ намекунад ва дар чашмони бераҳми падар ба дунболи шарораи шафқат намегардад. Ӯ аз нигоҳҳои сарду

ҳаримшикани Насим безор аст. Наъраи ногаҳон ва гӯшхароши марди бадмаст Замираро мисли барқ гирифт:

– Кафи дастатро пеш кун, қанчиқ!

Замира бесадо аз амри падар итоат кард. Насим сигори худро дар кафи дасти Замира хомӯш сохт. Эҳсоси дар ихтиёр доштани ҷони Замира Насимро бадтар аз шароб маст мекунад. Ҳукумати падару модар бар фарзандон низ асбоби найранг шуда метавонад. Магар шайтон аз васваса кардани одам хаста мешавад?

Тоқати Ҷаҳонпаҳлавон, ки аз баландии теппа ба саҳни ҳавлӣ нигоҳ мекард, тоқ шуд. Замира навҳаи сӯзиши дастро дандон ба дандон зада, дар худ пахш намуда, садо намебаровард. Ба чашмони олудаи падар нигоҳ намекунад, вале нигоҳи ба дасти рост равонашудаи Замира сард аст. Ҳарорати гила ҳам нигоҳи сарди Замираро гарм намекунад. Шикоят надорад, чунки ӯ дигар ба мавҷудияти додрас низ бовар надорад. Бовар надорад ва бовар кардан ҳам намехоҳад. Ҳолати нигоҳи Замираи навҷавон инсони раҳмдилро ба ваҳшат меоварад. Ба ғунчаи шикаста мемонад. Ҳанӯз муаттар аст, вале ба зудӣ пажмурда хоҳад шуд.

Ашк дар чашмони Ҷаҳон, ки аз баландӣ дохили ҳавлиро наззора карда, ба воқеӣ будани саҳнаи пеши рӯ бовар кардан намехост, ҳалқа зад. Вуҷуди Ҷаҳонпаҳлавон дар оташи ғазаб месӯзад. Афзоиши ҳарорат дар бадан боиси берун задани қатраҳои об аз ҷабини Ҷаҳонпаҳлавон шуд.

Насим пас аз хомӯш кардани сигор дар дасти Замира, ба хотири вокуниши сарди қурбонӣ, ба хотири ба берунназадани эътирози саркӯбшуда дар вуҷуди Замира, шаппотии обдор ба сурати духтари худ зад. Замира дар пеши пойи Насим ба зонуст, вале руҳи худро таслими падари бадхӯ накардааст. Насим худро дар баробари муқовимати сарсахтонаи Замира ночор дида, пеши селаи хашм, ки ба ӯ аз дарун ҳамлавар шуда буд, ба зону зад. Бо вуҷуди ин, Насим аз озори Замира огоҳона лаззат мебарад.

Духтари ҷавонро, ки чанд соат пеш дар назари Ҷаҳон эҳсони осмонҳо менамуд, дар пеши чашми ӯ ба поинтарин сатҳи ҷаҳаннам партоб намуданд. Номи Замираро низ Ҷаҳон барои аввалин бор дар ҳамин ҷаҳаннам шунид.

Насим бо хомӯш кардани сигор дар кафи дасти Замира ва шаппотӣ задан қаноат накард. Сигорро ба як тараф гузошта, аз ҷо базӯр баланд шуда, тасмаи оҳандорро аз камар кашид ва шуруъ ба лату кӯби Замира намуд. Чунон бераҳмона мезад, ки гӯйӣ қасди ҷони Замираро кардааст. Ҷаҳонпаҳлавон, ки тавони бардошти тамошои зулми бисёрро надорад, қарор аз даст дод ва бо тамоми қувват ба сӯйи «ҷаҳаннам» давид...

## Қисми 12

## НАСИМИ МАСМУМ

Сабаби дер ба хона расидани Замираро касе напурсид. Замира ба падару модар баҳона барои тантанаи девҳо додааст. Шаётин дар вуҷуди Насим ва Гуландом имрӯз ид доранд. Замира, ҳар бор ҳарду ҷилави ирода аз даст бидиҳанд, бозичаи дилхушӣ қарор мегирад.

Ба назар мерасад, ки зану шавҳар забоне ҷуз забони хушунатро намефаҳманд. Тамошои хушунати бебандубор деви вуҷуди Ҷаҳонпаҳлавонро аз завлонаҳо раҳо кард. Ҳар он чӣ ба дида роҳ меёбад, дар дил асар мегузорад. Тамошои такрории зулм раҳмро аз сина берун мекунад. Гарчанде дев дар сирати Ҷаҳонпаҳлавон то ҳол ҳеч гоҳ аз худ дарак надода буд, аз девҳои ҳаррӯзбедор дар вуҷуди Насим ва Гуландом бадҳайбаттар ҷилва намуд.

Ҷаҳон аз сари девор ба шаст ҷаҳида, тарафи Насим давид. Ҳайбати Ҷаҳонпаҳлавон девҳои ҳарис ва тарсуи хонаро ба ҳарос овард.

Падари Замира аз ранҷ додани ҳамсару духтари худ лаззат мебарад. Қасди нокомиҳо ва тақсирҳои худро аз ҳарду мегирад. Шукӯҳеро, ки ҷомеа хилофи интизороти Насими худшефта дар ӯ надидааст, ба модару духтари ночор намоиш медиҳад.

Насим аз овони навҷавонӣ худро ба ҳама ба унвони писари худхоҳ ва ҳасуд муаррифӣ кардааст. Гарчанде дар русто дар хонаводаи чӯпон ба воя расид ва ҷавони хушқадду қомат буд, танпарвар ва бадхӯ бор омад. Ба насиҳатҳои падару модар эътибор намедод. Худро лоиқи заҳмат намедид. Ҳар вақт ба пул эҳтиёҷ пайдо мекард, ба падар бо меҳрубонӣ пешниҳоди ба чаро бурдани гӯсфандонро медод. Агар дигар рӯзҳо нисфирӯзӣ аз хоб бедор шавад, дар чунин рӯзҳо каллаи субҳ бедор мешуд, вале пас аз баргаштани Насим аз чарогоҳ як ё ду гӯсфанд аз рама коста мегардид ва навмедӣ домани падарро аз сар мегирифт.

Гарчанде рустои хурдакак аҳолии зиёд надорад, Насим бо пулҳои аз роҳи фиреби падар бадастомада аз бозори марказии ноҳия барои худ либосҳои шинам харида, дар гузаргоҳҳои гилии рустои камодам раисмонанд гом бардошта, зиндагии фараҳмандро дар лавҳи хиёл тасвир менамуд.

Орзуи зиндагии роҳат Насимро оқибат ба пойтахт кашонид. Дар Душанбе ба хотири надоштани майл ба кори доимӣ ба як гурӯҳ升 дуздбачаҳо ҳамроҳ гардид. Писари чобук пойҳои даванд дошт ва ба тамоми намуди дуздӣ беибо даст мезад. Дар миёни ҷамоати дуздон Насим, ки худро бо номи дурӯғини Ҷасур муаррифӣ карда буд, зуд соҳибном шуд. Дар хонаи қалби Насим ҳирсу ҳасрасти бисёр тарси бешуморро маскун намудааст, вале ӯ ба хотири шавқи зиёд нисбат ба

сарварӣ, ба хотири аз даст нарафтани эътибор, худро ҷасур вонамуд мекард.

Як шаб мошинҳои азимҷуссаи мусаллаҳ ва мардони ниқобпӯш ба машваратгоҳи дуздон, ки дар беруни шаҳр, дар миёни хонаҳои нимсохт қарор дошт, шабехун заданд. Насим, ки барои адои ҳоҷат, ба гӯшаи торик рафта буд, тавонист, оҳиста аз он ҷо фирор карда, ба табақаҳои болоии сохтмони нимсохт баромада, пинҳон шавад.

Насим ба сақфи яке аз сохтмонҳои баланд баромада, аз боло наззора мекард. Ду нафар аз ҳамкасбони ӯ зери лагадмол мурданд. Якчанд нафар нимкуштаро гӯсфандвор ба мошинҳо бор карда, ба ҷойи номаълум burданд.

Чанд рӯз пеш Насим ва ҳамроҳони ӯ хонаи яке аз сарватмандонро, ки бо гурӯҳҳои ҷиноӣ рафоқат доштааст, ғорат карданд. Насим аз шиддати тарс дарақ-дарақ меларзид. Бовар намекард, ки ҷон аз водии марг ба саломат бурдааст.

Пас аз ин ҳодиса, Насим ба хулоса омад, ки зиндагии хориҷ аз чорчӯбаи қонун дер ё зуд бо фоҷиа меанҷомад. Насим ба хотири бетаваҷҷуҳӣ ба дарсу машқ, гарчанде мактаби деҳаро то синфи ҳафт хондааст, аз маҳорати навиштану хондан маҳрум монд.

Сафи қувваҳои мусаллаҳ дар назари ҷавони тануманд ва варзишкор ягона умеди болоравӣ аз пиллаҳои иҷтимоӣ ва роҳи расидан ба зиндагии шоиста дар чорчӯбаи қонун намуд. Насими айёр аз ҳамон рӯзи аввали вуруд ба сафи қувваҳои мусаллаҳ дидадароӣ ва хушомадгӯйии раисонро пешаи худ сохт. Амри сардоронро бечунучаро, фавран ва босифат иҷро мекард. Ҷавони боҳуш медонист, ки хушомадгӯйиҳо сармоя ва замонат бароиояндаи хуби ӯ хоҳанд шуд. Насим мехост, соҳиби вазифа ва рутбаҳои низомӣ гардад. Билохира, баъд аз чанд сол хидмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ бахт ба рӯйи Насим хандид ва ӯ бо яке аз сарфармондеҳони соҳибмақом ошно гардид.

Ҷавони корчаллони чобукро дастёри шахсии сарфармондеҳ таъйин карданд. Хидмати содиқонаи Насим самар дод. Шароити зиндагии рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Ба Насим мошини хидматӣ ва хонаи хидматӣ доданд. Пас аз чанд сол хидмат ӯро раиси бунгоҳи ҳарбӣ дар яке аз минтақаҳои сарҳаддӣ гумоштанд. Вале Насими ташнаи қудрат аз дастовардҳои худ сероб намешуд. Баднафс буд. Ба нафароне, ки қобилтар буданд, аз ӯ бештар доштанд ва ба мақомҳои болотар ноил гардидаанд, ҳасад мебурд.

Қаноат накардан ба шикасти Насим суръат бахшид. Бо зердастон бадахлоқӣ мекард. Дар ҳолати мастӣ ба ҷойи кор меомад. Баҳона ҷуста, якчанд сарбозро лагадмол ҳам намудааст. Мақомоти дахлдор гузориши корнамоиҳои Насимро омода карда, ба мақомоти болоӣ пешниҳод карданд. Пас аз тафтишу таҳқиқ ҷиноятҳои дигари Насим низ рӯйи об баромад. Ба номуси духтарони мардуми одӣ дар минтақаҳои марзӣ дастдарозӣ мекардааст. Баъд аз баррасии парвандаи Насим ӯро бидуни ҳаққи барқарор шудан дар хидмати давлатӣ аз кор сабукдӯш намуданд. Мошин ва хонаи хидматиро низ аз ӯ гирифтанд.

То ин дам Насим тамоми даромади худро сарфи айшу нӯш мекард. Бо як миқдор пули каме, ки сармоя намуда буд, маҷбур шуд, каппачаеро дар ҳошияи Душанбе, дар ҳамсоягии Варзоб барои худ харидорӣ кунад. Насим, ки то ҳол шаҳди раис буданро чашидааст, дигар розӣ ба анҷоми корҳои одӣ намешавад. Муддате дар ин каппача ба арақнӯшӣ ва айёшӣ машғул гардид. Пулҳои захиракардаи Насим, билохира, тамом шуданд ва ӯ дубора ба фикри пайдо кардани роҳи бурунрафт аз буҳрони навбатӣ афтод.

Пас аз талоши зиёд ва рафтуомад ба ҷойи кори ошноҳои собиқ, Насим маҷбур ба эътироф шуд, ки дари хидмати давлатӣ ба рӯйи ӯ то абад баста шудааст. Ба фикри машғул шудан ба тиҷорат афтод, вале Насим сармояи кофӣ барои тиҷоратро надошт.

Дар кӯҳу пуштаи Варзоб ба хотири пайдо кардани қурбонӣ гаштугузор мекард. Дар ин кӯҳҳо хонаҳои муҷаҳҳаз ва аз назари дузди гузаро беназорат зиёданд. Ӯ дубора ба фикри дуздӣ афтода буд. Деворҳои қасрҳои боҳашамат баланду дастнорасанд. Дар чор тарафи ин қасрҳо дастгоҳҳои наворбардорӣ насб шудаанд. Тарси боздошт ва муҷозот шудан Насимро аз ғорати қасрҳо дар кӯҳистонҳои Варзоб боз медошт. Билохира, Насим пас аз гаштугузор дар кӯҳистонҳои Варзоб ва андешаи зиёд аз шикор бо мурғ ё баррачаи аз хонаи кадом камбағали бахтбаргашта дуздишуда бармегашт. Зиндагии рустакӣ ва бешукӯҳ, билохира, ба дили Насим зад. Ӯ худро шоистаи зиндагии беҳтар медонист.

Як рӯз Насим найранги нав тарроҳӣ карда, ба истгоҳи мошинҳои кироям байнишаҳрӣ бо сару вазъи ношуста ва аҳволи парешон рафт. Бо нақл кардани қиссаи дурӯғин дили яке аз ронандагонро сӯзонда, ӯро розӣ намуд, ки Насимро бепул то дами дари хонаи падару модар бирасонад. Насим ба хотири ин ки пас аз тарки хонаи падарӣ, ҳеч гоҳ аз аҳволи хона хабар нагирифт, аз марги падар огаҳӣ надошт. Бародари хурдии ӯ кори падари чӯпонашро идома додааст.

Насим ба ин ҷо низ барои шикор омада буд. Ба бетобии модар нигоҳ накарда, бо бародар баҳс сари меросро шуруъ кард. Додари Насим айни падар оромтабиат аст. Насим доду вой мекард ва Ҷаъфар – додари Насим бо таассуф ба ӯ менигарист. Насим ба ин саҳнасозӣ ба унвони пешдаромад ба ғорати оила эҳтиёҷ дошт.

Шабро дар хонаи падар рӯз кард. Субҳ аз ҷайби модар пул дуздида, ба наздиктарин бозори молфурӯшӣ барои пайдо кардани мошини боркаш рафт. Дар бозор бо ронандае маслиҳат намуда, ӯро барои фардо субҳи зуд ба русто омадан розӣ кунонд. Ба хона баргашт. Ниқоби “бачаи хуб”-ро ба чеҳра кашида, аз тамоми хонавода узрхоҳӣ намуд.

Насим субҳи барвақт соати 3 аз хоб бедор шуда, таҳорат карда, либосҳои худро пӯшида, аз модар барои

хондани намоз ҷойнамоз ва тасбеҳ пурсид. Додари Насим низ бедор шуд. Ӯ бояд гӯсфандонро ба чарогоҳ барад. Насим исрор кард, ки имрӯз гӯсфандонро худ ба чаро мебарад ва ба ҳамроҳии додар эҳтиёҷ надорад. Додари Насим ба бародари бузург бо нигоҳи шубҳа нигарист, вале пешниҳоди бародарро, аз он ҷо ки зӯри додар ба бародари тануманд намерасад, бо дили нохоҳам пазируфт. Ҷаъфар ҷойнамоз ва тасбеҳро дар дасти бародар дида, ба чашмони бародар хира шуда, гуфт:

- Суистифода аз одамонро ҷуброн карда мешавад, ака, вале ба нафси худ ҳаргиз иҷозаи суистифода аз номи Худоро надеҳ, ки ба бад гирифтор мешавӣ.

Насим насиҳати додарро тамоман ҷиддӣ нагирифт. Садои виҷдонро кайҳо пахш кардааст. Дар қалби ҳариси Насим бовар ба Худо ва охират дигар намеғунҷад. Бародаре, ки дирӯз бадвоҳима доду фиғон мекашид, имрӯз додари нобоварро, сарфи назар аз бадгумониҳои ӯ, шоду хушханда, бародарвор ба оғӯш кашида, ба берун баромад. Ҷаъфар, ки нигарони аҳволи модари пир буд, бо дуо ором гирифта, вориди хона шуд. Хушҳол буд, ки имрӯз тамоми рӯзро дар паҳлуи модар мегузаронад. Деви худхоҳӣ дар вуҷуди Насим чашмони ӯро ба дидани ранҷи хонавода кӯр кардааст, бинобар ин, Насим ҳатто як гӯсфандро барои додару модар боқӣ нагузошт. Ҳамаи гӯсфандонро савори мошини боркаш карда, бо худ гирифта бурд ва бо ҳамин дубора бедарак гардид.

Бо пули аз фурӯши гӯсфандон бадастомада Насим ба худ сару либоси хуб харида, ба шикори занони моядор баромад. Дар яке аз маҳаллаҳои марказӣ дар Душанбе хонаи гаронбаҳо иҷора намуда, иҷорапулии чандмоҳаи онро пешпардохт кард.

Ҳар рӯз ба тарабхонаҳои сатҳи миёнаи пойтахт барои пайдо намудани қурбонии муносиб мерафт. Ба тарабхонаҳои сатҳи олӣ аз тарси бархӯрдан бо занони соҳибдор умуман

намерафт. Дар тарабхонаҳои сатҳи миёна ба дунболи бонувони танҳо ва муҳтоҷи таваҷҷуҳ, ки дорои рифоҳи нисбӣ ҳастанд, мегашт.

Гуландомро дар яке аз тарабхонаҳои Душанбе бо ҳамроҳии ду писари навраси ӯ дид. Гуландом аз Насим 7 сол бузургтар аст. Ба назар мерасид, ки авзои молии Гуландом хуб бошад. Аз меҳрубониҳои намоишкоронаи Гуландом ва хиҷолатзадагиву беҷуръатии писарони наврас маълум буд, ки Гуландом модари танҳо аст ва бори зиндагиро ба танҳоӣ мекашад. Бо ин ҳол, Гуландом сару либоси хуб ба тан дошт ва гардану гӯшҳову банди дастони худро бо тиловориҳои бешумор зинат дода буд.

Насим аз паси Гуландом пойид. Суроғаи Гуландомро муайян кард. Гуландом муҷаррад будааст, дар бозори "Корвон" нуқтаи фурӯш дорад ва аз Туркия либосвории занона барои фурӯш меовардааст. Насим аз ҳамкорони Гуландом дар бозор ва ҳамсояҳои ӯ бо баҳонаҳои гуногун дар бораи Гуландом маълумоти бештар ба даст овард.

То ошноӣ бо Гуландом низ Насим бо ҳамин минвол занони гуногунро ба тӯр андохта, худро тоҷири муваффақ муаррифӣ карда, пас аз харҷи андак барои онҳо, бо баҳонаҳои изтирорӣ пул ситонида, бедарак мешуд. Дар хиёли занони хаста аз заҳмат Насим тасвирҳои гуногун мекашид: гоҳ аз Олмон ба Тоҷикистон доруворӣ ва дастгоҳҳои тиббӣ ворид мекард, гоҳ ба тиҷорати гиёҳҳои доруӣ ва ворид кардани равғанҳои табобатӣ аз кишварҳои арабӣ машғул мешуд ва гоҳ ба хариду фурӯши мошинҳо мепардохт.

Ба хотири касби эътимоди бештари занон Насим бо номҳои дурӯғин онҳоро дар ҳузури чанд шоҳиди сарироҳӣ ба никоҳи худ медаровард. То никоҳ Насим тоҷири забардаст ва пас аз ақди никоҳ ногаҳон ба мушкилоти молии ғайричашмдошт рӯ ба рӯ мешуд ва ин занон ба унвони ҳамсар бояд барои наҷоти Насим аз тангнои молӣ аз хона, тиловорӣ ё пасандозе, ки доштанд, сарфи назар мекарданд.

Ваъда медод, ки пас аз наҷоти тиҷорати худ пули ҳамсарро чанд баробар карда, пас медиҳад.

Аз он ҷо ки никоҳ дар миён буд ва Насим то ҳол бо ин бонувон номулоиматӣ накардааст, чашмбаста ба наҷоти шавҳари меҳрубон мешитобиданд ва аз Насим ба унвони шавҳари ҳалолии худ забонхат намегирифтанд. Пас аз бехонумон кардани ин бонувон, Насим шумораҳои тамоси худро иваз намуда, бо пули бисёр ва муфт ғайб мезад. Бонувони фиребхӯрдаи обрӯвобаста, аз тарси бадномӣ аз паси Насим ва фошсозии найрангҳои ӯ намешуданд. Бозори қаллоб бад-ин минвол гарм мемонд.

Вале Гуландом бо дигар бонувон фарқ мекард. Вақте Насим ӯро водор ба фурӯши манзили зист ва додани ин пул ба Насим намуд ва бедарак шуд, Гуландом ба ҷустуҷӯйи ӯ пардохт. Ба ширкати мобилӣ рафта, исрор намуд, ки яке аз шумораҳои қаблии Насимро, ки Насим кайҳо истифода намебурд, ба ӯ бифурӯшанд. Шумораро равшан намуда, мунтазири зангҳо нишаст. Яке паси дигар қурбониҳои Насим пайдо шудан гирифтанд. Аз яке аз қурбониҳо номи воқеии Насимро шунид. Шеваи кори Насимро фаҳмид. Маълумотеро, ки занони қаблӣ бобати Насим ба даст оварда буданд, аз онҳо гирифт.

Занони дигар найранги Насимро фаҳмида, фақат мехостанд, ки пулҳои худро баргардонанд, вале Гуландом пул намехост. Ӯ Насимро мехост. Бонуи ташнаи таваҷҷуҳ ба таваҷҷуҳи дурӯғини Насим хӯ гирифта буд. Дурӯғҳои Насим ба виқори набуда барнахӯрд. Гуландом ба хушбахтии хиёлӣ низ розист.

Суроғаи хонаи падари Насимро пайдо намуда, ба унвони ҳамсари Насим ба хонаи онҳо ба ҷустуҷӯйи шавҳар рафт. Ашки модари Насим ва корномаи сиёҳи ӯ Гуландомро аз ин мард дилсард накард. Пас аз ҷустуҷӯҳои зиёд ва муайян кардани ному насаби воқеии Насим, бо аризаи шикоятӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намуд. Боз ҳам дар

навиштани ариза Гуландом пайгири адолат набуд. Ӯ Насимро ба ҳар қимати мумкин пайдо кардан мехост. Билохира, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ Насимро дастгир карданд.

Вақте Гуландом вориди утоқи муфаттиш шуд, Насим бо либосҳои шинам ва калиди мошини гаронбаҳо дар даст аз ҷо бархоста, бо табассум Гуландомро пешвоз гирифт. Насим ба муфаттиш гуфта буд, ки Гуландом ҳамсари ӯст ва аз сари қаҳр аризаи шикоятӣ навистааст. Гуландом хушҳол буд, ки Насимро, билохира, пайдо кардааст. Насим аз сари маҷбурӣ, ба хотири зиндон нашудан, ба зиндагии муштарак бо Гуландом розӣ шуд. Ӯ фарзанддор шудан намехост, вале Гуландом, ки ба сурати ғайриоқилона ба ин мард вобаста шуда буд, фарзанддор шуданро шеваи мехкӯб кардани Насим дар назди худ медонист.

Ҳамин тавр, Замира ба дунё омад. Насим мутобиқи маслиҳати пешакӣ бо Гуландом ба фиреби занони танҳо идома дода, моликияти бонувони муштоқи муҳаббатро якҷоя бо Гуландом обу лой мекард.

Билохира, неруи ҷавонӣ аз Насим рафт. Фиребу макри бисёр ҷозибаҳои руҳӣ ва неру аз ӯ костааст. Тӯре, ки ба об меандохт, дигар моҳӣ намедод. Ду ҳамхӯ аз он ҷо, ки пули аз роҳи фиреб бадастомадаро дар айшу нӯш масраф менамуданд, маҷбур ба зиндагӣ дар кулбаи каппамонанд дар дили кӯҳистон шуданд.

Писарони Гуландом пас аз гирифтории модар ба Насим, дар хонаи хола ба сахтӣ бузург шуданд. Интихоби модар ва бехонумоншавиро дарк намекарданд. Тануманд шуда, барои кор ба Русия рафта, дар ҳамон ҷо издивоҷ карда, муқим шуданд. Бо вуҷуди ин ки модар онҳоро тарк карда буд, борҳо модари худро аз чанголи Насим раҳо карданӣ шуданд, вале Гуландом ба қафас ва ҳайвони даруни қафас дил баставу розӣ ба раҳоӣ намешуд.

Одам ба дидани муҳаббат ниёзманд аст. Муҳаббат инсонро обу тоб медиҳад. Бинобар ин, одами маҳрум аз муҳаббат мисли ташнаи раҳошуда дар биёбон дар роҳи дастрасӣ ба як ҷуръа муҳаббат аз ақлу мантиқ сарфи назар мекунад. Вале фурӯшандагони муҳаббат дар ҳалқи ташнаи толибони муҳаббат оби зулол не, балки шӯроб мерезанд.

Виҷдони Гуландомро, ки дар умри худ меҳрубонӣ надидааст, ваҳшати танҳоӣ тира намуд, бинобар ин, на ҳаваси наҷоти худ ва на ҳаваси наҷоти Замираро мехӯрад.

Ман-мании Насим ҳасрати аз даст рафтани фурсатҳои зиндагиро дар ӯ шадидтар месозад, вале зиндагии Насим аз он ҷо, ки ӯ иллати нокомиҳоро дар худ не, балки дар дигарон меҷӯяд, дигаргун нахоҳад шуд. Насим ба ҳамсояҳо ва муваффақиятҳои кӯчаку бузургашон ҳасад мехӯрад ва ба хотири эҳсоси нотавонӣ дар баробари пешрафти онҳо аз пасашон бо писханду такаббур носазо мегӯяд. Ӯ аз тариқи таҳқири дигарон эҳсоси ҳақоратро, ки ба хотири шикастҳои пайдарпай ва ҳавобаландии беҳуд дар Насим эҷод шудааст, канор задан мехоҳад.

Одамони худхоҳ хаёл мекунанд, ки одаму олам аз онҳо қарздоранд, бинобар ин, зиндагии хубро аз ҳисоби дигарон мехоҳанд.

Насим аз Замира вокуниш мехост. Гиряву нолаву саҳнаҳои гӯшхарош мехост. Ҳаяҷон мехост. Замира бошад, овоз намебаровард. Сукути Замира мардакро бештар асабонӣ мекунад. Гӯйӣ Замира карахт истода, иштиҳои падари золимро кӯр карданист. Сукут сабки эътирози Замираи дар банд аст.

Вақте гурбаи сер бо муши нимҷон, ки ба ҳошияи марг наздик шудааст, сару кор дорад, бо қурбонии худ ё ба қавли дигар бо таом ба бозӣ кардан мепардозад. Мушро чунон дилзада мекунад, ки муш бо вуҷуди надоштани умед, маҷбур мешавад охирин қувваи худро ҷамъ намуда, ба зӯровариҳои гурбаи маст муқовимат нишон диҳад. Гурба талоши

бесамари муш ва имтиёзу бартарии ошкори худро дида, аз эҳсоси қудрат лаззат мебарад. Ин бозиро бозии қудрат меноманд. Бозие, ки машғулияти дӯстдоштаи руҳияҳои ноком ва бакамолнарасида аст.

Гурба ҷонвари ваҳшист. Агар бо муш бозӣ мекунад, яқинан шикамсер аст. Дар ин бозӣ ҳадафи гурба куштан аз сари мастист, куштан аз сари худхоҳист, куштан аз сари шаҳвати қудрат аст. Пас аз ин ки муш охирин нафаси худро мебарорад, гурба ӯро раҳо карда, меравад.

Озори руҳӣ ва ҷисмоние, ки падари Замира нисбат ба аъзои хонавода раво донистааст, ҳамсони шиканҷаи гурбаи сер нисбати мушҳои нимҷон аст. Замира қоидаи бозиро медонад, бинобар ин, вокуниш нишон намедиҳад ва муқовимат намекунад. Намегузорад, ки падари ҷоҳил лаззати лозим аз бозиро касб кунад. Насим зиндагии худро ба бозӣ ва Замираро ба бозича мубаддал кардааст ва Замира инро медонад.

Ҷаҳонпаҳлавон аз сари девор парида, ба шаст вориди хона шуда, бидуни ин ки ба Насим фурсати вокуниш бидиҳад, камарбандро ба зӯр аз дасти ӯ кашида, бо пой ба шиками Насим зада, ӯро дар замин ҳамвор кард. Барои ин ки Насим таъми кирдори худро бичашад, Ҷаҳонпаҳлавон бо камарбанд Насимро чунон зад, ки дар ҷисми Насим ҷойи обод намонд. Мардак мисли кӯдаки ночор гиря мекард. Ҳоли Ҷаҳон аз шунидани нолаҳои илтиҷоомези Насим бад шуд. Ҷаҳон аз ваҳшонияти худ тарсид. Камарбандро бо безорӣ ба шаст канор андохт.

Дар ин асно Замира аз замин базӯр баланд шудан мехост. Либоси Замира дар тани ӯ пора-пора шудааст. Ҷаҳон болотани худро бадар намуда, бадани нимбараҳнаи Замираро бо он пӯшонд. Замира ба Ҷаҳон, ки аз зери дасти Замира гирифтан мехост, бо нигоҳи ваҳшӣ нигарист. Гӯё Ҷаҳон хатои нобахшиданӣ карда бошад. Нигоҳи Замира нигоҳи маҳкумгар аст. Ҷаҳон бо тааҷҷуб лаҳзае ба чашмони Замира

хира шуд, то маънии нигоҳи духтари захминро дарёбад. Дар ҳамин асно Ҷаҳон бархӯрди ҷисми сахту вазнинро дар фарқи сар эҳсос кард ва аз ҳуш рафт.

Модари Замира буд, ки барои худширинӣ дар назди шавҳари разил Ҷаҳонро аз по даровард.

Гуландом аз куҷое неру пайдо карда, ба лату кӯби дубораи Замира пардохт. Модари Замира ба зебогиву ҷавонии Замира ҳасад мехӯрад. Барои ӯ озори Замира аз таскин додани шавҳар муҳимтар аст. Падари Замира дар рӯйи ҳавлӣ хобида, фиғон мекашид. Ин хона аз девонахона бадтар аст.

Пас аз лату кӯби дубораи Замира Гуландом, ки фитрати тарсу ва хушомадгӯ дорад, гӯё озори шавҳарро акнун дидааст, бо аҷала ва доду афғон ба хушомади шавҳари ноқобил шитобид, вале дар миёни расидагӣ ба захмҳои шавҳар гоҳ-гоҳ ба Замира баргашта, талош менамуд, ки ба мӯйҳои зебои ӯ панҷа зада, чанде аз онҳоро аз реша канад. Гуландом қасди пир шуданҳои худро аз ҷозибаҳои Замираи ҷавон мегирад. Чунон зангӯладор бо шаппотӣ ба рӯйи Замира мезад ва сурати духтарро бо нохунҳои тез мехарошид, хиёл мекунӣ, чеҳраи Замираро беқавора кардан мехоҳад.

Замира ҳамоно вокуниш нишон намедод. Аз шиканҷаи ду ҷонвар дида, духтар аз берун баромадани воқеияти талхи хона бештар метарсад.

Ҷаҳонпаҳлавон дар аввал тахмин зад, ки ҳарду падару модари нотании Замираанд, вале тахмини ӯ тахмини хатост. Насим ва Гуландом падару модари воқеии Замираанд.

Марди пашмолу арақ дар даст, модари Замираро, ки пештар ба ӯ кумак карда, ӯро рӯйи курсӣ нишонда буд, аз худ тела дода, аз «тахти шоҳӣ» дар зери дарахт бархоста, ба Ҷаҳонпаҳлавон, ки дар замин хобида буд, наздик шуда, пайдарҳам як қулт аз шишаи арақ ба ҳалқ сарозер мекарду як лагад ба шиками Ҷаҳон мезад.

Ҷаҳон чанд вақт рӯйи ҳавлӣ беҳуш хобид. Маълум нест, ки лагадҳои Насим ӯро ба ҳуш оварданд ё садои занги телефон? Вақте Ҷаҳонпаҳлавон ба ҳуш омад, ҳаво аллакай торик шуда буд. Чашмони Ҷаҳон фазои дохили ҳавлиро хира мебинанд. Падари Замира рӯйи сандалӣ нишаста, нолиш мекард. Пӯсти бадани Насим ҷо-ҷо кафидааст. Гуландом овораи мудовои захмҳои шавҳари бадмаст даври сари Насим парвонавор ин тарафу он тараф медавад. Гӯйӣ муҳаббат дар фазои хона дубора танин андохтааст. Қалбҳои нотавон фақат дар рӯзҳои фалокат муҳаббат нишон медиҳанд ва дар рӯзмарра дар интишори партавҳои муҳаббат ноқобиланд.

Касе ба Ҷаҳонпаҳлавон кор надорад. Ҷаҳон ба чашмони худ фишор оварда, рӯйи саҳифаи телефон нигоштаи «Очаҷон»-ро базӯр хонд. Ҷаҳон сари худро аз замин бардошта наметавонист. Як илоҷ карда, тугмаи сабзи телефонро пахш намуда, ба зангҳои пайдарпайи модар посух дод:

– Лаббай, очаҷон? – базӯр ба забон овард Ҷаҳон.

– Бачам, бобоят занг зад. Нигарон шудааст. Ин вақт бояд дар хона мешудӣ-ку? Хубӣ, бачам? – бо садои ба зоҳир ором, вале саршори нигаронӣ пурсид Давлатбӣ.

– Хубам, хубам, очаҷон. Нигарон набошед, – садои худро базӯр бақувват карда, посух дод Ҷаҳонпаҳлавон.

– Садоят чаро хаста менамояд, бачаҷон? Дар куҷоӣ? Кай ба хона меравӣ? – нигаронии худро ошкортар карда, пурсид Давлатбӣ.

– Пас аз чанд соати дигар, очаҷон. Ҳама чиз хуб аст, каме шамол хӯрдаам. Ба бобо занг мезанам. Нигарон набошед, – аз неруи модар қувват гирифта, аз ҷо нимхез шуда, гуфт Ҷаҳонпаҳлавон.

– Ҳаво торик шудааст, ҷони оча. Зудтар ба хона бирав, – садои фарзандро шунида, хотирҷамъ шуда, хоҳиш кард Давлатбӣ.

– Нигарон набош, очаҷон. Ҳозир меравам, – кадом фикри таъҷилии басаромадаро дар лобалои суҳбат бо модар мурур карда, саросема посух дод Ҷаҳон.

Падару модари Замира Ҷаҳону Замираро дар рӯйи ҳавлӣ раҳо карда, ба хона даромаданд. Ҷаҳони содаи ошиқ намедонад, ки биҳишт ва ҷаҳаннам қобили ҷамъ нестанд. Ӯ Замираро ба биҳишт бурдан мехоҳад, чунки ба назари Ҷаҳон Замира шоистагии биҳиштро дорад.

Ҷаҳонпаҳлавон телефонро қатъ карда, дар ҷайб гузошта, панҷаҳои худро мушт намуда, ба неруи дар муштҳо гиреҳхӯрда такя дода, аз ҷо бархост. Аз зери камари Замира гирифта, гуфт:

– Баланд шав! Бояд ҳарчи зудтар аз ин ҷо биравем!

Замира мисли ин ки ӯро аз хоб тарсонда, бедор карда бошанд ё гӯё Ҷаҳон Замираро ба кори бад водор карданӣ бошад, бо ҷаҳл бо ду кафи даст ба қафаси синаи Ҷаҳон зада, худро бо шаст аз дастони Ҷаҳон раҳо намуд.

– Ман бе ту намеравам! – безорӣ ва муқовимат дар чашмони Замираро дида, бо оҳанги исрор ва саросема, мисли ин ки хатаре ба ҷониби ҳарду равона бошад, гуфт Ҷаҳон.

Замира бо таассуф ба чашмони нигарон ва кашиши асабҳо дар ҳошияи лаби Ҷаҳон нигариста, гуфт:

– Писари хуб менамоӣ, вале хубиат ба хотири хом буданат аст. Зиндагӣ туро ҳанӯз дар сари дуроҳаи интихоб қарор нагодааст. Ба сари он дуроҳа, ки бирасӣ, чеҳраи воқеии худро мебинӣ. Он замон дигар ба хубӣ кардан исрор нахоҳӣ дошт. Ҳанӯз бо монеаҳои ҷиддӣ дар сари роҳи худ рӯбарӯ нашудаӣ. Худро олудаи ин ботлоқ накун. Бирав. Ман сарбори ту намешавам.

Қатъият дар нигоҳи Замира гувоҳ бар имони қатъии ӯ ба мондан аст. Ӯ дигар ҷавондухтари бепарвои канори «Душанбинка», ки Ҷаҳон чанд соат пеш дунбол мекард, нест. Дигар гӯсфанди қурбонии пеши пойи падар низ нест. Замира ҳол ҷавонзани болиғ ва андешаманд аст, ки дарун-даруни

вуҷуди Ҷаҳонро бо теғи нигоҳ сӯрох-сӯрох карда, ҷавони содаро чун китоби боз мехонад.

Ин ҳамон нигоҳ аст. Нигоҳи тез, сипарсон сахт, нигоҳи ваҳшӣ. Нигоҳи ҳуснигулвор, ки садди роҳи ҳар гуна кӯшиши наздик шудан мешавад.

Дар нигоҳи Замира Ҷаҳонпаҳлавон муқовимати бесобиқа ва нерумандро дида, фаҳмид, ки зӯри ӯ ба Замира намерасад. Замира ҳамроҳи Ҷаҳон нахоҳад омад. Ин Замира ба ҳимоят эҳтиёҷ надорад.

Ҷаҳон биҳиштист ва Замира ҷаҳаннамӣ. Биҳиштӣ ҷаҳаннамиро ба биҳишт бурдан мехоҳад. Дунё дар чашми нафаре, ки зиндагии хуб дорад, гарчанде барои дигарон ҷаҳаннам бошад ҳам, биҳишт менамояд. Барои Ҷаҳон бовар кардан ба ҷаҳаннам душвор аст ва Замира аз бовар кардан ба мавҷудияти биҳишт метарсад, чунки ин бовар боиси шӯриши бештари нафси уқубаткашида хоҳад шуд. Биҳиште, ки бовар ба он боиси носозгории Ҷаҳон бо фазоҳои номусоид мешавад, авзои аламзадаи руҳии Замираро нопойдортар хоҳад кард. Ҷаҳон аз дил гузаронд:

«Чаро Замира, вақте наздиктарин инсонҳо бадтарин муносибатро ба ӯ раво медоранд, ба мани бегона бовар кунад, чаро ба дунболи ман биёяд?»

Ба таҳи нигоҳи Замира хира шуда, дубора аз дил гузаронд Ҷаҳон:

– Пайдоят кардам. Раҳоят намекунам. Меоям дунболат. Меоям!

Ҷаҳонпаҳлавон то ҳазмшавии гармои нигоҳи тааҳҳудомези худ дар лавҳи чашмони Замира ба ӯ нигоҳ кард ва сипас, нигоҳи худро аз духтар канда, аз хонаи падару модари Замира берун шуд. Бо вуҷуди бетафовутӣ Замира аз нигоҳи гарми Ҷаҳон сарфи назар карда натавонист. То ҳол ҳеч кас ба Замира бо шафқату муҳаббати Ҷаҳон назар накардааст. Замира дар муҳаббат кардан қобил нест, вале

баъд аз вуруди Ҷаҳонпаҳлавон ба зиндагиаш ташнагии худ ба муҳаббати холисро возеҳ эҳсос намуд.

## Қисми 13

## БАБРИ СИЁҲ

Ҷаҳонпаҳлавон гоҳ-гоҳ бидуни огоҳӣ бедарак мешавад. Телефони худро хомӯш намуда, ба ҷойи барои дигарон номаълум меравад.

Он рӯз Ҷаҳон пас аз рӯёрӯйӣ бо Ҳуснигул таодули руҳии лозимро дар қаҳвахона ба даст оварда натавонист. Мулоқоти тасодуфӣ авзои руҳии Ҷаҳонро бисёр мушавваш гардонд. Бинобар ин, ба ҷойи рафтан ба идора, серӯза нопадид шуд. Тамоми уҳдадориҳои Ҷаҳон дар идораро, вақте Ҷаҳон бедарак мешавад, Фурӯғ анҷом медиҳад.

Аз лаҳзаи аввалин бархӯрд бо Ҷаҳонпаҳлавон Фурӯғи мушоҳидакор, ки дар худ қобилияти ташхиси табиати воқеии одамонро сайқал додааст, дар руҳияи мардонаи Ҷаҳон латофати аҷибро, ки мардони маъмулӣ аз он бебаҳраанд, пай бурда, нохоста ҷазби ҷавони зоҳиран бепарво шуд. Фурӯғ ба ниқобҳои фаровони Ҷаҳонпаҳлавон бовар надорад. Ӯ Ҷаҳонро мисли китоби боз мехонад. Инсон тағйироти руҳии одамонеро, ки худ аз назари эҳсосӣ ба онҳо вобаста шудааст, дар сатҳи гувоҳиҳои худкори қалб ташхис медиҳад. Дили дӯстдорони беғараз гувоҳи ҳақ аст, чунки дар ҳисобу китоби додаҳо ғаразҳои шахсиро вориди муодила намекунанд. Ниқобҳои Ҷаҳон дар баробари ҳисобкориҳои қалби муштоқи Фурӯғ нокоромаданд.

Новобаста ба шаклгирии ҷозиба дар аввалин тамос миёни Фурӯғ ва Ҷаҳонпаҳлавон, Фурӯғ ба Ҷаҳон оҳиста-

оҳиста унс гирифт ва рози худро ба касе фош намегӯяд. Ҷаҳонпаҳлавон бо Фурӯғ шӯхӣ мекунад, вале ба Фурӯғ баҳона ва ҷуръат барои ибрози муҳаббат намедиҳад. Бедаракшавиҳои Ҷаҳонпаҳлавон бахши риволи маъмул шудаанд, вале Фурӯғро ин бор беқарорӣ беш аз пеш дилгир намуд.

Се рӯз баъд Ҷаҳонпаҳлавон дубора ба идора омад. Фурӯғ, ҳангоме ки Ҷаҳонпаҳлавон остонаи дари вурудиро убур мекард, садои чойники ҷӯшидаро шунида, аз ҷой бархоста, барои гирифтани чойники оби ҷӯш аз рӯйи газ ба сӯйи ошпазхона давид. Дами дари утоқи корӣ пайкараи ногаҳон падидоршудаи Ҷаҳон садди роҳи Фурӯғ гардид. Фурӯғ саривақт таваққуф карда натавониста, бо ду кафи даст ба қафаси синаи паҳновари Ҷаҳонпаҳлавон бархӯрд. Тапиши ғайритабиӣ шадиди қалби Ҷаҳонро зери кафи дастони худ эҳсос намуда, ба чеҳраи зоҳиран хунсарди Ҷаҳонпаҳлавон бо нигоҳи эътироз ва нобоварӣ нигарист Фурӯғ. Фосила миёни ҳардуро амри тасодуф аз байн бурд. Ҷаҳон тоқати бардошти теғи нигоҳи беғилофи Фурӯғро ва Фурӯғ тоқати бардошти чеҳрасозиҳои дурӯғини Ҷаҳонро надорад.

Гармои кафи дастони нозуки Фурӯғ қалби ҷавони парешонро, гарчанде Ҷаҳонпаҳлавон ба худ иҷозаи дӯст доштани Фурӯғро намедиҳад, мойили ҷаҳидан ба берун кардааст. Миёни дастони навозишкори Фурӯғ ва қалби захмини Ҷаҳон қафаси сина девори дилгиркунандаро мемонад. Қалби Ҷаҳон мойили Фурӯғ ва мойили раҳоӣ аз зиндони худфиребиҳост. Ҷаҳонпаҳлавон иштиёқи шадиди худ ба Фурӯғро эҳсос намуда, нороҳаттар шуд. Ашк дар чашмони ғамангези Ҷаҳон ҳалқа зад. Ӯ бо интихоби қалб розӣ нест. Ӯ шоистаи муҳаббати Фурӯғ нест. Ӯ набояд Замираро раҳо кунад…

Аз он ҷо ки Ҷаҳонпаҳлавон пинҳонкориро тамрин кардааст, новобаста ба ин ки тапиши қалби барошуфта ором намегирифт ва Фурӯғ кафи дастон рӯйи қафаси синаи Ҷаҳон

ба таҳи нигоҳи ӯ хира шуда, дурӯғҳои Ҷаҳонпаҳлавонро бо теғи нигоҳи ҷустуҷӯгар пархош намудан мехоҳад. Ҷаҳонпаҳлавон бо нигоҳи мушавваш, вале садои зоҳиран ором ва табассуми воқеан гарм гуфт:

– Салом, Фурӯғҷон!

Фурӯғ дигар фиреби садои бепарвои Ҷаҳонпаҳлавонро намехӯрад. Аз ларзиши гавҳараки чашмон ва тапиши қалби Ҷаҳон Фурӯғи то ҳол номутмаин ба яқин расидааст, ки Ҷаҳонпаҳлавон аз эҳсосот ва робитаҳои воқеӣ метарсад. Бо ин ҳол Фурӯғ ҷилави таассуфи худро гирифта натавониста, виқорро дар баробари дурӯғҳои Ҷаҳон сипар намуда, пардаи нигоҳи муҳофизакори Ҷаҳонро бо охирин найзаи эътироз шикофта, дастони худро аз пайкараи Ҷаҳон ба шаст бо эҳсоси безорӣ аз худбегонагиҳои Ҷаҳон гирифта, роҳи худ ба ҷониби ошпазхонаро бидуни посух додан ба саломи Ҷаҳонпаҳлавон идома дод.

Бо вуҷуди ин ки руҳияи покизаи Фурӯғ тоқати дурӯғ ва худфиребиро надорад, изтиробро аз худ дур карда натавонист. Фурӯғро ҳатто чеҳрасозиҳои дурӯғини Ҷаҳон ба домани худхоҳӣ тела карда наметавонанд. Ӯ аз дурӯғ безор аст, вале худхоҳиро дар баробари Ҷаҳон сипар намекунад. Ҷаҳон маъмулан баробари пайдо шудан пас аз бедаракшавии навбатӣ шӯхтабъӣ мекунад, вале ин бор гӯйӣ чизе девори муқовимати Ҷаҳонро барчида бошад, ки ӯ дигар мисли пештар  накш намеофарад. Ҷаҳон осуда ва дар айни ҳол озурда менамояд.

Ҷаҳонро дар ин ҳол дида, Фурӯғ беш аз пеш дилгир гардид. Ӯ Ҷаҳонро то ҳол дар нақшҳои гуногун дидааст, вале дар ҳоли осоиши тавлидшуда дар домани таслим ҳаргиз не. Ҷаҳон ҳамеша ва дар ҳар шароит ҳарфе барои гуфтан дорад. Чашмони фирӯзагуни барроқи ба ҳавли оби ҷӯшомада диққатшудаи Фурӯғ дар ошпазхона пуроб шуданд. Ба хотири сардаргумӣ дар анбӯҳи афкори ғавғогар Фурӯғ садои

чойникро намешунавад. Барои чӣ ба ошпазхона омаданро низ фаромӯш кард.

Пас аз рафтани Фурӯғ ба ошпазхона, Ҷаҳонпаҳлавон, ки дар ҳоли ҳозир таҳаммули бардошти тамоси эҳсосӣ бо Фурӯғро надорад, якчанд сония дами дар карахт монд ва сипас, оҳиста ба ҷойи худ гузашта, нишаст. Солор, ки дар сафи аввал нишаста, дастро барои кафкубӣ боло бурда буд, дасти дар ҳаво муаллақшудаи худро поин фароварда, бо тааҷҷуб ба Фурӯғ, ки дубора аз ошпазхона баргашта, вориди утоқ шуда буд, нигарист. Фурӯғ ба Ҷаҳон, ки нигоҳи худро дар миёни варақу дафтари бешумор дар рӯйи миз пинҳон намудааст, хира шуда, якчанд сония дами дари вурудии утоқ беҳаракат истод.

Ин ҳолати Ҷаҳон ба дили Фурӯғ бештар фишор меоварад. Солор аз наздик шудан ба ҳарду метарсад. Писари ҷавон медонад, ки ӯ дар ин моҷаро нафари изофист. Ҷаҳон сояи пайкараи беҳаракати Фурӯғро зеричашмӣ дами дар мушоҳида намуда, рӯйи худро ба тарафи панҷараи шишагии калони барқаде кард, ки як тарафи утоқро фаро гирифта, барои намоиши чорроҳи фарохи сермошин равзана мешавад. Ашк дар чашмони Ҷаҳон ҳалқа зад. Ӯ медонад, ки Фурӯғро бо бедаракшавиҳои такрорӣ азият мекунад ва аҳволи мутағаййири Ҷаҳон барои қалби пурмеҳри Фурӯғ фишори сангин аст. Ӯ худро ба хотири суистифода аз эҳсоси Фурӯғ маломат мекунад. Ҷаҳонпаҳлавон намедонад, ки ғуссаи Фурӯғ танҳо ғуссаи воқеӣ дар қалби камолгарои ӯст.

Дар асл Ҷаҳон ба идора баргашта, мехост, Фурӯғро ба оғӯш гирифта, дар домани Фурӯғ кӯдаквор бигиряд. Ба Фурӯғ аз танҳоиҳо ва муаммои ҳалнашавандаи худ бигӯяд, вале магар мард ғами ишқи нокомро пеши зане, ки ӯро дӯст медорад, таъриф мекунад? Фурӯғ Ҷаҳонпаҳлавонро беҳтар аз ҳар каси дигар дарк мекунад. Фурӯғ метавонад табиби дардҳои Ҷаҳон шавад, вале Ҷаҳонпаҳлавон муҳаббати

Фурӯғро то замоне, ки ӯ муаммои Замираро барои худ ҳал накардааст, пазируфта наметавонад.

Ба хотири осоиши Ҷаҳон Фурӯғ омода аст, ки аз орзуҳои худ, аз худ бигзарад, вале осудагии кунунии Ҷаҳон ба осоиши воқеӣ не, балки ба шикаст мемонад ва андӯҳи Фурӯғро бештар мегардонад.

Ҷаҳон ба хотири Фурӯғ ба идора омад, вале аз омадан пушаймон шуд. Фикр мекард, агар зудтар ба идора биёяд, Фурӯғи бекинаро аз чанголи нигаронӣ мераҳонад.

Вале акнун Ҷаҳонпаҳлавон мехоҳад баҳона пеш оварда, аз идора берун биравад, вале Фурӯғро парешонтар намуда, раҳо карда наметавонад. Агар Ҷаҳонпаҳлавон ҳоло Фурӯғро дар идора дубора раҳо карда равад, худро роҳат эҳсос мекунад ва Фурӯғро ба домани тӯфони изтироб меандозад. Ҳарду на ҷуръати наздик шудан ва на ҷуръати фосила гирифтан аз ҳамро доранд.

Пойҳои Фурӯғ аз шиддати навмедӣ ва ночорӣ меларзанд. Фурӯғ тамоми қувваи худро ҷамъ карда, худро базӯр то мизи корӣ расонида, рӯйи курсӣ фуруд омад. Солор аз ҷой бархоста, ба ошпазхона рафта, оташи зери чойники ҳуштакзанро хомӯш сохт. Оби сард аз яхдон гирифта, нӯшид ва дастони худро бо оби сард шуста, дастони сардро ба сурату гардани худ молид. Дар вуҷуди Ҷаҳонпаҳлавон ва Фурӯғ чӣ мегузарад, агар ҳатто тамошои ин моҷаро Солорро ба танг овардааст?

Пас аз оромтар шудан Солор дастони худро дар дастмоли дар девор овезон хушк намуда, ду пиёла оби сард оварда, бо навбат дар назди Ҷаҳон ва Фурӯғ гузошта, пушти мизи кории худ баргашт. Хомӯшӣ дар утоқи корӣ ҳукмфармо шудааст. Садои болҳои пашша, агар дар утоқ пар занад, шунида хоҳад шуд. Некрӯз, Соро ва Ҳуринисо бо маъмуриятҳо ва сабабҳои гуногун ба берун рафтаанд. Чанд соат ба ин минвол гузашт. Зоҳиран ҳарсе ба корҳои худ машғул шуданд.

Зуҳр шуд. Фурӯғ паси мизи кории худ пинҳон шуда, бесадо гириста буд. Оинаро аз ҷузвдон гирифта, рустакӣ сурати худро ба тартиб дароварда, ба касе чизе нагуфта, шитобон  аз коргоҳ баромад. Фурӯғ аз ошёнбар (лифт) берун омада, ба Соро занг зад:

– Ҷонам, Фурӯғ? Дар роҳ омада истодаам. Чӣ шудааст?

Фурӯғи бовиқор мисли бачаи хурдсол шуруъ ба гиря кардан кард:

– Соро, биё-ё-ё.

Соро маҷоли вокуниш наёфта буд, ки пайкараи Ҳуринисо дами даромадгоҳи бино намоён шуд. Фурӯғро дар ҳоли гиря кардан дида, бо сару садо ва таҳлука ба сӯяш давид:

– Фурӯ-ӯ-ӯғҷонам. Ҳей, духтар. Ба ту чӣ шу-у-уд?

Соро садои Ҳуринисоро пушти телефон шунида, гӯширо қатъ намуда, суръати қадамҳои худро бештар кард. Бори аввал аст, ки Ҳуринисо Фурӯғро дар ин вазъият мебинад.

– Маро натарсон, Фурӯғҷон. Ба Ҷаҳон чизе шудааст? Аз ӯ хабар шуд?

– Қуввати роҳ рафтан надорам, Ҳуриҷон. Маро аз ин ҷо бубар, – бо дидагони тар хоҳиш намуд Фурӯғ.

Ҳуринисо дари мошини Фурӯғро боэҳтиёт боз намуда, ба Фурӯғ, ки ба бозуи Ҳуринисо такя карда буд, кумак намуд, то рӯйи сандалии ақиби мошин бишинад. Фурӯғ бо садои паст, вале беш аз пеш гиря мекард. Ҳуринисо аз тарафи дигари мошин гузашта, дари мошинро боз намуда, дар мошин канори Фурӯғ нишаста, шишаи обро аз ҷузвдон бароварда, ба Фурӯғ нӯшонда, даҳони шишаро дубора баст ва сипас, Фурӯғро ба оғӯш кашид. Гарчанде Ҳуринисо аз Фурӯғ 10 сол бузургтар аст, аз Фурӯғ дида, эҳсосотист. Ҳуринисо, ки худ баҳонаи зиёд барои гиристан дорад,

мойили ҳамнавоӣ бо Фурӯғ шуд, вале худро ба хотири Фурӯғ ба даст гирифт.

– Чӣ шудааст, Фурӯғҷон. Ором шав. Чӣ гап? – сари Фурӯғро навозиш карда, ба қафаси синаи худ фишурда, пурсид Ҳуринисо.

– Ғами Ҷаҳон маро оқибат мекушад, – беш аз пеш фиғон кашида, гуфт Фурӯғ.

– Сад бор пеши худ гуфтам, ки ту бояд шавҳар кунӣ, мунтазири ин бачаи сарбаҳаво набош. Ту бошӣ, аз ин метарсӣ, ки агар ба зиндагии худ бипардозӣ, ӯ танҳо мемонад. Ту ба танҳоиҳои ӯ меандешӣ, вале ӯ бепарвои аҳволи туст! – асабӣ шуда, хитоб кард Ҳуринисо.

– Не, Ҳуриҷон. Ҳар кӣ бепарво бошад, Ҷаҳон бепарво нест. Дарди дилро ба кас намегӯяд. Худро бепарво вонамуд мекунад, вале Ҷаҳон ғами одаму оламро мехӯрад, – ашкҳои худро пок намуда, сари худро аз оғӯши Ҳуринисо барнадошта, оромона гуфт Фурӯғ.

– Гарчанде ки ту рози худро ба ҳеч кас намегӯйӣ, «Шабехун» медонад, ки Фурӯғ дар ҳаққи Ҷаҳон мурдааст. Сирати ту мисли батни оби зулол равшан аст, Фурӯғҷон, вале дарди Ҷаҳонро ҳеч кас намедонад. Агар Ҷаҳон бепарво нест, чаро ба озори ту хотима намебахшад? Чаро Ҷаҳон бепарвои туст?! – бетоқат шуда, садои худро аз маъмул баландтар карда, эътирозолуд пурсид Ҳуринисо.

Фурӯғ дар аснои суҳбат ва ҳамоғӯшӣ бо Ҳуринисо оромтар шуда буд. Бодиққат ва ором ба ҳарфҳои Ҳуринисо гӯш медод.

– Ҷаҳонпаҳлавонро бештар аз ҷон дӯст дорам, Ҳуринисо. Нафас дар гулӯям, вақте ӯ бедарак меравад, танг мешавад. Ҷаҳон рангубори зиндагии ман аст. Якранг нест ва ман ҳазору як ҷилваашро дӯст дорам. Се рӯзе, ки Ҷаҳон нопадид буд, фақат умед маро пойдор нигаҳ доштааст. Намедонам, чӣ касе Ҷаҳонро ба ин аҳвол расонида бошад, вале ҳис мекунам, ки ӯ бисёр азоб мекашад. Иҷозаи наздик

шудан ба худро намедиҳад. Ҷаҳон мисли бабри сиёҳи захмист, ки ба касе эътимод карда наметавонад ва худ низ дар мудовои захмҳои худ лоилоҷ аст. Ба зоҳир муъмин менамояд, вале ҳастаи бовари ӯро дарун ба дарун шикастаанд.

Дар ин асно аз куҷое Соро пайдо шуда, Фурӯғ ва Ҳуринисоро даруни мошин бо дарҳои боз дида, ба тарафи мошин шитобид. Соро омада, аз он тарафи Фурӯғ ба мошин нишаста, чизе нагуфта, Фурӯғро сахт ба оғӯш кашид.

Ҳуринисо ва Соро Фурӯғро аз ду тараф дар бағал гирифта, ӯро то барканории абрҳои тираи навмедӣ аз осмони қалби пурмеҳри ӯ раҳо накарданд.

## Қисми 14

## МУАММОИ НОБАРОБАРӢ

Дар канори кори расмӣ дар идора кормандони «Шабехун» ба фаъолияти омӯзгорӣ дар мактабу донишгоҳҳои шаҳр машғуланд. Ҷаҳонпаҳлавон дар чанд мактаби хусусии шаҳри Душанбе ба унвони муаллими фанҳои ҳуқуқ ва иқтисод бо толибилмони синфҳои болоӣ кор мекунад. Солор барномасози худомӯз, вале варзида дар омӯзишгоҳи такмили ихтисоси Вазорати маориф тарзи истифода аз компютерро ба омӯзгорони солдида нишон медиҳад. Дар мактаби мусиқии Душанбе Соро, ки навохтани асбоби мусиқиро аз хурдсолӣ бо падараш – оҳангсози забардаст ва устои моҳири чӯбтарош тамрин намудааст, тарзи навохтани пианиноро ба шогирдони хурдсол меомӯзад. Некрӯз дар театр ба наврасон, ки ба театр барои омӯзиши

ҳунар меоянд, ҳунари нақшофариниро омӯхта, барои иҷрои гурӯҳии шогирдон намоишнома менависад. Ҳуринисо дар чанд мактаби миёнаи пойтахт ба толибилмони синфҳои болоӣ аз фанни ҷуғрофиё дарс мегӯяд. Фурӯғ дар Донишгоҳи миллӣ ба донишҷӯёни ихтисоси рӯзноманигорӣ "Ахлоқи журналистӣ ва асосҳои хабарнигории беғараз"-ро таълим медиҳад.

Рӯзе дар идора вақти танаффуси нисфирӯзӣ Ҳуринисо, ки лаълии ширинӣ ва пиёлаҳои чойи гарм дар даст вориди утоқи корӣ шуд, ногаҳон, гӯйӣ кадом фикр ӯро барқвор гирифта бошад, лаълибадаст бо чашмони калонкушода чанд сония дар ҷояш беҳаракат истода, пас аз он лаълиро фавран, вале боэҳтиёт рӯйи наздиктарин миз гузошта, бо нимшӯхиву нимтаъна ба Ҷаҳон, ки варақҳои имтиҳонии шогирдони худро саросема аз назар мегузаронд, бо кинояи сабук, вале оҳанги садои одами ранҷида гуфт:

– Мо камбағалзодаҳо дар мактабҳои миёна омӯзгор ва бойбачаҳо дар мактабҳои хусусӣ дарс медиҳанд. Намунае аз адолати зиндагӣ!

Ҷаҳонпаҳлавон, новобаста ба синну соли ҷавон, ҷавони нуктасанҷ аст. Медонад, ки Ҳуринисо, бақияи тасвирҳои куҳнаи нокомӣ аз даврони бачагиро, гарчанде шахсияти безарар ва ҳалим дорад, аз пасзаминаи зеҳни худ ҳазф накардааст. Кинояи Ҳуринисоро ба дил наздик нагирифта, варақҳоро саросема дар гӯшаи миз гузошта, бо ҳаяҷон нигоҳи худро ба Ҳуринисо равона карда, лабханди рафиқона зад ва гуфт:

– Моли дунё мисли дунё гузарост, Ҳур. Арзиши нороҳатиро надорад. Ба хотири нобаробариҳои зоҳирӣ ба адолати Худованд шак мекунӣ? Дар дунё ҳар мавҷуди ҷондор ва беҷон рисолат дорад. Ба ин миз нигоҳ кун. Ҳамин мехчаҳои ба зоҳир назарногир боиси пойдории як мизи бузург шудаанд. Мехчаҳо низ муҳимманд, шояд аз миз муҳимтар, чунки агар миз коромадии маҳдуд дорад, мехчаҳо

дар ҳама ҷо коромаданд. Ба зоҳир кӯчаканд, вале асоси бунёдкориҳои бузурганд. Бинобар ин, бонуи муҳтарам, адолати Худоро бо чен кардани ҷусса ё кисаи одамон фаҳмида намешавад. Бовар солим набошад, ҷусса ба хидматкорӣ ва киса ба исрофи умр меанҷомад. Ту дар мактаби умумӣ, агар ба тавоноиҳои худ имон биоварӣ, кореро анҷом хоҳӣ дод, ки ман бо тамоми имконоти мавҷуд дар мактабҳои хусусӣ анҷом нахоҳам дод. Одамонро, Ҳуриҷон, шароит ва имконот не, балки боварҳои онҳо месозанд. Шароити нобаробар дар дунё пайомади боварҳои нобаробар аст.

Баҳси доғро аз дур шунида, Фурӯғ давида омада, вориди утоқи корӣ шуда, нидо зад:

– Ва-а-ай, ва-а-ай... Пандҳои маънавӣ аз Шайхи ҷомеаи роҳгумзадаи хабарнигорон – ҷаноби Сардорхонзода. Мешунавем.

Фурӯғ кинояи худро ба итмом расонида, омада, бо ҳаяҷон пушти яке аз мизҳои тасодуфӣ, ки ба Ҳуринисо ва Ҷаҳон наздик буд, нишаста, ду дастро дар рӯйи миз зери манаҳ гузошта, чашмони худро возеҳтар кушода, ба ҳарду нигариста, бо тамоми вуҷуд омодагӣ барои гӯш додан ба идомаи баҳсро намоиш дод.

Ҷаҳон нигоҳро аз нигоҳи Ҳуринисо наканда, ба изофа шудани ҳаяҷони Фурӯғ ба баҳс бо табассуми мухтасар посух дода, гуфт:

– Бубин, Ҳуринисоҷон. Ту фикр мекунӣ, ки тангдастӣ имтиҳони сахт аст. Ҳақ бо туст. Воқеан, дарки фалсафаи баробарӣ барои зеҳни кӯдаки хурдсол, ки ба яхмос майл дорад, вале дар иваз маҷбур аст, яхмосхӯрии дигар кӯдаконро тамошо кунад, мушкил аст. Вале ту бояд инро низ бипазирӣ, ки аз хурдӣ бойбача будан ҳам имтиҳони сахт аст. Бисёриҳо фикр мекунанд, ки сарват ҳусни назари Худост. Фиръавн сарвати беинтиҳо дошт. Сарвати бисёр на ҳамеша нишонаи раҳмати Парвардигор аст. Сарват метавонад

инсонро гирифтори бадтарин васвасаҳо ва мушкилоти равонии хонумонсӯз гардонад. Сарват ба қувватгирии ҷанбаҳои торик дар вуҷуди инсон мусоидат мекунад. Ҳисси қудрат ва ҳисси доштани фурсатҳои бешумор инсонро ба худобехабарӣ мойил мегардонанд. Мушкилот ва фишорҳои воқеӣ дар зиндагии ҳар инсон вақте шуруъ мешаванд, ки инсон худмеҳвариро ҷойгузини худомеҳварӣ мекунад. Сарватмандон бо муаммоҳои печида сардаргуманд. Як муаммои солори ҷомеа будан – ҳисси худбузургбинист. Қудрат руҳияи инсони соҳибиқтидорро низ асири худ кардан мехоҳад. Сарватмандон, гарчанде пул ва фурсатҳои бешумор дар ихтиёр доранд, нафс ҳам доранд. Онҳо низ мисли фақирон муътабар ва обрӯманд будан мехоҳанд. Ба якдигар ҳасад мебаранд. Худро дар баробари фақирон бениёз ҷилва медиҳанд, вале ба ман бигӯ, ки пул кадом сарватмандро аз ҷомаи ниёз раҳонидааст? Пул, баръакс, қувваи хиёлпардозӣ дар инсонро нерумандтар намуда, ҷомаҳои нав ба нави ниёзро ба бозувони ӯ бор мекунад. Бинобар ин, тангдастӣ ва сарватмандӣ ҳарду ба андозаи баробар хатар доранд. Агар тангдастӣ ба пастӣ барад, ба хотири домани холӣ не, балки ба хотири тарбия ва боварҳои носолими тангдаст аст. Агар сарватманд шариф шавад, ба хотири доштани сарват не, балки ба хотири боварҳои солимест, ки шахси сарватманд доштааст. Ту магар сарватмандони беобрӯро надидаӣ, Ҳур? Чаро сарват барои баъзеҳо обрӯву эътибор намехарад? Ман беҳуда дар мактабҳои хусусӣ дарс намедиҳам. Бачаҳои бой низ ба роҳнамоӣ ва омӯзгори мушфиқ, ки ба онҳо беғараз панд медиҳад, ниёз доранд. Бояд ба онҳо ёд бидиҳам, ки зеҳнро олудаи фикри суистифода аз дигарон накунанд. Баъзе камбағалон ба бойбачаҳо бо нигоҳи нафрат менигаранд. Гӯё бойбача шоистаи имконоте, ки Худо ба ӯ додааст, нест. Эҳсоси адолатхоҳӣ не, балки ҳасад ва худхоҳӣ инсонҳоро ба бадбинӣ тела медиҳанд. Бинобар ин, эътирози ту, ки бо шӯхӣ

иброз мекунӣ, рӯйи пешфарзи нодуруст сохта шудааст. Инсонро аҳволи ҷайб не, балки аҳволи афкори ӯ шариф мегардонад. Ба ин мавзуъ наандеш, ки чаро ман камбағаламу ӯ сарватманд? Ба ин биандеш, ки шоистатарин сабки зиндагӣ дар шароите, ки Худо ба ту додааст, кадом аст?

Гармои самимияти ҳарфҳои Ҷаҳон яхпораҳои қалби Ҳуринисоро ба обшавӣ во дошт, вале Ҳуринисои якрав аз боварҳои шаклгирифтаи худ ба содагӣ ақибнишинӣ кардан намехоҳад:

– Ҳарчи гуфтӣ, қабул, Ҷаҳон. Ҳоло ба ин суол посух бидеҳ, ки магар дар шароити нобаробар бо дигарон ба дунё омадан беадолатӣ нест? Ман дар хурдсолӣ фурсати харидории китобро надоштам. Бойбачаҳо дар хона китобхона доранд. Натиҷаеро, ки ҳарду ба он ноил мешавем, бо заҳмати баробар ба даст намеояд. Ӯ андозаи ман азоб накашидааст. Чаро ман бо азоб ва ӯ ба осонӣ ба мақсад мерасем? Худо ба бандагони худ нигоҳи баробар надорад, Ҷаҳон. Бо бойбача дар як донишгоҳ дарс хонам ҳам, бойбача пас аз хатми донишгоҳ раис мешавад ва ман зердасти ӯ. Агар нияти кори хайр ба сари мани камбағал занад, қабл аз тасмими ниҳоӣ, бояд муҳтавои ҷайби худро сад бор зеру рӯ кунам, вале бойбача бо як ишораи даст дуои хайри садҳо нафарро мехарад. Беихтиёр ба адолати Худо нобовар мешавам. Бовар дорам, дар биҳишт низ ҳамин бойбачаҳо болонишинанд.

Ҷаҳон ба Ҳуринисо, ки дар таассуф ва ҳасратҳои худ ғарқ шуда буд, бо табассуми сабук менигарист ва ба саволҳои ӯ босаброна гӯш медод. Фурӯғ, ки ҳамфикри Ҷаҳон буд, мошини андешаи худро ба кор дароварда, бо тамаркузи зиёд ба дунболи посухи қонеъкунанда барои Ҳуринисо мегашт ва кунҷков шуда буд, ки Ҷаҳон ба суоли Ҳуринисо чӣ гуна посух медода бошад. Мушоҳидаи зеричашмии даргириҳои фикрии Фурӯғ дар гӯшаи рости лабони Ҷаҳон, ки онҳоро ҳангоми шунидани эътирози эҳсосии Ҳуринисо ба ҳам фишурда, ба ӯ бодиққат гӯш медод, кашиши сабук эҷод

намуд. Ҷаҳон парешон нашуда, пас аз итмоми дарди дили Ҳуринисо ором ба суҳбат идома дод:

– Ҳуринисоҷон, аввали роҳ аслан муҳим нест, чунки корномаи туро дар охири роҳ муҳокима мекунанд. Адолати Худоро ба ту бо як мисоли одӣ шарҳ медиҳам. Фарз мекунем, зиндагӣ ҷодаи мошингард аст. Худо ба ҳарсеи мо се адад мошини якхела медиҳад, вале ба ту 3 литр бензин, ба Фурӯғ 5 литр бензин ва ба ман 10 литр бензинро раво медорад. Ҳамин ҷо оташи баҳс аланга мегирад. Дар ҳамон аввали роҳ маълум аст, ки касе бензини бештар дорад, пештар меравад. Вале дар поёни роҳ Худо ба ин наменигарад, ки кӣ пешсафтарин аст. Адолати Худо дарсадӣ ҳисоб мешавад.

Манро бо 10 литр бензин, агар ин 10 литр бензинро фақат барои расидан ба мақсад истифода кунам, ҳудуди 100 километр, Фурӯғро 5 литр 50 километр ва туро 3 литр 30 километр пеш хоҳад бурд. Дар воқеият бошад, ман бо 10 литр бензин 60 километр, Фурӯғ 45 километр ва ту 29 километр пешравӣ мекунем. Ин натиҷаи зоҳирии сабқат аст. Дар зоҳир ман, новобаста ба ин ки 3 литр бензини худро ба беҳудагардӣ дар ҷодаи зиндагӣ сарф намудаам, боз ҳам аз ҳардуи шумо пешсафтарам.

Аз тарафи дигар, агар ба сурати дарсадӣ ҳисоб кунем, ман 60 дар сади имконоти дарихтиёрбуда, Фурӯғ 90 дар сад ва ту 96 дар сад имконоти мавҷудро ба сурати ҳадафманд истифода намудаем. Ҷойгоҳи ману туро шароити нобаробар дар аввали роҳ ё пешсафии зоҳирӣ дар охири роҳ не, балки дарсади истифодаи мақсаднок аз фурсатҳои мавҷуд таъйин мекунад. Ту бо камтарин имконот, вале бо 96 дарсад боздеҳӣ дар биҳишт баландтарин мақомро соҳиб хоҳӣ шуд. Фурӯғ бо 90 дарсад боздеҳӣ, якчанд зина поинтар аз ту ва ман дар ҷойгоҳи поинтар қарор хоҳем гирифт. Албатта, Худо дар муҳосибаи ҷойгоҳҳо нияти одамонро низ мадди назар мегирад. Агар талош сад дар сад бошад ҳам, вале ният

покиза набошад, корнома дубора ранги дигар мегирад. Адолати Худо одилона аст, вале аз сабаби ин ки мо заррабинии Худоро надорем, адолати ӯро то охир дарк намекунем. Мавзуе, ки туро ранҷ медиҳад, яке аз муаммоҳои асосиест, ки боиси гумроҳии аксари одамон мешавад. Адолати Худоро бо сар не, балки бо қалб метавон фаҳмид, ба шарте ки қалбро аз укдаҳо ва ҳавасҳои беҳуда тоза карда бошӣ.

– Ҳуринисо, гӯё шодиёна шунида бошад, бо хушҳолӣ ба вусъати 32 дандон табассум кард. Аз чеҳраи Фурӯғ низ мавҷи сурур сарозер шуд.

Шунидани ҳақиқат руҳияи ташнаи инсонро фараҳманд мегардонад.

Ногаҳон Фурӯғ ҳаяҷонӣ шуда, фарёд кашид:

– Ёфтам! Ёфтам! Ёфтам!

Ҳуринисо ва Ҷаҳон бо таҷҷуб ба Фурӯғ нигаристанд.

Фурӯғ тааҷҷуби самимии ҳардуро дида, бо ҳаяҷони бисёр саросема аз ҷой бархоста, ба ҳарду бо ишораи ду даст ба тарафи курсиҳо ишора намуда, ҳамкоронро ба нишастан во дошт. Дар рӯбарӯйи Ҳуринисо ва Ҷаҳон рост истода, мӯйҳои зарҳалину дарози худро пушти гӯшҳо кард ва гуфт:

– Фардо рӯзи якшанбе шогирдонамро ба идора меорам. Дар Whatsapp гурӯҳи дарсӣ дорем. Ҳоло дар гурӯҳ суроғаи “Шабехун” ва вақти мулоқотро менависам ва шогирдонамро ба “Шабехун” даъват мекунам. Бовар дорам, фардо ҳамаи онҳо ҳозир хоҳанд шуд. Бо шогирдонам дар идора семинар мегузаронам. Ту, Ҷаҳон, барои 30 нафар хӯрокӣ ва нӯшокӣ фароҳам кун. Ҳуриҷон, мо бо ту идораро барои пазириши 24 меҳмон омода мекунем.

Ҷаҳон бо нигоҳи зоҳиран бепарво, вале ботинан кунҷков, абрӯвони худро бо тааҷҷуби бештар боло дода, бо садои сард, барои ин ки таби ҳаяҷоноти Фурӯғро, ки эҳтимол дошт идораро мунфаҷир кунад, фурӯ нишонад, пурсид:

– Бисёр хуб. Ту фақат бигӯ, кадом ҷумлаи ман боиси задани ин фикр ба сарат шудааст, қавл медиҳам, ҳарчи андеша ноб набошад ҳам, аз баҳри он андеша мегузарам.

Ҳуринисо бо такя ба иродаи пирӯзи Фурӯғ рустӣ-рустӣ ба эътирози бесамари Ҷаҳон механдид. Фурӯғ ба тасвири семинари фардо дар лавҳи хиёл банд шуда, аз тааҷҷубу эътирози Ҷаҳон сарфи назар кард. Баъд аз чанд сония Фурӯғ ба хотири ба мусоидат мойил намудани ҳамкорон ҳаяҷони тасвирсозиро дар худ фурӯ нишонда, ба дунёи воқеӣ баргашта, нигоҳро ба Ҷаҳон равона карда, бо мулоиматӣ гуфт:

– Бубин, Сардорхонзода. Ману ту хабарнигори одием. Аз дасти мо дар ҳаққи насли наврас чӣ меояд? Омӯзгорӣ! 4 дафтари “Чӣ бояд кард”-ро беҳуда қиссаборон кардӣ? Ин 4 дафтар шаҳди таҷрибаҳои “Шабехун” аст. Фурсат аст. Магар дар ҷодаи зиндагӣ нафаре пирӯз намешавад, ки самарабахштарин истифода аз фурсатҳои мавҷудро мекунад? Барои ташкили ин семинар кумак кун, то дар мактаби зиндагӣ аз ҳисоби ту аълочӣ шавем.

Пас аз итмоми ҷумлаи охир Фурӯғ ва Ҳуринисо ҳарду савори як мавҷи ханда шуданд.

Пас, Фурӯғ дубора аз мавҷи ханда фуруд омада, чеҳраи худро ҷиддӣ намуда, идома дод:

– Бачаҳо меоянд. Ба 4 гурӯҳ тақсим мешаванд. Солор 4 дафтарро то фардо нусхабардорӣ мекунад, то мутолиаи ёддоштҳо дар доираи гурӯҳҳоро мусоид гардонем. Ба ҳар гурӯҳ нусхаи 1 дафтарро медиҳам, то варақҳоро дар байни худ тақсим намуда, тайи чанд соат мутолиа карда, поёни рӯз пас аз мушовираи гурӯҳӣ маърузаи гурӯҳӣ таҳия намуда, ба дигарон пешкаш гардонанд. Солор семинарро наворбардорӣ ва наворро барои пахш дар сомонаи расмии “Шабехун” омода мекунад. Аз ин дафтарҳо, аз афкори хуб чӣ суд, агар ҳамагонӣ намешаванд, раис?

Ҳуринисо, гарчанде чанд сония баъдтар аз Фурӯғ аз мавҷи ханда поён шуда буд, ба пешниҳоди Фурӯғ бо таваҷҷуҳ гӯш медод. Маълум буд, ки дарди Фурӯғ ба Ҳуринисо низ сироят кардааст.

Пешниҳоди Фурӯғ ба Ҷаҳон низ писанд омада буд, вале даҳонро баста, ҳаяҷони худро фурӯ нишонда, ба Ҳуринисо, ки аз шиддати шавқ мисли офтоб беҳиҷоб медурахшид, назар карду хандаи худро нигоҳ дошта натавониста, хандида, пурсид:

– Майлаш. Чӣ биёрам?

– Оши як ба як, – гӯё аввалин шуда, беҳтарин идеяро медода бошад, фарёд зад Ҳуринисо.

– Не, ҷаноби Ҷаҳонпаҳлавон. Кори шуморо осон намекунем. Барои бачаҳо 60 дона сендвичи хонагӣ ва хомшӯрбо омода мекунӣ. Шарбати мeваро худат дар дастгоҳи шарбатбарорӣ таҳия намо. Фардо эҷоди фазои меҳмоннавозӣ дар “Шабехун” ба зиммаи туст. Имрӯз раиси “Шабехун” ва фардо раиси ошпазхонаӣ. Ғизо набояд сард бошад. Ба ту амонатдорӣ нисбат ба бачаҳои мардумро бепул ёд медиҳам, рафиқ ошпаз.

– Агар ин хел идома ёбад, ба наздикӣ раиси кафшҳои худам ҳам нахоҳам буд, рафиқ фармондор. Идора моли худат. Фардо сояамро дар идора намеёбед, – шӯхиомез таҳдид кард Ҷаҳон.

Ҳарсе бо ҳам хандиданд.

Фурӯғ ва Ҳуринисо ба ошпазхона барои маслиҳати ҷобаҷосозии ҷиҳози ошпазхона бо мақсади ҷосозӣ рафтанд. Ҷаҳон бояд ба бозор барои харид мерафт. Ба Солор ва Некрӯз занг зад, то ба бозор биёянд.

Бегоҳи он рӯз хабарнигорони “Шабехун” дастаҷамъӣ барои баргузории семинари “Чӣ бояд кард?” шароит фароҳам оварданд. Субҳи барвақт 24 шогирди Фурӯғ ба идора омаданд.

Фурӯғ дар як варақ номҳои бачаҳоро дар дастгоҳи чоп нашр карда, бо қайчӣ бурида, дар дохили қуттӣ омехта карда буд. Номи 4 нафар донишҷӯ дар ин номгӯ навишта нашудааст. 4 донишҷӯйи ташаббускор. Фурӯғ ба хотири тазмини фаъолият дар гурӯҳҳо Акбар, Зулайхо, Ғолиб ва Фотимаро сардорони 4 гурӯҳ интихоб кард. Аз дохили қуттӣ ҳар кадом 5-ададӣ номи ҳамдарсҳои худро берун кашиданд.

Пас аз тақсими донишҷӯён ба гурӯҳҳо Фурӯғ нусхаи дафтарҳоро дар байни донишҷӯён тақсим намуда, ҳадафи семинарро шарҳ дод. Бачаҳо бо шавқ нусхаҳоро гирифта, ба мутолиаи гурӯҳӣ пардохтанд. Фурӯғ дар байни гурӯҳҳо гашта, барои қайдҳо қаламҳои ранга тақсим намуд.

Пас аз баргузории семинар ва меҳмондорӣ шогирдони Фурӯғ "Шабехун"-ро бо руҳияи болида тарк карданд. Навори семинар дар сомона садҳо ҳазор маротиба бозбинӣ гардид.

Ба бархӯрди нававоронаи "Шабехун" як гурӯҳ хабарнигорон офарин мехонданд ва гурӯҳи дигар камбудиҳои ҷузъӣ дар баргузории семинарро барҷаста намуда, ҳасади ошкори худро дар пӯшиши тавсияҳои хайрхоҳона рӯйпӯш карданӣ мешуданд. Доираи васеи тамошобин аз навори таҳиянамудаи "Шабехун" истиқбол намуд.

Яке аз розҳои муваффақияти "Шабехун" истиқлолияти молист. "Шабехун" ба ҳеч неру ва манфиати гурӯҳӣ хидмат намекунад, аз касе пул ва сармоягузории муфтро намепазирад. Ҳангоми нашри матлаби танқидӣ "Шабехун" ба ҷойи таҳқир ё рӯсиёҳ кардани ашхоси алоҳида, таваҷҷуҳи хонандаро ба роҳҳои эҳтимолии берунравӣ аз бунбаст равона мекунад. Дар бисёр мавридҳо мақомдорони давлатӣ, гарчанде "Шабехун" ба мақомоти давлатӣ вобаста нест, барои "Шабехун" монеа эҷод намекунанд. Ин боиси паҳн гардидани овозаи ҳамкории пинҳонии "Шабехун" бо давлатдорон дар миёни хабарнигороне шудааст, ки ба эътибори "Шабехун" ҳасад мебаранд. Баъзеҳо корманди

баландрутбаи вазорат будани модари Ҷаҳонро ҳамчун исботи ҳаққонияти иддаои худ меоваранд.

Рӯзе дар рафти вохӯрӣ миёни хабарнигорон ва кормандони давлатӣ, як корманди баландрутбаи давлатӣ дар посух ба эътирози ошкори хабарнигоре бобати имтиёзҳои вижаи “Шабехун” посухи бепарда дод:

– “Шабехун” шоистаи таърифу тавсиф ҳаст. Тирҳои ҳеч кадоми шумо ба андозаи тирҳои “Шабехун” нишонрасу сахттаъсир нестанд. Гоҳ-гоҳ ба мо чунон шабехун мезананд, камбудиҳои моро чунон моҳирона тасвир мекунанд, ки хоб аз чашми мо бегона мешавад. Вале аз он ҷо, ки дар таҳлилу гузоришоти худ ҳеч гоҳ ба эҳсосот дода намешаванд, асли воқеаро ҳамон тавр, ки ҳаст, нақл мекунанд, тахминҳои бедалел намезананд, андешаи мардумро ба ҷиҳатҳои барои манфиати гурӯҳҳои алоҳида мусоид мойил намегардонанд, ба таҳқири давлат ва ниҳодҳои давлатӣ намепардозанд ва дар поёни ҳар гузоришу хабару таҳлил пешниҳодоти созанда барои беҳбудии вазъият медиҳанд, мо онҳоро мисле, ки падару модар, фарзандони саркашу гапногири худро таҳаммул мекунанд, ҳамчун бахши хонаводаи бузург пазируфтаем. Аз он ҷо ки “Шабехун”-иҳо узви ҳизбу гурӯҳакҳои сиёсӣ нестанд ва дар фаъолияти хабарнигорӣ пайи манфиатҳои шахсӣ намегарданд, баҳона барои азияти онҳо намеёбем. Пасипардаҳои аксари шумо бо ҷилваҳоятон дар рӯйи саҳна ҳамоҳанг нест. Аз тамоми ғаразҳову тамосҳои дохиливу хориҷии хабарнигорон огаҳем. Имрӯз аксари хабарнигорон пеши дастгоҳи наворбардорӣ мусичаву гӯсфанди аҳл, пушти дастгоҳ рӯбаҳони маккоранд. Инро ошкор ба шумо мегӯям, ки мо борҳо талоши наздикӣ бо “Шабехун”-ро кардем ва ҳар кадом аз онҳо, агар пешниҳоди ҳамкорӣ аз тарафи ҳукуматро мепазируфтанд, то ҳол соҳиби садҳо ҳазор сомонӣ мегардиданд. Вале “Шабехун”-иҳо сарсахт ва якраванд. Ҳар давлатдор ба дастгоҳи таблиғи идеологияи сиёсӣ эҳтиёҷ дорад. Барои мо “Шабехун”

беҳтарин гузина барои пешбарии идеологияи сиёсист. Ҳар кишвар – чӣ демократӣ, чӣ ғайридемократӣ, миллионҳо доллар барои ҷалби хабарнигорону хабарсозони бомаҳорат сармоя мекунад. Мо низ дар ин ҷода кор мебарем. Вале вақте мебинӣ, ки як гурӯҳ бе ғараз барои манфиатҳои Ватани худ кор мекунад, вақте мебинӣ, ки аъзои ин гурӯҳ, новобаста ба синну соли ҷавон, ба пул не, балки ба ғояҳо ва арзишҳо арҷ мегузоранд, вақте мебинӣ, ки дар айни ин ки ба итоати манфиатҳои ту намедароянд, ба итоати манфиати дигар гурӯҳҳо низ намедароянд, дар гуфтумони адолат ҳадафи нобасомон кардани вазъиятро пайгир нестанд, нохудогоҳ бо худ мегӯйӣ, "бигзор, бошанд". Мо ба "Шабехун" ба унвони пойгоҳи иттилоърасоние, ки ба ягон муассисаву созмону ҳизб ё гурӯҳ пойбанд нест, эҳтироми баланд қоилем.

Бархӯрди демократӣ мехоҳед, ба балоғати сатҳи хабарнигорони "Шабехун" бирасед. Вижагии асосии хабарнигори ҳирфаӣ бетарафист. Нафароне, ки фаъолияти хабарнигоронро аз берун сармоягузорӣ мекунанд, неруи дохилиро барои расидан ба манфиатҳои хориҷӣ ба кор мебаранд.

Арса барои нафароне, ки аз фурсати тохтутоз суистифода намекунанд, васеъ ва барои суистифодакорон танг мешавад. Ин на танҳо қонуни сиёсат, балки қонуни зиндагист.

## Қисми 15

## НАҚША ВА НАҚШҲО

Баъд аз рӯ ба рӯ шудан бо Ҳуснигул, Ҷаҳон баъд аз бозгашти дубора ба «Шабехун» ба акаи Абдуғаффор занг зада, дар мавриди мошин ва таҷҳизоти сабти садо аз дур, ки акаи Абдуғаффор ба хабарнигорон иҷора медиҳад, пурсид. Барои наздик шудан ба Ҳуснигул Ҷаҳонпаҳлавон нақша

дорад. Акаи Абдуғаффор ба Ҷаҳон гуфт, ки бо шогирдон ду ҳафтаи дигар дар як лоиҳаи тадқиқотӣ дар Конибодом банданд ва пас аз баргаштан ба Душанбе ба Ҷаҳон занг хоҳад зад. Паёми акаи Абуғафforро Ҷаҳонпаҳлавон бо хушнудӣ пазируфт.

«Шабехун»-ро Ҷаҳон таъсис додааст. Ӯ яке аз хонаҳои худ дар табақаҳои болоии сохтмони баландошёна дар маркази шаҳрро ба идора табдил дода буд. Студияи сабти наворҳо васеътарин утоқ дар идора аст. Бачаҳо ошпазхонаро "утоқи машваратҳои байнихудӣ" меноманд. Рӯзмарра ҳар кӣ ба кори худ машғул аст, вале агар лоиҳаи бузург пеши рӯ бошад, Фурӯғ, Солор, Некрӯз, Соро, Ҳуринисо ва Ҷаҳон сари як пиёла чой ё қаҳва дар ошпазхона сарҷамъ шуда, машварат мекунанд.

Ошпазхона ба айвон роҳ дорад. Фурӯғ ва Ҳуринисо ба айвон раҳм накардаанд. Аз куҷое як бутта ё гул дастрас шавад, ба идора меоранд. Дар айвон ҷо барои по мондан нест. Ба қавли Ҷаҳонпаҳлавон Ҳуринисо ва Фурӯғ бобои барфимонанд ба идора ҳеч вақт бе хурҷин намеоянд. Худо накунад, ки ҳарду ба сафари корӣ ба ягон ноҳияи дурдаст бираванд. Бо зангҳои пайдарпай гӯши даридорабудаҳоро кар мекунанд.

Бахтбаргаштае, ки занги Фурӯғу Ҳуринисоро ҷавоб медиҳад, зери тирборони саволҳои пайдарҳам мемонад:

"Ба гулҳоям об додӣ? Фалон гул бисёр нозук аст, накунад беш аз ҳад об диҳӣ, пажмурда шавад? Агар ба ҳалқи худат беш аз ҳад об резанд, хушат меояд?! Фалон гулро дар се рӯз фақат як бор об медиҳанд. Мутмаинӣ, ки гули дарназардоштаамро дуруст шиносоӣ кардаӣ? Лутфан, тасвирӣ занг бизан, то итминон ҳосил намоям, иштибоҳ накардӣ!

Аз пушти гулистони Ҳуринисо ва Фурӯғ Некрӯз, Ҷаҳон ва Солор рӯзи хуши кориро намедонанд. Соро, агар дар идора бошад, ҷавонписаронро аз шиканҷа наҷот медиҳад.

Боре пас аз нигоҳубини дурӯза аз «гулистон», Солор, ки писари камгап аст, ба танг омада, фиғон кашид:

«Боз мегӯянд, занҳо зеҳни риёзибандишуда надоранд. О, ин гулпарварӣ худаш математикаи олист-ку!».

Утоқи барҳаво, ки дар тарафи дасти рости ошпазхона қарор дорад, қабулгоҳ аст. Барои парешон накардани хотиру зеҳни муштариёне, ки анҷоми лоиҳаҳои фарҳангӣ-таблиғотии худро ба «Шабехун» вогузор мекунанд ва ба ин ҷо барои бастани қарордод ташриф меоваранд, қабулгоҳро бо ҳадди ақал ҷиҳози зарурӣ оростаанд. Албатта, виҷдони ҳунариву адабии гулдухтарони идора сабки ҳаддиақаллии қабулгоҳро ҳазм карда натавонист. Аз ин рӯ, аз куҷое бо кумаки кадом мардикори хушном дарахти азимҷуссаи лимӯи мевадорро оварда, дар қабулгоҳи «Шабехун» қарор додаанд.

Ин дарахти лимӯ дар асл бисёр хушатр ва хушранг аст. Чашми одам аз наззораи дарахти сабзи зарҳалдор об мехӯрад. Ҷаҳон дарахти лимӯро дар қабулгоҳ дида, писандид, вале бонувонро аз тарси ин, ки пас аз шунидани таҳсину офарин «Шабехун»-ро ба боғи ваҳшу паноҳгоҳи ҳайвоноти кӯчагӣ мубаддал мекунанд, ташвиқ накард. Ҷаҳон боз ҳам худдорӣ карда натавониста, оҳиста хам шуда, зери гӯши Некрӯз бо ҳаяҷон гуфт:

- Вале бояд иқрор намоям, ки дар мавзуи ана ҳамин дарахти лимӯ аҷаб кори хуб кардаанд.

Некрӯз, монанди одаме, ки дигар тоби бардоштани фишорҳои асабии такрор ба такрорро надорад, беқарор ва бо таҳдид ба чашмони Ҷаҳон нигоҳ карда, пичиррос зад:

– Даматро гир, Ҷаҳон! Мон, тинҷ гардем! Илтимос!

Ҳарду дар чеҳраҳои якдигар ҷамъшавии изтиробу нигарониро дида, баякбор ба ҳоли ҳамдигар ҳир-ҳир хандиданд.

Ҷаҳон пас аз нӯшидани қаҳва ба хона рафта буд. Ӯ дар сукути кулбаи танҳоӣ азму иродаи худро сарҷамъ кардан мехост, вале ҳамин ки Ҷаҳон вориди хона шуд, тасвирҳои

гуногуни Замира аз пасзаминаи хотираи Ҷаҳон яке аз паси дигаре пеши назар шиновар шуданд. Ҷаҳон тасвирҳои пеши назар шиноварро бо нӯги ангуштон ламс карданӣ шуда, ба хиёлӣ будани онҳо имон пайдо карда, гоҳ-гоҳ аз роҳи аз даст додани таодули худ дар марзи хиёлу воқеият овезон мемонд. Тасвирҳое, ки дар онҳо нигоҳу лабханди Замира гарм менамояд, Ҷаҳонро ба фикр во доштанд, ки агар ӯ ба гармои Замира имон пайдо намекард, хунсардии Замираро низ осон мепазируфт. Вале Ҷаҳон чӣ медонад, ки нигоҳи гарми Замира бозтоби гармои нигоҳи Ҷаҳон буду бас. Ин Замира буд, ки дар ҳавзи нигоҳи пурмеҳри Ҷаҳон армон мешикаст. Магар Замира неруи тавлиди гармои муҳаббатро дошт? Замира мисли гурбаи муҳаббатнадида ба шӯхиҳои Ҷаҳон чунон ҳарисона механдид, ки Ҷаҳон ба хотири аз даст надодани фурсати бахотирсупории камтарин ҳаяҷоноти маҳбуби дил чароғи андешаро дар ҳузури Замира тамоман хомӯш менамуд ва худро чашмбаста дар гирдоби руҳияи барои Ҷаҳон сеҳромези Замира мепартофт. Замира ҳам гоҳ-гоҳ ба худ, гарчанде бепарво будан барояш тақрибан номумкин гардида буд, иҷозаи бепарво шудан дар ҳузури Ҷаҳонро медод ва аз пойин андохтани ниқобҳои вазнин эҳсоси сабукӣ мекард. Ҷаҳон, мисли мардоне, ки Замира маъмулан бо онон муошират мекард, расво ва баддил набуд. Ҳаргиз талоши ҷисман ба Замира наздик шуданро накардааст. Ӯ бо тамошои тағйирот дар аҳволи Замира хуш буд. Ҷаҳон барои Замира марҳами захмҳои бедаво, тарёки раҳоӣ аз воқеияти талх шуд. Он замон дили софи писари ҷавон тавони тоза кардани руҳияи олудаи Замираро надошт, чунки гарчанде Ҷаҳон софу сода аст, дар вуҷуди Замира бовар ба хуб шудан боқӣ намонда буд. Ҷаҳонпаҳлавони ҷавон ба сарвақти дили Замираи норас дер расид. То расидан ба овони навҷавонӣ қалби Замираро аллакай хокистари сиёҳи часпак гирифта буд. Замира, гарчанде худро дар ҳузури Ҷаҳон дигаргун эҳсос менамуд, толиби зиндагии солим

нашуд. Шояд агар Ҷаҳон афкореро, ки аз зеҳни Замира мегузаштанд, медонад, бо ваҳшат аз ӯ фирор мекард. Шояд ҳам не. Ошиқон муъминони девонашудаанд. Замира медонист, ки Ҷаҳон интихоби ӯ нахоҳад буд, чунки духтар интихоби худро кайҳо кардааст. Ҷаҳон барои Замира дилхушӣ буда метавонист, вале ҳамсафар ва ҳамқадам не. Замира ва Ҷаҳонпаҳлавон аз овони навҷавонӣ роҳҳои гуногун ва орзуҳои ноҳамгун доштанд.

Бо вуҷуди ин, ба хотири тасаллои уқдаҳои худ, ба хотири тасаллои худхоҳиҳо Замира Ҷаҳонро дар ботлоқи эҳсосот ғӯтавар кардан мегирифт, дили ӯро сахт меранҷонд, гоҳ бе далел ба Ҷаҳон носазо мегуфт, баҳона ҷуста, ҷанг мекард, ба мулоқот намеомад ва Ҷаҳонро, бидуни узру зорӣ, дар интизориҳои беҳуда гирифтор менамуд, вале Ҷаҳон ҳар бор сеҳршуда ба дидорҳои бенатиҷа бо чеҳраи хандон меомад. Замира виҷдони заифи зарбдидаро бо ин ҷумла, ки “касе Ҷаҳонро маҷбур ба созиш накардааст, худаш мехоҳад”, сокит менамуд.

Гарчанде Замира аз дунёи дигар аст, намехост эътироф кунад, ки ба дунёи Ҷаҳон бо ҳасад менигарад. Замира эҳсоси маҳбубиятеро, ки аз ҳисоби таваҷҷуҳи Ҷаҳон ба даст меовард, дӯст дошт, вале Ҷаҳонро не. Дар дили Замира ҷаҳонхоҳӣ не, балки худхоҳӣ воситаи идомадор шудани ишқбозӣ гардида буд.

Дили Ҷаҳон гоҳ-гоҳ танг мешуд, вале ӯ аз тарси парешон намудани Замира шикоят намекард. Замира бошад, Ҷаҳонро дар эҷоди дугонагӣ дар вуҷуди худ гунаҳкор медонист. То пайдо шудани Ҷаҳон Замира тасвири возеҳ аз оламу одам дошт. Дунёи Замира якранг сиёҳ ва одамон дар тафсири Замира яксон бад буданд, вале Ҷаҳон дар ин миён далели ноқис будани фарзияҳои Замира гардид. Ҷаҳон ҳуҷҷати возеҳи мардонагие буд, ки Замира ба мавҷудияти он бовар кардан намехост. Замира фикр мекард, ки ҳамаи мардон ваҳшианд, вале ҳарчанд Ҷаҳонро барқасд меранҷонд,

вокуниши бад надида, асабонитар мешуд. Замира натанҳо Ҷаҳонро дӯст намедошт, балки нисбат ба Ҷаҳон нафрат ҳам дошт. Тамоми тасмимҳое, ки Замира то ҳол гирифта буд, рӯйи фарзияҳое сохта шуда буданд, ки бо пайдошавии Ҷаҳон ҳама бо ҳам зери суол рафтанд. Ҷаҳон далели зиндаи ин аст, ки дунё ҷойи беҳтар буда метавонад, вале Замира дунёро валангор мехоҳад. Чунки ӯро озор додаанд, толиби барчидагии тамоми дунёст. Хонаводаи Ҷаҳон нишон аз инанд, ки хона макони суистифода аз кӯдакон нест. Модари Ҷаҳон нишон аз ин аст, ки модарон метавонанд, меҳрубон, фидокор ва мубориз бошанд. Худогоҳу нохудогоҳ Замира ба Ҷаҳон ба хотири ин ки дар хонаи беҳтар бузург шудааст, садама задан мехост.

Пас аз бозгашти ғайримаъмули Ҷаҳон ва эътирофи ночорие, ки Фурӯғ дар назди Соро ва Ҳуринисо карда буд, чанд рӯз гузашт. Авзои идора ва Ҷаҳон дубора муътадил гардид. Кори идора ба риволи маъмули худ баргашт: Ҷаҳон дубора шӯхӣ мекард, Фурӯғ бошад, ғур-ғур, бақия тамошобини сокит ва Ҳуринисо чун ҳарвақта тамошобини сергап.

Акаи Абдуғаффор ба Ҷаҳон занг зада, ба ӯ хабар дод, ки барои ҳамкорӣ омода аст. Нақшаи худро Ҷаҳон ба акаи Абдуғаффор шарҳ дода, ба идора омад. Дар идора Ҷаҳон ба дунболи Фурӯғ мегашт.

Ҳуринисо ва Солор барои таҳияи гузориш ба берун рафта буданд. Имрӯз онҳо дар шаҳр навбатдоранд. Кори навбатдорон ҷамъоварӣ, таҳия ва паҳнсозии иттилооти рӯз аст. Дигарон ҳама пушти мизҳои корӣ ба таҳқиқоти журналистии худ машғул шудаанд.

Дар «Шабехун», вақте нафаре вориди коргоҳ мешавад, касе ба ӯ эътино намекунад, ба истиқбол намебарояд, аз ҷо баланд намешавад. Ҳама машғули корҳои худ, фақат кафи даст баланд мекунанд ва шахси вориди утоқшуда ба кафи дастҳо зада, ба ҷойи худ мегузарад.

Дар рӯйи лавҳи даромадгоҳи “Шабехун” ҷумлаи зерин навишта шудааст:

“Ҳангоми торикӣ на, балки ба торикиҳо бояд шабехун зад”.

Ҷаҳон ба утоқи корӣ ворид шуда, ба кафҳо кӯбида, ба назди мизи кории Фурӯғ рафт. Фурӯғ айнаки мутолиа дар чашм бо таваҷҷуҳу тамаркузи зиёд матнеро дар компютери худ бодиққат мутолиа ва таҳрир мекард. Наздик шудани Ҷаҳонро эҳсос намуда, ба Ҷаҳон назар накарда, кафи дастро боло бурд. Ҷаҳон ба кафи дасти Фурӯғ накӯбид. Ором болои сари Фурӯғ рост истод. Фурӯғ дар кори худ фурӯ рафта, ба Ҷаҳон эътино намекард.

Ҷаҳон бо чеҳраву табассуми боз ба Фурӯғ хира шуда, баланд ва тантанадор арзи худро ба забон овард. Ғавғои Ҷаҳон таваҷҷуҳи ҳозиринро ба худ ҷалб намуд. Ҳама гӯшакиҳои худро аз гӯшҳо бадар карда, ба намоиши навбатии Ҷаҳон диққат шуданд:

– Дурудҳо бар Фурӯғи пурфурӯғ. Фурӯғи бедурӯғ. Фурӯғи фаррух. Фурӯғи шӯх.

Фурӯғ якчанд сония ҷиддияти тавлидшуда дар фазои мутолиаро аз даст надода, аввал бо тааҷҷуб ба кафи дасти дар ҳаво муаллақи худ назар андохт. Дастро поин оварда, ба Ҷаҳон ва қиёфаи маснуии ӯ нигоҳ карда, ногаҳон чеҳраи худро бо кафи дасти рост пӯшида, ба хандидан даромад. Хандаи бебоку беғаши Фурӯғ ба дигарон низ сироят кард. Мавҷи неруманди хандаи дастаҷамъӣ, ки дар фазои утоқ печид, ба Ҷаҳон низ чира шуданӣ буд, вале Ҷаҳон аз сабаби ин ки таъйиноти махсус дошт, ҷилави эҳсосро аз даст надода, чашмони хандони худро калон-калон кушода, бо қиёфаи нимҷиддӣ ба Фурӯғ менигарист.

Фурӯғ бо ҳавсала айнаки мутолиаро рӯйи миз гузошта, дастмоли коғазиро аз рӯйи миз гирифта, ашкҳои худро тоза карда, рӯ ба тарафи Ҷаҳон намуда, чашмони рангии калон-калони худро ба Ҷаҳон дӯхта, хандаи

мухтасари дигареро аз қафаси сина раҳонида, бо нигоҳи гарм ва саршори иштиёқ гуфт:

– Ҷаҳон, ҳавсалаи кӯдакбозӣ нест! Корам муҳим аст! Зуд бигӯ, боз кадом кори ту ба ман афтодааст? Аз ҳаяҷоноту хушомадгӯйиат маълум, кадом фикри ғайриодӣ ба дидори каллаат омадааст ва ба кумак эҳтиёҷ дорӣ.

Чеҳраи осудаи Фурӯғ, ҳатто ҳангоми мусибат осоиши зотиро аз даст намедиҳад. Оромиши аҷиб дар чеҳраи Фурӯғ, вақте ӯ механдад, асабӣ мешавад, эътироз дорад, дилгир аст, побарҷост. Руҳияи Фурӯғ, сарфи назар аз ин ки чеҳраи беғубори ӯ саршори ҳаяҷонот аст ва вобаста ба шароит мисли осмон ранг иваз мекунад, осуда аст ва ин осоиши руҳии Фурӯғ ба нафароне, ки пиромуни ӯ ҳастанд, эҳсоси амният медиҳад. Фурӯғ ҳангоми рӯёрӯйӣ бо мушкилоти бузург низ ба таҳлука намеафтад. Аз он ҷо ки ҳолатҳои Фурӯғ ва тағйирот дар авзои ӯ дилнишинанд, аксари нафароне, ки бо Фурӯғ бархӯрд доштаанд, ӯро дӯст доранд.

Вале оромиши дарунии Фурӯғ самараи дастбагире-боншавии ӯ бо фалокат дар овони наврасист. Пас аз марги нобаҳангоми падару модар дар садамаи нақлиётӣ, Фурӯғ маҷбур шуд, ки дубора аз сари нав зиндагӣ кардан биомӯзад ва дунёи худро аз нав бисозад.

Фурӯғ аз меҳри падару модар маҳрум, аз фазои Фаронса ба фазои Душанбе нақли макон кард ва дар ҷаҳони дерошнои ноошно дар муддати кӯтоҳ дӯстону ҳамсафарони нав ёфт. Оромише, ки Фурӯғ дорад, паёмади серобӣ не, балки созиш аст.

Вақте мусофири худхоҳ ба кӯчаи ғам наздик мешавад, рӯйи хаймаи навмедӣ парчами бадгумонӣ нисбат ба зиндагиро баланд мекунад, вале Фурӯғ, сарфи назар аз ин ки ӯро ҳаммонанди оҳан дар оташи ғам гудохтаанд, мисли оҳан сахту сард не, балки мисли пахта сабуку нарм аст. Аз сарнавишт гиламанд нест. Ҳаргиз даъвои диндорӣ ё

худодорӣ накардааст, вале бобати хисорат домангири худо ҳам нашуд.

Бовари Фурӯғ ба Худо ба шароити тағйирёбандаи зиндагӣ вобастагӣ надорад. Худо барои Фурӯғ рафиқи рӯзҳои хубу бад аст. Фурӯғ дар рӯзҳои бад бо Худо қаҳрӣ намекунад. Гоҳ Фурӯғ бо Худо, ки дунёро пур аз байтҳои тасвирӣ намудааст, мушоира мекунад. Тасвири Худо рӯйи дафтари ёддоштҳои Фурӯғ ин аст:

«Неку бад бар ту зи Яздон, гар расад, фоли накӯст,
Гарчи нодонам, яқин дорам, ки ғамхор аст дӯст».

Шахсияти Фурӯғ зеҳну дили андешамандро даргир мекунад. Ором аст, вале итоаткор нест. Саркаш аст, вале бераҳм нест.

Ҷаҳон, новобаста ба ин ки Фурӯғ ба шоҳкори ҳунарӣ мемонад, шеваи бархӯрди беназокат бо Фурӯғро интихоб кардааст. Кӯбидан ба завқи Фурӯғ машғулияти дӯстдоштаи Ҷаҳон аст ва ӯ ин корро бо камоли майл анҷом медиҳад. Ҷаҳон шӯхиро дар баробари руҳияи дилбаронаи Фурӯғ сипар кардааст.

Ҷаҳонро вобастагӣ ба руҳияи носолими Замира дар водии ишқ сардаргум кард. Ҷаҳон, бо вуҷуди ин ки медонад, ки Фурӯғ хушомадро намеписандад, ба хушомад гуфтан идома дод:

- Соҳибкамон
Фурӯғам
Фурӯзон!
Нигаронам
Ту назан тир
Адо ман
Натавонам
Гарон аст

Нигоҳат
Азизи саргаронам
Камони абрӯят хуш
Накун рад
Насӯзон
Дили ман
Азизам
Дунимам

Шавам садқаи нозат, - гуфта, сипас, оҳанги тантанадори худро ба садои кӯдакона ва масхараомез табдил дода, идома дод:

Ки ман садқад шавам
Садқа шавам
Каллаат калон
Духтарпаҳлавон

Лаъли Бадахшон! – гуфта, ду бор оҳиста бо сари ангушти қадшуда, ба сари Фурӯғ бо шӯхӣ ва ишора ба эҳтимоли холӣ будани сари Фурӯғ кӯбид Ҷаҳон.

Авзои Фурӯғ, ки дар қисмати аввали шеър қироати шеърро ба худ нозида, гӯш медод, дар қисмати дуввум парешон шуда буд. Дасти Ҷаҳонро аз рӯйи сари худ бо шасти эркагӣ як тараф намуда, гуфт:

– Даступошикаста шеър месаройӣ. Бадахшонро дар миён кашидӣ. Маро ба осмонҳо набурда, ба замин задӣ. Маълум аст, ки бар замми ин ки ҳилаи навбатии ту бароят бисёр муҳим аст, анҷом доданаш осон нест, – дар айни оромишу хунсардӣ ва диққати таҳлилгарона теғи нигоҳро бо таҳдид ба Ҷаҳон равона карда, пурсид Фурӯғ.

Ҷаҳон аз тағйири чашмони фирӯзагуни Фурӯғ авзои Фурӯғро ташхис медиҳад. Агар авзои Фурӯғ хуб бошад, чашмони ӯ сабзи равшан мешаванд ва даври танӯри сабзи дидагони Фурӯғ хатти нилӣ меафтад. Дидагони ҷавондухтар дар ин асно барқи ҷозибадор дорад ва ҳамсони домани рангинкамонгунаи раққосазани дар чархиш зуд-зуд ранг иваз

мекунанд. Гарчанде Фурӯғ зоҳиран ҷиддӣ менамуд, Ҷаҳон аз равшан шудани ранги чашмони Фурӯғ фаҳмид, ки тирборони чоплусиҳо дили неруманди духтари кӯҳистонро рахна кардааст. Ҷаҳон барои қатъӣ ва бебозгашт гардидани осори хушомадгӯйӣ ба ҳаяҷону тантанаи худ афзуд:

– Ман бӯса ба домани кӯҳҳои осмонбӯс занам, ки шерзани дилошӯберо дар оғӯши бошукӯҳи худ парварда, тақдими мо шаҳриҳои тайёрхӯр намудаанд.

Бачаҳо дар талаби шодии сарироҳӣ дар фурсатҳои миёни радду бадалшавии суолу посуххо шикамсерӣ ва баланд механдиданд.

– Хуб, Ҷаҳон, – гуфта, Фурӯғ ба худ қиёфаи ҷиддӣ гирифт. – Бигӯ, чист корат?

Ҷаҳон низ қиёфаи худро ҷиддитар карда, чашмонашро калон-калон кушода, ба чашмони калон-калон кушодаи Фурӯғ нигарон намуда, арзи дилро, бо нияти ғофилгир накардани Фурӯғ, шумурда-шумурда ба забон овард:

– Фурӯғҷон, як озмоиши журналистӣ мегузаронем. Ту бояд барои муддати номаълум дар яке аз чойхонаҳои шаҳр, ки ман интихоб намудаам, ба унвони пешхидмат кор кунӣ.

Инро шунида, Фурӯғ чашмонашро калонтар кушод. Ҷаҳон маҳзи эҳтиёт якчашмбаста ва чашми дигар нимроғ бо изтироб ба тарафи Фурӯғ менигарист.

Бачаҳо, ки саҳнасозии ҳардуро бодиққат пайгирӣ мекарданд, ҳолати нави Ҷаҳонро дида, ба як овоз хандиданд.

Фурӯғ ба гӯшаи рости нигоҳи худ диққат шуда буд. Ҷаҳон бо чашмак задан ба дигарон онҳоро ба оромшавӣ даъват намуд. Ҳама мунтазири қарори Фурӯғ оромишро ба фазои утоқ баргардонданд.

– Ҳазору як савол дорам, Ҷаҳон. Бояд либоси махсуси пешхидматон пӯшам? – бо нози кӯдакона ва нигоҳи илтиҷоомез ба бозпурсии Ҷаҳон пардохт Фурӯғ.

– Агар ҳа, умедворам, либоси вижаи пешхидматон дар он қаҳвахона хандаовар нест! Сатҳи чойхона, умедворам,

панҷситора аст ва бо пешхидматон чунон ки бо зани Фиръавн рафтор мешуд, бархӯрд мешавад? Аслан чаро барои муддати номаълум? Барои озмоиш як рӯз, ҳадди аксар се рӯз кофист! - ногаҳон барошуфт Фурӯғ.

Ҷаҳон дар назди курсие, ки Фурӯғ рӯйи он нишастааст, сари зонуҳо нишаст ва аз зер ба чашмони Фурӯғ ҳаммонанди гурбаи муштоқи меҳр, ки бо нияти касби шафқату меҳрубонӣ бо илтимос ба мухотаби ниёзҳои худ менигарад, хира шуд:

– Ин моҳ ба ту ду баробари маошатро мепардозам, паҳлавондухт, – орому илтимосгарона ба забон овард Ҷаҳон.

– Ҷаҳон, шатта мехӯрӣ! Хез аз ҷоят, айёр! Росташро бигӯ! Озмоишро дар кадом чойхона гузаронданӣ ҳастӣ? – ғавғо бардошт Фурӯғ.

– Хайр, ҳоло ки кори мо ба шумо афтидааст, забонкӯтаҳ, дам дар дарун, ба қавли рафиқони хуҷандӣ ҷи-и-и-ммакак ме-е-ешинам, – бо кинояи адои қурбониҳои беинсофиро дароварда, аз ҷо бархост Ҷаҳон.

Ҷаҳон аз ҷо бархоста, либосҳои худро бо ҳавсала ва бепарвогии тамом афшонда, мураттаб кард. Сипас, айни ҳолате, ки қабл аз пахши суруди миллӣ дар одамон эҷод мешавад, ки поси эҳтиром ба суруди миллӣ аз ҷо бархоста, бовиқор меистанд, истода, нигоҳро ба нуқтаи номаълум дӯхт ва ба қиёфаи худ ниқоби бегуноҳӣ ва исмат кашид. Ҷаҳон ғарқи андеша ба назар меомад. Фурӯғ ҳаяҷонот ва хандаи худро дар лобалои лабҳо пахш намуда, намоиши таҳиянамудаи Ҷаҳонро тамошо мекард. Ҳама мунтазири фарҷоми намоишномаи нав буданд. Ҷаҳон, билохира, бо оҳанги ором, вале босуръат гуфт:

– Чойхонаи куҳнаи бадмастони Душанбе. Ҳамоне, ки дар табақаи аввали сохтмонҳои қадимии дар замони шуравӣ сохташуда дар сари роҳи нимбури пушти театри Опера ва Балет, ки аз маркази шаҳр ба тарафи бозори Баракат мебарад, ҷой гирифтааст.

– Чӣ-й-й? – бо эътироз нимфиғон кашида, аз ҷо нимхез шуд Фурӯғ.

Абрӯҳои Фурӯғ ба ҳам печиданд. Гавҳараки чашмони ӯ бо изтироб ба ин тарафу он тараф ҳаракат мекард. Бовар кардан намехост. Дар нигоҳи Фурӯғ таассуф, эътироз, нобоварӣ, маломат, гила ҳамоғӯш шуданд. Фурӯғ интизори шунидани чунин дархост аз Ҷаҳонро надошт. Магар Ҷаҳонпаҳлавон иҷоза медиҳад, ки Фурӯғ ба чунин ҷойҳо биравад? Ногувории Фурӯғ якчанд сония тул кашид. Сипас, худро ба даст гирифт ва ором, айни оромии қабл аз тӯфон пурсид:

– Ҷаҳон, агар мехоҳӣ маро водор кунӣ, ки бо хоҳиши худ аз кор биравам, рӯйрост бигӯ! Ин бозиҳо чист?!

– Фурӯғҷо-о-н, – бо нигоҳи илтимосомез ва айёрона Фурӯғро ором карданӣ шуда, гуфт Ҷаҳон.

Фурӯғ Ҷаҳонро хуб мешиносад. Медонад, ки Ҷаҳон беҳуда илтимос намекунад. Медонад, агар Ҷаҳон нақша дар сар дорад, бо Фурӯғ ё бидуни Фурӯғ анҷом хоҳад дод. Фурӯғ идома дод:

– Номуси мардиат куҷост, Ҷаҳон? Гули сари сабади идорaро ба домани мардони бадмасту нокоми миёнсоли шаҳр тела медиҳӣ? – бо умеди касби иттилооти бештар дар мавриди нақшаҳои Ҷаҳон суол кард Фурӯғ.

– Ин хел нагӯ, Фурӯғ. Ман ҳамаи чизро фикр карда, баромадам. Ба ту баландгӯ васл мекунем. Худам бо акаи Абдуғаффор ва шогирдонаш, ки таҷҳизоти лозим ва мошин меоранд, дар мошин дар беруни қаҳвахона камин мегирем. Худо накарда, чизе нашуда, ба имдодат мерасем.

Фурӯғ ба фикр фурӯ рафт.

– Ту ҳамаи кори худатро мепартоӣ, маро низ бекор мекунӣ, ки чӣ шавад? Ин озмоиш чаро ин қадар тулонист ва кадом дардро даво мекунад охир, Ҷаҳон? – қарор аз даст дода, пурсид Фурӯғ.

– Тамоми дардҳои манро даво мекунад, Фурӯғҷон? – бо ҷиддият ба чашмони Фурӯғ нигариста, посух дод Ҷаҳон.

Ҷумлаи охирини Ҷаҳон девори муқовимати Фурӯғро фурӯ резонд. Нигаронӣ оид ба авзои Ҷаҳон Фурӯғро ором намегузорад. Магар бо Ҷаҳони якрави пинҳонкор дар як ҷо нишаста, оид ба дард сухбат карда метавонӣ? Ҷаҳон ҳар лаҳза дар сар ғояи нав дорад ва тамоми ғояҳои Ҷаҳон фавриву таъҷилианд. Ӯ барои худ вақт надорад. Дардро дар дил пинҳон медорад. Агар зӯри дард ба сари Ҷаҳон зиёдӣ кунад, барои чанд рӯз нопадид мешавад, вале эътироф нахоҳад кард.

Пас аз бедаракшавии навбатӣ Ҷаҳон маъмулан мисли осмони баъд аз борон беғубор ва хандон ба идора меояд. Хандаҳои дурӯғини Ҷаҳон ба асабҳои Фурӯғи ростпеша бармехӯранд. Фурӯғ бошад, гӯё рӯзҳо аз дасти нигаронӣ азият нашуда бошад, ба Ҷаҳон эътино накарда, ба корҳои худ идома медиҳад. Ҷаҳон ҷиҳати суолҳои бачаҳои идораро бобати "дар куҷо будани ӯ" ҳамеша бо шӯхӣ ба дигар тараф мебарад. Соро, мисли дигарон, Ҷаҳонро бозпурсӣ намекунад. Ӯ бо ахлоқи Ҷаҳон созиш кардааст. Вақте Ҷаҳон меояд, Соро ба ӯ нигариста, Ҷаҳонро бо ҷумлаи кӯтоҳ, рафиқона ва бо табассуми мухтасар истиқбол мекунад:

– Аз дидори дубора шодам. Хуш омадӣ!

Ҳуринисо, гарчанде ки посухи суолҳои худро ҳеч вақт аз Ҷаҳон нагирифтааст, ҳар бор Ҷаҳонро бо чороҳои бешумор тирборон мекунад. Ҷаҳон бо шӯхӣ ба Ҳуринисо нигариста, бо киноя «Ҳуриҷон, агар бо ҳамин суръате, ки суол мекунӣ, чой тайёр мекардӣ... агар бо ҳамин суръате, ки суол мекунӣ, матнҳоро таҳрир мекардӣ... агар бо ҳамин суръате, ки суол мекунӣ, гузориш ҷамъ меовардӣ... агар бо ҳамин суръате, ки суол мекунӣ, дар пайи пайдо кардани шавҳар мебудӣ..." гуфта, ҳар бор иштиҳои кунҷковӣ дар Ҳуринисоро кӯр мекунад.

Фурӯғ Ҷаҳонро дидан замон ба истиқболи ӯ намебарояд, пас аз салому алейк бо ҳозирин, Ҷаҳон ба назди мизи кории Фурӯғ омада, ба кафи дасти ӯ кӯбида, пушти мизи кории худ менишинад. Ҷаҳон медонад, ки Фурӯғ бори ғамҳои Ҷаҳонро бар дӯш мекашад. Пас аз ба кафи Фурӯғ кӯбидан, Ҷаҳон пушти мизи кории худ нишаста, табассуми маснуиро аз чеҳра дур карда, дар фазои ғамҳои Фурӯғ, ки ду метр дуртар аз ӯ нишастааст, ғӯтавар мешавад. Фурӯғ якчанд дақиқаи дигар дар фазои ҳузури Ҷаҳон ором гирифта, кореро баҳона карда, аз идора баромада, он рӯз дигар ба идора барнамегардад.

Ҷаҳон ва Фурӯғ кайҳост якдигарро дӯст доранд, вале Фурӯғро ҳамин муоширати рафиқона кофист ва Ҷаҳон намехоҳад, ки Фурӯғро андармони ҷаҳони ошуфтаи худ гардонад. Муҳаббати Фурӯғ фидокорона ва муҳаббати Ҷаҳон худхоҳона аст. Фурӯғ истеъдоди худро батамом фидои Ҷаҳон ва “Шабехун” кардааст. Ҷаҳон бошад, ба Фурӯғ ҳаққи тасмимгирӣ намедиҳад. Ҷойи ду нафар тасмим гирифта, дари муҳаббатро ба рӯйи худ ва Фурӯғ бастааст. Ҷаҳон на тоқати дурии Фурӯғро дорад, на тоқати бар дӯш кашидани масъулияти муҳаббати ӯро.

Фурӯғ медонад, ки сергапии Ҷаҳон низ ниқоб аст. Ҷаҳон беҳуда намегӯяд. Шӯхиҳояш низ мазмундоранд. Агар гуфт, ки озмоиш тамоми дардҳои ӯро даво хоҳад кард, бешак, чунин аст.

Бо ин мулоҳиза дар сар, Фурӯғ аз ҳолати шӯхӣ ва зиддият хориҷ шуда, бо оҳанги мулоим гуфт:

– Ман шарт дорам, Ҷаҳон. Агар ман нақш мебозам, ту ҳам бояд нақш бибозӣ.

– Ман? – бо тааҷҷуб ба атрофиён нигариста, дар чашмони тамошобинон таслият ҷустанӣ шуда, пурсид Ҷаҳон. – Фурӯғ, агар ман пешхидмат шавам, кӣ дар кӯчаҳои шаҳр ҷони дубора ба руҳи мурдаи Ҷеймс Бонд медамад?

– Ҷеймс Бондро ба ҳоли худ гузор, Ҷаҳон. Ту нақши шавҳари маро мебозӣ. Ҳар рӯз, намедонам аз куҷо меёбӣ, се-чор кӯдаки хурдсолро кироя мегирӣ, ҷанда мепӯшӣ, маро ба коргоҳ мерасонӣ ва пас аз кор мегирӣ. Баъзе рӯзҳо бояд нақши бадмастонро бозӣ кунӣ ва бо ман дар малаи ом дағалгуфтор шавӣ. Саҳнаи гӯшхарошро бояд дар ҳадде хуб бозӣ кунӣ, ки ҳатман як-ду шаппотии обдор аз раҳгузарон низ бихӯрӣ, чун агар дигарон шаппотиатназананд, поёни рӯз дар миёни бадмастон ва пас аз таҳаммули нигоҳҳои шаҳватомези онон, худам туро бӯғӣ карда, мекушам.

Инро гуфта, Фурӯғ низ ҳамоҳанги хандаи ҳозирин аз таҳи дил хандид. Духтар дар воқеъ аз чизе наметарсад ва аллакай тасмими ширкат дар озмоишро гирифтааст. Барои зиёдарав нашудани Ҷаҳон бояд гоҳ-гоҳ ба ӯ «не» бигӯяд, то истифода аз муҳаббати Фурӯғ барои Ҷаҳон одат нашавад. Ҷаҳон, Ҷаҳоне, ки худро «ғаввоси қаъри нигоҳи одамон» меҳонад ва дар ин кор, бешубҳа, моҳир аст, аз нигоҳҳои гарми Фурӯғ шарораи ишқро дар қалби духти кӯҳистон меҳонад ва Фурӯғ низ медонад, ки Ҷаҳон медонад.

Осиёб ба навбат аст. Ҳоло Ҷаҳон чашмонашро калон-калон кушода, беамон ба ҳозирин нигоҳ мекарду Фурӯғ ва ҳамкорон ба бепаноҳиҳои Ҷаҳон механдиданд.

Ҷаҳон худро гум накарда, зимоми ҳодисаро ба даст гирифтанӣ шуда, дубора ба тантана даромад:

– Фурӯғҷони пурфурӯғ. Фурӯғи бедурӯғ! Кӯдаконро ба ин кор ворид накунем-чӣ?

Фурӯғ лаҳзае ба фикр фурӯ рафт. Фикре, ки аз зеҳни Фурӯғ гузашт, боиси ҷиддӣ шудани ҳолати нигоҳи ӯ шуд. Билохира, Фурӯғ ҳукми худро содир намуд:

– Рост мегӯйӣ, Ҷаҳон. Кӯдаконро набояд шомили дурӯғ намоем, вале ту нақши шавҳари маро хоҳӣ-нахоҳӣ мебозӣ, ҷанда мепӯшӣ ва меойӣ!

– Фурӯғ, ҳамин ки ту бадбахт шуда, дар он чойхона кор бикунӣ, кофӣ нест? Биё, шавҳарат дигар ҳақоратчиву

бадмасту бадбахт набарояд акнун? – бо эътироз ва бо беҳавсалагӣ ба образе, ки Фурӯғ ба сараш бор карданӣ буд, тифлона исрор кард Ҷаҳон.

– Яъне, вазъияти чойхона то ин ҳад ногувор аст? – дубора ҷиддӣ шуда, бо нобоварӣ пурсид Фурӯғ.

Ҳамкорон дубора хандиданд. Ҷаҳон хандаи худро ба зӯр нигоҳ дошта, бо нигоҳи ҷиддӣ идома дод:

– Ту, гарчанде пешхидмат ҳам бошӣ, духтари чаққону доноӣ-ку, Фурӯғ. Ҳатман ба худ шавҳари муносиб интихоб кардаӣ. Айни ман. Бубин. Ана ман. Ба нақшофаринӣ комилан тайёру омода! Грим ҳам лозим нест, – гуфта, Ҷаҳон ба паҳнои сивуду дандон табассуми саховатмандона кард ва чобук рӯйи як по чарх зад, то қадду басти Ҷаҳонро ҳозирин аз чор зовия муоина карда, баҳо диҳанд.

– Агар ба худ шавҳари муносиб интихоб мекардам, ҳаргиз маҷбур ба кор кардан дар он қаҳвахона намешудам, – лабҳоро мисли кӯдакони қаҳрӣ ба ҳам ҷуфт карда, ғур-ғур кард Фурӯғ.

Ҷаҳон медонад, ки Фурӯғ розист, вале Фурӯғ тибқи одат қабл аз вуруд ба марҳилаи ризояти ошкор саҳнаофарӣ мекунад. Ҷаҳон дар саҳнасозиҳои Фурӯғ мисли ҳарвақта нақши ҳозирҷавобро мебозад. Ишқи безабон дар пайи ишрат не, балки маҳкум ба офариниши дунёи ҳунар аст.

– Фурӯғҷон, ин масъала ҷиддист? Биё, ман туро ҳар рӯз ба он ҷо мерасонам ва аз он ҷо мегирам, вале ҷандапӯшӣ ва нақши шавҳар бозидан зиёдатӣ нест? – зарби садои худро дар охири ҷумла поин оварда пурсид Ҷаҳон.

– Шартамро эълом кардам, Ҷаҳонҷон! – бо қотеияти бачагона пофишорӣ кард Фурӯғ.

– Хуб, хуб. Ба ҳаминаш ҳам шукр. Қулуғ, охно, – гуфта, ӯро бо забони помирӣ ром карданӣ шуд Ҷаҳон, то мабодо Фурӯғ аз тасмими худ нагардад.

Ҷаҳон ба шарҳи озмоиш пардохт:

– Ҳар рӯз оид ба кори ту дар қаҳвахона гузориши тасвирӣ таҳия мекунем. Дар поёни ин лоиҳа бо истифода аз таҷрибаи кории ту дар қаҳвахона дар мавриди занони фаъол дар ин соҳа филми мустанад месозем. Дар анбори ин қаҳвахона бонуи оворагарде зиндагӣ мекунад. Агар битавонӣ маълумоти бештар дар мавриди ӯ ҷамъоварӣ намоӣ ва ниҳоят, ӯро аз сарнавишти оворагардӣ раҳо созем, филми мустанад шуҳраи олам хоҳад шуд. Бегоҳ бо мудири чойхона маслиҳат намуда, шаб бо бачаҳо дурбинҳоро дар чор тарафи чойхона насб мекунам. Ту, Фурӯғҷон, маъмурият дорӣ, ки таассуроти худ дар мавриди кори ҳаррӯза дар қаҳвахонаро сабт намоӣ.

– «Бонуе дар анбори қаҳвахона зиндагӣ мекунад» мегӯйӣ, Ҷаҳон? Руҳи Ҳотами Той дубора дар вуҷуди Ҷаҳони дилсӯз дамида шудааст, мебинам, Ҷаҳонҷон? – бо киноя гуфт Фурӯғ.

– Бале, Фурӯғҷон. Ту маро беҳтар аз ҳар каси дигар мешиносӣ ва барои ҳамин ҳам ин маъмуриятро ба касе ҷуз ту бовар карда наметавонам! – аҳаммияти Ҳуснигулро барои худ кам нишон доданӣ шуда, ором бо оҳанги садои маъмулӣ посух дод Ҷаҳон.

– Намедонам, Ҷаҳон, ту ба модари кӯлобиат ин қадар ғаюр рафтаӣ ё ба падари исфарагиат ҳушёр? – бо қиёфаи ба сурати маснуӣ норозӣ гуфт Фурӯғ.

– Ба ту рафтаам, Фурӯғҷони ман! Ба ту! Ай Бадахшонумэ, ороми ҷонумэ, Фурӯғи ма-а-н, биё биё-ё-ё, – хонда, аз утоқ баромад Ҷаҳон.

Ҳама бо ҳам хандиданд. Ҷаҳон мавзуи розӣ кардани чойхоначиро ба бегоҳ гузошта буд. Аз идора баромада, дар назди мошин бастаи пулро аз ҷайб берун кашида, бо худ гуфт:

– Чойхоначӣ суд мехоҳад. Розӣ кардани ӯ кори душвор нест, албатта, бо кумаки амаки Сомонӣ.

Фардо рӯзи аввали кории Фурӯғ дар чойхона аст. Маълум нест, ки Ҷаҳон ба Ҳуснигул аз сари дилсӯзӣ наздик шудан мехоҳад ё писарбачаи дар вуҷуди Ҷаҳон ҳанӯз бабалоғатнарасида дар симои Ҳуснигул ба сурати нохудогоҳ ба дунболи Замира мегардад? Вале яқин ин аст, ки Ҷаҳон дар мавзуи дахолат додани Фурӯғи бечунучаро фидокор иштибоҳ кардааст. Дахолат додани Фурӯғ дар ҳалли муаммоҳои шахсӣ бидуни ифшои роз пеши ӯ суистифода аз эътимод ва муҳаббат аст. Подоши суистифода аз неъмат маҳрумият хоҳад буд. Муҳаббати Ҷаҳон нисбат ба Фурӯғ муҳаббати бачаи ноболиғ аст. Талоши ором кардани эътирозҳои худхоҳона дар вуҷуди худ аз роҳи сармоя кардани садоқати чашмбастаи Фурӯғ бузургтарин иштибоҳи Ҷаҳон хоҳад буд.

Дар ҳар сурат, Ҷаҳон хушҳол аст, ки Фурӯғро барои ширкат дар нақшаи худ розӣ кардааст.

## Қисми 16

## ЗАДУХӮРДИ ДУ НИГОҲ

Субҳи барвақт Фурӯғ ба чойхона омад. Соҳиби чойхона марди миёнасоли миёнақади шонапаҳн, ки пираҳани дарзмолнашуда ба бар карда буд ва сару вазъи жӯлида дошт, пешбанди ифлосу равғанинро дар посух ба саломи Фурӯғ бо икроҳ ба Фурӯғ дароз кард. Фурӯғ пешбанди ифлосро бо нӯги ду ангуштони шаст ва ишора гирифта, бо эҳтиёт дар як гӯша гузошт. Духтари ҷавон даруни дил шукрона мекард, ки аз хона барои худ пешбанди тоза овардааст.

– Гӯед, ки чӣ кор бояд бикунам? – бо ҷиддият ва азми кор кардан пурсид Фурӯғ.

Мард чашмони худро калон кушода, бо ишораи абрӯвон ба ошпазхонаи ифлос нишон дода, ба Фурӯғ бо ҳамон безории қаблӣ аз ҳузури Фурӯғ назар андохта, гуфт:

– Тоза кунед. Майдон аз далер аст. Чой, қаҳва ва дигар супориши муштариёнро худам омода намуда, мебарам. Шумо ошпазхонаро тоза кунед ва дегу табақ бишӯед. Раисатон аз ман хоҳиш намуданд, нагузорам, ки ба назди муштариён бароед. Худатон медонед, аксари шахсоне, ки ба ин ҷо меоянд, аз кӯчаи тарбия нагузаштаанд. Ба бонуи олуфта тавсия намедиҳам, ки дар қаҳвахонаи мо зиёд таваққуф намоянд. Раисатон гуфтанд, ки рӯзона ду ё се соат кор кунед, кофист.

Ҳангоми суҳбат бо Фурӯғ соҳиби чойхона ба Фурӯғ бо нигоҳи таҳқир менигарист. Ӯ духтари ҷавонро барои ба ин ҷо омадан дар дил таъна мезанад. Дар аснои суҳбат чойхоначии миёнсол андоми Фурӯғро бо нигоҳи ҳаримшикани худ аз боло то поин бешармона чанд маротиба мурур намуд. Аз лаҳзаи аввали ворид шудан ба чойхона Фурӯғ, ки руҳияи латиф ва ҳассос дорад, бобати мувофиқа бо Ҷаҳон пушаймон шуда буд. Аз сару сурати чойхоначӣ қазовату таҳқир ва аз сару сурати Фурӯғ пушаймонӣ меборад.

Фурӯғ вориди ошпазхона шуд. Парешонҳол чор тарафи ошпазхонаи дар равғану ифлосӣ оғӯштаро аз назар гузаронд. Соҳиби чойхона дубора ба толори тангу торики дар ғур-ғуру шикояти муштариёни аз зиндагӣ домангир ғарқ баргашт.

Фурӯғ андармони муаммои «аз куҷо шуруъ кардан» аз ошпазхона баромада, рафтани соҳиби чойхонаро ҳис накард. Чангу ифлосӣ аз фарш то сақфи ошпазхонаро печидаанд ва Фурӯғ намедонад, аз куҷо ба тоза кардан шуруъ намояд. Торҳои асабҳои Фурӯғ месӯзанд. Лабҳоро барои ба берун наҷаҳидани фарёди эътироз ғунча карда, бо ангушт ду бор ба микрофони хурдакаке, ки аз тарафи дохили пироҳан ба ӯ

насб шудааст, зад. Аз он тараф садои Ҷаҳон ва шогирдони акаи Абдуғаффор баромад:

– Аҳ, ин чӣ буд? Гӯшам-э-э-э!

– Гӯшатонро кар ва чашмонатонро кӯр мекунам! Дар дунёи мутамаддин беҳтарин пешхидматҳо мардҳоянд. Касе шикоят дорад, марҳамат, метавонем ҷойҳоямонро иваз кунем, – бо асабоният панҷаҳои худро мушт карда, гуфт Фурӯғ.

Бачаҳо, ки майли дар мавқеияти Фурӯғ қарор гирифтанро надоштанд, ҳир-ҳир хандиданд.

– Шунидӣ, мудири ошпазхона чӣ гуфт? – бо маломат ва бадҷаҳлӣ ба ҷамъ кардани партовҳо дар рӯйи фарши ошпазхона пардохта, дар баландгӯ пичиррос зад Фурӯғ.

Ҷаҳон, ки тасмими баргаштан аз раъйи худро надорад, бо садои малеҳ ба Фурӯғ посух дод:

– Мудири чойхона, ки қодир ба ҷаҳидан аз чорчӯбаи чойхонаи худ нест, аз куҷо медонад, ки дар вуҷуди пайкараҳои нозук ҳам матонату салобати нотакрорро метавон ёфт. Аз кай ба назари дигарон эътино мекардагӣ шудаӣ, Фурӯғ? Ба майдон баромадӣ, шарманда накун.

– Мебинам, тарзи суҳбатат, ҳоло ки хари лангатро аз ҷӯйбор ҷаҳондайӣ, дигаргун шудааст, айёр! – бо умеди Ҷаҳонро барқасд дар назди ҳамкорон дар вазъияти ногувор қарор додан, гуфт Фурӯғ.

Ногаҳон касе панҷараи мошини акаи Абдуғафорро сахт кӯбид. Мошини акаи Абдуғаффор мошини қадимии мусофиркаш ва сарпӯшида аст. Фақат дуто панҷара дар қисмати пеши мошин насб намудаанд, халос. Баданаи дарози мошин панҷара надорад. Бинобар ин, мошинро бо дастгоҳи сабти садо аз дур муҷаҳҳаз намуда, барои гузаронидани озмоишҳои журналистӣ истифода мебаранд.

Акаи Абдуғаффор солҳои зиёд дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба унвони бозпурс кор кардааст. Пас аз бознишаст шудан акаи Абдуғаффор ширкати хурдакаки сабт ва танзими

садо таъсис дод. Аксари дастгоҳҳои мавҷудро, пас аз ин ки мақомот дастгоҳҳои куҳна барои сабтро бо таҷҳизоти замонавӣ иваз карда буданд, бепул аз мақомот дарёфт намуд. Гарчанде куҳна бошанд ҳам, хуб кор мекунанд. Акаи Абдуғаффор аз хабарнигорон дар ивази хидматрасонӣ пули зиёд намеситонад, вале бо ин ҳол даромади хуб дорад. Хушмуомила, хушқавл ва пуртоқат аст, бинобар ин супориш зиёд мегирад.

Аз он ҷо ки чор нафари дохили мошин ба микрофон ва суҳбатҳои Фурӯғ тамаркуз карда буданд, аз тақ-тақи ногаҳонӣ ба таҳлука афтоданд.

– Ин кӣ бошад? – бо нигаронӣ ба таҷҳизоти дохили мошин нигоҳ андохта, пичиррос зад акаи Абдуғаффор.

Ҷаҳон низ вонамуд кард, ки сахт тарсидааст. Баъд аз чанд лаҳза худро дошта натавониста, қоҳ-қоҳ хандид. Акаи Абдуғаффор ва ду шогирди ӯ ҳанӯз ҳам бо тааҷҷуб ва изтироб ба Ҷаҳон менигаристанд.

– Акаи Абдуғаффор, бепарво. Субҳона супориш дода будам. Ҳатман субҳона овардаанд, – хандида, аз ҷо нимхез шуда, гуфт Ҷаҳон.

Ҷаҳонпаҳлавон дарро боз кард. Писарбачаи навҷавони қадбаланди чашмуабрӯсиёҳи дучархасавор, ки ҳудудан 18-19 сол дошт, бо бастаи субҳона дар даст пеши дари мошин истодааст.

– Салом! Субҳонаи шуморо овардам, – бо нимтабассум ва умеди зуд ба ҷойи кор баргаштан, бастаро ба дохилимошинбудаҳо дароз карда, гуфт ҷавон.

– Салом, додарҷон! Чанд пул мешавад? – бастаро аз дасти ҷавонписар гирифта, ба акаи Абдуғаффор дода, пурсид Ҷаҳон.

Писари ҷавон суратҳисобро ба Ҷаҳонпаҳлавон дароз намуд. Дар суратҳисоб ба хатти чопӣ 100 сомонӣ навишта шудааст.

Ҷаҳон 120 сомонӣ аз ҷайб бароварда, ба писари ҷавон дода, гуфт:

– Сипоси бепоён, додари азиз. Бақияаш аз худат.

Писари ҷавон 20 сомонии изофиро бо хушҳолӣ пазируфта, ба ҳозирин орзуи рӯзи хуш намуда, рафт.

Ҳангоме ки акаи Абдуғаффор ва ҳамроҳон бастаи субҳонаро бо ҳаяҷон боз карда, машғули хизматрасонӣ ба якдигар шуданд, Фурӯғ низ ғур-ғуркунон ба тозакорӣ машғул гардид. Гоҳ-гоҳ аз дур "тавсиф"-ҳои болохонадори Фурӯғ дар бораи шахсияти Ҷаҳон ба гӯш мерасид. Бачаҳо садои Фурӯғро дар гӯши худ паст карданд, то ҳангоми фарёдҳои барқасдонаи Фурӯғ ғофилгир нашаванд. Симои Ҷаҳон як-як ба хотири зиёдаравиҳои Фурӯғ, гарчанде Ҷаҳонпаҳлавон нисбат ба обрӯйи худ бепарвост, аз ҷиҳати эҳтироме, ки ба ҳозирин дорад, арғувонӣ мешавад. Фурӯғ бад-ин минвол қасди худро аз Ҷаҳон мегирад. Акаи Абдуғаффор, ки марди миёнасоли шӯхтабъ аст, гоҳ-гоҳ ба шогирдони навҷавони худ ҳамроҳ шуда, ба ҳоли Ҷаҳон механдад. Садои хандаҳои акаи Абдуғаффор ва шогирдони ӯро шунида, Фурӯғ ангеза ва қуввати бештар барои тавсифи Ҷаҳон мегирифт.

– Парвардигори азиз, сари Ҷаҳондори маро ҳаргиз беҷаҳон накун, – гуфта, бо бадҷаҳлӣ ба тозакорӣ идома дод Фурӯғ.

Садои об ва тақ-тақ ба гӯш мерасад. Аз тақ-таққҳои номавзуни Фурӯғ, ки ба кӯбидани ашёи сахт ба дару девор шабоҳат дорад, пай бурдан душвор нест, ки фазои ошпазхона Фурӯғро ба ваҷд наовардааст.

Фурӯғ ошпазхонаи ифлоси ба қавли ӯ "даҳ сол рӯйи тозагинадидаро" чашми дидан надорад. Гарчанде тоқати Фурӯғ аз ҳамон лаҳзаи вуруд тоқ шуд, дандон ба дандон зада, идома дод. Модар ва сипас бибии Фурӯғ ӯро аз кӯдакӣ ба тозагӣ хӯ додаанд. Гарчанде Фурӯғро бо ноз парвардаанд, чаққону тозакор аст. Ягона камбудии Фурӯғ ҳам ҳамин

камолгароии ӯст. Ӯ дарди нафаронеро, ки худро ба девонагӣ мезананд, камтар мефаҳмад. Бо вуҷуди нофаҳмиҳо, Фурӯғ ғур-ғур кунад ҳам, осон таслим намешавад.

– Кафи ошпазхонаро як қабат равған гирифтааст. Парвардигори меҳрубон, шармро ҳаргиз аз вуҷуди Ҷаҳонпаҳлавон дур накунӣ, – бо қаҳр дар баландгӯ фарёд кашида, кафу сақфи ошпазхонаро бо исрору фишор тоза мекунад Фурӯғ.

Фурӯғ чунон ба ошпазхона дарафтодааст, мегуфта бошӣ, интиқоми нокомиҳои худро аз ифлосиҳо мегирад. Ҳар як нуқтаву хатро Фурӯғ бо хашм ва зӯроварӣ пок мекунад.

Бист дақиқа дар маломат гузашт. Фурӯғ ончунон хаста шуда буд, ки дигар мадори маломат кардан ҳам дар вай намонд. Бепарвои шиква ва баландгӯ шуда, тамоми неруи худро ба пок кардани ошпазхона равона кард. Дигарон дохили мошин якчанд соат тинҷу ором нишаста, ҳар кас дар телефони худ машғул ба коре шуд.

Фарёди ногаҳонии Фурӯғ дар баландгӯ ҳамаро ба таҳлука андохт. Ҷаҳон ба касе эътино накарда, аз мошин берун ҷаҳид ва ба шаст ба тарафи чойхона давид. Ин фарёди Фурӯғ фарёди шӯхӣ набуд. Ҷаҳон ҳангоме ки ба тарафи чойхона медавид, ҳамзамон ба Фурӯғ занг зад.

Ҳуснигул бесадо вориди ошпазхона шуда буд. Ба дунболи чизе мегашт. Вақте Фурӯғи андармони тозакорӣ баргашта, муҷассамаи беруҳ ва беҳаракати Ҳуснигулро ғайричашмдошт дар пушти худ дид, тарсида, фарёд зад.

Ҳуснигул ба Фурӯғ, гарчанде Фурӯғ тарсидааст, бо нигоҳи хунсард менигарист. Гӯё Фурӯғ ҳаққи бе иҷоза ворид шудан ба мулки Ҳуснигулро надоштааст. Барои Ҳуснигул муҳим нест, ки бонуи рӯ ба рӯ кист. Ҳуснигул ба Фурӯғ мисли саги беқарор ва омодаи ҳуҷум, ки ба ин тарафу он тараф ҳаракат карда, барои ҳариф ҳадду марз таъйин кардан мехоҳад, нигоҳ мекард. Барқи ҳаяҷон дар чашмони Ҳуснигул, агарчи Ҳуснигул зоҳиран хунсард менамояд,

гувоҳ аст, ки Ҳуснигул аз бавахшатандозии Фурӯғ лаззат мебарад.

Тарсонидан ва бадахлоқии бедалел бо одамон воситаи чира шудан ба авзои инсонҳои ноогоҳ аст. Тарс додан силоҳ дар дасти одамони суистифодакор алайҳи инсонҳои тарсончак аст. Тарсуён намедонанд, ки тарсонандагон ҳам тарсуянд. Далерон қалбҳоро аз роҳи тарс ба тасарруфи худ намедароваранд. Аз бозӣ додани эҳсоси одамон нафаре лаззат мебарад, ки дар муаммои худбоварӣ шикаст хӯрдааст ва аз эҳсоси ҳақорат ба қимати маҷақ кардани руҳияи дигарон раҳо шудан мехоҳад.

Ду нигоҳи мутафовит ба ҳам бархӯрданд. Нигоҳи Фурӯғ, гарчанде барои чанд сония ба таҳлука афтода буд, возеҳ ва бениқоб аст. Нигоҳи Ҳуснигул тира ва номафҳум аст. Фурӯғ аз сармову хунсардии руҳияи Ҳуснигул ҷо хӯрдааст. Фурӯғ тарсида буд, чунки Ҳуснигул, гарчанде болои сари ӯ меистод, ба инсони зинда намемонд. Хунсардии Ҳуснигул Фурӯғро во дошт, ки дар сонияҳои аввали бархӯрд бо Ҳуснигул фикр кунад, арвоҳ дидааст. Дастони Фурӯғ сард ва пойҳои ӯ гарм шудаанд. Фурӯғ дар ҳузури Ҳуснигул эҳсоси хатар мекунад. Пас аз фарёди ногаҳонӣ, нафаси Фурӯғ дарун афтод. Фурӯғ даргири руҳияи арвоҳмонанди Ҳуснигул шуда, аз ҳарф задан монд.

Телефони Фурӯғ занг мезад, вале Фурӯғ, ки таҳи нигоҳи Ҳуснигул таҳдиди аҷибро медид, ҷуръати даст расонидан ба телефонро накард. Тамоми таваҷҷуҳи Фурӯғ ба Ҳуснигул равона шудааст. Ҳуснигул шағоли гуруснаро мемонад ва Фурӯғ, гарчанде дили шер дорад, оҳувор чашмони худро аз Ҳуснигул намеканад. Ҳуснигул низ нигоҳи худро аз нигоҳи ҳайратзадаи Фурӯғ наканд. Фурӯғ эҳсоси амният намекунад, чун намедонад, ки нигоҳи ваҳшии пеши рӯ аз ӯ чӣ мехоҳад. Ҳуснигул ончунон бадвоҳима нигоҳ мекунад, ки мегуфта бошӣ, дар сонияҳои баъдӣ қасди дарафтодан ба ҷони Фурӯғро дорад.

Дар торикии чоҳи нигоҳи Ҳуснигул Фурӯғи мушавваш дар пайи посухи суолҳо мегашт:

“Чаро ин зан ба ман душманвор менигарад? Магар ӯ маро мешиносад? Ман ӯро аввалин бор аст, мебинам. Кист ӯ? Чӣ мехоҳад? Дар ин ҷо чӣ кор мекунад? Чаро ин зан диққати Ҷаҳонро ба худ ҷалб кардааст? Ҷаҳон аз ин зан чӣ мехоҳад?”

Фурӯғи ҳайратзада сарриштаи андешаро гум карда буд. Чӣ гуфтан ва чӣ вокуниш нишон доданро намедонист. Қалби беғаши Фурӯғ душмании ошкор ва нигоҳи дарандаи Ҳуснигулро дарк карда наметавонад. Чанд сония ба ин минвол гузашт. Бо гузашти сонияҳо муборизи зотӣ дар вуҷуди Фурӯғ дубора қувват мегирифт. Билохира, Фурӯғ иродаи худро ҷамъ карда, нафаси бо тарсу ваҳм оғӯштаро ором ва оҳиста берун дода, аз чоҳи торики нигоҳи Ҳуснигул берун омада, нигоҳи худро аз нигоҳи Ҳуснигул наканда, телефонро аз ҷайби худ бароварда, ба занги Ҷаҳон посух дод:

– Чӣ шуд, Фурӯғ? Ту хубӣ? Ман омада истодаам, Фурӯғҷон. Умедворам, ки барқасд нигаронам накарда бошӣ, – бо меҳрубонии барои Ҷаҳон ғайриодӣ ба забон овард Ҷаҳон.

– Не. Хубам. Нигарон набош. Корам бисёр. Баъд гап мезанем, – гуфта, посухи Ҷаҳонро мунтазир нашуда, зангро қатъ кард Фурӯғ.

Ҳангоме ки Фурӯғ бо телефон суҳбат мекард, Ҳуснигул нигоҳи худро аз Фурӯғ наканд ва Фурӯғ низ дар аснои суҳбат бо телефон, мисли ин ки Ҳуснигул ҳайвони ваҳшии омодаи ҳуҷум бошад, нигоҳи худро аз Ҳуснигул наменканд. Гарчанде садои Фурӯғ ҳангоми суҳбати телефонӣ бо Ҷаҳон ором менамуд, ларзиши ғайримаъмули гавҳараки чашмони Фурӯғ изтироби дарунии ӯро фош месохт. Фурӯғ иллати изтироби дар вай эҷодшударо намефаҳмад, вале сустӣ дар по ва андӯҳи сангин дар дил Фурӯғро азият мекунанд.

“Руҳияи тоқатфарсо…” – аз дил гузаронд Фурӯғ.

Ҳуснигул ба Фурӯғ чизе нагуфт. Билохира, нигоҳро аз нигоҳи Фурӯғ канд. Бо ҳамон хунсардие, ки вориди утоқ шуда буд, мисли руҳ, оҳиста ва бо хунсардӣ аз утоқ берун шуд. Ҳуснигул бепарвои аҳволи Фурӯғ ба назар мерасид, вале чунин набуд.

Вақте Ҳуснигул ошпазхонаро тарк намуд, тамоми бадани Фурӯғ ба ларзидан даромад. Фурӯғ ҷузвдони худро зуд ҷамъ карда, саросема аз чойхона берун рафт. Ҷаҳон ба суханони Фурӯғ бовар накарда буд, бинобар ин, бо шитоб ба тарафи чойхона меомад. Дар пойҳои Фурӯғ қувват намондааст, вале суръати ҳаракати худро кам намекард. Наздикшавии Ҷаҳонро дида, охирин қувваи худро ҷамъ карда, чанд қадами дигар монд ва ниҳоят, дар дастони Ҷаҳон афтида, ба гиристан даромад.

Ҷаҳон худро гум кард. Фурӯғро маҳкам гирифт. Қалби Фурӯғ зуд-зуд мезанад. Буғзи дар синаи Фурӯғ ҷамъомада ногаҳон кафид ва селаи ашк аз дидагони Фурӯғ ҷорӣ шуд. Селаи ашк дар фосилаи чашмбаҳамзадан роҳи нафаси Фурӯғро баст ва ӯ ба ҳиқ-ҳиқ кардан даромад. Фурӯғ, ки дар назди Ҳуснигул худро ба даст гирифта буд, дар назди Ҷаҳон дубора ба таҳлука дода шуд.

– Фурӯғҷон, чӣ шуд? – бо таассуф бозувони Фурӯғро гирифта, пурсид Ҷаҳон.

Ҷаҳон ҷамъ шудани ашк дар чашмони Фурӯғро борҳо дида буд, вале гиряҳои зори ӯро надидааст. Бачамард унвон гирифтани Фурӯғ низ ба ҳамин хотир аст. Фурӯғ эҳсосоти худро хуб идора мекунад ва корҳои аз лиҳози эҳсосӣ муташанниҷро ба сурати ҳирфаӣ анҷом медиҳад.

– Кист ин зан? Ту аз ин одам чӣ мехоҳӣ? Руҳияи ваҳшатноки ӯ кадом дарди туро даво мекунад? Ӯ маро метарсонад, Ҷаҳон... – худро дошта натавониста, бо садои гиряолуд пурсид Фурӯғ.

– Ором бош, Фурӯғҷон. Маро бубахш. Набояд туро дар ин кор дахолат медодам. Биё, туро ба хона бибарам. Бояд истироҳат кунӣ, – гуфта, аз зери бозуи Фурӯғ гирифт Ҷаҳон.

Дар чашмони Ҷаҳон Фурӯғ хиҷолат ва таассуфро медид. Ба хотири осудагии Ҷаҳон бо ишораи чашм, бидуни ноз ба пешниҳоди Ҷаҳон розӣ шуда, ба бозувони ӯ такя дода, аз даре, ки Ҷаҳон ба рӯйи Фурӯғ боз карда буд, дохили мошини Ҷаҳон шуд ва дар курсии канори курсии ронанда нишаст.

Қабл аз равшан кардани мошин Ҷаҳон ба акаи Абдуғаффор занг зада, онҳоро мураххас кард. Дар мошин Фурӯғ дар канори Ҷаҳон нишаста, сари худро ба сандалӣ такя дода, ба панҷара менигарист. Нигоҳи Фурӯғ ба хиёбон нигарон шудааст, вале Фурӯғ анбӯҳи мошинҳои мураттаб равонро намебинад. Ҷаҳон намедонист, ки бояд чӣ бигӯяд. Як-як ба Фурӯғ назар меандохт ва як-як ба роҳ менигарист. Ӯ наметавонист, ки Фурӯғро ба оғӯш гирифта, ба ӯ эҳсоси амният бидиҳад. Дигар ҳарф назад. Ором мошин меронд.

Шикваи Фурӯғ аз руҳияи Ҳуснигул Ҷаҳонро ба ёди авзои сангини хонаи падару модари Замира андохт. Ҷаҳон медонад, ки Фурӯғро бо руҳияе, ки Ҷаҳонро як замон шикаста буд, рӯ ба рӯ кардааст. Медонист, ки таҳаммули руҳияи мурда барои инсони зиндадил осон нест. Ҷаҳон фишори эҳсосиеро, ки ҳоло ба Фурӯғ ҳамлавар шудааст, мешиносад. Ҷаҳон ҳамин эҳсосотро ҳангоми бархӯрд бо хонаводаи Замира ва афтидани ниқоб аз чеҳраи Замира таҷриба карда буд.

Даруни дил Ҷаҳон худро маломат мекард. Фурӯғ Замира нест. Фурӯғ Ҳуснигул нест. Фурӯғ, агарчи бе падару модар бузург шуда бошад ҳам, нозук ва нозпарвард аст. Забоне ҷуз забони меҳру муҳаббатро намедонад. Ҳуснигул ва Замира бошанд, ҳамзабонанд. Ҷаҳон ба дунболи фаҳмидани забони ҳардуст. Вале чаро Фурӯғ бо ин забон ошно шавад? Шояд Ҷаҳон ба сурати нохудогоҳ Фурӯғи муборизро дар

баробари тарсҳои худ сипар мекунад? Фурӯғ тарсу не, балки муборизи сарсахт аст. Аз Ҳуснигулу Замира сад баробар қавитару муқовимтар аст, вале мисли онҳо хунсард нест, бинобар ин, гарчанде намешиканад, захмӣ мешавад.

Эҳсososти худро дар тули умри худ Фурӯғ монанди Ҳуснигул ва Замира саркӯб накардааст. Фурӯғ ба чашми ҷонкоҳтарин тарсҳои худ нигоҳ мекунад. Замира ва Ҳуснигул бошанд, ҳаргиз ҷуръати рӯёрӯйӣ бо тарсҳои худро надоштанд ва ба ҳамин хотир ҳам бозичаи дасти ҳамин тарсҳо шуданд.

– Ин зан нигоҳи аҷиб дорад, Ҷаҳон. Лавҳи нигоҳи ӯ, гарчанде нигоҳи хашин ва ваҳшӣ дорад, сафед аст. Хашми ӯ муҳтаво надорад. Хашми ӯ хашми худхоҳист. Магар душмании бе далел вуҷуд дошта метавонад, Ҷаҳон? – оҳиста ва бо садои ларзон дидагони тарро аз панҷара наканда, ба забон овард Фурӯғ.

Ҷаҳон ба фикр фурӯ рафта буд. Мошин меронд ва чизе намегуфт.

– Нигоҳи ӯ холист, вале аз чӣ бошад, бетафовут нест. Шавқи пархошгарӣ дорад. Нигоҳаш ба нигоҳи қотилони хунсард мемонад. Ҳарис аст. Ӯ ба пархошгарӣ ҳарис аст, – пас аз як кам таваққуф, ба тафаккур кардан идома дод Фурӯғ.

Ҷаҳон ба ҳарфҳои Фурӯғ бодиққат гӯш медод, вале нигоҳи худро аз роҳи пеши рӯ намеканд ва чизе намегуфт. Қасд дошт, ки то ором гирифтани Фурӯғ, ӯро дар кӯчаҳои шаҳр бичархонад.

Баъд аз муддате Фурӯғ ногаҳон нигоҳи худро аз панҷара канда, сари худро аз сандалӣ бардошта, тасмаи бехатариро боз намуда, дар рӯ ба рӯйи Ҷаҳон чорзону нишаста, аз зери манаҳи Ҷаҳон нигоҳ карда, пурсид:

– Ба ман бигӯ, ки ин зан кист? Ту аз ӯ чӣ мехоҳӣ? Ин лоиҳа лоиҳаи корӣ нест, Ҷаҳон. Масъалаи шахсист. Чӣ гуна нигоҳи сарди ин зан калиди раҳоии ту аз ранҷ хоҳад шуд?

Ҷаҳон нигоҳро аз роҳ намеканд. Дамидани неру дар ҷисми Фурӯғро мушоҳида намуда, чанбараки мошинро чобук дар гардише, ки ба хонаи Фурӯғ ва бибии ӯ мебарад, гардонд. Мошини Ҷаҳон ба саҳни сохтмонҳои чандошёна ворид шуд. Ҷаҳон ба суолҳои Фурӯғ посух намедод. Ба чашмони Фурӯғ низ нигоҳ накард. Мошинро дар ҷойи муносиб нигоҳ дошт. Аз мошин фаромад. Дари Фурӯғро боз карда, аз зери бозуи ӯ гирифта, ӯро ба худ такя дода, бо эҳтиёт ба берун фаровард ва дар роҳи мошин то дари вурудии сохтмон гуфт:

– Туро ба бибиат месупорам, сипас, аз паси корҳо мешавам. Сари зебоятро бо фикрҳои ноҷо пур накун. Ба ту эҳтиёҷ дорам. Ин калид нашуд. Калиди дигар меёбем, чӣ гуфтӣ, бачамард? – беҳтар шудани аҳволи Фурӯғро дида, бе лабханд, вале ҷоннок гуфт Ҷаҳон.

Фурӯғ дарунакӣ месӯхт. Ахлоқи пинҳонкори Ҷаҳон Фурӯғро асабонӣ мекунад. Фурӯғ қуввати муқовимат надорад. Бетоб буд, бинобар ин, дар ҳоле ки ба бозувони Ҷаҳон такя дода, аз зери манаҳ Ҷаҳонро муоина мекард ва роҳ мерафт, бо бадҷаҳлӣ охирин неруи худро сармоя карда, зӯр зада, гуфт:

– Худхоҳ! Худхоҳи якрави намешуданӣ!

Ҷаҳон Фурӯғро дар ҳолати таҳоҷум дида, оромтар шуд. Дар чеҳраи гирифтаи Ҷаҳон табассуми сабук ҳувайдо гардид.

– Ғатсҷон, вақте ноҷор мешавӣ, мезебад – гуфта, аз ноҷории Фурӯғ суистифода намуда, мӯйҳои фарқи сари Фурӯғро жӯлидатар карда, хандид Ҷаҳон.

Ҷаҳон зоҳиран хандид, вале дар дил гиря мекард. Фурӯғ Ҷаҳон ва хислати шуми масхарабозии ӯро дӯст медорад. Замин, агар ба осмон часпад ҳам, Ҷаҳон як ҷанбаи фалокатро баҳона карда, механдад. Албатта, Фурӯғ тарси шахшуда дар нигоҳи сангини Ҷаҳонро низ мебинад. Ҷаҳон, гарчанде шӯхӣ мекунад, дигар бепарво нест. Имрӯз оҳанги эҳтиёткорӣ дар садои муҳаббатомези Ҷаҳон пайдо шудааст.

Аз ошёнбар берун баромаданд. Ҷаҳон Фурӯғро бо як даст нигоҳ медошт ва бо ангушти ишораи дасти дигар занги дари хонаро зад.

Бибии Фурӯғ – бону Зарагул ҳардуро дар дурбин дида, бо таҳлука дарро боз карда, ваҳшатзада ба берун баромад.

– Бачаҷонакам. Вой, ба бачаяки ман чӣ шудааст, – гӯён Фурӯғро, ки ба зӯр рӯйи по истода буд, ба оғӯш гирифта, сару сурати ӯро бӯсид. Ҷаҳон, ба хотири ин ки Фурӯғ зери фишори таҳлукаи бибӣ ба замин наафтад, ӯро раҳо накард. Ашк бону Зарагулро гулӯгир карда буд. Фурӯғро дидори бибӣ хушҳол кард.

Чашмони Ҷаҳон беихтиёр ҳавзи ашк шуданд. Дар ин саҳна танҳо нафаре, ки мардона меистод, Фурӯғ буд. Нигоҳи мухтасар ба чашмони Ҷаҳон андохта, бепарво аз зери бозуи Ҷаҳон худро раҳо намуда, бибиро ба оғӯш гирифта, бӯсид.

Ҷаҳон низ аз фурсати муносиб истифода намуда, иродаи худро сарҷамъ карда, аз роҳи чашмҳоро барои якчанд сония баста, боз кардан ашкҳои дар даҳлези чашмон ҷамъшударо ба пасзамина ронда, бо шӯхӣ гуфт:

– Бибиҷон, ҳич чизакаш нашудааст. Нигарон набош. То фардо мисли бодиринг тару тоза мешавад.

Бону Зарагул ба Ҷаҳон нигоҳ накарда, сару сурати Фурӯғро навозишкунон гуфт:

– Худо кунад, бачаҷон, Худо кунад.

Фурӯғ калимаи “бодиринг”-ро шунидан замон абрӯвони худро ба осмон кашида, нафаси сард ба берун дод.

Ҷаҳон бархӯрдани ташбеҳи шӯхиомези худ ба эҳсоси зебоишинохтии Фурӯғро пай бурда, хандид ва дубора ба озори Фурӯғ пардохт:

– Паҳлавони номиро дар майдони набард бо як нигоҳ пахши замин карданд. Ҷисму ҷонаш солим аст, бибиҷон. Худхоҳиаш ҷароҳат бардоштааст.

Фурӯғ ҳавсалаи бачабозиҳои Ҷаҳонро надошт. Духтари раҳмдил дар лобалои меҳрубониҳои бибӣ тарсу

воҳимаро дида, дилгир мешавад. Бону Заррагул ба ҷуз Фурӯғ касеро надорад. Вақте модари Фурӯғ дар садамаи нақлиётӣ фавтид ва Фурӯғро ба назди бибӣ фиристоданд, Заррагул пеши набера гиря накард. Фурӯғро бо муҳаббат ва чеҳраи кушода пазируфт. Дардҳои худро фурӯ бурд, то болҳои шикастаи Фурӯғ ҳарчи зудтар дармон шаванд. Дардҳои ногуфтаи Заррагул рафта-рафта табдил ба эҳсоси тарс ва ночорӣ шудаанд. Синну соли ӯ меравад ва Заррагул тарсутару захмбардортар мешавад. Ҳоло навбати Фурӯғ аст, ки ба бибӣ эҳсоси амният бидиҳад. Заррагул зери бори ғам бесадо шикаст, то Фурӯғ парвозӣ шавад. Ҳоло Фурӯғ нокомиҳои худро пахш мекунад, то мабодо бибӣ аз назари эҳсосӣ ба танг наояд.

Фурӯғ "бибиҷони ҷононаи ширини нотакрори ман" гуфта, дасти бибиро гирифта, ӯро базӯр кашола карда, вориди хона шуд. Ҷаҳон дами дар истода буд. Бону Зарагул, ки Фурӯғ ӯро аз куҷое қувват гирифта, ба зӯр ба хона тела медод, як илоҷ карда, аз чанги набера халос шуда, рӯйи худро ба тарафи Ҷаҳон карда, нидо зад:

– Бачаҷон, ба хона намедароӣ?

Фурӯғ ба Ҷаҳон фурсати посух надода, билофосила ҷавоб дод:

– Не, бибиҷон, Ҷаҳонпаҳлавон серкоранд. Вақти қимати ӯро бештар аз ин намегирем.

Баъд аз ин ки Фурӯғ бибиро комилан ба даруни хона тела дод, худ низ ба хона даромада, сарро аз пушти дар ба берун баровარда, дастаи дарро дошта, охирин тирро ба Ҷаҳон холӣ кард:

– Бо ту қаҳриам! Фаҳмидӣ?!

Ин суханро гуфтан замон Фурӯғ дарро бо шаст пӯшид, вале баъд аз якчанд сония беқарор шуда, аз бинаки дар ба пушти дар нигоҳ андохт. Ҷаҳон ҳанӯз пушти дар истода, аз он тараф ба бинаки дар нигоҳ мекард. Фурӯғ дарро дубора боз карда, пурсид:

– Чӣ истодаӣ? Қаҳрам паст намешавад. Беҳуда вақтатро ҳайф накун. Ва боз як гапи дигар. Ман беморам. Фардо ба кор намебароям. Занг ҳам назан. Бояд фикр кунам, ки бо ту кор кардан мехоҳам ё не. Фурӯғ матлаби дилро гуфту вокуниши ҷиддии Ҷаҳонро дида, хандид.

Ҷаҳон, сарфи назар аз таҳдиди Фурӯғ, ором ба назар мерасид. Ба Фурӯғ бо муҳаббат менигарист. Бо нигоҳи муҳаббати беғараз. Фурӯғ якчанд лаҳзаи дигар ба Ҷаҳон нигоҳ карду сипас, дубора ниқоби бепарвогӣ ба чеҳра кашида, кӯтоҳ гуфт:

– Хайр!

Фурӯғ дарро баста истода буд, ки Ҷаҳон ба худ омада, дастаи дарро гирифта, гуфт:

– Э-э-э, Фурӯғ, як лаҳза ист, дарро, лутфан, набанд. Ба ту чӣ шудааст? Туро намешиносам. Чаро якбора тағйир кардӣ? Чӣ нақша дорӣ?

– Ҳой, ҷаноби талабкор. Ту ба суолҳои ман посух намедиҳӣ, ҳеч гап набудаасту ман ин ҷо чойи гарму курпачаи ғафсро монда, дар пеши дар рост истода, ба суолҳои ту посух бидиҳам? Хестӣ, ки хобӣ. Метавонӣ маро аз кор ихроҷ кунӣ. Ҳар коре мекунӣ, кун. Фардо намеоям ва як сонияи зиндагиро ҳам барои ту сарф намекунам, Раис. Гап дорӣ? Одоби ошноиро аз ту ёд гирифтам.

Ҷаҳон ба Фурӯғ, ки дубора неруи баҳс кардан пайдо карда буд, бо муҳаббат менигарист. Ӯ бо сукути худ Фурӯғро бисёр озурдааст, вале Фурӯғ намехоҳад Ҷаҳонро ба доми изтироб андозад. Фурӯғ базӯр рӯйи по меистод, бинобар ин, ба дастаи дар, ки нимроғ нигоҳ дошта буд, бо баҳонаи худоҳофизии иҷборӣ бо Ҷаҳон, такя дод. Бо Ҷаҳон баҳс мекунад, то дили Ҷаҳон таскин ёбад, вале дили Фурӯғ ором намегирифт. Бону Зарагул дар ин муддат чой монда, ҷойи истироҳати бароҳат барои Фурӯғ омода намуд.

Ҷаҳон ба якравиҳои Фурӯғ хандид ва кӯтоҳ посух дод:

– Не, подшоҳ. Ҳарфе нест. Ҳар чӣ фармоӣ.

– Ана ин гапи дигар, Ҷаҳонпаҳлавон. Мебинам, моҳи андеша дар осмони ҳуши ту пурра шуда истодааст. Бад-ин минвол ояндаи дурахшони худро тазмин мекунӣ.

Ҳарду самимона хандиданд.

Фурӯғ, ниҳоят, фарқи сари худро ба Ҷаҳон пешниҳод кард. Ҷаҳон аз фарқи сари Фурӯғ, масалан, бояд мебӯсид, вале Ҷаҳон ба ҷойи бӯсидани фарқи сари Фурӯғ бо нӯги ангушти қатшуда ду бор бо эҳтиёт ба фарқи сари Фурӯғ зада, сари ӯро аз ду тараф бо кафи дастон, монанди ин ки хомӣ ё пухтагии тарбузро месанҷида бошад, фишор дода, гӯши худро ба сари Фурӯғ, ки аз роғи дар берун бароварда буд, наздик намуд. Фурӯғ дар ҷавоб ба масхарабозии Ҷаҳон абрӯвонашро ба сурати маснуӣ дарҳам кашид ва гуфт:

– Ин рафторат бошад, ояндаи дурахшонат тарбузфурӯшист!

– Тарбузфурӯш аз ману ту шарифтар аст, ғатс. Ӯ ризқи худро аз роҳи ҳалол дарёфт мекунад, – шӯхии Фурӯғро бемазза нишон доданӣ шуда, гуфт Ҷаҳон.

– Тарбузфурӯшон шарифанд. Вале ту агар мешудӣ, як тарбузфурӯши бешарафи гузаро мешудӣ, – бо эркагии бадҷаҳлона гуфт Фурӯғ.

Ҳарду дубора хандиданд.

Фурӯғ чизе нагуфта, нигоҳи гарму ҳасратомези худро то охирин лаҳзаи мумкин аз чашмони Ҷаҳон наканда, дарро оҳиста баст. Дубора аз бинаки дар нигоҳ кард. Ҷаҳон низ якчанд сония ба бинак хира шуд. Оташи ҳаяҷон дубора дар чашмони барроқи Ҷаҳон аланга гирифтааст. Медонад, ки Фурӯғ низ аз он тараф ба ӯ нигоҳ мекунад. Табассум карда, ба бинаки дар чашмак зад ва рӯйи худро баргардонда, рафт.

## Қисми 17

# ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД

Фардои ҳамон рӯз субҳи барвақт Фурӯғ ин дафъа хурҷини латтагии дастадорро пур аз маводи тамизкорӣ карда, барои давраи дуввуми муҳориба ба чойхона рафт. Ин дафъа бо руҳияи ҷангӣ. Аз дари чойхона даромада, мудири чойхонаро, ки бо муштариёни саҳаргоҳӣ пушти яке аз мизҳо нишаста буд, дид. Ба ӯ бо сар ишораи салом намуда, ба нигоҳҳои кунҷкови муштариёни ӯ иноят накарда, аз назди онҳо гузашта, ба тарафи ошпазхона рафт. Мудир саросема аз ҷо бархоста, бо шитоб аз паси Фурӯғ ба ошпазхона омада, бо тааҷҷуб ва эътироз гуфт:

– Дишаб раисатон ба назди ман омада, гуфтанд, ки шумо дигар ба ин ҷо намеоед. Назри саховатмандона ҳам карданд.

– Раис? Раис ҳатман чизеро иштибоҳ фаҳмидааст. Кори раис бисёр. Шумораамро ба шумо медиҳам. Агар масъалае пеш омад, ба худам занг занед, – гуфта, корти тамосро, ки дар он ном ва шумораи телефони Фурӯғ дарҷ шуда буд, ба чойхоначӣ дароз карда, билофосила ба тамиз кардани ошпазхона пардохт.

Мудири чойхона парешонҳол менамуд. Намедонист, ки ба Фурӯғ чӣ бигӯяд. Бинобар ин, Фурӯғ барои бартараф кардани парешонҳолии чойхоначӣ афзуд:

– Ман ин ҷоро тоза мекунам. Аз хона василаҳои барои тозакорӣ лозимро овардам. Шумо ҳам аз паси кори худ шавед. Шуморо, агар чизе лозим шуд, садо мекунам.

Мудири чойхона бештар гиҷ шуд. Ин бор ҳам намедонист, ки ба Фурӯғ чӣ бояд бигӯяд. Дудил тасмим гирифт, ки Фурӯғро бо ошпазхонаи ифлос танҳо гузорад. Ба ҳар ҳол Фурӯғ ошпазхонаро ройгон тамиз карданист.

Фурӯғ машғули тамизкорӣ шуд ва ҳамзамон худро аз назари равонӣ ба вохӯрии дубора бо Ҳуснигул омода мекард. Баъд аз чанд соат талош ошпазхона тамиз шуд. Шустани дегу табақ ва фарши ошпазхона боқӣ мондааст. Барои Фурӯғ ҳатто нигоҳ кардан ба дегу табақи равғаниву часпак душвор менамояд. Дегу табақро Фурӯғ ба фардо во гузошт, чунки медонист, ки тоза кардани ифлосиҳои дар дегу табақи ошпазхона анбоштшуда кори чандинсоата аст.

Бо вуҷуди хастагӣ, Фурӯғ бедаранг ба шустани фарши ошпазхона машғул шуд. Фурӯғ, ки таҳаммули ифлосиҳоро надорад ва ифлосиҳои рӯйи фаршбударо бекаророна бо фишор пок мекард, ногаҳон наздик шудани сармо аз пушти худро эҳсос намуд.

Ҳуснигул дубора бесадо вориди ошпазхона шуда буд. Фурӯғ сангинии сояи пайкараи Ҳуснигулро болои худ эҳсос мекунад. Медонад, ки Ҳуснигул барқасд бесадо вориди ошпазхона шудааст. Гарчанде Ҳуснигул худро беэҳсос ҷилва медиҳад, аз ҳаяҷони хунук дар нигоҳи ӯ пай бурдан душвор нест, ки аз ба таҳлука андохтани одамон лаззат мебарад.

Фурӯғ тасмим гирифт, ки аз ҳолати дифоъ ба ҳолати ҳуҷум бигузарад. Ба сурати барои Ҳуснигул ногаҳонӣ ба шаст ба тарафи ӯ баргашта, ба Ҳуснигул бо садои барои ӯ ғайричашмдошт худбоварона гуфт:

– Салом арз мекунам, бону!

Ҳуснигул, ки дарунакӣ мунтазири дидани тарс ва эҳсоси дар қабза доштани руҳияи нозуки духтари ҷавон буд, вокуниши Фурӯғро дида, ҷо хӯрд. Фурӯғ таҳи нигоҳи Ҳуснигул тарсро дида, дилбеҳузур шуд. Ҳуснигул саропо дурӯғ аст. Ӯ дили тарсу дорад ва афсонаи «Ҳуснигули бадҳайбат»-ро миёни худ ва воқеияти талх ҳоил қарор додааст.

Фурӯғ аз он руҳияҳое нест, ки ӯро ба осонӣ маҷақ карда шавад. Ҳуснигул, вале баръакси Фурӯғ, нишон намедиҳад, вале руҳияи маҷақ дорад ва дарунакӣ аз маҷақ

кардани дигарон лаззат мебарад. Инсонҳои заиф ҳамингунаанд. Ҷойи талош ба боло дар орзуи ба поин андохтани онҳое ҳастанд, ки ба боло равонанд. Хунсардӣ ва бетафовутии зоҳирии Ҳуснигул сохтакорона аст. Ӯ аз андохтани ваҳшат дар қалбҳо лаззат мебарад. Башиддат тарсуст ва бинобар ҳамин ҳам ташнаи қудрат аст. Фақат қудрат метавонад тарсҳои дарунии ҳуснигулбаринҳоро комилан рӯйпӯш намояд. Бинобар ин, ошиқи қудратанд. Ҳамкорӣ ва рафтуомад бо дигаронро вақте написанданд, ки дастболо бошанд.

Ҳуснигул пазириши хубии дигаронро дар ҳоли ҳозир нишонаи коҳиши қудрат медонад, бинобар ин, бо касе рафтуомад намекунад. Ҳуснигул оворагарди маъмулист ва дӯстӣ бо дигарон барои Ҳуснигул ба маънои пазириши дилсӯзии онҳо ва дасти болои онҳост.

Ҳуснигул вокуниши Фурӯғро дида, асабонӣ шуда буд. Асабониятро ба зӯр фурӯ нишонда, бо нафрат ба Фурӯғ нигарист, вале Фурӯғи мубориз маҳорати муқовимат бо сармои руҳияи Ҳуснигулро дар як рӯз аз худ намудааст. Ҳуснигул қудрати мубориза бо сипареро, ки Фурӯғ дар баробари ӯ гирифтааст, надорад. Ӯ худро дар баробари Фурӯғ нотавон дида, ба хашму нафрат дар вуҷуди худ арсаи бештар дод.

Ҳуснигул бепарво писханд зада, ба саломи Фурӯғ алейк нагуфта, рӯйи нокоми худро баргардонда, мисли руҳ аз ошпазхона берун шуд. Ҳуснигул аз эҳсоси нотавонӣ безор аст, бинобар ин ошпазхонаро бедаранг тарк намуд. Фурӯғ ба Ҳуснигул зарбаи сангин зад, чунки Ҳуснигул ба ин ҷо барои чашидани таъми пирӯзӣ омада буд, вале дар иваз бо захмҳои пора баргашт.

Фурӯғ бепарво афзори худро ҷамъ карда, аз чойхона баромад. Боду ҳавои тоза ва нурпошиҳои латифи хуршеди само фазоро барои пиёдаравӣ мусоид намудаанд. Васоили худро дар мошини хурдакаки худ гузошта, дари мошинро

дубора баст ва ба гулгашти наздики чойхона рафта, ба сандалии чӯбину роҳат такя дода, нишаста, чашмони худро ором пӯшида, ба раванди ҷазб шудани гармои офтоб дар сурату дастони худ диққат шуд. Ногаҳон телефони Фурӯғ занг зад:

– Бале? – номи Ҷаҳонро дар саҳифаи телефон дида, кӯтоҳ посух дод Фурӯғ.

– Салом, ғатс! Қалай? – бо шодмонӣ пурсид Ҷаҳон.

– Арабӣ, помирӣ, ӯзбекӣ. Забони модариатро гум кардаӣ, ватандор? – бо киноя пурсид Фурӯғ.

– Хайр, ана. Дуруд, бонуи нозанин, Фурӯғи Фаррухзод, – гуфт Ҷаҳон.

– Офати ҷон! Медонӣ, ки шоираи дӯстдоштаи модарам ҳаст. Чӣ мехоҳӣ, чоплус? – гуфт Фурӯғ.

– Садқаи шоираат шавам, ки гирифтани номи ӯ руҳияи туро беҳтар мекунаду кори маро осон. Ростӣ, як шеъри Фурӯғи Фаррухзодро бароят ҳифз кардаам. Агар мехоҳӣ, қироат мекунам, – гуфт Ҷаҳон.

– Шеъри зебо бо садои нофорам. Бояд фикр кунам, – шӯхиомез гуфт Фурӯғ.

– Садои бобот нофорам! Агар хабар надорӣ, духтарони шаҳр садқаи ин овози гӯшнавозанд, Фурӯғбону, – ақибнишинӣ накарда, гуфт Ҷаҳон.

– Чунон садқаат ҳастанд, ки аз ҳуш рафтаанд. Гирду атрофат пашша пар намезанад, – афзуд Фурӯғ.

– Хайр, баҳсҳои беҳуда ба канор, ҷаноби илҳом ташриф овардаанд. Як шеър хонам бароят, подшоҳ? – чоплусӣ карда, пурсид Ҷаҳон.

– Хон! – бо оҳанги амрӣ, вале кунҷковона гуфт Фурӯғ.

Ҷаҳон ба замзамаи шеър пардохт:

Ин чӣ ишқест, ки дар дил дорам?
Ман аз ин ишқ чӣ ҳосил дорам?
Мегурезӣ зи ману дар талабат,
Боз ҳам кӯшиши ботил дорам.

Фурӯғ хандида, гуфт:

– Бош, ки бо забони Фаррухзод посухат диҳам:

Рафтам, маро бубахшу магӯ, ӯ вафо надошт,
Роҳе ба ҷуз гурез бароям намонда буд.
Ин ишқи оташини пур аз дарди беумед,
Дар водии гуноҳу ҷунунам кашонда буд.

Ҷаҳон фавран посух дод:

– Хуб шуд, ки хуб омода шудаам. Посухи маро бишнав. Аз забони ҳамноmat:

Шояд инро шунидаӣ, ки занон
Дар дил ореву на ба лаб доранд.
Заъфи худро аён намесозанд,
Роздору хамӯшу маккоранд.

Ҷаҳон мисраи охирро хонду қоҳ-қоҳ хандид.

Фурӯғ ба хандаи Ҷаҳон иноят накарда, идомаи шеъреро, ки Ҷаҳон гуфт, замзама кард:

Оҳ, ман ҳам занам, зане, ки дилаш
Дар ҳавои ту мезанад пару бол.
Дӯстат дорам, эй хиёли латиф,
Дӯстат дорам, эй умеди маҳол.

Ҳарду барои чанд лаҳза дар фазои шоиронае, ки эҷод шуда буд, сукут карданд. Ҳарду дар фазои ҳарфҳои ногуфта ғарқ шуданд.

Ногаҳон садои Ҷаҳон сукути ҳардуро рахна кард:

– Хайр, дар куҷояке нишаста, ба замзамаи шеър одат кунӣ, кори идораро кӣ анҷом медиҳад, ғатс?

– Кори идора зеби ту дорад, Ҷаҳонҷон. Мисли ҳамеша фазои зеборо вайрон кардӣ, – эътироз кард Фурӯғ.

Ҳарду дубора хандиданд.

– Кай меойӣ, Фурӯғ? – бо садои амрӣ пурсид Ҷаҳон.

– Ҳар вақт бекор шавам ва хушам диҳад, – бо бепарвогӣ ба исрори Ҷаҳон посух дод Фурӯғ.

– Оббо, ҳоло ба сози хуши ту мечархем, бигӯй, подшоҳ? – норизоятии худро баён карданӣ шуда, гуфт Ҷаҳон.

– Не, ҷаноби Раис. Ман ба сози худам мечархаму шумо кори идораро анҷом медиҳед, – ба завқи амрдиҳии Ҷаҳон зада, гуфт Фурӯғ.

– Фурӯғҷон, ба халосгар зор накун. Лутфан бигӯ, дар куҷоӣ ва кай меойӣ? – ҷиддӣ шуда, пурсид Ҷаҳон.

– Дар як ҷойи дур, ҷойи зебо, ҷойе, ки ту нестӣ. Ин ҳафта аслан намеоям, – бепарво посух дод Фурӯғ.

Ҷаҳон дубора аз забони Фурӯғи Фаррухзод баён кард:

Оҳ, агар боз ба сӯям ойӣ,
Дигар аз каф надиҳам осонат.

Ба Фурӯғ маҷоли посух надода, ба шеъри дигар гузашт Ҷаҳон:

Бо он, ки рафтаиву маро бурдаӣ зи ёд,
Мехоҳамат ҳанӯзу ба ҷон дӯст дорамат.
Эй “бачамард”(дар матни аслӣ “мард”),
Эй фиреби муҷассам, биё, ки боз,
Бар синаи пуроташи худ мефишорамат.

Фурӯғ ширин хандид. Ҷаҳон бо ӯ ҳамово шуд.

– Ҷаҳонҷон, ман ба як ҳафта истироҳат эҳтиёҷ дорам. Медонам, ба набуданам одат надорӣ. Медонам, ки бояд корҳоеро, ки ман анҷом медодам, ту анҷом бидиҳӣ, вале лутфан, даркам кун. Ин ҳафта наметавонам, – бо ҷиддият гуфт Фурӯғ.

Посухи Фурӯғ қатъӣ ва қонеъкунанда буд. Ӯ ноз намекард. Ҷаҳон беш аз ин исрор наварзид ва гуфт:

– Бошад, подшоҳ. Мунтазирем. Эҳтиёт кун худатро.

– Ту ҳам, – кӯтоҳ посух дод Фурӯғ.

Телефон қатъ шуд.

## Қисми 18

## БОЗИИ ҚУДРАТ

Субҳи рӯзи дигар Ҳуринисо ба назди идораи «Шабехун» расида, дар саҳни сохтмон истода, ба Фурӯғ занг зад.

– Лаббай, Ҳур? – кӯтоҳ пурсид Фурӯғ.

– Салом, Фурӯғ! Мисли қуллаи Сомонӣ дастнорас шудаӣ. Ту ҳамеша пеш аз ҳама ба коргоҳ меойӣ ва дертар аз дигарон аз кор меравӣ. Чӣ гуна худро ба наомадан розӣ кардӣ? Чизе шудааст? Бигӯ, куҷоӣ? Ман меоям. Бояд бубинамат – якравӣ карданӣ шуда, ба Фурӯғ фурсати суҳбат надода, ҷумлаҳоро пуштисариҳам чида, пурсид Ҳуринисо.

– Ҳуринисоҷон, не! Ҳафтаи оянда рӯзи душанбе меоям, чашмонатро аз дидорам сероб мекунӣ. Ман хубам. Хайр, Ҳур, кор дорам, – гуфта, пеш аз ин ки Ҳуринисо муътариз шавад, телефонро қатъ намуд Фурӯғ.

Фурӯғ роҳи чойхонаро пеш гирифт. Ҳуринисо оҳи амиқ кашида, вориди сохтмон гардид.

Вақте ки Ҳуринисо вориди идора шуд, Ҷаҳон пушти мизи корӣ нишаста, дастӣ чизе менавишт. Ҳуринисо бо бачаҳо кафкӯбӣ карда, зуд назди Ҷаҳон омада, бо оҳанги таҳдид ба миш-миш даромад:

– Эй, Ҷаҳон! Ин духтарро чӣ кор кардӣ? Ӯ аз идора канда намешуд, ҳоло бошад, фирорӣ шудааст. Чаро дар ҷо

нишастаӣ? Коре бикун, ҳисси бад дорам, духтар аз даст меравад.

Ҷаҳон аз ёддоштнависӣ бозистода, айнаки мутолиаро аз чашмон гирифта, оҳиста ба ҷайб гузошта, курсиро ба тарафи Ҳуринисо гардонд ва чашмони худро бо нияти сарҷамъ кардани сабру тоқат пӯшида, нафаси амиқ кашида, лабони худро даврашакл намуда, ҳавои дар сина ҷамъшударо бо фишор ба берун дода, чашмони худро дубора оҳиста во намуда, рост ба чашмони Ҳуринисо нигоҳ карда, гуфт:

– Ҳуриҷон, Фурӯғ то вақте ман зиндаам, аз даст намеравад. Мон, камтар истироҳат кунад. Лутфан, зуд рафта, ба ҷоят бинишин, ки илҳомам туро дида, худкушӣ мекунад.

Асабонияти дар вуҷуди Ҳуринисо эҷодшуда ҳоло лабрез шуд ва ӯ бо қаҳр бо дасти рост ду мушт дар бозуи чапи Ҷаҳон зада, гуфт:

– Раис нашуда мур, мулоимхунук! Духтар дар берун дар азобу ту боварии комил дорӣ, ки ин бор ҳам давида меояд. Дуо мекунам, ки ақли ин духтар дарояду ба ҳамин рафтан дигар барнагардад!

Солор, ки ҷавони тақрибан 19-сола аст, бо кунҷковӣ гардани лоғар ва дарози худро аз болои компютер дароз карда, ба ҳарду менигарист. Ҷаҳон ба Солор чашмак зада, хандае карду гуфт:

– Ана дидӣ, барои чӣ Ҷаҳонпаҳлавон то ҳол зан нагирифтааст, Солор? Инҳо майнаи сар мехӯранд. Яктоаш маълум нест дар куҷо мегардад. Дуввумиаш дар ин ҷо истода, маро “террор” мекунад. Илҳоми бечораамро ҳам ғуррамарг кард. Хайр, ман рафтам. “Террорист”-и рақами аввалро гирифта наёрам, шогирди вафодори ӯ гулҳои ятиммондаи ӯро бо шӯроби дидагонаш мехушконад? – гуфта, дафтари ёддоштҳоро баста, дар гӯшаи миз гузошта, калиди мошинро аз тоқчаи болоии мизи кории худ гирифта, аз утоқ берун шуд Ҷаҳон.

Ҳуринисо ба худ меболид, ки ба завқи Ҷаҳон бархӯрдааст, вале таҳи дилаш сиёҳ шуда буд. Ӯ наздикшавии пешомади бадро эҳсос менамуд.

Ҷаҳон ба таваққуфгоҳи мошинҳо рафта, вориди мошин шуд. Мошинро равшан карда, як лаҳза сари худро ба пушти сандалӣ такя дода, ба фикр фурӯ рафт. Чашмони худро пӯшид. Баъд аз муддате чашмҳоро боз карда, телефонро аз ҷайб бароварда, ба Фурӯғ занг зад.

Дастони Фурӯғ дохили дегу табақ хафолуда буданд. Ошпазхона аз шиддати тозагӣ барқ мезанад. Ҳама ҷо тару тоза. Фурӯғ ҳатто дастмол харида, оварда, дастмолҳои ошпазхонаро иваз кардааст. Тамоми партовҳоро дар хурҷинҳои калон андохта, мудири чойхонаро маҷбур намуда буд, ки партовро ба берун бибарад.

Фурӯғ, ки дилтанги шӯхиҳои Ҷаҳон шуда буд, вақте Ҷаҳон занг зад, ба занги ӯ посух надод. Фурӯғ мехоҳад, ки аз одати нигарони авзои Ҷаҳон будан раҳо шавад. Дили Фурӯғ дар қафаси сина худро ба чордевори сина мезад, то ӯро водор ба посух додан ба занги Ҷаҳон намояд, вале ақли ҳисобкор ба Фурӯғ амри идома додан ба шустушӯи дегу табақро дод.

Дар ҳамин асно Ҳуснигул вориди ошпазхона шуд. Ҳуснигулро дидан замон Фурӯғ, ки чанд сония пеш мисли кӯдаки эрка миёни ақлу дили худ қазоват мекард, дубора табдил ба бонуи рашиду бовиқор гардид. Қомати худро рост намуда, дастони худро дар дастмоли дар рӯ ба рӯ овезон хушконда, рӯро ба тарафи Ҳуснигул баргардонид ва бо табассуми ошкоро маснуӣ ва заҳролуд гуфт:

– Бо вуҷуди ин ки аз адаби салому алейк баҳраманд нестед, дуруд бар шумо, бону!

Фурӯғ барқасд бо Ҳуснигул густохӣ кард, чун медонист, ки сипари Ҳуснигул дар баробари пайконҳои безаҳр муқовим аст. Дигар навъи тир аз пӯстини ғафси Ҳуснигул намегузарад. Бечора Фурӯғ ду рӯзи тамом ба хотири як вокуниши Ҳуснигул бепул хидматгорӣ кардааст.

Агар ҳуҷум накунад, мушу гурбабозии Фурӯғу Ҳуснигул сад соли дигар идома хоҳад ёфт. Гарчанде ошпазхона тару тоза шудааст, Фурӯғ тоқати таваққуфи зиёд дар ин ҷоро надорад. Бояд ҳарчи зудтар ба натиҷа расида, аз ин ҷо биравад ва ҳаргиз барнагардад.

Ҳуснигул асабонӣ шуда буд, вале ӯ ин бозиро хуб мешиносад. Бозии намоиши қудрат. Ҳариф тирро ба ҷойи дардманди рақиб холӣ мекунад ва рақиб бояд бидуни нишон додани осори ранҷ, тири ҷавобӣ ба ҳариф холӣ бикунад. Тирпарронии дутарафа то замоне, ки яке аз тарафҳо замингир мешавад, идома хоҳад дошт. Ҳуснигул умри худро сарфи бозии қудрат кардааст, бинобар ин, гарданро бо худбоварӣ баланд гирифта, қомат рост намуда, дақиқ ба чашмони Фурӯғ нигарист ва бо писханд посух дод:

– Ба адабат менозӣ, вале чирки пойи чор беадабро тоза карда гаштаӣ!

Қоҳ-қоҳи бадҳайбати Ҳуснигул ошпазхонаро фаро гирифт. Гӯйӣ бонуи солхӯрдаи нозукандом не, балки дев дар вуҷуди ӯ механдид.

Фурӯғ худро гум накарда, ба хандаи Ҳуснигул писханд зада, посух дод:

– Ман ҳадди ақал адаб дорам. Ту чӣ дорӣ?

Ҳуснигул дубора қоҳ-қоҳ хандид, вале ногаҳон дар симову садои ӯ осори ҷиддият дамид ва Ҳуснигул бо таҳдид ба Фурӯғ наздик шуда, аз таҳи манаҳи ӯ ба ӯ гуфт:

– Ту дайдудухтари камбағал чӣ медонӣ, ки ман кӣ ҳастаму чӣ рӯзгореро аз сар гузарондаам. Зиндагие, ки ман доштам, дар тасаввури пуки ту намеғунҷад. Ҳамин қадараш мондааст, ки ту барин дайдуи бенишон аз ҳисоби паст задани ман арзиши худро боло бурданӣ шавӣ.

Ҳуснигул ба чашмони Фурӯғ, ки аз назари қадду қомат як сару гардан аз Ҳуснигул баландтар буд, аз зер хира шуда, бо таҳдиди пархош ва нафрат нигарист. Мисли саги бӯгир, муддате ин тарафу он тарафи Фурӯғ гашт ва ниҳоят,

бо дили нохоҳам аз ӯ дур шуд. Фурӯғ натарсид. Фурӯғ посух мехост. Мехост Ҳуснигулро бишносад.

Аз қомати худро такон дода, роҳ рафтани Ҳуснигул Фурӯғ фаҳмида буд, ки Ҳуснигул ошиқи қудрат аст. Бинобар ин, Фурӯғ ба хотири фирор надодани Ҳуснигули тарсу ба завқи Ҳуснигул барнахӯрд ва гузошт, ки Ҳуснигул эҳсоси қудрат бикунад. Гузошт, ки Ҳуснигул пиндорад, ки Фурӯғ аз Ҳуснигул метарсад. Фурӯғе, ки аз дурӯғ мутанаффир аст, нақши сайди бадомафтодаро содиқона бозид. Карахт ва беҳаракат ба Ҳуснигул бо чашмони бардурӯғ ваҳшатзада менигарист.

Ҳуснигул вақте аз Фурӯғ дур шуд, чунон бо виқор, чунон қудратмадорона роҳ мерафт, гӯё пирӯзии бузургеро ҷашн мегирад. Эҳсоси қудрат Ҳуснигулро маст кард. Зилзилаи худхоҳӣ андоми Ҳуснигулро, ҳангоме ки гом мебардошт, фаро гирифта, ба ларзиши худхоҳона овардааст. Пеш аз баромадан аз ошпазхона Ҳуснигул монанди маликае, ки ба канизи худ хитоб мекунад, рӯйи худро ба ҷониби Фурӯғ барнагардонда, гуфт:

– Сарам дард мекунад. Имрӯз ҳавсала надорам. Фардо бо ту суҳбат мекунам.

Фурӯғ рӯйи худро аз Ҳуснигул баргардонда, тарафи зарфҳо карда, ба оинаи дар девори рӯ ба рӯ насбшуда нигоҳи ризоятманд андохт. Моҳие, ки Фурӯғ мехост, ба тӯр афтод.

Ҷаҳон, пас аз ин ки Фурӯғ ба занги ӯ посух надод, ба хонаи бибии Фурӯғ рафт. Занги дарро зад. Бибии Фурӯғ дарро боз намуда, Ҷаҳонро дар паси дар дида, гуфт:

– Салом, бачаҷон! Хуб ҳастӣ? Тенҷист? Ба Фурӯғ чизе шудааст?

– Тенҷӣ, бибиҷон. Ба дунболи Фурӯғ мегардам. Ду рӯз аст, ба идора намеояд.

– Намедонам, бачаҷон. Авзояш хуб ба назар мерасад. Ду рӯз боз як хурҷин василаи тамизкорӣ бо худ гирифта,

мебарад. “Идораро тоза мекунем”, мегӯяд. Бо ман шӯхӣ карда, гуфт, ки “аз дасти Ҷаҳон табақшӯ ҳам шудам”.

Ҷаҳон ба фикр фурӯ рафт. «Дегу табақ? Тамизкорӣ?» – бо худ андешид Ҷаҳон.

– Оҳ, Фурӯғи якрави саркаше, – бо нигаронии зиёд аз дил гузаронд Ҷаҳон.

Сипас, ба бибии Фурӯғ нигариста, гуфт:

– Ман медонам, ин духтар ба чӣ кор даст задааст, бибиҷон.

Бибии Фурӯғ низ нигарон шуд.

– Чӣ шудааст, бачам? Фурӯғ ба ягон беақлӣ даст задааст?

– Не, бибиҷон. Фурӯғ ҳушёр аст, аз ману шумо ҳушёртар. Чизе нашудааст, нигарон набошед, – гуфта, ба шаст, мунтазири ошёнбар наистода, аз пиллаҳо поён рафт Ҷаҳон. Бибии Фурӯғ дарро напӯшида буд, ки Фурӯғ аз ошёнбар берун омад.

– Ассалом, бибиҷони қанд! – бо ханда ва муҳаббати зиёд ба бибӣ маҷоли вокуниш надода, бибиро бо шавқ ба оғӯш кашида, гуфт Фурӯғ.

– Бачам, Ҷаҳон ҳамин ҳоло ин ҷо буд. Дунболи ту мегашт. Мегӯяд, ки ду рӯз боз ба идора намеравӣ?

– Бибиҷон, ман кори беҳтар пайдо кардам. Аз кори идора хаста шудаам. Ба Ҷаҳон аҳаммият надеҳ. Бояд ёд бигирад, корҳои худро худаш анҷом бидиҳад. Ман хаста шудаам. Ту бибиҷони манӣ ё бибиҷони Ҷаҳон? Ташвиқам кун. “Бачаҷон, хуб кардӣ, кам кардӣ, нагузор, ки аз ту истифода кунанд”, гӯй. Ин қадар “Ҷаҳон-Ҷаҳон” нагӯед. Беҳтараш биёед, равем, чойи гарм нӯшем, ман ширинӣ овардам. Манаку шумояк. Дигар ҳеч кас, – аз камари бибӣ гирифта, бепарво ба хона ворид шуд Фурӯғ.

Ҷаҳон аз сохтмон берун омад. Ба мошин нишаста, мошинро ба тарафи чойхона ронд. Вориди чойхона шудан замон, чойхоначиро дид, ки даври муштариёни бадмаст

шишаи арақ дар даст гашта, ба ҷомҳои онҳо арақ мерезад. Бо ишораи сар ӯро ба гӯшаи оромтар даъват кард.

– Салом, амак! Духтаре, ки ин ҷо оварда будам, ҳанӯз ҳам ба ин ҷо меояд?

– Бале. Як соат пеш баромад. Меояд, ошпазхонаро тоза мекунаду меравад. Ту гуфта будӣ, ки ӯ дар ин ҷо пешхидматӣ мекунад. Ин фикр ба ман маъқул нест. Агар ин ҷо зани зебо пешхидмат шавад, муштариён чойхонаи маро валангор хоҳанд кард.

– Амак, мон ин гапҳоро! Шумораи маро медонӣ. Илтимос, ба ман дар бораи коре, ки духтар дар ин ҷо мекунад, гузориш бидеҳ.

Ҷаҳон аз ҷайб як бастаи даҳсомониро баровarда, ба чойхоначӣ дод.

– Илтимос, нигоҳ кун, ки барои духтар мушкилӣ пеш наояд. Агар чизе шуд, фавран ба ман занг бизан.

Чойхоначӣ муздро бо хушҳолӣ пазируфт ва хоҳиши Ҷаҳонро бо ишораи сар қабул кард.

Бахт ба рӯйи чойхоначӣ хандида буд. Духтар барои ӯ ройгон назофаткорӣ мекард ва писар ба ӯ баста-баста пул медод.

## Қисми 19

## ҶАНҶОЛ БО ОИНА

Субҳи рӯзи дигар Ҷаҳон ба Манучеҳр – дӯсти давраи мактабӣ, занг зад. Манучеҳр, ки бо мошини куҳнаи худ дар ҷодаи Душанбе – Ваҳдат мусофиркашӣ мекунад, ҳар вақт Ҷаҳонро дар ягон ҷойи шаҳр бо мошини гаронбаҳо бубинад, шӯхиомез мегӯяд:

– Мошинатро барои фақат як ҳафта ба ман қарз бидиҳӣ, тамоми зеборухони шаҳрро тасхир хоҳам кард.

Ҷаҳон ба Манучеҳр занг зад. Манучеҳр телефонро бардошта, бо хушҳолӣ гуфт:

– О-о-о, бобои Ҷаҳо-о-он! Тенҷӣ бошад?

Ҷаҳон посух дод:

– Салом, Манучеҳр. Мошинҳоямонро барои чанд рӯз иваз кунем, майлаш?

– Бобои Ҷаҳон, ту бо ин пешниҳод сари маро ба осмон расондӣ. Албатта, иваз мекунем. Ҳатто сабабашро аз ту намепурсам. Бо мошини ман ҳарчи дӯст дорӣ, бикун. Ман розӣ. Ту бигӯ, ба куҷо бояд биёям, парвоз карда меоям.

– Лутфан, парвоз карда наё, Манучеҳр! Бо болҳои каҷу килеб, ки дорӣ, дар ягон дарахт муҳр нашавӣ. Оҳиста биё! Ман дар назди бинои «Телевизиони Сафина» мунтазир.

– Меоям, – ҳаяҷонзада гуфт Манучеҳр.

Ҷаҳон мошини худро бо мошини Манучеҳр иваз кард. Манучеҳр, бачаи пурармон ҳамеша орзуи зиндагии бошукӯҳро дар сар мепарварид, вале барои расидан ба рифоҳ нақшаи дақиқ надошт. Дар мактаб ҳам ба хотири бовар ба бартарии худ китобу дафтарро шоистаи вақти азизи худ намедонист. Манучеҳр дар бофтани риштаи хиёл моҳир ва дар кашидани нақшаи тараққӣ коҳил аст. Ӯ калиди мошини нашустаи худро ба Ҷаҳон дод. Ҷаҳон як ба дохили мошини Манучеҳр нигоҳ андохта, аз фикри табодули мошинҳо пушаймон шуд. Дудил ба Манучеҳр калиди мошини худро дароз кард. Манучеҳр аз як тарафи калид гирифт, вале Ҷаҳон калидро сар намедод. Ба чашмони беқарори Манучеҳр, ки аз як тарафи калиди мошин гирифта буд, ҷиддӣ нигоҳ кард ва қотеона гуфт:

– Мошини ман барои духтарбозӣ нест, Манучеҳр. Зану фарзандонатро ба мошин мешинонӣ ва барояшон хотираҳои хуб месозӣ.

Ҷаҳон калидро раҳо карда, аз ҷайб пул бароварда, ба Манучеҳр дароз кард. Манучеҳр хиҷолат кашид.

– Не, лозим нест, Ҷаҳон, – чашмони хиҷолатзадаи худро аз Ҷаҳон гурезонда, гуфт Манучеҳр.

– Хиҷолат накаш, ҷӯра. Агар барои духтарбозӣ сарф кунӣ, хиҷолатовар аст, вале агар барои фарзандонат харҷ мекунӣ, мард шудаӣ. Як хотираи хуб барояшон бисозӣ, “як умр падарӣ кард” мегӯянд. Духтарбозӣ лаззат дорад, вале оқибаташ пушаймонист. Аз айёшӣ бигзар ва масъулияти падариро бипазир. Ба ту ва фарзандонат вақти хуш ва бофароғат мехоҳам.

Ҳарду якдигарро мардона ба оғӯш гирифта, худоҳофизӣ карданд.

Ҷаҳон ба мошини хоколуд нишаста, мӯйлаб ва риши маснуиеро, ки дар ҷузвдони худ дошт, бароварда, ба сурати худ часпонд ва мошинро ба тарафи чойхона ронд. Фурӯғ ҷузвдони калон дар даст бо шитоб аз роҳ мегузашт.

– Оҳ, ғатси якраве. Ин духтар қобилияти созиш кардан бо шикастро надорад. То ба мақсад нарасад, ақибнишинӣ нахоҳад кард, – ба Фурӯғ аз дохили мошин нигоҳ карда, бо худ гуфт Ҷаҳон.

Ҷаҳон мошинро дар таваққуфгоҳи канори ҷода, зери сояи дарахт қарор дод. Чанд дақиқа ба мушоҳидаи муҳити атроф пардохт. Ҷамъияти зиёд дар ҳоли убур аз ҷодаҳо аз пеши назари Ҷаҳон рад мешавад.

Сипас, Ҷаҳон оинаи болои сарро ба тарафи худ карда, ба сару сурат ва мӯйлабҳои маснуии худ назар андохт. Беихтиёр барои худ ба суҳбат кардан бо оина шуруъ намуд:

– Охир, ман магар бекор ҳастам, ки аз пушти ин духтар мепоям? – бо тааҷҷуб ва эътироз ба худ гуфт Ҷаҳон.

Сипас, қиёфа ва нигоҳи Ҷаҳон дар оина тағйир кард. Нигоҳи нарму латифи ӯ ба нигоҳи бадҷаҳл ва садои ором ба садои хоришдор мубаддал ёфт:

– Мард шав, Ҷаҳон. Рафта аз дасти Фурӯғ кашола карда, ӯро аз қаҳвахона ба берун барор. Ду-се бор сараш дод бизанӣ, аз раъйаш бар мегардад. Ту ҳам маҷбур ба ин масхарабозиҳо нахоҳӣ буд.

Авзои Ҷаҳон дар оина дубора дигаргун шуд ва марди оромтабиат дар тинати Ҷаҳон ба марди бадхашми оина посух дод:

– Зӯргӯйӣ? Магар ихтиёри ӯ дар дасти туст? Ту чикораӣ, ки ба худ ҳаққи зургӯйӣ бо духтарро медиҳӣ? Ҳар коре дилаш мехоҳад, анҷом медиҳад. Фурӯғ на духтари туст, на ҳамсарат.

Сипас, чеҳраи беғарази Ҷаҳон – виҷдони ӯ вориди муколамаи ду неруи муқобил дар вуҷуди Ҷаҳон шуда, аз ҳарду пурсид:

– Нигоҳатон ба занон ғолиб аст. Зан, вақте ҳамсар ё духтари шумобаринҳо мешавад, ҳаққи раъйро аз даст медиҳад? “Ҳамсар ё духтарам ҳаст” гуфта, занро мисли гову гӯсфанд бо ҳай-ҳай ва чай-чай ба ҷиҳати ба назари худатон дуруст мойил месозед?

Чеҳраи бадҷаҳл дар оина намудор гардида, садои хоришдори худро нармтар карданӣ шуда, гуфт:

– Албатта, не! Вале ман нигаронам! Намехоҳам ба ӯ зарар расад!

Тоқати Ҷаҳони ором тоқ шуда, садо баланд карда, бо эътироз ба чеҳраи бадхашми Ҷаҳон бо забони худи ӯ гуфт:

– Хайр, дил месӯзад гуфта, ба сари ҳар касе, ки амри дили туро нофармонӣ кардааст, саг барин дод мезанӣ?!

Чеҳраи бадҷаҳл, ки ҳоло бо муқовимати ду садо рӯ ба рӯ шуда буд ва садои хоришдори худро бо оҳанги нарм рӯйкаш кардааст, гуфт:

– Не. Ин доди нотавонӣ ва нигаронист. Доди бечорагист. Аз ночорист.

– Офаринат! Тафсири ғолиб аз ночорӣ кардӣ. Ночор ба сари дигарон дод зада, зӯр мегуфтааст. Туро дигарон не,

балки худхоҳии худат ба бадахлоқӣ тела медиҳад, – садои худро баланд карда, гуфт виҷдони Ҷаҳон.

– Аввал ин ки ман агар пешниҳоди дод задан дода бошам ҳам, ҳанӯз ба сари касе дод назадаам. Дуввум ин ки вақте таҳдиде ба Фурӯғ нигарон мешавад, вуҷудам дод мезанад, до-о-од. Бетоқат мешавам. Қарор надорам. Дунё дар назарам ҳар лаҳза тангтар менамояд. Намехоҳам, ки ба ӯ камтарин зарар бирасад, намефаҳмед? – ба оина нигоҳи сангин андохта, дод зад Ҷаҳон.

Садои виҷдон дубора вориди муколама шуд:

– Намехоҳӣ? Исто, исто! Магар Фурӯғ рафиқу ҳамкори ту нест? Касеро дидӣ, ки андозаи ту нигарони рафиқу ҳамкор бошад?

Ҷаҳони раҳмдил бо маломат дар оина гуфт:

– Ба нохуни Фурӯғ намеарзад. Оличаноб дар ҳасрати Замира месӯзанд.

Сипас, Ҷаҳон садои худро дубора тағйир дода, ба оина назар андохт. Хунсардона ва бо каме асабоният гуфт:

– Кори ҳардуи ту набошад!

Ин ҷумларо гуфта, Ҷаҳон оинаро баста, мошинро равшан карда, бо суръат аз қаҳвахона дур шуд.

## Қисми 20

## СУИҚАСД

Фурӯғ рӯзи дигар дубора машғули тамиз кардани ошпазхона буд, ки ногаҳон садои пойҳои Ҳуснигулро шунид:

– Чӣ ном дорӣ? – ба Фурӯғ мастона наздик шуда, пурсид Ҳуснигул.

Фурӯғ одати бе саломи алейк вориди суҳбат шудан надорад, вале бояд худро дар назари Ҳуснигул туъмаи осонҳазм ҷилва медод. Бинобар ин, мисли духтарони кунҷкови бетаҷрибаи ҳаяҷонзада, ки бонуи бошахсияттар бо онҳо вориди суҳбат шудааст, бе муқаддима ва бо ишва ба ҷоназанӣ даромад:

– Туро намешиносам. Номатро ҳам намедонам. Чаро номамро ба ту бигӯям?

– Диққатамро ба худат ҷалб кардӣ. Чӣ ном дорӣ? – бо нигоҳи ҳаримшикани худ лояҳои шахсияти Фурӯғро зеруру карданӣ шуда, талабкорона пурсид Ҳуснигул.

Ҳуснигул руҳияи занони мақомдори айёшро ба худ гирифта буд. Бовар дошт, ки дар бозии мушу гурбае, ки бо Фурӯғ роҳ андохтааст, дастболост. Хештандории намоишкоронаи Ҳуснигул зери фишори ҳаваси дубора чашидани маззаи қудрат хок шуда буд. Фурӯғ, бидуни ин ки Ҳуснигулро бо нигоҳи таҳлилгари худ тарсонад, кирдори бонуро аз пушти нигоҳи бардурӯғ парешонҳоли худ бодиққат мушоҳида мекард. Ҳуснигул саропо нафс шудааст. Ӯ дилтанги даврони фармонравоист. Ҳуснигулро шаҳвати қудрат кӯр карда буд. Дар симои Фурӯғ духтари содаеро мебинад, ки Ҳуснигул бо истифода аз нокомиҳои духтар метавонад, ӯро қурбон карда, ташнагиҳои худро бишканад.

Вазъияти руҳии Ҳуснигул дигаргун менамояд. Шабеҳи нашъамандест, ки бо нигоҳи беқарор ва хуморӣ ба дунболи бангдона мегардад.

Ҳайвони Ҳуснигул сония ба сония боҷуръаттар мешуд. Ӯ дар симои Фурӯғ қурбонӣ ва сайди муносибро мебинад. Нигоҳҳои шикории Ҳуснигул ба виқори Фурӯғ сахт мерасад. Мушоҳидаи авҷ гирифтани ҳайвон дар вуҷуди инсони зинда Фурӯғро дилтанг карда буд, бинобар ин, Фурӯғ қарор аз даст дод ва барои коҳиши ҷуръати Ҳуснигул, барои ба ақиб рондани Ҳуснигули тарсхӯ, ки мисли мори печон

оҳиста-оҳиста ба ӯ наздиктар мешуд, бо итминони ба худ хос гуфт:

– Ба назар мерасад, бо инсонҳо фақат аз роҳи амру фармон додан ба онҳо муносибат барқарор карда метавонӣ.

Сипас, Фурӯғ, барои ба сурати қотеъ ба шавқи шикори Ҳуснигул задан, бо масхара изофа кард:

– Табассум кун ва хоҳиш карда, бипурс, шояд номамро ба ту бигӯям.

Аз он ҷо ки шаҳвати қудрат вуҷуди Ҳуснигулро зери тасарруфи комили худ дароварда буд, Ҳуснигул худро баробари дидани балоғати Фурӯғ ва афтодани ниқоби содалавҳӣ аз чеҳраи ӯ оҷиз ва номусаллаҳ ёфт. Вале нафси бедори Ҳуснигул, ки ба хотири лаззати лаҳзаӣ омода буд Ҳуснигулро ҳам қурбон кунад, ӯро бовар мекунонд, ки Фурӯғ ҳамоно туъмаи муносиб аст.

Ҳуснигул, ки воқеан ҳам шеваи дигари муносибат бо инсонҳоро намедонад ва мухолифати Фурӯғ ӯро асабӣ мекард, гуфт:

– Гӯш кун, духтар! Духтарҳои мисли ту худро хубу покиза мегиранд, вале дар асл бадтарини бадтаринҳо шумоед. Худро покдоман гирифта, ба поккории хонаву дари мардум, қаҳвахонаҳо мепардозед, вале кофист, бастаи пулро ба шумо нишон бидиҳанд, ҳама гуна шартро пазиро мешавед.

Дили Фурӯғ, ҳарчи ӯ дар шиносоии Ҳуснигул пешравӣ мекард, ҳамон қадр беҳузуртар мешуд. Лаҳзае пеш Ҳуснигул думи худро мисли бабри шикорӣ мастона меҷунбонд. Ҳоло мисоли муш ба худ нобовар шуда, рӯбаҳсон ба ҳилла даст зада, барои шикасти Фурӯғ заҳри нобовариро дар дили Фурӯғ тазриқ карданист. Дар ҳар сурат, нафси Ҳуснигул ончунон қувват гирифта буд, ки ӯ дигар аз бозие, ки шуруъ кардааст, осон даст кашидан намехоҳад. Бинобар ин, Фурӯғ барои ақиб рондани Ҳуснигул, ба фишор овардан ба ӯ идома дод:

– Масткунандатарин таҷриба барои нафси бедор маҳрум кардани инсон аз ҷон аст. Ба қотил эҳсоси худо будан медиҳад. Ту, ки нафси қавӣ ва қалби тарсу дорӣ, ҳаргиз ба худо таслим нахоҳӣ шуд. Фикри садама задан ба дигарон мастат мекунад. Худхоҳона бо ман суҳбат мекунӣ, гӯё риштаи ҷони маро дар ихтиёр дорӣ. Чанд нафарро туъмаи нафси бад кардаӣ? – пурсид Фурӯғ.

Ниқоби зудбоварии Фурӯғ зери азамати шахсияти бедори ӯ маҷақ шуда буд ва Ҳуснигул ҳоло чеҳраи воқеии духтарро возеҳ мебинад. Дар рӯ ба рӯйи ӯ духтари бепаноҳ ва дармонда намеистад.

Мурғи шубҳа дар дили Ҳуснигул лона кард. Тарс вуҷуди ӯро фаро гирифт. Ҳоло ӯ дар вуҷуди Фурӯғ сайд не, балки хатари бузургро мебинад. Ҳуснигул эҳсос кард, ки дар ин бозӣ худ метавонад, бароҳатӣ сайд шавад. Симои Ҳуснигул мисли шағоли гурезпо, ки дар доми сайёд афтодааст, торик шуда буд. Рӯйи худро фавран баргардонида, аз ошпазхона бо суръат нопадид шуд.

Фурӯғ мутмаин шуда буд, ки Ҳуснигул оворагарди одӣ нест ва кунҷковии Ҷаҳон метавонад, бо фалокат барои ҳарду бианҷомад. Моҳӣ дигарбора ба тӯр нахоҳад афтид. Бинобар ин, вақтро кашол надода, чойхоначиро ба ошпазхона садо зада, гуфт:

– Сабаби ба ин ҷо омадани ман ин аст, ки нияти ба бонуи оворагарди дар анбор сукунатдошта кумак кардан дорам. Якчанд бор бо бону тамос доштам, вале камҳарф ва одамгурез аст. Метавонед, дар мавриди ӯ ба ман маълумот бидиҳед?

– Ҳуснигул намехоҳад, ки касе ба ӯ кумак кунад. Агар ба хотири ӯ ба ин ҷо омадаед, беҳтараш зудтар аз ин ҷо биравед. Дар ин мавзуъ дахолат накунед, барои худи шумо беҳтар аст.

– Муҳим нест. Агар маълумоти ӯро ба ман бидиҳед, подоши хуб мегиред.

– Бону, ҳоло ки дер нашудааст, биравед. Хоҳиш мекунам, – бо изтироб ба тарафи даре, ки ба таҳхона мебурд, нигоҳ карда, гуфт чойхоначӣ.

Фурӯғ дар чашмони чойхоначӣ тарси воқеиро дида, нигаронтар шуд. Тарси аҷиб вуҷуди Фурӯғро фаро гирифта буд. Эҳсос мекард, ки хатари пинҳон ба ӯ аз пушт наздик шуда истодааст. Руҳи Фурӯғ ба ӯ амри фирор аз чойхонаро медод. Бинобар ин, Фурӯғ ба чойхоначӣ бодиққат нигоҳ карда, кӯтоҳ гуфт:

– Бошад. Либосҳоямро иваз мекунаму меравам.

Чойхоначӣ бо сабукӣ ба Фурӯғ нигоҳ карда, аз ошпазхона баромад.

Нигаронӣ дар дили Фурӯғ сония ба сония бузургтар шудан мегирифт. Либосҳои кориро иваз карда, василаҳои бо худ овардаро дар ҷузвдон гузошта истода буд, ки Ҳуснигул бо шаст вориди ошпазхона шуда, бо оҳанпораи вазнин аз пушт ба сари Фурӯғ зада, ӯро аз ҳуш беҳуш кард.

Вақте Фурӯғ ҳушёр шуд, худро даступобаста дар анбори чойхона дид. Даҳони Фурӯғро бо часп баста буданд. Ҳуснигул хӯрок омода мекард. Ба ҳуш омадани Фурӯғро дида, омада, аз манаҳи Фурӯғ дошта, ба қаъри чашмони Фурӯғ нигоҳ кард:

– Бо ту бозӣ кардан мазза намедиҳад. Тарсро аз ту гирифтаанд. Маълум аст, ки як бор аллакай ҳамаи чизро аз даст додаӣ. Наметарсӣ. Ин хуб нест. Куштани ту ба ман қаноатмандӣ нахоҳад дод.

Фурӯғ Ҳуснигулро бодиққат муоина мекард. Ҳуснигул сангинии нигоҳи андешамандонаи Фурӯғро дар вуҷуди худ ҳис карда, асабитар шуда, косаи шӯрбои доғро оварда, дар дасти Фурӯғ рехт.

Дасти Фурӯғ сӯхт. Садои Фурӯғ намебарояд, вале аз чинҳои фишор, ки даври чашмону даҳони Фурӯғ эҷод шуд, маълум буд, ки ӯ сахт сӯхтааст. Бо ин ҳол Фурӯғ бештар машғули мушоҳидаи авзои Ҳуснигул буд, то нигарони

аҳволи худ. Фурӯғ, гарчанде ӯро дар банд кардаанд ва ба ҷони ӯ таҳдид мешавад, мехост Ҳуснигулро бишносад.

Вақте Ҳуснигул дид, ки Фурӯғ тарс аз марг надорад, часпро аз даҳони ӯ бо дағалӣ канда, пурсид:

– Бигӯ, чӣ мехоҳӣ? Ба дунболи кӣ мегардӣ? Пайрав туро ба ин ҷо фиристодааст?

– Ҷаҳон маро ба ин ҷо фиристодааст. Намедонам, аз ту чӣ мехоҳад, вале фикр мекунам, ки ба ту кумак карданист. Писари сода аст. Ба ҳама кумак кардан мехоҳад. Шояд фикр кардааст, ки ту ба кумак эҳтиёҷ дорӣ.

– Ҷаҳон сода аст, вале ту сода нестӣ, ҳамин тавр? – пурсид Ҳуснигул.

– Ман дил дорам. Инсоне, ки дили худро рӯсиёҳ накардааст, содагиҳои худро дорад.

– Фаҳмидам. Ту Ҷаҳонро дӯст дорӣ ва Ҷаҳон аз ту дар пешравии корҳои худ истифода мекунад, – бо писханд кинояи заҳролуди худро ба рӯйи Фурӯғ партоб карда, гуфт Ҳуснигул.

– Ту низ ба ин умед, ки Ҷаҳон туро ба занӣ мегирад, хидмати ӯро мекунӣ, – каме таваққуф карда, бо писханд изофа намуд Ҳуснигул.

Фурӯғ, ки то ҳол хунсардии худро ҳифз мекард, асабӣ шуд. Суханони Ҳуснигул то ҷойе воқеият доранд ва ҳақбаҷониб будани Ҳуснигул Фурӯғро нороҳат месозад.

– Номатро бигӯ! – хитоб кард Ҳуснигул.

– Фурӯғ Фарҳодӣ, – кӯтоҳ посух дод Фурӯғ.

Ҳуснигул дар телефон номи Фурӯғро ҳуруфчинӣ кард.

– Хабарнигори номдор. Номдор буданат хуб нест. Бедарак шудани ту сарусадо эҷод мекунад. Ин хуб нест, – фарёди пахшшудае берун дод Ҳуснигул.

– Аз зиндон метарсӣ? – бо писханд ва кунҷковии чолишгарона пурсид Фурӯғ.

Ҳуснигул бо бадҷаҳлӣ ба Фурӯғ нигоҳ мекард.

– Росташро бигӯ, Ҳуснигул. Чанд нафарро куштаӣ? – барқасд Ҳуснигулро бо чеҳраи торики ӯ рӯ ба рӯ карданӣ шуда, пурсид Фурӯғ.

– Агар посухи ин суолро ба ту бигӯям, маҷбур мешавам, ки туро ҳамин ҷо бо розҳои худ дафн кунам. Вале идеяи бад нест. Ман кайҳост, ба дунболи дӯсти роздор мегардам. Таҳаммули бардошти бори ин розҳоро надорам.

– Раҳоям кун! Ба ту коре надорам! Агар маро бикушӣ, охирин лаззате хоҳад буд, ки дар зиндагӣ мечашӣ! Ту ташнаи зиндагӣ ҳастӣ, Ҳуснигул. Худатро ҳайф накун. Розат ҳам аз сарат монад! – шаҳвати бисёр барои куштанро дар чашмони Ҳуснигул дида, бо ҷаҳлу безории зиёд аз руҳияи урёншудаи Ҳуснигул гуфт Фурӯғ.

Чойхоначӣ бо эҳтиёт ва изтироб вориди анбор шуд. Ҳуснигулро ба як гӯшаи анбор даъват намуд. Аз тарзи қоматро пеши Ҳуснигул хам кардану нигоҳро аз нигоҳи Ҳуснигул гурезонидани чойхоначӣ маълум буд, ки ӯ аз Ҳуснигул сахт метарсад.

Бо ҳамдигар чӣ маслиҳате карданд.

Фурӯғ пичирроси онҳоро халалдор карда, баланд-баланд барои ҷалби таваҷҷуҳи онҳо гуфт:

– Худатонро ба заҳмат наандозед. Худам ба шумо роҳ нишон медиҳам. Ду роҳ доред. Маро мекушед, вале Ҷаҳон медонад, ки ман имрӯзҳо ба ин ҷо меомадам. Дер ё зуд шуморо дастгир хоҳанд кард ё маро ба ин умед, ки ба мақомот муроҷиат нахоҳам кард, раҳо мекунед.

Ҳуснигул бо бадҷаҳлӣ ба тарафи Фурӯғ давида, аз гиребони Фурӯғ гирифта, ӯро такон дода, гуфт:

– Аз куҷо бовар кунам, ки пас аз ин ки саратро захмӣ кардам ва дастатро сӯзондам, ба мақомот муроҷиат намекунӣ. Ту ошноҳои зиёд дорӣ. Ҳеч кас маро пушти панҷара бурда натавонист. Вале ту метавонӣ. Наметавонам раҳоят кунам!

– Ҳуснигу-у-л, ман аз ту наме-е-тарсам. Аз марг ҳам наметарсам. Агар метарсидам, то ҳол доду фиғон карда, аз берун кумак мехостам. Ман аз ту ҳатто миннатдорам. Ту чашми маро боз кардӣ. То ҳол ба дунболи орзуҳои холӣ мегаштам. Ба ту коре надорам. Қавл медиҳам. Маро раҳо кунӣ, шанс дорӣ. Раҳо накунӣ, бохтӣ. Ту зани ҳисобкор ҳастӣ. Бовар дорам, ки манфиатҳои воқеии худро аз манфиатҳои дурӯғин шиносоӣ мекунӣ. Худат медонӣ, ки ман аз марг наметарсам. Як бор ҳамроҳи падару модар мурда будам. Дигар намемирам.

Ҳуснигул ваҳшатзада дар чашмони Фурӯғ ба дунболи аломатҳои дурӯғ мегашт. Чунон амиқ нигоҳ мекард, ки мегуфтӣ, бо чашмони ҳариси худ қаъри чашмони барроқи Фурӯғро сӯрох мекунад. Фурӯғ рост ба чашмони Ҳуснигул нигоҳ карда, мижа назад. Ҳуснигул дар чашмони Фурӯғ ба ҷуз безорӣ чизи дигар намеёфт. Фурӯғ аз Ҳуснигул ба ҳадде безор шудааст, ки ҳаваси дубора бо ӯ рӯ ба рӯ шуданро надорад. Пас аз 30-40 сония нигоҳи беист ба чашмони Фурӯғ, Ҳуснигул нигоҳи худро мисли ҳайвоне, ки намехоҳад идораи вазъиятро аз даст бидиҳад, аз Фурӯғ наканда, ба чойхоначӣ амр кард, ки дасту пойи Фурӯғро боз кунад. Сари Фурӯғ захм бардошта буд ва дасташ сӯхтааст.

Берун ҳаво торик шудааст.

Пас аз ин ки чойхоначӣ дасту пойи Фурӯғро боз кард, Ҳуснигул нигоҳи худро аз Фурӯғ наканда, аз ӯ пурсид:

– Ба бемористон рафта, чӣ мегӯйӣ?

Тарсу воҳима Ҳуснигулро ба моҷароҷӯйӣ во дошт. Ӯ омодаи дастгир шудан нест. Аз марг низ метарсад. Аз ин ки душманони ӯ аз дастгир шудани ӯ шод шаванд, метарсад. Гарчанде ки хӯйи ҳайвонии Ҳуснигул комилан урён шудааст, ҳайвони ваҳшӣ дар вуҷуди Ҳуснигул эҳсоси дар тангно қарор гирифтан мекард ва иштиҳо гум карда буд.

– Мегӯям, ки дар дастам кофеи гарм, чанбараки мошинро идора карда натавониста, бо мошин ба дарахт

бархӯрдам. Кофе дастамро сӯзонд ва сарам ба мошин бархӯрд, – бо хунсардӣ нигоҳи тарсуи Ҳуснигулро, ки ҳар лаҳза омода буд аз занҷири ақл раҳо шуда, ба Фурӯғ дарафтад, рахна карда, гуфт Фурӯғ.

Сипас, Фурӯғ рӯйи худро ба чойхоначӣ карда, бо беэътиноӣ ба аҳволи ҳақоратомези мард ба ӯ амр кард, ки барояш қаҳваи сард биёрад.

Фурӯғ аз ҳарду нафрат дорад. Аз Ҳуснигул ба хотири итоат аз нафси ҳайвонӣ ва аз чойхоначӣ ба хотири итоати бечунучаро аз золим.

– Аз пушти ман биёед! – бо садои хунсард ва нафратомез амр кард Фурӯғ.

Фурӯғ дар таҷрибаи хабарнигории худ бо одамони гуногун рӯ ба рӯ шудааст, вале эҳсоси дилбеҳузуриеро, ки ҳоло дошт, ҳеч вақт таҷриба накарда буд. Ӯ мехост, ҳарчи зудтар аз ин ду махлуқи бадқавора дур шавад.

Фурӯғ, баъд аз ин ки паси чанбараки мошини худ нишаст, қаҳваро дар рӯйи домани худ ва мошин рехт. Дари мошинро баста, пеши чашмони Ҳуснигул ва чойхоначӣ мошинро ба дарахти азимҷусса зад. Пас аз барканор кардани болишти бехатарӣ, аз мошин фаромада, ба Ҳуснигул нигоҳ андохта, гуфт:

– Осуда шудӣ?

– Наметарсӣ. Ҷуръати ту одамро ба ваҷд меоварад. Агар дар дигар шароит бо ту ошно мешудам, метавонистем барои якдигар дӯсти хуб шавем, гуфт Ҳуснигул. Ману ту ба якдигар монандем.

Фурӯғ ором ва бо қотеият посух дод:

– Ҷинси ман дигар аст ва ҷинси ту дигар. Дӯстии ману ту, сарфи назар аз шароит, эҳтимоли будан надошт ва надорад.

– Фарқ миёни ман ту чист? – кунҷков шуда, пурсид Ҳуснигул.

– Ҳарду хиёлпардозем. Вале ман иштибоҳи худро мепазирам, ту дигаронро дар интихобҳои худ гунаҳкор мепиндорӣ. Ман ислоҳ мешавам, ту не. Ман беҳтар мешавам ва ту дар ҷо пой мекӯбӣ. Ҳанӯз ҳамон Ҳуснигуле ҳастӣ, ки 40 сол пеш будӣ.

Фурӯғ пас аз бемористон ба хона баргашт. Имрӯз бибӣ ба хотири кори таъҷилӣ ба русто баргаштааст. Хона дар назари Фурӯғ сарду торик менамояд. Ӯро гӯё дар тамоми дунё танҳотарин намуда бошанд. Паноҳгоҳ надошт. Доштан ҳам намехост. Бояд бо худ хилват мекард. Имрӯз Фурӯғ бояд бо худ бе парда суҳбат бикунад. Фурӯғ мехоҳад муҳаббати худ нисбат ба Ҷаҳонро ба қазовати ақл гузошта, бозбинӣ намояд.

Фурӯғ ҳарфи нагуфта бисёр дорад. Бояд имрӯз ҳарфҳои нагуфтаи худро дар хилвати худ бо худ ошкор дар миён гузорад. Ҳеч вақт ба худ дил насӯзонд, вале имшаб вуҷуди Фурӯғ барои худ месӯзад. Дар торикии шаб Фурӯғ нодониҳо ва худфиребиҳои худро возеҳ мебинад. Чеҳраи бениқоби Ҳуснигул Фурӯғро такон додааст.

Ҳуснигулро бениқоб дида, Фурӯғ нигарони аҳволи худ гардид. Муҳаббати Ҷаҳон барои Фурӯғ метавонад табдил ба уқда шавад. Ҷаҳон муҳаббати басамарнарасида аст ва Фурӯғ ҳоло мефаҳмад, ки ошиқонаҳои безарари ӯ бо Ҷаҳон метавонад, оқибат ба сангшавии қалби Фурӯғ оварда расонад.

Гарчанде дасти Фурӯғ месӯзад, Фурӯғ барои аввалин бор пас аз марги падару модар эҳсоси осудагӣ мекард. Вазни сангин аз қафаси синаи Фурӯғ афтодааст. Фурӯғ тиҳист, вале дигаргуна бозсозӣ хоҳад шуд.

## Қисми 21

## ПОДОШИ СУИСТИФОДА

Фӯрӯғ фардо, субҳи барвақт ба якчанд ошнои худ дар сохторҳои гуногуни мақомоти қудратӣ занг зада, дархост кард, ки дар мавриди Пайраву Ҳуснигул ном одамон таҳқиқ кунанд. Чандин иттилооте, ки дар мавриди чанд Ҳуснигул ба ӯ фиристоданд, ба синну соли Ҳуснигул рост намеомад. Зуҳр муфаттиш Набизода – ошнои Фурӯғ, ба ӯ занг зада, иттилооти муфассал дар мавриди Пайрав ва Ҳуснигул дода, акси муштараки Пайрав ва Ҳуснигулро ба почтаи электронии Фурӯғ фиристод. Фурӯғ ба зангҳои ҳамкорон аз «Шабехун» посух намедод. Пас аз итминон ҳосил намудан, ки Ҳуснигул дар акс ҳамон Ҳуснигули оворагард аст, аксҳоро дар наздиктарин чопхона нашр намуд.

Баъд аз зуҳри ҳамон рӯз Фурӯғ, пас аз иваз кардани бандҳои сару даст дар бемористон, бо сару дасти басташуда ба "Шабехун" омад. Вориди утоқи корӣ шуда, рост ба тарафи мизи Ҷаҳон рафта, аксҳоро дар рӯйи мизи Ҷаҳон гузошта, бидуни салому алейк гуфт:

– Номи ӯ Ҳуснигул аст. Зани собиқи Пайрав Ализода. Пайрав Ализода, ба назарам, ба муаррифӣ эҳтиёҷ надорад. Мансабдоре, ки масъулияти таҳияи парвандаҳои сиёҳ барои мансабдорони дигар буд. Агар Ализодаро мардуми одӣ нашиносад ҳам, тамоми мансабдорон аз ӯ ҳисоб мебурданд ва ба ӯ хушомад мегуфтанд. Ализода бо сабабҳои номаълум радди маърака шуд.

Дар мавриди завҷаи пешинаи ӯ, яъне Ҳуснигул пурсуҷӯ кардам. Мегӯянд, ки Ҳуснигул бо суистифода аз мақоми шавҳари собиқ ба ҷиноятҳои вазнин даст задааст. Ҷаноби Ализода иродаи "не" гуфтан ба Ҳуснигулро надошт. Кор то ҷойе пеш меравад, ки рӯзе Ҳуснигулро дар хонаи худ бо марди ҷавонтар дастгир мекунад. Ҳуснигулро аз тамоми

мақомҳо маҳрум кардаанд. Мегӯянд, барканоршавии Ализода низ ба рӯйпӯш кардани ҷиноятҳои Ҳуснигул марбут аст. Ҳуснигулро пас аз кадом ҷинояте ба хориҷ ҳам гурезонда буданд. То ором шудани авзоъ. Пас аз таҳшин гардидани сарусадо дар атрофи он ҷиноят ӯро дубора ба кишвар баргардонидаанд. Ин барои Ҳуснигул дарс нашуд. Ализода пас аз хиёнат Ҳуснигулро бахшида натавонист.

Ҳуснигул чандин сол аст, ки дар анбори чойхона зиндагӣ мекунад. Аз ошноҳои собиқ пинҳон мешавад. Бо касе тамос намегирад. Аз он ҷо, ки Ҳуснигул вақти қудрат доштан ба бисёриҳо садама задааст, метарсад, ки ӯро шиносоӣ карда, ба ӯ садама мезананд.

Робитаи чойхоначӣ бо Ҳуснигулро намедонам, вале мутмаинам, ки чойхоначӣ аз Ҳуснигул сахт метарсад. Сабабашро намедонам. Ин мард ба Ҳуснигул ба шиддат вафодор аст. Вале вафодории ӯ аз пушти тарс аст. Агар ба Ҳуснигул воқеан вафодор мебуд, номи воқеии ӯро дар назди ман намегирифт. Гӯё роҳи халосӣ аз Ҳуснигулро меҷӯяд.

Ҳуснигул бефарзанд аст. Пайомади бадмастӣ ва айёшӣ дар ҷавонӣ. Шавҳари Ҳуснигул, пас аз табобати зиёд ва навмед шудан, пинҳонӣ аз зани дигар писардор шудааст. Пас аз ин, Ҳуснигул беш аз пеш мастӣ намуда, барқасд обрӯрезӣ мекардааст. Ҳуснигулро чандин маротиба ба хотири муноқиша дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба идораи пулис бурдаанд. Ба хотири баддаҳанӣ ва ахлоқи интиқомҷӯ, ки Ҳуснигул дорад, ҳар кӣ ӯро мешиносад, аз ӯ фосила гирифтааст. 56-сола аст.

Пушти яке аз аксҳо шумораи Пайрав Ализодаро навиштам. Пас аз мушкилоте, ки бо мақомоти болоӣ пайдо карда буд, моликияти Ализодаро мусодира кардаанд. Вазъияти молии ӯ хуб нест. Фикр мекунам, тамоми иттилоот не, вале иттилооти кофӣ дар мавриди Ҳуснигулро дар ивази пул ба ту бидиҳад.

Ҷаҳон ба сару вазъи Фурӯғ бо изтироб ва таассуф менигарист. Миёни ӯ ва Фурӯғ девори сард эҷод шудааст. Фурӯғ ба Ҷаҳон чунон хунсард нигоҳ мекард, ки Ҷаҳон ҷуръати аҳволпурсӣ накард. Солор, ки танҳо нафари мавҷуд дар утоқ буд, Фурӯғро бо сару дасти захмӣ дида, дар ҷо шах шуда монд. Аз куҷое Ҳуринисо вориди утоқ шуда, додувойкунон ба сӯйи Фурӯғ давид:

– Фурӯғҷо-о-он! Чӣ ш-у-у-уд?

– Садамаи нақлиётӣ. Чизе нашудааст, Ҳуринисо, – сард ба забон оварда, бо ишораи даст Ҳуринисоро аз наздик шудан ба худ боздошт Фурӯғ.

Сипас, Фурӯғ рӯйи худро дубора ба тарафи Ҷаҳон карда, варақеро аз ҷузвдони худ бароварда, рӯйи миз гузошта, гуфт:

– Ман дигар дар ин ҷо кор намекунам. Аризаи маро имзо кун.Ҷаҳон эҳсос кард, ки Фурӯғе, ки мешинохт, мурдааст. Фурӯғе, ки дар рӯ ба рӯйи ӯ меистод, дигаргун аст. Ҳамон Фурӯғ аст, вале айни ҳол тамоман дигар аст. Фурӯғ дар ин чанд рӯз тағйир кардааст. Дуои Ҳуринисо гирифт. Ҷаҳон, билохира, Фурӯғро аз даст дод. Замира Фурӯғро ҳам аз Ҷаҳон гирифт. Қатраи ашк беихтиёр рӯйи гунаи Ҷаҳон давид. Фурӯғ низ Ҷаҳонро раҳо кард. Фақат чанд рӯз пеш Фурӯғ барои ҷорӣ нашудани ҳамин қатра ашк ҷони худ фидо мекард, вале имрӯз ӯ намемирад. Ҳоло дигар чизе Фурӯғро дар назди Ҷаҳон нигоҳ нахоҳад дошт.

Ҳеч кас ҳарф намезад, вале бар “Шабехун” фазои мотам мусаллат гардидааст. Дар чашмони ҳама, гӯё касе мурда бошад, ашк ҳалқа зад. Ҳеч кас ҷуръат намекунад, ба Фурӯғ наздик шавад ё ӯро аз тасмиме, ки дорад, баргардонад. Ҳама медонанд, ки Фурӯғ ҳақбаҷониб аст. Зӯри ҳеч кадом ба ин Фурӯғ намерасад. Фурӯғ чанд сару чанд гардан аз ҳамаи онҳо қавитар шуда буд.

Ҷаҳон зери аризаи Фурӯғ имзо гузошта, бо ишораи сар бо ӯ худоҳофизӣ карда, оҳиста аз идора баромада, рафт.

Вақте Ҷаҳон рафт, чанд қатра ашк беихтиёр аз чашмони Фурӯғ низ поин давиданд. Фурӯғ, ки дар дурустии тасмими худ шак надошт, пеши ин чанд қатра ашкро нагирифт. Ӯ вонамуд мекунад, ки дигар Ҷаҳонро дӯст намедорад, вале Ҷаҳон дар қаъри вуҷуди Фурӯғ нишастааст ва ба ин содагиҳо бадар нахоҳад рафт. Ҷаҳон то ин дам аз эҳсоси Фурӯғ сарфи назар кардааст, вале сангдил нест ва Фурӯғ медонад, ки ранҷи Фурӯғ низ изофа ба дардҳои Ҷаҳон хоҳад шуд.

Ҷаҳон рафт ва Фурӯғ дар курсии ӯ нишаст. Ҳуринисо давида, курсиеро гирифта, оварда, дар рӯ ба рӯйи Фурӯғ нишаста, дасти солими ӯро дар миёнаи ду даст гирифт. Некрӯз ва Соро вориди идора шуданд. Некрӯз авзои идора ва авзои Ҷаҳонро, ки аз пиллаҳо поён мерафт, мурур карда, тасмим гирифт, ки аз паси Ҷаҳон дубора ба берун барояд. Соро чойи гарм оварда, дар назди Фурӯғу Ҳуринисо нишаст. Солор танҳо монда буд. Намедонист, ки бояд ба берун биравад ё ба давраи бонувон ҳамроҳ шавад. Ба саҳифаи компютер нигоҳ мекард ва чизеро намедид.

Ҳеч кас ба чой даст нарасонд. Дар мавриди мавзуъҳои умумӣ суҳбат карданд. Бо нигоҳи сангии худ Фурӯғ ба ҳеч кадом ҷуръати бозпурсӣ надод. Ҳатто Ҳуринисо, ки худро базӯр дар ҳар кор дахолат медиҳад, ҷуръати суолборон кардани Фурӯғро надорад.

Фурӯғ бо Солор ва духтарон худоҳофизӣ карда, рафт.

## Қисми 22

## МАКТАБИ НАБЕРАДОРӢ

Пас аз рафтан аз «Шабехун» Фурӯғ якчанд рӯз аз хона набаромад. Телефони худро қатъ карда, ба бибӣ, ки дубора аз

деҳа баргашта буд, гуфт, ки мойили хилват намудан бо худ аст. Агар касе ба суроғи ӯ биёяд, ба онҳо бигӯяд, ки Фурӯғ дар хона нест. Некуаҳволии Фурӯғ барои бону Зарагул аз ҳама чӣ болотар меистад. Бонуи ростпеша ба хотири осоиши набера худро ба дурӯғ гуфтан созиш дод. Фурӯғ дар аввал бо бибии худ низ суҳбат намекард.

Бону Зарагул ба русто нарасида, дубора ба Душанбе баргашт. Ҳуринисо бо зангҳои такрории худ бибии Фурӯғро нигарон карда буд. Фурӯғ ба худ иҷозаи гиря кардан намедод. Гоҳ-гоҳ чашмони Фурӯғ зери фишори мавҷҳои эҳсосӣ, ки пайдарпай аз дарун ба Фурӯғ ҳамла мекарданд, пуроб мешуданд ва ӯ ба ҷойи раҳо кардани селаи ашк, аз ҷо бархоста, бо қаҳр ва эҳсоси зиёд расм мекашид. Бону Зарагул гоҳ бо чойи бобуна ва гоҳ бо лаълии ғизо дар даст бе садо вориди утоқи Фурӯғ шуда, ҳамчунон ба берун мебаромад.

Ба хотири азият накардани бибӣ, Фурӯғ, ҳарчи бибӣ меовард, мехӯрд. Чанд бор наздик буд, ки Фурӯғ хӯрдагиҳои худро берун биёварад. Асабҳои Фурӯғ қуввати ҳазми ғизоро надоранд. Ончунон даргир аст, ки мағзи сари ӯ зангӯлаи гуруснагиро хомӯш кардааст, вале Фурӯғ таслими ин аҳвол нашуд. Базӯр-базӯр мехӯрд, менӯшид, гиря мекард, дубора аз ҷо бархоста, дасту рӯро дар назди оинаи бузург, ки тақрибан нисфи девори утоқи ӯро гирифта буд, шуста, авзои худро мураттаб карда, ба расмкашӣ идома медод. Пираҳани сафеди Фурӯғ олудаи ранг шудааст. Тайи якчанд рӯз Фурӯғ рӯйи ҳашт лавҳи наққошӣ рассомӣ намуд.

Бону Зарагул ин бор вориди утоқи Фурӯғ шуда, ба зудӣ берун наомад. Фурӯғи бемадорро рӯйи нимкат хоб бурдааст. Бону Зарагул лаълиро бо эҳтиёт рӯйи мизи ғизохӯрии хурдакак гузошта, ба наққошиҳои набера назар андохта, ба фикр фурӯ рафт.

Фурӯғ, ки одатан кор бо рангҳои равшанро меписандад, ин бор ҳамаи наққошиҳоро бо рангҳои тира кашидааст. Дар наққошиҳои се рӯзи охири Фурӯғ осмон

тира, дарё торик, чеҳраи таккаҳрамони наққошиҳо, ки аз андоми латифи ӯ маълум буд, як зан аст, парешон ва номушаххас аст. Дар яке аз наққошиҳо, ки чеҳраи қаҳрамони расм аз рӯ ба рӯ тасвир шуда буд, чеҳраро бод мисли хок парешон кардааст, бинобар ин, бо вуҷуди тасвир шудани чеҳра, тарҳҳои парокандаи чеҳраи қаҳрамони асар намегузошт, ки шахсияти қаҳрамон ташхис дода шавад. Дар тасвири дигар зилзила хонаҳои зеборо ба хок яксон карда буд ва танҳо як хонаи осебдидаи торик, дар мобайни харобаҳо нимсохт ва нимсолим истодааст. Зарагул мефаҳмид, ки Фурӯғ шикастааст, вале ҳанӯз ҳам бо ҳуҷуми эҳсосоти харобиовар мубориза мебарад. Фурӯғ алайҳи чолишҳои дарунии худ мардона истодааст. Чашмони бону Зарагул сероб шуданд. Ногаҳон Фурӯғ бедор шуда, бибиро дар ҳоли муоинаи нақшҳои тасвирнамудаи худ дид. Аз ҷо бархоста, назди бибӣ рафта, ӯро аз пушт ба оғӯш гирифта, гуфт:

– Бибиҷон, ману шумо чӣ рӯзҳоро бо ҳам паси сар кардем, фақат Худо медонад. Фикр мекунӣ, бароям ангезаи кофӣ барои зинда мондан нестӣ?

Гиря бону Зарагулро гулӯгир кард. Бо ду даст дастони аз пушт даври гардан печидаи Фурӯғро сахт гирифта, сурати худро ба дастони набера молида, кӯдаквор гирист. Фурӯғ рӯйи бибиро аз наққошиҳо баргардонида, аз камари ӯ гирифта, ӯро рӯйи нимкате, ки Фурӯғ маъмулан дар он мехобад, нишонда, бибиро беш аз пеш ба оғӯш гирифта, сарро рӯйи бозуи бону Зарагул гузошта, ҳамроҳи бибӣ гирист. Сипас, Фурӯғ сар рӯйи бозуи бибӣ каме ором гирифта, дубора сарро баланд намуда, аз бозувони Зарагул гирифта, рӯйи бибиро ба тарафи худ гардонд. Эҳсоси нигаронӣ бону Зарагулро бечора мекунад ва аз чеҳраи гирёну нигоҳҳои нигарони бону Зарагул, гарчанде ки бону озорҳои зиндагиро то ҳол мардонавор таҳаммул кардааст, аз чеҳраи ваҳшатзадаи бону маълум буд, ки ӯ ба бечорагии худ иқрор

мекунад. Фурӯғ аҳволи бибиро дар ин вазъият дида, дубора гирён шуда, бибиро ба оғӯш гирифта, гуфт:

– Маро бубахш, бибиҷон. Туро бисёр азият кардам.

Пас аз оғӯши тулонӣ, Фурӯғ ба худ фишор оварда, ашкҳои худро пок намуда, рӯ ба тарафи бибӣ карда, бо табассум гуфт:

– Бибиҷон, шумо дар ин ҷо нишинед. Ман чой омода мекунам. Нишаста, суҳбат мекунем. Чӣ гуфтед?

Бону Зарагул, ки маҷоли кор кардан ва истодан надошт, бо пешниҳоди Фурӯғ розӣ шуда, бо кумаки набера рӯйи нимкат такя дод. Фурӯғ болишти хурдакакро аз гӯшаи нимкат гирифта, ба пушти бибӣ гузошта, бо аҷала ба ошпазхона рафт. Бо ширинӣ ва дуто пиёла зуд баргашта, мизи хурдакаки чархдореро, ки барои нигаҳдории асбоби рассомӣ ҳангоми расм кашидан истифода мекард, бо пойи худ ба тарафи бибӣ тела дода, шириниву пиёлаҳоро, пас аз ин ки порчаи тамизро рӯйи миз кашид, рӯйи он гузошт.

– Чой гузоштам, бибиҷон. Ғарқи суҳбат мешавем, зудтар ба ҷӯш меояд, – бо димоғи чоқ гуфт Фурӯғ.

Бону Зарагул оромтар шуда буд. Ба Фурӯғи мубориз бо умедворӣ менигарад. Ба хотири некаҳволии Фурӯғ бону Зарагул розӣ буд, ки тамоми дардҳои Фурӯғро аз ӯ бигирад, вале Фурӯғ мисли ҳар инсони дигар худ масъулияти роҳи худро дорад.

Фурӯғ ҳарфи дили бибиро аз нигоҳҳои садранги ӯ мехонад. Дигар намехост, ки бибиро бештар аз ин ранҷ бидиҳад, бинобар ин, ба ҳарф задан даромад:

– Бибиҷон, ман Ҷаҳонро дӯст медоштам. Фикр мекардам, ки ӯ низ маро дӯст хоҳад дошт. Орзуи бо Ҷаҳон хонадор шудан ширинтарин орзуи ман буд. Барои ба Ҷаҳон расидан омода будам, ки аз баҳри дигар орзуҳои худ бигзарам. Чанд рӯз пеш дилам шикаст. Ҷаҳон писари хуб аст, вале муҳаббати ӯ барои ман хиёли воҳист, ки маро аз дарун мехӯрад. Ҷаҳон барои муҳаббат омода нест. Ӯ ҳанӯз

писарбачаи ҷавон аст. Чӣ хостани худро намедонад. Медонӣ, бибиҷон. Зиндагӣ, бо вуҷуди шебу фароз, осон аст. Худхоҳии инсон кашидани бори зиндагиро сангин мекунад. Инсонҳо аз сари худхоҳӣ худро ба оғӯши ғамҳо тела медиҳанд ва пас аз сӯхтан дубора аз сари худхоҳӣ дар эътирофи шикаст мушкилӣ мекашанд. Кашидани бори зиндагӣ мушкил нест, кашидани бори худхоҳӣ мушкил аст. Ман ҳам дар дӯстдории худ исрори беҳуда доштам. Наздик буд, ба хотири Ҷаҳон худро аз даст бидиҳам. Раҳо кардани Ҷаҳон барои дили ман душвор менамояд, вале ӯро осон раҳо карда, фиреби дили ошиқро ошкор хоҳам сохт. Ин расмҳо мотами ман дар сари тобути эҳсосотест, ки барои Ҷаҳон доштам. Туро азият кардам, бибиҷон. Маро бубахш.

Вақте Фурӯғ аз бибӣ талаби бахшиш кард, дастони бибиро бӯсида, ба дидагони худ молид ва сари худро дубора рӯйи зонуҳои бибӣ гузошт.

Барои Зарагул касе азизтар аз Фурӯғ нест. Сару бозувони набераи худро навозиш карда, гуфт:

– Баъзеҳо, бачаҷон, монданӣ нестанд. Вале мутмаин бош, ки рафту омади одамон дар зиндагии мо аз рӯйи ҳисобу китоби одилона аст. Муҳаббати ту ба Ҷаҳон тасодуф набуд. Ба самар нарасидани ин муҳаббат низ тасодуф нест. Ба инсонҳо ба унвони дарс бинигар, бачаҷон. Вақте ки дарсро аз худ кардӣ, дигар зарурат барои такрори дарс дар зиндагии ту намемонад ва инсонҳое, ки дигар зарфияти ибрат додан ба туро надоранд, мераванд. Гоҳ пазириши шикаст, созиш бо шикаст инсонро аз зарурати такрори шикастҳо мераҳонад. Идома бидеҳ. Ман ба покизагии тинати ту бовар дорам, бачаҷони ман. Бовар дорам, ки туро пирӯзиҳои беназир интизоранд.

Фурӯғ, ки ба ҳарфҳои бибӣ бо диққат гӯш медод, сарро аз домони бибӣ бардошта, канори бибӣ рӯйи нимкат ҷойи худро роҳаттар карда, сари худро рӯйи бозуи чапи бибӣ

гузошта, ба расмҳои кашидаи худ нигоҳ андохта, бо чашмони пуроб пурсид:

– Агар дарсро аз худ карда бошам, вале нахоҳам, ки дарс ба итмом расад-чӣ?

– Ин дар дасти ту нест, бачаҷон. Ҳеч гоҳ намехостам, ки аз мактаби фарзанддорӣ фориғ шавам. Вақте ҳукми марги зудҳангоми фарзандонамро содир карданд, касе аз ман ризояти маро напурсид. Вале ман розӣ ба ризои Парвардигор ҳастам. Шукри шафқати Парвардигор, ки маро комилан раҳо накард. Мактаби наберадорӣ аз мактаби фарзанддорӣ гуворотар будааст. Ту барои ман фурсати дубора шудӣ.

Фурӯғ ин ҳарфи бибиро шунида, аввал нимханда карда, баъд дастони худро аз ду тараф дар камари бибӣ андохта, ҳиқ-ҳиқ гиря кард.

Зарагул низ дасти чапи Фурӯғро бо ду даст маҳкам гирифта, бесадо ашк мерехт.

## Қисми 23

## РАҲГУМЗАДАГОН

Фурӯғ ба Ҷаҳонпаҳлавон тавсия дод, ки аз Ҳуснигул фосила бигирад, вале паҳлавон, бо вуҷуди боваре, ки ба қобилияти инсоншиносии Фурӯғ дорад, аз ин мавзуъ сарфи назар карда наметавонад. Ҳисси номафҳум ба Ҷаҳон мегӯяд, ки Ҳуснигул калид барои ворид шудан ба дунёи афкори Замира аст. Магар Ҷаҳон таҷрибаи кофӣ барои ташхиси фиреби нафси худхоҳ, ки шавқи расидан ба асрори Замираро ба васвос дар вуҷуди Ҷаҳон мубаддал гардонидааст ва аз ин тариқ ӯро фосид мегардонад, дорад?

Худхоҳӣ дар вуҷуди ҳар инсон исрор ба будан мекунад ва агар инсон, пас аз чашидани заҳри рафтору

гуфтори худхоҳонаи худ, ҷанги ошкор алайҳи идомаи салтанати худхоҳӣ дар вуҷуди худро эълон намояд, худхоҳӣ, албатта, пас аз шикасти муқовиматҳои сарсахтона, бо вуҷуди шикаст талош мекунад, ки ҳукумати худ дар вуҷуди инсонро аз роҳи ба васвос табдил додани ҳисси масъулият, азоби виҷдон, фидокорӣ ва дигар хислатҳои хуби инсонӣ пойдор нигаҳ дорад. Зиёдаравӣ дар намоиши хислатҳои хуб ва исрори ғайриоқилона ба хубие, ки самар надорад, низ, аломати худхоҳист. Худхоҳии баъзеҳо ошкор ва худхоҳии нафароне, ки бовар ба хуб монданро аз даст надодаанд, вале тамоми талоши онҳо дар меҳвари дар чашми дигарон хуб ҷилва намудан мечархад, ниҳонӣ аст. Инсони ниёзманд, ки фурсати аз чорчӯбаи ниёзҳо тамоман раҳо шуданро надорад, фақат дар лаҳзаҳои алоҳида ва на дар тули умр қобил ба муҳаббати бечунучарост.

Вале Ҷаҳон бетаҷриба, камолгаро ва ба андозае худхоҳ аст. Бинобар ин, шумораи тамосеро, ки дар пушти яке аз аксҳо навишта шуда буд, ҳуруфчинӣ карда, ба Пайрав Вализода занг зада, дархости мулоқот намуда, ба дидори Вализода рафт.

– Ҷаноби Вализода, ман назди шумо ба унвони хабарнигор наомадаам. Фикр кунед, ки аз таҷрибаҳои шахсӣ барои додани ибрат ба писари худ нақл мекунед. Ин масъала шахсист ва маълумотеро, ки ба ман медиҳед, байни ману шумо маҳфуз хоҳад монд, – пас аз нишастан рӯйи курсӣ дар утоқи пазироии хонаи Вализода гуфт Ҷаҳон.

Пайрав Вализода ба хотири кор бо парвандаҳои сиёҳ Ҷаҳонро солҳо зери назар дошт ва бо амонатдориву ростқавлии ӯ ошност. Бинобар ин, пушти дарҳои баста ривояти ошноӣ ва ҷудоии худ бо Ҳуснигулро ба Ҷаҳон нақл кард:

Ман ҷавонмарди 30-сола будам, ӯ духтари 16-сола. Модари зебо дошт. Модари Ҳуснигул бо падари ӯ ба хотири обрӯ зиндагӣ мекард. Модари завҷаи собиқи ман пинҳонӣ бо

дигар мардон рафту омад дошт. Падари Ҳуснигул низ покдоман набуд. Айёш ва айёри гузаро. Ҳарду арзандаи ҳам.

Ҳуснигул кӯдак буд, вале рафтори занона дошт. Ӯ дар симои ман қаиқи наҷотро медид. Инсон ба азамати қаиқе, ки ӯро наҷот медиҳад, нигоҳ намекунад. Ба ман бошад, зани хона лозим буд. Ба хотири обрӯ ва эътибори иҷтимоӣ. Пули бисёр доштам, вале барои соҳиби мақомҳои болотар гардидан, бояд чеҳраи марди порсо ва хонадорро ба худ мегирифтам. Медонистам, ки Ҳуснии 16-сола ба хотири пул ба тамоми шартҳо розӣ мешавад.

Хаёл мекардам, ки маккортар аз ӯям. Хаёл мекардам... Фикр мекардам, ки Ҳусниро мисли китоб мехонам. Баъзан ба ӯ барқасд шароб менӯшондам, то асрори худро ба ман бигӯяд, вале Ҳуснигул дар маст шудан ҳам таҷриба дошт. Ҳар чӣ менӯшид, ҳушёрии худро аз даст намедод. Ҳуснӣ беҳтар аз дигарон медонист, ки розҳои ӯро алайҳи худи ӯ истифода кардан мехоҳам. Бо вуҷуди ин, фикр мекардам, ки Ҳусниро ром карда метавонам, метавонам ӯро идора кунам, вале худбинӣ маро кӯр кард. Тири ман ба нишон барнамехӯрд, вале ҳанӯз ҳам бар он бовар будам, ки ҷилави корҳо дар дасти ман аст.

Ниҳоят, маълум шуд, ки Ҳуснӣ сирри асосиро ба ман нагуфтааст. Сирре, ки надонистани он барои ман гарон тамом шуд. Хаёл мекардам, Ҳуснигул фақат як духтари бенаво аст, ки ба дунболи таваҷҷуҳ ва мақом мегардад. Фикр мекардам, ки аз роҳи бозӣ додани нафси ҳарис ӯро дар чанги худ хоҳам дошт, вале ӯ духтари қашшоқи ҳарис не, балки мошини беруҳ ва беэҳсос буд, ки адои одам будан мекард. Ин мошини беруҳ сохтаи дасти ду мошини беруҳи дигар буд.

Ҷаноби Сардорхонзода, арақ одамро ба пастӣ мебарад. Вақте Ҳуснигулро аз хона рондам, дигар ҳатто як қатра арақ ҳам нанӯшидам. Рози ӯ маро такон дода буд. Майхорагӣ падари Ҳуснигулро ба зери по кардани марзҳо тела додааст.

Ҳарчанд талош мекардам, Ҳуснӣ зани хона нашуд. Бо вуҷуди ин ки шоҳиди бевоситаи суистифодакориҳои Ҳуснӣ будам, мисли ҷодушудаҳо алайҳи ӯ ҷиддӣ чораандешӣ намекардам. Ҳар обрӯрезие, ки мекард, мебахшидам. Парвонаи худсӯзи даври Ҳуснӣ шудам. Билохира, ончунон аз худ рафт, ки рӯзе ӯро дар ҷойгаҳи хоби худ бо марди аз ӯ ҷавонтар дастгир кардам. Хонаводаи ман аз ин воқеа хабардор шуд. Охирин қатра буд. Ирода намуда, Ҳусниро раҳо кардам. Ҳуснӣ қобилияти фарзанддоршавӣ надорад. Осон аз ӯ ҷудо шудам. Рафтани ӯ маро бо дунёи холии вуҷудам рӯ ба рӯ кард. Худро гум кардам.

Медонӣ, Ҳуснӣ дар бозӣ додани эҳсоси мардон маҳорат дорад. Фикр мекунӣ, ки ту дигарӣ, ҳиллаҳои ӯ нисбати ту бетаъсир аст, вале мисли мор заҳри худро оҳиста-оҳиста зери пӯст тазриқ намуда, босаброна мунтазири таъсири заҳр менишинад. Ман як авбошбачаи айёши ҷоҳталаб будам ва ӯ маро бо ҳамон симо қабул дошт. Талош барои тағйир додани ман намекард. Мо масти нафароне мешавем, ки моро бечуну чаро қабул мекунанд, бехабар аз ин ки қабули бечуну чаро на ҳамеша аз сари муҳаббат, балки аксар вақт ба хотири бетафовутист. Худхоҳӣ маро мефиребид, ки Ҳуснигул девонаи ман аст, умри худро беҳуда сарф намуда, дер фаҳмидам, ки Ҳуснигул маро қабул надошт, балки нисбат ба ман бетафовут буд ва аз ман чун аз ашёи беруҳ истифода мекард. Аз ин ки пеши Ҳуснӣ маҷбур ба нақшофарӣ набудам, зиндагии бо ӯ бароям хушоянд менамуд. Ҳар бор ризояти ӯ, оштӣ бо ӯро бо пул осон мехаридам.

Ман пулу сарвати худро бо одамрабоӣ ва одамкушӣ дар даврaҳои нотинҷ ҷамъ кардам. Гарчанде одамон бо мурури замон осон рангу шамоил иваз мекунанд, осори ҷиноёт аз руҳияи онҳо ба осонӣ пок намегардад. Вақте бе баҳона асабӣ шуда, Ҳуснигулро бо камарбанд бераҳмона лату кӯб карда, аз шиканҷа шудани ҳамсари қонунии худ

лаззат мебурдам, маро дар ивази тухфа зуд мебахшид, тааҷҷуб намекардам, балки ба худ меболидам, ки дар кори идораи одамон моҳирам. Ҳамин буд, ки девонавор ба ӯ унс гирифтам. Ӯ бо итоати дурӯғин худхоҳиҳои маро бозӣ дода, маро аз худ вобастатар мекард. Заҳри кушандаи Ҳуснӣ алайҳи ман бахшиданҳои билофосилаи ӯ буд. Ҷазо набошад, инсон бепарвои аъмоли худ мешавад. Ҳуснигул подош на, балки ҷазои ман буд. Номардии худхоҳӣ ҳамин аст, ки натанҳо кӯрат мекунад, балки сиёҳро бароят сафед ҷилва медиҳад. Пас аз расидан ба марзи бардоштҳои худ ба зарурати мавҷудияти марзу ҳаримҳо имон пайдо намудам.

Агарчи даранда будам, Ҳуснӣ мисли саги бовафо канорам буд. Ғаразҳои мо ба ҳам печ хӯрд. Аз якдигар розӣ будем. Ӯ дар чашми дигарон барои ман тасвирсозӣ мекард ва ман захмҳои ӯро бо пул дармон менамудам. Билохира, пас аз озмоиши ҳадшиканиҳо ман ба марзҳои худ расидам, вале Ҳуснӣ сероб намешуд. Ман чорчӯбаҳоро ба расмият шинохтам ва ӯ аз чорчӯбаҳо безортар мешуд. Духтари гапдарои ҳарис оҳиста-оҳиста табдил ба аждаҳои бадҳайбат гардида буд. Аз чашми ӯ метарсидам. Медонистам, ки ба ҳар кор қодир аст, вале ноумед нашуда будам. Медонистам, ки нафси бебандубори ӯ толиби бештар аст, вале фикр намекардам, ки ҷуръати хиёнат дошта бошад. Нафси бади ӯро бо пули бештар, бо имконоти бештар, ҳатто бо мансабҳои баланду боло васваса карданӣ мешудам, ки ба ман вафодор бимонад, вале ҳисоб рӯйи нафс кардан сармоягузории номутмаин аст. Нафс, вақте ба хостаҳои худ расидан мегирад, ваҳшитар ва нофармонтар мешавад. Майли дар итоати худ доштани мавҷудоти зинда нишонаи қуввати нафс аст. Ман бо амри нафси бетарбияи худ нафси бетарбияи ӯро аз роҳи ришва додан ба нафс тарбия карданӣ будам.

Дар интихоби ҳамсафар ба зебоӣ, ба дороӣ, ба доноӣ не, балки ба нафси ҳамсар бояд таваҷҷуҳ кард. Одамони баднафс рафта-рафта баднафстар мешаванд. Сояи ҳамсафари

бад рӯйи ту низ меафтад. Зани бадкора мардро низ ба бадкорагӣ тела медиҳад. Худро сафед намекунам, вале аксари ҷиноятҳоеро, ки ман пас аз издивоҷ бо Ҳуснигул ба онҳо даст задаам ё рӯйпӯш кардаам, аз пушти Ҳуснӣ буд. Ҷазои ҷавонеро, ки ҷуръати нопок кардани хонаи маро пайдо карда буд, додам. Медонед, одам фикр мекунад, ки қасос гирифтан ӯро осуда хоҳад кард, вале хун осудагӣ намеоварад. Ҳусниро низ мехостам бикушам. Натавонистам. Ман бештарин ва беҳтарин хотироти худро бо Ҳуснӣ доштам. Агар ӯро мекуштам, танҳотарин мешудам. Ӯ, бешак, дар бадтар шудани ман даст дорад. Агар марди хуб ҳам бошӣ, чунинҳо, аз он ҷиҳат, ки тоқати ҳамроҳӣ бо мардони хуб ва дар чорчӯбаҳои ахлоқӣ қарор гирифтанро надоранд, ҳамеша талош мекунанд, пинҳону ошкоро васвоси бадиро дар вуҷудат густариш бидиҳанд.

Ҷангу хархаша барои заноне, ки аз хурдӣ муҳаббат надидаанд ва руҳияи шикаста доранд, мисоли тарёк оромбахш аст. Вақте баъд аз хиёнат ба пойи ман афтид ва талаби бахшиш кард, ба хотири афзоиши эҳтимоли бахшида шудан рози худро бо дили нохоҳам ба ман гуфт. Дилам ба ӯ сӯхт, вале дигар ба ӯ бовар ва бо ӯ зиндагӣ карда наметавонистам. Фаҳмидам, ки умеди сероб кардани чоҳи бетаҳи вуҷуди тираи Ҳуснигул беҳуда будааст. Ҳуснигул ҳаргиз ором намегирад. Бадии дигаронро баҳона қарор медиҳад, вале ин баҳонаҷӯйиҳо ба хотири ин аст, ки Ҳуснигул дигаргун шудан намехоҳад.

Ҳоло хонаводаи ободе дорам. Ҷавонии худро бо Ҳуснӣ барбод додам, вале умед аст, ки барои наберагони худ падарбузурги шоиста шавам. Ба Ҳуснӣ бовар накун. Агар андоми ӯ афгор шуда бошад ҳам, нафси ӯ афгор нашудааст. Вуҷуди Ҳуснигул саропо захр аст. Ба ту тавсия намедиҳам, ки ба ӯ ва ӯбаринҳо наздик шавӣ.

Пас аз суҳбат бо Вализода Ҷаҳон мисли ин ки ақли худро батамом хомӯш карда бошад, ҷойи амал кардан ба

тавсияҳои Вализода ва Фурӯғ, новобаста ба ин ки бегоҳ шуда буд, мустақим ба назди Ҳуснигул рафт.

Дари анбор боз буд. Ҷаҳонро дар пешгоҳи анбор дида, Ҳуснигул ба таҳлука афтод. Ҷаҳонпаҳлавон мушавваш ва нороҳат менамуд. Ҳуснигул ҷавони рӯзи борониро дубора назди дар дида, тааҷҷуб кард.

– Салом, бону. Номи ман Ҷаҳон. Агар иҷоза бошад, бо шумо суҳбат мекардам.

Ҳуснигул номи Ҷаҳонро шунида, фаҳмид, ки Фурӯғро кадом Ҷаҳон ба назди ӯ фиристода буд. Дар аввал Ҳуснигул фикр кард, ки Ҷаҳон ба ин ҷо барои баробар кардани ҳисобҳои Фурӯғ омадааст. Дар дил худро ба хотири бовар кардан ба ваъдаҳои дурӯғини Фурӯғ маломат мекард ва ҳамзамон мисли гурбае, ки дар дом афтодааст, бо таҳлука ба дунболи чора мегашт.

– Барои чӣ ба ин ҷо омадӣ? – ба Ҷаҳон ҳуҷум оварда, тарси худро рӯйпӯш карданӣ шуда, пурсид Ҳуснигул.

– Эҳсоси танҳоӣ маро гулӯгир мекунад, бону, – бо оҳанги самимӣ беихтиёр барои худ гуфт Ҷаҳон.

Ҷаҳон ба Ҳуснигул бо нигоҳи умед ва дӯстона менигарист. Ҳуснигул, ҳарчанд дар зеҳни худ ба дунболи мантиқ мегашт, ки рафтори Ҷаҳонро барои худ маънодор созад, вале дар зеҳни пурнақшаи Ҳуснигул нақшаи муносиб барои дарки рафтори ғайричашмдошти Ҷаҳон пайдо намегардид. Ҳуснигул чанд рӯз қабл наздик буд, ки Фурӯғро ба қатл бирасонад ва имрӯз маҳбуби қурбонӣ дами дари Ҳуснигул таваллои ҳамдардӣ мекунад. Ба ақли одам рост намеояд, вале Ҳуснигул бо девонагиҳои инсонҳои равонпареш ошност.

Ҳуснигулро аз зери анбӯҳи фикр садои Ҷаҳон, ки канда-канда ва номафҳум ба берун мебаромад, берун овард:

– Дар шаҳр ба дунболи касе барои дарди дил мегаштам. Пойҳо маро ба қароргоҳи шумо оварданд. Агар иҷоза диҳед, ворид шавам.

– Ин чӣ найранг аст, писар? Чаро пеши ман омадаӣ? Ман туро намешиносам. Аз ман чӣ мехоҳӣ?

– Дарди овораро овора мефаҳмад, бону. Ман ҳам мисли шумо овораам. Дарди дилро бояд бо касе дар миён бигузорам, ки ҳамсатҳи ман аст. Шумо дарди маро хуб мефаҳмед ва агар дардамро ба шумо нақл кунам, мисли дигарон азоби маро бар дӯш намекашед.

– Чаро бояд туро дарк кунам? Ба ман чӣ фоида? – бо ҷаҳли хунсардона пурсид Ҳуснигул.

– Шумо рози Замираро медонед. Медонам, ки медонед. Ба ман кумак кунед.

– Кадом Замира, писар? Шароб нӯшидаӣ? Ба назарам, ҳушёр нестӣ!

– Бадтарин навъи шароб ғами ишқи беҷавоб аст, бону. Бубинед. Ман чанд сол пеш ошиқи духтаре шуда будам. Замира ном дошт. Айни ҳамин нигоҳҳоеро, ки шумо доред, ӯ ҳам дошт.

Инро гуфта, Ҷаҳон худдорӣ карда натавонист ва шуруъ ба гиря кардан намуд.

Ҷаҳон аз даргириҳои эҳсосӣ хаста менамояд. Ӯ аз пурсуҷӯйи зиёд, аз сафед кардани Замира, аз нороҳат намудани нафароне, ки дӯст дорад, хаста шудааст. Ҷаҳон ба мудовои изтирории захмҳо эҳтиёҷ дорад.

Ҳуснигул бо худ андешид, ки агар ба Ҷаҳон иҷозаи ворид шудан надиҳад, Ҷаҳони гирён таваҷҷуҳи одамонро ба анбор ҷалб мекунад. Бинобар ин, хунсардона як тараф истода, роҳи вурудро боз гузошт, то Ҷаҳон вориди анбор шавад.

Ҷаҳон бо хиҷолату нобоварии зиёд ворид шуда, рӯйи оҳанпораҳои пушти дар нишаста, ором гирифт.

Ҳуснигул ба Ҷаҳон таваҷҷуҳ накарда, ба ҷобаҷосозии афзори худ идома дод. Вақте Ҷаҳон оромтар шуд, дубора шуруъ ба ҳарф задан кард:

– Бону, шумо магар орзуи баргаштан ба зиндагии маъмулиро надоред? – бо кунҷковӣ пурсид Ҷаҳон.

– Ман ҳиҷ вақт зиндагии маъмулӣ надоштам, – бо хунсардӣ ба забон овард Ҳуснигул.

– Манзурам, зиндагии қаблист, – гуфт Ҷаҳон.

– Ту аз зиндагии қаблии ман чӣ медонӣ? – бо писханд ба мураттаб кардани анбор идома дода, ба тарафи Ҷаҳон нигоҳ накарда, гуфт Ҳуснигул.

– Ҳеч. Фақат фикр кардам, ки бо фурсати соҳиби хонаи шахсӣ шудан муқовимат нахоҳед кард, – Ҳуснигулро ба идомаи суҳбат васваса карданӣ шуда, гуфт Ҷаҳон.

– Дар дунёе, ки ман дидаам, ягон чиз ройгон ба даст намеояд. Дар ивази хона аз ман чӣ мехоҳӣ? – чеҳраи хунсарди худро ба тарафи Ҷаҳон баргардонида, пурсид Ҳуснигул.

– Ба боварии Замира даромада, розҳои ӯро барои ман берун биёвар. Туро соҳиби хона мекунам.

Ҳуснигул дар ин асно мутаваҷҷеҳ шуд, ки дар рӯ ба рӯйи ӯ ҷавони укдаӣ меистад. Ҷаҳон, ки Ҳуснигулро бо ғояи баргаштан ба зиндагии солим васваса мекард, ба Ҷаҳони ҳаррӯза монанд нест. Ҷаҳон ба Ҳуснигул чеҳраеро, ки ба дигарон нишон намедиҳад, урён кардааст. Ҳуснигул медонист, ки Ҷаҳон охирин фурсати ӯ барои баромадан аз вазъияти ногувор аст.

Ҳарду ҳиҷоб аз рӯйи нафс бардоштаанд. Ҷаҳон ба ҳарими Замира ба қимати бозӣ додани нафси Ҳуснигул ворид шудан мехоҳад ва Ҳуснигул аз сустиҳо ва худхоҳиҳои Ҷаҳон суистифода карда, аз чанголи оворагардӣ берун омаданист.

## Қисми 24

## БЕШАИ ГУРГОН

Вақте Фурӯғ аз “Шабехун” рафт, шумораи тамоси худро барои якчанд ҳафта дастнорас гардонд. Ҳуринисо Фурӯғро дар ҳеч куҷо пайдо намекард. Ошнои Ҳуринисо, ки дар идораи шаҳрдорӣ кор мекунад, ба Ҳуринисо гуфт, ки Фурӯғро ба шабнишиние, ки шаҳрдорӣ ба наздикӣ баргузор мекунад, даъват кардаанд. Ҳуринисо аз ошнои худ дастрас намудани 4 адад даъватномаро дархост намуда, зуҳр даъватномаҳо дар даст ба „Шабехун“ омад:

– Соро, Некрӯз ва Солор фардо ҳамроҳ ба шабнишиние, ки шаҳрдор ташкил намудааст, меравем. Албатта, чун шабнишинӣ ташаббуси шаҳрдор аст, тамоми мақомдорони калидӣ низ ба он ҷо меоянд. Агар нақшаи мусоҳибагирӣ аз сиёсатмадоронро дошта бошед, фурсати муносиб барои ҳамоҳанг кардани рӯз ва соати мулоқот бо ҳар кадом аст. Аз ҳама муҳимтар, Фурӯғ низ ба он ҷо меояд. Бо баҳонаи шабнишинӣ бо Фурӯғ мулоқот мекунем.

Ҳар кадом даъватномаҳои сиёҳранги секунҷаи зарҳалини худро аз Ҳуринисо гирифта, машғули муоинаи тарроҳии халлоқонаи даъватномаи хушранг, ки ҳошияҳои дастдӯхт дошт, шуданд.

Соро, ки аз муоинаи даъватнома лаззат мебурд, ногаҳон абрӯҳои худро дарҳам кашида, нигоҳи худро ба тарафи Ҳуринисо карда, пурсид:

– Чаро 4 адад? Ҷаҳон чӣ?

– Ҷаҳон намеравад. Ҷаҳонро бо худ ба шабнишинӣ бурда, фазоро барои бозпурсӣ аз Фурӯғ номусоид мегардонем. Ҳарду мушавваш мешаванд. Бояд донам, ки ба Фурӯғ чӣ шудааст.

Даъват накардани Ҷаҳон тасмими Ҳуринисо буд, вале касе бо тасмими ӯ мухолифат накард.

Гарчанде Фурӯғ ба шабнишинӣ бо либосҳои расмӣ – шиму костюми қаҳваӣ, болотани гиребондори сиёҳ ва пойафзоли пошнапасти сиёҳ омадааст, бо чашмони барроқи сабз ва абрӯву мижгони возеҳи худ Фурӯғ дар маркази таваҷҷуҳи ҳозирин қарор гирифта буд.

– Аз дидорат шодам, Фурӯғҷон. Ба зангҳои ман посух намедиҳӣ. Дар хона пайдоят накардам, – Фурӯғро дар торикии маҷлис дар гӯшае ба оғӯш гирифта, шикоят кард Ҳуринисо.

– Хубам, Ҳуринисоҷон. Каме бетоб будам. Агар нигарон кардам, маро бубахш, – пас аз ҳамоғӯшӣ бо Ҳуринисо ба чашмони ӯ нигоҳ карда, бо нигоҳи меҳрубон ва пӯзишталабона ором посух дод Фурӯғ.

Соро аз дур ҳардуро дида, бо андоми нозуки худ аз миёни ҷамъиятҳои хурдакак, ки ҷо-ҷойи толор гурӯҳ-гурӯҳ шуда, ширинӣ, хӯрданӣ ё нӯшиданӣ дар даст, бо ҳам суҳбат мекарданд, бо суръат ва бидуни малол кардани касе гузашта, давида омада, аз пушт Фурӯғро бо эҳтиёт бағал намуда, рухсораи чапи ӯро бӯсид.

– Сороҷони ман, – гуфта, Фурӯғ баргашта, Сороро ба оғӯш гирифта, аз ҳарду рухсораи ӯ бӯсид.

Ҳуринисо ҳаяҷонӣ шуда, худро болои ҳарду овезон карда, ин бор ҳардуро бағал кард.

Ҳамоғӯш шудани се бонуро Некрӯз ва Солор аз дур дида, пай бурданд, ки бонувони идораи худро пайдо кардаанд.

Некрӯзу Солор низ дилтанги Фурӯғ шуда буданд. Ба духтарон наздик шуда, аҳволпурсӣ карданд.

Пас аз даҳ дақиқа суҳбати дастаҷамъӣ, духтараки навҷавони пойафзолҳои пошнабаланддор ба ҷамъи “Шабехун” наздик шуда, бо ҳозирин салому алейк карда, худро муаррифӣ намуда, гуфт:

– Бону Фарҳодӣ! Агар малол набошад, раис майли суҳбат бо шуморо доранд.

Манзури духтар аз раис Бахтиёр Музаффарзода – шавҳари Замира будааст.

Фурӯғ аз ҷамъи ҳамкорон узрхоҳӣ карда, аз паси духтари навҷавон рафт. Духтар Фурӯғро ба гӯшаи ором, ки аз се тараф бо буттаҳои зиндаи даруни сатлҳои бузург ҷосозишуда иҳота шудааст, роҳнамоӣ кард. Бахтиёр Музаффарзода пушти миз интизори омадани Фурӯғ нишаста буд.

Фурӯғро дидан замон Музаффарзода чеҳраи худро бо табассуми гарм зинат дода, аз ҷо бархоста, сари худро поин андохта, ба Фурӯғ салом дода, аз ӯ хоҳиш кард, ки рӯйи сандалӣ биншинад.

Дар рафти суҳбат маълум шуд, ки Музаффарзода аз Фурӯғ мехоҳад, ки дар сохтани тасвири иҷтимоии Музаффарзода мусоидат кунад:

– Аз шуҳрат хушам намеояд, бону Фарҳодӣ, вале сиёсатмадорон низ бояд мутобиқи талаботи замон зиндагӣ кунанд. Мардум аз мо шаффофияти бештар металабанд. Муаррифии хонаводаи худро ба касе ба ҷуз шумо бовар карда наметавонам, – гуфт Бахтиёр Музаффарзода.

– Сарфи назар аз эҳтироме, ки ба шумо дорам, ман ҳеч гоҳ ба таблиғи шахсиятҳо даст назадаам ва намезанам. Маро маъзур доред, ҷаноби Музаффарзода, – бо қотеият посух дод Фурӯғ.

– Бону Фарҳодӣ, рости гап, ҳамсари ман ахлоқи печида дорад. Ба ҳар кас унс намегирад. Вале аминам, ки шахсияти гирои шумо Замираро низ тасхир хоҳад кард. Бо ҳамсари ман вохӯред. Агар баъд аз вохӯрӣ низ аз раъйи худ барнагаштед, аз шумо ҳадди ақал тавсияҳои корбурдӣ мегирам.

– Ҷаноби Музаффарзода, ман ба ҳусни назари шумо эҳтиром қоилам, вале маро бо таъриф ба коре, ки намехоҳам, водор кардан душвор аст. Қасди тасхири ҳеч касро надорам.

Ба наздикӣ ба Амрико меравам. Бинобар ин, тасмим гирифтаам, ки то он дам аз фаъолияти касбӣ фосила бигирам.

– Бону Фарҳодӣ, фикр кунед, ки ба хонаи ман ба меҳмонӣ меоед, – гуфт Музаффарзода.

Сипас, чанд сония ба фикр фурӯ рафта, мисли ин ки худро ба кори душвор розӣ карда бошад, сари худро бо ишораи тасдиқ такон дода, идома дод Музаффарзода:

– Бошад. Ба шумо ҳарфи диламро мегӯям. Рости гап, нигарони аҳволи ҳамсари худ ҳастам. Имрӯз дигар аст ва фардо дигар. Агар хабарнигори ғайрикасбиро вориди хонаи худ кунам, шояд шоҳиди саҳнаҳои номусоид гардида, дар ҳаққи мо достонсозӣ кунад. Аз шумо хоҳиш мекунам, фақат як бор бо Замира суҳбат кунед.

Таҳи дили Фурӯғ эҳсоси аҷиб лона кардааст. Дудил шуд. Аз як тараф қабл аз сафар худро даргири ҳеч мавзуъ кардан намехост, вале аз тарафи дигар кунҷковии аҷиб, ки хоси Фурӯғ нест, дар дили Фурӯғ маъво намуд. Як ҳисси барои Фурӯғ номафҳум ӯро ба рафтан ба хонаи Музаффарзода ташвиқ мекунад. Бо шунидани номи Замира мавҷи гувоҳиҳои ғариб, ки Фурӯғ дар маънидод кардани ин гувоҳиҳо оҷиз мондааст, дар қалби ӯ густариш ёфт.

– Бошад, ҷаноби Музаффарзода. Ба ин меҳмонӣ ба унвони озмоиш менигарем. Агар дар охири озмоиш калимаи “не”-ро аз ман шунидед, нороҳат намешавед. Вориди масоиле шудан намехоҳам, ки ихтиёр ва истиқлоли маро халалдор хоҳанд кард.

– Розӣ, бону Фарҳодӣ, – бо табассуми гарм, вале мухтасар ба Фурӯғ нигоҳ карда, сарро ҷунбонд Музаффарзода.

Музаффарзода қабл аз худоҳофизӣ бо Фурӯғ шумораи Замираро ба ӯ дароз кард.

Субҳи рӯзи дигар Фурӯғ ба Замира барои таъйини рӯзи мулоқот занг зад. Замира аз ӯ узрхоҳӣ карда, ба Фурӯғ гуфт, ки бо сабаби бемадор будан, дар рӯзҳои наздик ба

мулоқоти расмӣ андешида наметавонад. Фурӯғ аз лағв шудани мулоқот хушнуд гардид. Пасфардо Бахтиёр Музаффарзода ба Фурӯғ занг зада, аз ӯ бобати мулоқот бо Замира пурсон шуд. Фурӯғ муҳтавои суҳбати худ бо Замираро шарҳ дод. Бахтиёр, ки аз саркашии ҳамсари худ ҷо нахӯрда буд, худро дар назди Фурӯғ хиҷолатзада ёфт. Музаффарзода, ки аз дасти Замира хашмгин шуда буд, савти садои худро базӯр муътадил ва дӯстона намуда, ба Фурӯғ гуфт:

– Бале, бону Фурӯғ. Аҳволи завҷаи ман хуб нест. Каме бетоб аст, вале ба назар мерасад, ки ба зудӣ хуб хоҳад шуд. Мулоқоти шумо бо Замираро ҳафтаи дигар, рӯзи якшанбе соати 9-и субҳ дар хонаи мо баргузор мекунем. Чӣ гуфтед? Ман бо таъйиноте ба хориҷи шаҳр меравам ва хона комилан дар ихтиёри ҳардуи шумо қарор мегирад. Метавонед, дар фазои ором суҳбат кунед.

Барои Фурӯғ рӯзи якшанбе, одатан, рӯзи хонавода ба шумор меояд. Вале ӯ медонист, ки кашол ёфтани ин мавзуъ паёмади хуб нахоҳад дошт. Музаффарзода инсони кинагир ва бадҷаҳл аст. Бинобар ин, Фурӯғ, ки қабл аз сафар ба Амрико майли даргир шудан бо ҳеч мавзуъро надошт, ба Бахтиёр – шавҳари Замира, ки корманди баландрутбаи мақомоти қудратӣ буд, кӯтоҳ посух дод:

– Бошад, ҷаноби Музаффарзода. Фақат аз шумо як хоҳиш. Шумо низ ба якчанд суоли ман посух хоҳед дод?

Бахтиёр, бо вуҷуди эҳтироми баланде, ки нисбат ба Фурӯғ ва касбияти ӯ дар дил дорад, эътироз кард:

– Бону Фарҳодӣ, ман корманди давлат ҳастам. Шумо беҳтар аз ҳар каси дигар медонед, ки чеҳраи давлат иҷозаи додани мусоҳибаҳои ихтиёриро надорад.

– Дарк мекунам, ҷаноби Музаффарзода. Ман хостори мусоҳибаи расмӣ не, балки дар талаби мусоҳибаи шахсӣ ҳастам. Барои комил кардани тасвири хонаводагии шумо дар зеҳни худ.

– Бошад, бону. Фақат ба хотири шумо. Рӯзи якшанбе агар соати 9 не, балки соати 8 биёед, ним соати вақти худро, қабл аз ин ки аз хона бароям, барои саволҳои шумо ҷудо мекунам. Бидуни дастгоҳи сабт, албатта.

– Бошад. Пас то дидор бо шумо худоҳофизӣ мекунам, – гуфт Фурӯғ.

– Худо ҳофиз, бону, – гуфта, гӯширо қатъ кард Музаффарзода.

Баъд аз худоҳофизӣ бо Фурӯғ, Бахтиёр ба Замира занг зад:

– Ҷонам? – бо ишва гуфт Замира.

– Бо хабарнигор суҳбат кардам. Рӯзи якшанбе соати 8 ба хона меояд! – хитоб намуд Музаффарзода.

– Ман ба ту гуфтам, ки ба ин духтар мусоҳиба намедиҳам! Ягон нафари дигар пайдо нашуд?! – мисли гурбае, ки думи ӯро зери по карда бошанд, бо эҳтиёт ва нобоварӣ ба худ, вале дод зада, гуфт Замира.

– Ӯ хабарнигори рақами як дар кишвар аст. Мехоҳам, ки беҳтаринҳо ба муаррифии оилаи мо бипардозанд, – эътироз кард Бахтиёр.

– Медонӣ, ки ӯ дар идораи кӣ кор мекард? – Бахтиёрро ноҳинҷор карданӣ шуда, пурсид Замира.

– Медонам. Ман ба он бача кор надорам. Ӯ ҳам баъд аз ин ки ӯро адаб карда будам, ба ту кордор нашудааст. Ин духтар бошахсияттарин хабарнигори Тоҷикистон аст.

– Беномус! – бо таҳқири шавҳар тасмими ӯро дигар карданӣ шуда, гуфт Замира.

Бахтиёр, ки бо усулҳои Замира хуб ошноӣ дошт, мақсади ҳамсари худро фаҳмида, дар ҷавоб чизе нагуфта, ба қарор гирифтани Замира дар тангно қоҳ-қоҳ хандид.

Замира асабӣ шуда буд. Ӯ эътимод ба нафси заиф дорад, вале Фурӯғ, баръакс, хостгоҳи худбоварист. Замира аз суҳбати як ба як бо одамони бошахсият, бахусус вақте ин одамон ошноҳои ошноҳои собиқи ӯянд, метарсад. Замира

намехоҳад, ки касе аз камбудиҳои шахсиятии ӯ огаҳ шавад. Он ҳам бонуе, ки бо Ҷаҳон ҳамкор будааст. Ҷаҳон набояд аз хиёли Замираи бенақз берун барояд. Ҷаҳон набояд Замираро дигаргуна бишносад. Ҷаҳон набояд Замираро фаромӯш кунад.

– Вақти мулоқот бо Фарҳодӣ таъйин шудааст. Маро асабӣ накун, Замира. Барои мусоҳиба омода шав! – бо оҳанги таҳдид гуфт Бахтиёр.

Вақте оҳанги хандаи Бахтиёр ба сурати ғайритабиӣ ва ногаҳонӣ ба оҳанги таҳдид иваз мешавад, Замираро таҳлука фаро мегирад. Замира, ки худро дар баробари дигаргуншавии оҳанги садои шавҳари бераҳм нотавон мебинад, дигар чизе нагуфта, гӯширо ба расми эътироз қатъ кард.

Бахтиёр бидуни эътино додан ба нороҳатиҳои Замира ба корҳои худ пардохт.

Якшанбеи ҳафтаи баъд Фурӯғ расо соати 8 дар пушти дарвозаи азимҷуссаи хонаи боҳашамати Замира ва Бахтиёр, ки дар ҳошияи ҷанубии Душанбе дар масоҳати якчанд гектар сохта шудааст, қарор гирифт. Тугмаи занги дарро пахш кард. Аз он тарафи дастгоҳи наворбардорӣ, ки барои муоинаи шахсони пушти дарвоза насб кардаанд, садои хоришдори зани ҷавоне, ки оҳанги хушнудии маснуӣ дошт, баромад:

– Ассалому алейкум, бону. Тугмаи боз шудани дарро пахш мекунам. Нигаҳбони назди дар шуморо ба дохили хона роҳнамоӣ хоҳад кард, – гуфта, маъτали посухи Фурӯғ намонда, баландгӯро қатъ кард Замира.

Фурӯғ вориди саҳни хонаи Бахтиёр ва Замира шуд. Дар назди даромадгоҳ утоқак барои нигаҳбонони мусаллаҳ, дар гӯшаи чапи дарвоза айвони бузург барои мошинҳои гаронбаҳо, дар гӯшаи рост гармхонаи васеъ бунёд намудаанд. Саҳни васеъ ва паҳновари ҳавлӣ чаманкорӣ шудааст. Дар гӯшаҳои гуногуни саҳни ҳавлӣ дарахтони нодири ороишӣ ва мевадорро нишондаанд. Дар гӯшаи дуртар, ки дар фосилаи 200 метр аз бинои хона қарор гирифтааст, айвон барои

нигаҳдории аспҳои зотӣ ва майдони аспдавонӣ сохта шудааст. Ронандаи ҷавони шиму костюми сиёҳ бартан яке аз мошинҳои баландҷуссаро гарм мекард. Раиси нигаҳбонҳо марди миёнасоли қоматбаланди хушлибосу хушатру хушгап ба истиқболи Фурӯғ баромада, табассуми ширин ба Фурӯғ намуда, салом арз кард ва бо даст ба самти яке аз роҳравҳои сангӣ, ки аз миёнаи буттаҳои хушранг гузашта, ба тарафи дари бинои истиқоматӣ мебурд, ишора намуда, Фурӯғро ба даромадан ба пеш даъват кард. Вақте Фурӯғ ба дохили хона даромад, марди нигаҳбон ба ҷойи кории худ баргашт. Фурӯғро Бахтиёр Музаффарзода дар назди дар истиқбол намуд:

– Субҳ ба хайр, бону Фарҳодӣ! Лутфан, ташриф биоваред, – гуфта, ба тарафи утоқи кории худ ишора кард Музаффарзода.

– Субҳ ба хайр, ҷаноби Музаффарзода! – гуфта, ба самти утоқе, ки Музаффарзода ишора намуда буд, ҳаракат кард Фурӯғ.

Ҳарду вориди утоқ шуданд.

Бо ишораи зарифи даст Бахтиёр Музаффарзода Фурӯғро ба нишастан даъват кард ва худ рафта, паси мизи корӣ нишаст.

– Бону Фурӯғ, кори мо оҷил аст. Ҳарчи зудтар шуруъ кунем, беҳтар. Лутфан, бе муқаддима, суолҳои худро ба ман бидиҳед, – гуфт Музаффарзода.

– Бошад, ҷаноби Музаффарзода. Шумо таҷрибаи кофии фаъолият дар арсаи сиёсатро доред. Агар арсаи сиёсатро ба кӯдаки 6-сола фаҳмониданӣ шавед, онро чӣ гуна шарҳ медиҳед, то кӯдаки 6-сола низ сиёсатро дарк кунад?

– Дар ду ҷумла: Арсаи сиёсат бешаи гургон аст. Бояд гург бошӣ, ки дар бешаи гургон зинда бимонӣ, – бидуни фикр кардан посух дод Музаффарзода.

– Аксари ҳукуматҳо дар саросари ҷаҳон мухолифони худро таъқиб, зиндонӣ ва қатл мекунанд. Шумо ба ин мавзуъ чӣ гуна менигаред?

Музаффарзода қабл аз ин ки ба ин суол посух диҳад, лабханд зад ва гуфт:

– Ба шумо рости гапро мегӯям, бону Фарҳодӣ. Ман яке аз сагони вафодори режим ҳастам, вале бо ин ҳол ба ҳамсафони худ низ эътимод надорам. Шумо дар тули фаъолияти хабарнигории худ ҳеч вақт як тарафро пуштибонӣ карда, тарафи дигарро комилан гунаҳкор нишон надодед. Дар ҳар як гузорише, ки ман аз шумо хондам, ҳатто бо душманони сарсахти худ аз рӯйи адолат бархӯрд кардаед. Беғаразии шумо боис шуд, ки ман дар авҷи нобоварӣ нисбат ба одамон ба шарофати шумо бовар кунам, бинобар ин, ба шумо бепарда посух медиҳам. Сиёсат кори аҳли дил нест, бону Фарҳодӣ. Шумо ҳаққи амал кардан ба майли дилро доред ва ман не. Чархаи сиёсатро одамоне мечархонанд, ки метавонанд хунсардона биандешанд ва хунсардона тасмим бигиранд. Миёни сиёсатмадорон инсонҳои ватанпарвару ҷонбаркаф зиёданд. Фарқи онҳо бо дигарон дар ҳисобкории хунсардона ҳаст. Хиёлбофӣ накарда, воқеиятро санҷида, амал мекунанд.

Дар робита ба мухолифон бояд як чизи дигарро қайд кунам, ки мухолифон низ ба чанд даста тақсим мешаванд. Мо ба мухолифоне, ки вазъиятро одилона баҳогузорӣ мекунанд ва аз кишварҳои хориҷӣ сармоягузорӣ намешаванд, кор надорем. Бештар дастбагиребон бо мухолифони сарсахте мешавем, ки барои беобрӯ кардани талошҳои ҳукумати қонунӣ таҳлилҳои боғараз нашр мекунанд ва рустакӣ бо неруҳои хориҷӣ доду гирифт доранд. Ҳеч неруи мухолиф дар ҳеч кишвари дунё бидуни ҳимояти хориҷӣ ба қудрат нарасидааст. Мухолифоне, ки талабгори ҳукуматанд, ҳамеша ба қудратҳои хориҷӣ ва манфиати давлатҳои севум такя мекунанд. Ҳамчун сиёсатмадор саркӯби чунин мухолифонро

одилона мепиндорам. Фикр мекунед, вақте бо кумаки хориҷӣ ба қудрат мерасанд, дар назди мардум ҳисобот хоҳанд дод ё дар назди қудрати хориҷӣ? Бешаи гургон меравӣ, аз чанголу дандони гургон нанол. Сиёсат ҳамон тавр, ки ман дар боло гуфтам, бешаи гургон аст. Агар воқеият касеро озор медиҳад, ба сиёсат дахолат накунад.

Фурӯғ сухани Бахтиёрро дар ин ҷо қатъ карда, эътироз намуд:

– Чӣ гуна мани шаҳрванди одӣ бехиёли сиёсат шавам, вақте сиёсат аз таваллуд то марги маро ба танзим медарорад. Вақте сиёсат дар ҳама соҳаҳои зиндагии ман дахолат мекунад, чӣ гуна ба сиёсат дахолат накунам?

– Дахолат кунед. Талаб кунед. Сарҷамъ шавед. Ҳеч ҳукумат қудрати муқобила бо неруи мардумро надорад, вале дар мухолифат бо ҳукумат бузҳои хориҷиро сарвари ҳаракатҳои худ қарор надиҳед. Умедворам, ки ба суолҳои шумо посуххҳои содиқона дода бошам, бону Фарҳодӣ. Шуморо бо Замира ошно намуда, аз паси корҳо мешавам, – гуфта, аз ҷо бархост Музаффарзода.

Музаффарзода ҳамроҳи Фурӯғ ба беруни утоқ баромаданд. Бахтиёр Замираро садо карда, бо Фурӯғ худоҳофизӣ намуда, саросема аз хона баромад.

- Хуш омадед, бону Фарҳодӣ! – гуфта, ба Фурӯғ наздик шуда, дасти худро ба ӯ дароз карда, гуфт Замира.

– Салом, бону Музаффарзода! Аз ошноӣ бо шумо шодам. Умед аст, ки муоширати хуб дошта бошем, – гуфта, дасти ба тарафи ӯ дарозшударо фишурд Фурӯғ.

Фурӯғ намедонад, ки дасти захми саркушодаи Ҷаҳонро фишурдааст... Магар касе қодир ба берун баромадан аз торҳое, ки сарнавишт метанад, ҳаст? Гарчанде Фурӯғ фикр мекунад, ки ривояти ӯ бо Ҷаҳонпаҳлавон ба итмом расидааст, сарнавишт ӯро ба тариқҳои дигар даргири масоили марбут ба Ҷаҳон мекунад.

## Қисми 25

# ТОЛОРИ ХУДБИНӢ

Сабки истодани Фурӯғ, нигоҳи найзамонанд тезу шикофанда, дастфишордиҳиҳои маҳкам, садои қотеъ ва мутмаини ӯ Замираи худнобоварро ноҳинҷор кардааст. Замира мехоҳад, рост ба чашмони Фурӯғ бингарад, вале ҷуръат ва неруи кофӣ барои рӯёрӯйӣ бо нигоҳи таҳлилгаронаи Фурӯғро надорад. Шахсият ва шаҳомати Фурӯғ айни кӯҳҳо мустаҳкаму баланд аст ва умеде барои тасхири худро барҷо намегузорад. Замира, ки инсони ба шиддат қудратпараст мебошад, аз як тараф, неруи дарунии Фурӯғро мепарастад, мехоҳад, рафиқу ёри Фурӯғ бошад, вале аз тарафи дигар, оташи ҳасад вуҷуди Замираро фаро гирифтааст ва ӯ бидуни далели ақлонӣ нохудогоҳ бадхоҳи Фурӯғ мегардад.

Замира ба унвони мизбон бояд меҳмонро роҳнамоӣ карда, ба ӯ ҷиҳат нишон медод, вале худро гум карда, дар ҷо шах шуда буд. Фурӯғи мушоҳидакор барои Замираро аз вазъияти ногувор берун кашидан ба ӯ гуфт:

– Агар мехоҳед, метавонед, барои шуруъ ва эҷоди фазои муносиб барои мусоҳибаи ғайрирасмитар хонаи худро ба ман нишон бидиҳед. Дунёи хурдакаки шумо дарича барои ворид шудан ба дунёи бузургтар хоҳад шуд. Аҳволи соҳибхонаро аз аҳволи хона метавон шинохт.

Замира, ки тамоми ҳаяҷоноти худро сарфи хона карда буд ва ба хонаи худ ба унвони шоҳкори зиндагӣ менигарист, аз ин пешниҳод ба ваҷд омада, ба Фурӯғ нигоҳи рафиқона гарм андохта, мисли кӯдак шодон дасти Фурӯғро гирифта, ӯро аз паси худ кашонда, ҷавоб дод:

– Биёед, ба шумо дастранҷи худро нишон медиҳам.

Замира аввал Фурӯғро ба меҳмонхона, ки пушти дарҳои азимҷусса дар табақаи аввали бино қарор гирифтааст,

ворид намуд. Аз дари кӯчаке, ки дар дохили дари бузург насб шуда буд, ворид шуданд. Толори калони даврашакл барои пазироии ҳудудан 350 нафар меҳмон мусоид аст. Баробари ворид шудани Фурӯғ ба толор, барқҳои дохили толор яке паси дигар равшан шудан гирифтанд. Деворҳо ва сақфи паҳновару баланд оиначинӣ шудаанд. Кафи мармарии сабук қаҳваранг чунон барқ мезанад, ки инсон акси худро дар сатҳи он дида метавонад. Дар толор дар табақаҳои болотари сутунҳои баланд утоқакҳои кӯчаки боҳашамати рӯ ба толор, айни утоқакҳо дар театрро сохтаанд. Аз зарқу барқи зиёд толор айни ангуштари нигинкоришуда медурахшад. Барқе, ки нигоҳи инсони одиро, ки худро дар баробари шаҳомати толор сағир меёбад ва ба ҳамин хотир ба вақд меояд, Фурӯғро дилгир намуд. Нохудогоҳ аз зеҳни Фурӯғ ду мисраи шеъри Зебунисо гузашт:

Аз қазо оинаи чинӣ шикаст,
Хуб шуд! Асбоби худбинӣ шикаст.

Фурӯғ даруни дил ба толор "Толори худбинӣ" унвон дод.

Дар толоре, ки Замира иддао мекунад, худ тарроҳӣ намудааст, ба ҳар тараф назар андозӣ, акси худро мебинӣ. Утоқ якчанд ҳавокаши калон, чанд баробар бузургтар аз ҳавокашҳои ошпазхонаҳои бузургро дорад, вале панҷара надорад. Фурӯғ бо худ андешид, ки дунёи хурдакаки Замира ва толору саҳнаҳои зеҳни ӯ на осмон доранд, на офтоб, на панҷара. Замира дар дунёи худ худро танҳо дидан мехоҳад.

Вақте ба хона меҳмони зиёд даъват мекунанд, Замираро, ки дар толор дар миёни меҳмонон мисли маликаҳо димоғболо роҳ меравад, фикри ин, ки ҳар замон фурсати муоинаи ҷилваҳои худ дар оинаро дорад, осудатар мегардонад. Маликаҳо иҷозаи иштибоҳ ва иҷозаи нишон додани камбудиро надоранд. Толори оинакоришуда барои

итминони дили малика бобати ҳифзи тасвири шоҳаншоҳӣ аз худ айни муддаост. Ба ғайр аз оинаҳои бешумор дар толор, Замира дар дигар утоқҳо низ оинаи кӯчаку бузурги бисёр нигаҳдорӣ мекунад.

Барои раҳо шудан аз афкори парешон Фурӯғ ба Замира нигариста, бо табассуми дӯстона ба ӯ гуфт:

– Маълум аст, ки ба оина иштиёқи зиёд доред.

Дар вуҷуди Замира, ҳангоме ки ӯ дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор мегирад, кӯдаки ширинадо ва ҳаяҷонӣ бедор мешавад. Чашмони Замира аз шиддати шавқ барқ мезананд. Ӯ бо муҳаббати хос ба чашмони Фурӯғ нигариста, оҳиста ва бо табассуми дилбарона, гӯё яке аз розҳои муҳимми худро ба Фурӯғ ифшо мекарда бошад, гуфт:

– Оинаҳо беҳтарин дӯстони мананд. Мегӯянд: «дӯст гӯяд табарвор». Ман бо ин ҷумла розӣ нестам. Табар одамро мешиканад. Дӯст бояд ҳангоми бозтоби камбудиҳо шароити мусоид бароиислоҳи ин камбудиҳоро низ фароҳам оварад. Фақат оинаҳо чунинанд. Дӯстони ошкорбаён ва ёвар. Инсонҳо камбудиро зуд ташхис медиҳанд, вале мисли оина беғараз намеистанд, то ту дар нигоҳи беғаши онҳо камбудиҳои худро ислоҳ намоӣ.

Аз тарзи ворид шудани Замира ба нақши кӯдаки ширинадо ва садоқати Замира дар адои нақш Фурӯғ пай бурд, ки Замира шахсияти шаклгирифтаи устувор надорад ва вобаста ба вазъият вориди пӯстини шахсиятҳои нав, ки дар зеҳни худ сохтааст, мешавад.

Инсон ё шахсияти собити дорои ҷилваҳои рангоранг дорад ё ҷилваҳои порокандаи шахсиятҳои ноҳамгун аст. Ҳар инсон ду роҳ дорад: сӯхта, худро месозад ё худро дар сохтани хиёлу тасвирҳои дурӯғин аз худ месӯзад. Замира шахсияти воқеии худро дар миёни ин нақшҳо гум кардааст.

Фурӯғ ба Замира бо ҳаяҷон ва таваҷҷуҳи зиёд гӯш медод. Ба Замира бо нигоҳи орӣ аз хусумат нигариста, гуфт:

– Ҳар инсон мактаб аст. Шумо фалсафаи худро доред. Бароям аз равзанаи дидгоҳи шумо ба дунё нигаристан ҷолиб менамояд.

Замира, ки як умр бар ин бовар будааст, ки одаму олам арзиши воқеии ӯро ҳанӯз нашинохтаанд, хушҳол шуд, ки тавонистааст, Фурӯғро, гарчанде мустақим аз Замира таъриф накарда буд, ба эътирофи шахсияти худ водор созад.

Яхпораҳо миёни Замира ва Фурӯғ оҳиста-оҳиста об шудан гирифтанд. Замира аз дасти Фурӯғ гирифта, ӯро ба утоқи дигар, ки дар табақаи дуввум қарор дошт, бурд. Фурӯғ дар дастгирифтанҳои беиҷоза ва саросемаи Замира парешонии ӯро медид, бинобар ин ба ҳаримшиканиҳои Замира вокуниш нишон надод.

Замира фақат ду навъи муошират бо муҳити атрофро медонад: ё дӯстӣ ё душманӣ. Таҳаммули вазъияти дигарро надорад. Бинобар ин, агар нисбат ба касе ҳисси душманӣ надорад, ҳарчи зудтар аз паси бардоштани фосилаҳо мешавад. Саросемагии Замира боиси фирори нафароне мешавад, ки Замира онҳоро хуш дорад. Замира дӯстони доим ва воқеӣ надорад, бинобар ин ногузир пайваста бо душманон ва ҳисси душманӣ даргир аст.

Фурӯғ ба Замира чизе намегуфт. Хотири Замираро бо нигоҳҳои қазоватгар мушавваш намекард. Ӯ ба тамошои саҳнасозиҳои нохудогоҳи Замира машғул гардид. Дунёи Замира барои Фурӯғ нав аст. Замира эҳсос мекард, ки диққати Фурӯғро ҷалб кардааст. Ӯ аввалин бор аст, ки дар нигоҳи мухотаби худ кунҷковии орӣ аз ҳақоратро мебинад.

Дар хонаи Бахтиёр ва Замира сутунҳо паҳновар, сақфҳо баланд ва утоқҳо барҳавоянд. Сутунҳои боҳашамат барои лаззат бурдан аз фазои умумӣ монеа мешаванд. Гӯё соҳибони хона дар пайи тасхири фазоҳои васеъ ба монеаҳои қавӣ дар вуҷуди худ рӯ ба рӯ бошанд. Монеаҳои бузург дар шакли сутунҳо, сарфи назар аз шаҳомат, лаззати дастрасӣ ба тасвири комил дар ин хонаро аз бинанда мерабоянд.

Ҳарду вориди утоқи барҳаво шуданд. Дар ин утоқ, фаршро низ барои ҷосозии либосворӣ хоначадор чида буданд. Утоқ ба мағозаҳои либос монанд аст. Мағозаи шахсии либос барои Замира. Замира бо завқ либосҳои худро мисли ин ки гӯё инсонҳои алоҳидаро ба Фурӯғ муаррифӣ мекарда бошад, як ба як ба Фурӯғ бо ҳаяҷони зиёд нишон дод:

– Ана ин либоси тӯёнаро бароям тарроҳи маъруфи либос аз кишвари Ӯзбекистон дӯхтааст. Ин либосро фақат як бор дар тӯйи хоҳари шавҳарам пӯшидаам. Маҳз ба хотири супориши ин либос ба Ӯзбекистон сафар карда будам. Ҷинси либос ҳарир аст. Саросема будам. Барои либосро дар муддати кӯтоҳ дӯхта додан, маблағи 18 ҳазор доллари амрикоӣ аз мо гирифт. Ана ин кафшҳои тамғаи «Валентино»-ро дар вақти сафари муштарак бо Бахтиёр ба Милани Италия харидорӣ кардам. Нархи кафш 2,5 ҳазор евро. Ана барои ин ҳамёни хурдакак аз ширкати маъруфи «Карте» 22 ҳазор евро додаам. Атри 800 евроӣ аз «Тисиана Теренси» ва атр аз «Клив Кристиани» 2000 евроӣ атрҳои дӯстдоштаи мананд.

Замира ғарқи тамошо додани дунёи худ шуда буд ва Фурӯғ, ки дидагони худро аз Замира намеканд, дар дунёи андешаҳои худ шино мекард. Фурӯғ, гарчанде ки Замира бо ҳаяҷони зиёд суҳбат мекунад ва эҳсосотӣ шуда, гоҳ механдад, ба маснуӣ будани дунёи Замира пай бурдааст. Замира дар афсона чунон ғӯтидааст, ки ба назар мерасад, худ низ ба афсонаи худ бовар дорад. Мағзи Замира фарқият миёни хиёл ва воқеиятро намебинад.

Даруни хонаи беруҳ Фурӯғ, гарчанде масоҳати хона васеъ, чизу чора дар хона бисёр бошад ҳам, эҳсоси дилтангӣ кард. Дунёи Замира бо чизу чора пур шудааст. Фазои хона ончунон беруҳ аст, ки пар задани пашша дар фазоро орзу мекунӣ. Чӣ боис шудааст, ки Замира аз одамон фосила гирифта, ба чизу чора дил бастааст? Фурӯғ ба суоли худ посух меҳоҳад. Муоширати бо Замира ва тамоси бевосита бо

дунёи ӯ руҳияи Фурӯғро сангин кард. Эҳсоси хастагӣ вуҷуди Фурӯғро ба дард овард. Фурсати муносиб ёфта, вориди муколамаи Замира бо худ шуда, гуфт:

– Бону Замира, агар малол набошад, бояд ба ҳоҷатхона биравам. Сипас, метавонем, дар ҷойе нишаста, суҳбат намоем.

Замира, ки ҳоло пас аз бархӯрд бо Фурӯғ, қасди тасхири Фурӯғро дошт, бо меҳрубонии зиёд, гуфт:

– Албатта, бону Фурӯғ. Бифармоед, ба ин тараф.

Фурӯғ вориди ҳоҷатхона шуд. Замира бо худ таассуф мехӯрд, ки тамоми хонаро ба Фурӯғ нишон надодааст. Фурӯғ ба ҳоҷатхона ворид шуда, дилгиртар шуд. Ҳоҷатхона ба осорхонаи бузург шабоҳат дорад. Фурӯғ эҳсос намуд, ки шукӯҳи бисёр руҳияи инсонро хаста месозад. Дасту рӯйи худро бо оби сард шуста, дар оинаи рӯ ба рӯ бо худ иқрор шуд:

– Хона ҳарчи содатар, беҳтар.

Фурӯғ дасту рӯйи худро хушк карда, ба оинаи калон дар девор назар андохта, нафаси амиқ кашида, чашмони худро пӯшида, нафасро бо эҳтиёт ором ба берун сафарбар намуд. Сипас, чашмони худро дубора кушода, ба чеҳраи худ дар оина назар карда, ба гирифтагии беш аз ҳад дар чеҳраи худ табассум намуда, рӯро ба тарафи дар кард ва аз ҳоҷатхона берун шуд.

Пиразани хидматкор пеши дар мунтазири Фурӯғ истода буд. Ба Фурӯғ салом дода, Фурӯғро ба самти утоқи пазироӣ роҳнамоӣ кард. “Замира руҳияи зиндаи пиразанро низ коҳондааст” – ба лабханди беш аз ҳад ёзида ва нигоҳи карахти пиразан чашм андохта, бо худ андешид Фурӯғ.

Баробари ворид шудан ба меҳмонхона, Фурӯғ наздик буд қарор аз даст бидиҳад ва гиря кунад. Утоқи пазиройии Замира деворҳои баланди наққошишуда ва курсиҳои васеи такягоҳдори шоҳӣ дорад. Ба яке аз ин курсиҳо Замира шоҳзодавор такя дода, бо ифтихори шоҳона мунтазири

меҳмон нишастааст. Фурӯғ бисёр сафар мекунад, аз бисёр ҷойҳо дидан намуда, бо одамони гуногун бархӯрд кардааст. Дарди Замираро мефаҳмад, вале таҳаммули фазои сангину сарди хонаи беруҳ барои дили зиндаи Фурӯғ душвор менамояд.

Акнун Замира ба Фурӯғ чунон нигоҳ мекард, ки гӯё Фурӯғ ҳоло дигар дар итоати ӯ қарор гирифтааст. Маълум аст, ки Замира аз хиёли дурӯғини худ лаззат мебарад. Фурӯғ ором вориди утоқ шуд ва оҳиста деворҳои наққошишудаи утоқи пазироиро муоина карда, ба ҷойе, ки Замира нишаста буд, наздик шуд. Замира, ки то ҳол дар дунёи хиёли худ, худро дар ҷойи шоҳ ва Фурӯғро дар ҷойи зердасти худ медид, дар ҷо боҳузур нишаста буд ва вақте ки Фурӯғ ба ӯ комилан наздик шуд, ногаҳон дубора ниқоби меҳмоннавозӣ ва хушахлоқӣ ба худ гирифта, аз ҷо ҷаста, ба Фурӯғ пешниҳоди нишастан кард.

Маҷоли табассум кардан аз Фурӯғ рафтааст. Бо чеҳраи хушк дар яке аз курсиҳои фарох нишаста, нигоҳи худро гоҳ ба чашмони ҷоҳталаби Замира ва гоҳ ба наққошиҳои девор медӯхт. Дар ин наққошиҳо тасвирҳои гуногун аз ҷанг ва пирӯзиҳои таърихиву асотирӣ таҷассум ёфтаанд. Замира таваҷҷуҳи Фурӯғ ба ин наққошиҳоро дида, гуфт:

– Барои ороиши деворҳои меҳмонхона рассом даъват карда будам. Интихоби саҳнаҳо кори ман аст. Масалан, дар ин тасвир, ки дар пушти ман қарор дорад, Темурмалик тасвир ёфтааст, ки бо киштиҳои сарпӯшидаи худ алайҳи муғулон меҷангад. Темурмалик шикаст хӯрд, вале далерӣ ва халлоқияти ӯ шоистаи ситоишанд. Дар тасвире, ки дар пушти шумо қарор дорад, Наполеон, сарлашкари фаронсавӣ наққошӣ шудааст. Дар хурдӣ қиссаи истилогариҳои Наполеонро хонда, ошиқи шахсияти ғаюри ӯ шуда будам. Дар тасвири болои сақф набарди фаришта ва шайтон дар болои гаҳвораи кӯдак тасвир шудааст. Набарди ҳамешагӣ

миёни некӣ ва бадӣ. Дар ин набард гоҳ шайтон пирӯз мешавад ва гоҳ малоика.

Фурӯғ парешониҳои аз Замира бар руҳияи ӯ ҳамлаваршударо аз худ дур кардан мехост, бинобар ин суханронии Замираро бурида, гуфт:

– Шайтон ҳамеша шикастхӯрда аст ва зӯри ӯ ба малоика намерасад. Инсон аст, ки шайтонро дар ҳар набард ба пирӯзӣ мерасонад. Тасаввури шайтони неруманд тасаввури ғалат аст. Агар шайтон неруманд мебуд ва аз раъйи ӯ чизе вобастагӣ медошт, тамоми инсонҳоро билофосила нобуд мекард, чунки ӯ душмани ашаддии инсон аст. Ягона силоҳи шайтон алайҳи инсон васваса аст. Агар васвасаи ӯро пазируфтӣ, пирӯз аст. Агар не, ноком. Агар шайтон ва неруҳои шайтонӣ дар дунё корҳои бади худро ба самар расонида метавонанд, ба хотири ҳамкории инсонҳост. Баъзеҳо шайтонро ончунон неруманд мебинанд, ки хаёл мекунанд, шайтон ҷуръати истодан дар баробари Худоро дорад. Ба ин фикр худи шайтон низ механдад. Шайтон ҳарифи инсон аст ва набарди воқеӣ миёни инсон ва шайтон аст, на миёни шайтон ва малоика.

Замира ба фикр фурӯ рафта буд. Ҳоло ӯ дар симои Фурӯғ дигар дӯстро намедид. Аз ин ки Фурӯғ фалсафаи амиқтар аз фалсафаи ӯ дорад ва ҷуръати бо итминон рад кардани ҷаҳонбинии Замираро мекунад, хашмгин шуда буд. Худхоҳӣ Замираро кӯр кард, бинобар ин барои нобовар кардани Фурӯғ ба баҳс бо заҳрханда идома дод:

– Шайтон марди бузург аст, бону Фурӯғ. Шайтонро дасти кам нагиред.

Фурӯғ табассуми худогоҳона кард ва бо нигоҳи тез ба Замира диққат шуда, худбоварона гуфт:

– Сифати бузургӣ дар фаҳмиши ман фақат зебандаи Худост, Замирабону. Шайтон маккор аст, айёр аст, вале бузург нест. Худхоҳӣ, бону Замира, аломати сустист ва шайтон, новобаста ба вусъати доноии худ, дар худхоҳиҳои

худ пешпо хурдааст ва аввалин даъвати ӯ низ ба худхоҳист. Чаро? Чунки инсон вақте худхоҳ мешавад, азамати худро аз даст медиҳад. Шайтон қудрати савор шудан рӯйи бозувони инсонҳои бузургро надорад. Инсонҳои худхоҳ худбузургбинанд, вале бузург нестанд. Ҳар касе, ки дар вуҷуди шайтон бузургӣ ва неруро мебинад, бузургии Худо ва бузургии руҳияи инсонро нашинохтааст. Шайтон нотавон аст. Аввалин олими беамал шайтон аст. Ҳеч вақт аз худ суол кардаед, ки чаро шайтон бо вуҷуди ошноӣ бо азамати Худо, гумроҳ шуд? Мегӯянд, шайтон гумроҳ шуд, вале ба назари ман шайтон аз аввал гумроҳ буд. Тухми худхоҳӣ аз аввал дар тинати ӯ буд ва Худо, ки берун аз замону макон, имрӯзу ояндаро ҳамзамон мебинад ва оқибати шайтонро медонист, ба шайтон ба хотири ибрат шудан ба дигарон ҷойгоҳ дод. Худхоҳ ҳамеша боғараз аст: дар кори хайр, дар донишомӯзӣ, дар дӯстдорӣ ва дар хидмат ба Худо. Худхоҳ бузург буда наметавонад. Худхоҳӣ мараз аст ва хушхабар ин, ки ин маразро метавон мудово намуд. Ҳарчи худогоҳӣ бештар, худхоҳӣ камтар. Агар воқеан муаммои зиндагиро фаҳмидан мехоҳед, аз худхоҳӣ ба кумаки худогоҳӣ раҳо бояд шуд. Худогоҳӣ низ оқибат ба худоогоҳӣ мебарад.

Вақти суханронии Фурӯғ Замира андому чеҳраву нигоҳи ӯро бо ҳасад муоина мекард. Итминон ва истеҳкоми андешаи Фурӯғ Замираро асабӣ сохтааст. Замира фикр мекард, ки Фурӯғро бо шукӯҳи хона ва ҷаҳонбинии худ тасхир хоҳад намуд, вале Фурӯғ барои Замира қуллаи фатҳношуданист. Барои рӯйпӯш кардани ҳасад, Замира бо ишва табассуми ғализи эътирофро рӯйпӯш карданӣ шуда, гуфт:

– Нафаронеро, ки маро ба фикр кардан во медоранд, кам во хӯрдаам. Маро ба фикр кардан во доштед, бонуи мутафаккир. Баландии парвози мурғи андешаи шумо ҳайратангез аст. Ҳоло мефаҳмам, ки чаро шавҳари ман ба мулоқоти ман бо шумо исрор дошт.

Фурӯғ ором ба Замира менигарист. Замира, гарчанде лафзӣ ба Фурӯғ офарин мехонд, таърифро мисоли силоҳ барои пароканда кардани ваҳдати вуҷудии Фурӯғ ба кор бурданист. Ӯ медонад, ки таърифу ситоиши беш аз ҳад яке аз силоҳҳои қавӣ барои торумор кардани инсонҳои қавист. Вале тирҳои Замира ба сипари қалби хештандори Фурӯғ бархӯрда, беасар мешуданд. Фурӯғ аз он нафароне нест, ки аз таърифу офарини дигарон ҳавоӣ мешаванд.

Фурӯғ нигоҳро аз Замира намеканд. Замира дигар чӣ гуфтанро намедонист. Дубора мисли лаҳзаи аввали ошноӣ бо Фурӯғ ноҳинҷор шуд. Фурӯғ нигоҳе ба соати дасти худ андохта, аз ҷо бархост ва ба Замира даст дароз карда, гуфт:

– Дар ин нуқта бо шумо бояд худоҳофизӣ кунам, бону Музаффарзода. Бобати вақти азиз, ки дар ихтиёри ман қарор додед, сипосгузорам.

Фурӯғ фазои хона ва ҳузури Замираро бештар аз ин таҳаммул карда наметавонад. Мехоҳад, ҳарчи зудтар аз ин ҷо биравад. Замира низ баҳона барои таваққуфи бештари Фурӯғ намебинад. Бинобар ин, аз ҷо бархоста, дасти беҷони худро дар дасти Фурӯғ гузошта, гуфт:

– Аз ошноӣ бо шумо хушҳол шудам, бону. Дубора ба хонаи мо биёед, сарфароз мешавем.

Пас аз мулоқоти Фурӯғ бо Замира, субҳи рӯзи баъд Бахтиёр Музаффарзода ба Фурӯғ занг зада, аз ӯ бобати мулоқот пурсид. Фурӯғ бо садои ором, вале қатъӣ гуфт:

– Ҷаноби Музаффарзода! Хулосаи мулоқот ҳамин, ки фикр мекунам, завҷаи шумо аз паси масъулияти шуҳрате, ки шумо барои ӯ сохтаниед, намебароянд. Умедворам, маро дуруст дарк кунед.

Бахтиёр, ки ҳавобаландиву кӯтаҳназарии зани худро бештар аз ҳар каси дигар медонад, ба Фурӯғ ором ва кӯтоҳ гуфт:

– Шуморо хуб фаҳмидам, бону Фарҳодӣ. Ташаккур барои рӯйрост будан. Ман аз шумо миннатдорам.

## Қисми 26

## ДОМИ ФИРЕБ

Замира аз дарди нобоварӣ ранҷ мекашад. Ӯ ба касе эътимод карда наметавонад. Ба худ низ эътимод надорад. Аз ахлоқ, аз афкор ва аз амёли худ метарсад. Мехоҳад, вале забони саркаш аз идораи ӯ хориҷ шудааст. Аввал ҳарф мезанад ё амал мекунад, баъд меандешад. Осемасарӣ, ки Замира дорад, сад дафъа бо пушаймонӣ анҷомид, вале Замира, ҳар вақт фурсат мусоид ояд, аввал заҳр мечаконад ва сипас, моҳияти аъмоли худро бозбинӣ менамояд.

Заҳри забон Замираро гӯшагир кардааст. Замира дар аввал вақте итоат аз тавсияҳои нафс карда, тасмимҳои худро дар асоси раъйи нафси худхоҳ месохт, фикр мекард, ки оқибатнигарии хуб ва ҷилави корҳоро дар даст дорад. Ҳоло бошад, ин нафс аст, ки ихтиёри Замираро батамом дар даст гирифтааст. Бону кирдори худро пешгӯйӣ карда наметавонад. Аҳволи Замира ҳар дам дигаргун аст. Ӯ зуд-зуд бе далел асабӣ мешавад. Хусумати аҷиб нисбат ба худро, гӯё бар асари гӯш надодан ба садои виҷдон, душманеро дар вуҷуди худ бузург карда бошад, эҳсос мекунад. Дар вай майли садама задан ба худ пайдо шудааст. Ногаҳон асабӣ мешавад. Худ аз вокунишҳои зиёдаравонаи худ дар тааҷҷуб аст. Гарчанде Замира ҳанӯз ҷавон аст, ҷисмро монанд ба кашидани ҷомаи вазнин,  бо машаққат водор ба анҷоми корҳои муфид мекунад. Бо ин ҳол дар як ҷо ором нишаста наметавонад ва зуд қарор аз даст медиҳад.

Вақте Замира Ҳуснигулро дар яке аз маросимҳои арӯсӣ дид, Ҳуснигул ба ӯ мисли ошнои дерин, ки ошноро пас аз фироқи тулонӣ дидааст, нигоҳ кард. Ҳуснигул ба чашмони Замира, гарчанде дар толори арӯсӣ бо фосилаи зиёд аз ҳам истода буданд, бепарда ва мустақим нигоҳ мекард, гӯё тамоми розҳои Замираро медониста бошад.

То ҳол ҳеч кас бо ин диққат ба Замира назар накардааст. Ӯ дар нигоҳи одамон мудом хунсардӣ, бетафовутӣ ва ҳатто дилзадагиро мебинад. Аксаран одамон нигоҳи худро аз нигоҳи Замира мегурезонанд, то маҷбур ба муошират бо ӯ нашаванд. Нигоҳҳо дар маҷлис аз нигоҳи Замира фирор мекунанд, вале Ҳуснигул рост ба чашмони ӯ менигарад ва бо нигоҳи худ Замираро ба муошират даъват мекунад. Ҳисси қаробати аҷиб Замираро ба назди Ҳуснигул кашонд. Замира, сарфи назар аз тарс ва эҳтиёткорӣ нисбат ба бегонагон, беихтиёр риштаи суханро ба даст гирифт:

– Росташро гӯям, маросими арӯсиро хуш надорам – чеҳраҳо бардурӯғ хушҳол, хандаҳо бардурӯғ беғашанд. Ҳамин дирӯз ҳама ғайбати ҳам мекарданд, вале имрӯз рафиқу ҳамқадаҳу масруранд. Тоқати бардошти одамони дурӯяро надорам.

Ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо Замира ҳузни ногуфтанӣ вуҷуди Ҳуснигулро фаро гирифт. Ҳуснигулро бо Ҳуснии ҷавон рӯ ба рӯ кардаанд. Гарчанде Ҳуснигул медонад, ки Замира саропо дурӯғу найранг аст, тасвири дурӯғини Замира, ба хотири монандии руҳияи Замира ба руҳияи Ҳуснӣ, барои Ҳуснигул азиз аст.

Замира худист. Ҳуснигул дар пеши рӯ Замираро не, балки худро мебинад. Бинобар ин, ба Замира бо ихлос ва эҳтиёткорӣ нигоҳ мекард. Сипас, Ҳуснигул, барои ин ки Замираро аз худ фирор надиҳад, ба танқиди Замира ҳамроҳ шуда, гуфт:

– Ман, гарчанде ширкати баргузории ҷашнҳои арӯсӣ дорам, бо шумо мувофиқам. Имрӯз бидуни ҳам мемиранд ва фардо сари пораи нон ҳамдигарро мекушанд. Медонед, чаро дар тӯю сур ҳама адои хушбахт будан мекунанд? Чунки одамон ба ҳисси дарунии худ не, балки ба назари мардум дар мавриди худ гӯш медиҳанд. Фикр мекунанд, агар битавонанд, тасвири хушбахтии худро ба дигарон бифурӯшанд, бовари дигарон замонати хушбахтии онҳо

хоҳад шуд. Бигзор. Одам ҳарчи аблаҳтар – сахитар. Барои нақшофаринии одамон дар рӯзҳои тӯй саҳна месозам ва пул кор мекунам. Аксари одамон тарзи истифода аз хосиятҳои техникии "Айфон"-ро намедонанд. "Айфон"-ро одамон бештар ба хотири эътибор мехаранд. Фикр мекунанд, агар дигаронро бовар кунонанд, ки муваффақанд, талхии шикастҳо аз комашон зудуда мешавад. Медонед, гардиши солонаи ширкатҳои тамокубарорӣ беш аз 900 миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад ва тақрибан 8 миллион нафар солона ба сабаби сигоркашӣ мемиранд. Одамон ба ихтиёри худ вориди мошини марг мешаванд, чунки фоидабарони асосӣ сигорро дар таблиғот ба унвони намоди соҳибихтиёрӣ ва балоғат ба одамон мефурӯшанд. Бигзор. Пушти ҳар рафтори ғайримантиқии одамон мантиқе ҳаст. Чунки одамон аз чорчӯбаи ақли ҳисобкор берун рафта наметавонанд, бовар дорам, ки ҳар худфиреб барои корҳои ғайримантиқии худ низ фалсафаи қонеъкунанда бофтааст. Онҳо худро мефиребанд ва мо пул кор мекунем. Тӯй ҳам барои аксари одамон мисли харидории "Айфон" воситаи нишон додани рифоҳу хушбахтист. Ба ҷойи ёдгирии маҳорати хушбахт шудан, барои рӯзҳои бад хотираи хуш месозанд. Таҳи дил медонанд, ки ҳамин як фурсат барои хушбахтиро доранд. Одамони хушбахт дар рӯзҳои хос не, балки ҳар рӯз хушбахтанд. Ман бошам, аз хурдӣ ёд гирифтаам, ки фақат ба фоидаи худ биандешам. Бовар дорам, Замирабону, ки шумо инсони зиракед ва манзури маро дуруст мефаҳмед. Дар ҷавонӣ айни шумо бонуи нуктабин будам. Сирати воқеии инсонҳоро аз зери ниқобҳояшон медидам. Сипас, бепарвои ниқобҳо шуда, тарзи пул кор кардан аз худфиребиҳои мардумро ёд гирифтам. Баргузории карнавалу маскарад даромади хуб дорад. Инсонҳои ноком барои ғӯта задан дар афсонаи хушбахтӣ пули бисёр мепардозанд. Одам ҳарчи бадбахттар – ҳамон қадар ба дилхушӣ муътодтар.

Замира дар вақти суҳбати Ҳуснигул канори Ҳуснигул истода, ба ҳарфҳои ошнои нави худ гӯш дода, ба ҳозирин нигоҳ мекард. Дар толор мардону занону кӯдакон мерақсиданд. Вақте Ҳуснигул суҳбати худро ба итмом расонд, Замира мисли ин ки гумшудаи худро пайдо карда бошад, ба Ҳуснигул баргашта, нигоҳ кард ва бо шодии кӯдакона дастро ба тарафи Ҳуснигул дароз карда, гуфт:

– Замира.

– Ҳуснигул, аз ошноӣ бо шумо шодам, – дасти Замираро бо эҳтиёткории дӯстона, барои аз худ фирор надодани Замираи тарсончак, муътадил фишурда, гуфт Ҳуснигул.

Фардо субҳи зуд шавҳари Замира ҷаласаи муҳимми корӣ дорад. Бинобар ин, Замира ва Бахтиёр толори арӯсиро зудтар аз дигарон тарк намуданд. Замира каме шароб нӯшида буд ва бо шавҳар барои ба хона рафтан муқовимат мекард. Ӯ аз дастони Бахтиёр, ки марди миёнақади лоғарандоми 46-сола аст, раҳо шуда, ба тарафи Ҳуснигул омада, рақами телефони худро дар дасти Ҳуснигул фишурда, ба тарафи мошин рафт. Шавҳари Ҳуснигул бидуни ҳарф задан бо Ҳуснигул, омада, рақами телефонро аз дасти ӯ кашида, аз паси ҳамсари худ рафт.

Кофтукоби ҷайбҳои шавҳар кори ҳаррӯзаи Замира аст, чунки ӯ ба шавҳари худ низ эътимод надорад. Аз сари рашк не, балки аз тарси аз даст додани ҷойгоҳ. Субҳ Замира рақами телефони худро дар ҷайби шавҳар пайдо карда, нороҳат шуд. Бахтиёр ҳар як қадами ӯро зери назар дорад. Замира муштоқи идомаи суҳбат бо Ҳуснигул аст, вале Бахтиёр монеи ин муошират шуд.

Вақте хатое аз Замира сар мезанад, Бахтиёр ӯро бераҳмона лату кӯб мекунад, вале талоқ намедиҳад. Деви ваҳшии шавҳари обрӯпарасти Замираро фақат ӯ мебинад ва Замира дар бедор кардани ин дев эҳсоси қаробатеро бо Бахтиёр мазза мекунад, ки ин ҳисси қаробатро бо дигарон

надорад. Воқеан шинохти одам аз одам вақте комил мешавад, ки деви ниҳон дар тинати якдигарро низ бубинӣ.

Муҳаббат дар хиёли парешони Замира ба маънои ҷудо нашудан, сарфи назар аз лату кӯб, сарфи назар аз ситеза, сарфи назар аз кинояву таҳқир аст. Ин тасвир аз ишқро Замира аз падару модар ба ирс бурд. Замира хуб медонад, ки Бахтиёр ба обрӯ дар назди мардум таваҷҷуҳ дорад. Бахтиёр, гарчанде бандаи қудрат ва пул аст, ба хотири обрӯ панҷ вақт намози худро дар масҷид мехонад. Гарчанде дунёпараст аст, азму иродаи қавӣ дорад. Ба саломатии худ эътибор медиҳад, варзиш мекунад ва аз вобастагии худ ба маводи мухаддир низ ба кумаки ирода раҳо шуд. Замира, гарчанде аз Бахтиёр ҷавонтар аст, мисли ӯ боирода нест. Бахтиёр сустиҳои Замираро ба нафъи худ медонад ва гоҳ-гоҳ ба деви бедор дар вуҷуди худ иҷозаи суистифода аз беиродагиҳои Замираро медиҳад. Ӯ ба Замира иҷозаи наздикӣ бо касе ба ҷуз хонаводаи шавҳарро надодааст, то Замираи беирода розҳои хонаводагиро ба аҷнабиён нақл накунад.

Пас аз он, ки шавҳари Замира рақами телефони Замираро аз дасти Ҳуснигул кашида гирифт, Замираи барқасдкор пайдо кардани Ҳуснигулро вазифаи ҷонии худ қарор дод. Акнун Замира ангезаи ду баробар барои пайдо кардани Ҳуснигулро ба даст овардааст.

Замира ба хонаи тӯйдор занг зада, шумораи ширкатеро, ки баргузории маросими арӯсиро ба ухда дошт, гирифт. Сипас, ба ширкат занг зад. Духтари ҷавоне, ки ба занги Замира посух дод, дар ҷавоб ба суоли ӯ оид ба Ҳуснигул, гуфт:

– Дар ширкати мо Ҳуснигул ном одам кор намекунад. Агар бо раиси ширкат суҳбат кардан мехоҳед, шуморо бо Иззатулло Сатторович пайваст мекунам.

Бо вуҷуди ин, Замира натавонист, фикри пайдо намудани Ҳуснигулро аз сар бадар кунад. Ӯ ба ҳар маросими арӯсӣ, ки Замираро ба хотири Бахтиёр даъват мекарданд,

мерафт. Ба ин умед, ки дар яке аз ин маросим Ҳуснигулро дигарбора бубинад. Ҳуснигул низ бо мусоидати Ҷаҳон ба баъзе аз ин арӯсиҳо роҳ меёфт. Билохира, дар яке аз чунин маросим Замира дубора ба Ҳуснигул бархӯрд. Бо шитоб ба тарафи Ҳуснигул рафта, бо хурсандӣ ба ӯ салом дод:

– Дуруд, бонуи камнамо. Умедворам, сариҳолед?

Замира мехост, бифаҳмад, ки оё Ҳуснигул ба ӯ дурӯғ гуфтааст ё не.

Ҳуснигул намедонист, ки Замира ба ширкати баргузории маросими арӯсиҳо занг задааст. Бо чеҳраи кушода ва самимӣ посух дод:

– Салом арз мекунам, бону Замира. Ташаккур. Шуморо дида, хуб шудам. Шумо чӣ хел?

Мурғи шубҳа дар дили Замираи нобовар лона кардааст. Ҳуснигул таҳи нигоҳи баҳогузоронаи Замира шубҳаро дид. Нигоҳи мутмаин ва сӯрохгари Ҳуснигул Замираро, ки дар ҳаваси шахсиятҳои гиро метаппад, сеҳр мекард, вале эҳтимоли ҳиллагар аз об баромадани Ҳуснигул, Замираро ба изтироб меандозад. Ҳуснигул барои Замира аз он ҷиҳат ҷозибадор аст, ки аз рӯ ба рӯ шудан бо дев дар вуҷуди инсонҳо ҳаросон намешавад. Замира хиёл мекунад, ки Ҳуснигул айни худи ӯст, фақат аз назари руҳӣ қавитар. Замира муштоқи нерумандшавист, бинобар ҳамин бо ғарази ёд гирифтани шева ва сабки Ҳуснигул ба ӯ наздик шудан мехоҳад. Ба хотири озмоиши бештари Ҳуснигул Замира суҳбатро идома дод:

– Дасти шумо дардро набинад, бону. Воқеан дар кори худ моҳиред. Толор, ба хусус саҳнаи рақсро чунон зебо оростаед, ки дили одам аз дидани назокати нигоҳи шумо нохудогоҳ ба рақс меояд.

Ҳуснигул аз суоли Замира мавзуи шубҳаро пай бурда, дар ҷавоб ба Замира табассум карда, гуфт:

– Воқеан зебост, вале мутаассифона, кори дасти ман нест. Ман имрӯз ба ин ҷо ба унвони меҳмон омадаам. Ба

хотири ширкати мудом дар рӯзҳои хурсандии мардум, ошноҳои зиёд дорам. Гоҳ-гоҳ маро ҳам ба унвони меҳмон ба тӯй даъват мекунанд, – чашмони худро ба расми тааҷҷуби ҳазломез калон кушода, сарро ба ханда ба Замира наздику дур карда, ба қаҳри нигоҳи Замира хира шуда, хандида, гуфт Ҳуснигул.

Пас аз хандаи муштарак, Ҳуснигул ба худ қиёфаи ҷиддӣ гирифта, идома дод:

– Чунин маҳфилҳо барои ошноӣ бо муштариёни нав мусоиданд.

– Яъне, бону ҳамеша дар фикри коранд? – бо кунҷковии рӯйпӯшнашуда пурсид Замира.

– На ҳамеша. Шумо, масалан, писари зангир ё духтари қадрас надоред. Вале истода, бо шумо суҳбат мекунам.

– Малоли кор шудан намехоҳам, – манзури Ҳуснигулро ғалат фаҳмида, аз кунҷковии худ пушаймон шуда, гуфт Замира.

– Не, Замира. Ин хел нагӯед. Ман аз ошноӣ бо шумо шодам. Шумо ба дигарон монанд нестед. Бонуи ҷавони соҳибназар ва босалиқа, – Замираи аз назари мардум вобастаро бо хушомад ба худ ром карданӣ шуда, гуфт Ҳуснигул.

Баъд аз шунидани таърифи ошкор аз бонуи теғнигоҳ девори шубҳа ва муқовимати Замира фурӯ рехт. Замира ҳушёриро раҳо карда, худро ба домони макри Ҳуснигул партоб намуд. Гарчанде Замира то ҳол кори Ҳуснигулро надидааст, ба ӯ гуфт:

– Кори шумо барои ман ҳам ҷолиб аст. Шавҳари ман хонаводаи калон дорад ва мо бо баҳонаҳои гуногун маросим зиёд баргузор мекунем. Фикр кунед, ки муштарии нав барои имрӯзро аллакай ба тӯр андохтаед. Агар иҷоза бошад, баргаи шиносоии ширкататонро ба ман тақдим мекардед, то дар сурати зарурат бо шумо дар тамос мешудам.

Ҳуснигул, гарчанде ки ба зоҳир мутмаин ба назар мерасид, дарунӣ ба таҳлука афтод. Замираи ҷавон гурги борондидаро ғофилгир кард. Агар Ҳуснигул посухи муносиб наёбад, афсонае, ки якҷо бо Ҷаҳон сохтаанд, фурӯ мепошад.

Ҳуснигул лабханд зада, телефонро аз ҷайби ҷузвдони хурдакак бароварда, ба Замира гуфт:

– Шумо аз дигар муштариён фарқ мекунед. Чунон ошно менамоед, ки гӯё шуморо дер боз мешиносам. Барои ошноён шумораи шахсиамро медиҳам.

Ҳуснигул ба таҳи нигоҳи Замира бо мақсади хондани афкори Замира нигоҳ андохта, идома дод:

– Агар шумораи тамоси худро ба ман гӯед, ҳамин ҳоло занг мезанам, то шумораи маро дар гӯшии худ захира намоед.

Замира ба Ҳуснигул бо нигоҳи шикофанда менигарист. Изтироб ба вуҷуди Замира бо неруи ду баробар баргашт.

Баъд аз якчанд сония Замира ба худ омада, сохтакорона лабханд зада, телефонро аз даруни ҳамёни ҳамранг бо пойафзолҳои худ – сурхи барроқ, ки дар даст дошт, баровард ва шумораи худро ба Ҳуснигул гуфт.

Пас аз гирифтани шумораи тамоси Замира, Ҳуснигул бо баҳонае маросими арӯсиро гузошта, рафт.

Замира низ пас аз рафтани Ҳуснигул, билофосила толорро тарк намуд. Имрӯз ӯ нанӯшид. Фикри Замира ба Ҳуснигул ва эҳсоси дугонае, ки ӯ нисбат ба Ҳуснигул пайдо карда буд, банд шудааст. Ғӯтавар дар фикр бо мошини шахсӣ ба хона баргашт.

Замира чанд ҳафта ба Ҳуснигул наандешид ё агар меандешид, неруи қавӣ пеши занг задани ӯ ба Ҳуснигулро мегирифт. Ҳуснигул низ ба ӯ занг назад.

Ҳуснигул шубҳаи Замираро баҳона қарор дода, дигар ба маҳфилҳои арӯсӣ намерафт. Ҷаҳон хонаи худро ба Ҳуснигул дода, ба хонаи бобо кӯч карда, хароҷоти зиндагии

Ҳуснигулро пардохт мекард. Ҳуснигул дубора дар ҳасрати ҷавониҳои худ афтодааст. Ба Ҷаҳон ба унвони ҳамёни бетаҳ менигарад. Рӯзҳои худро дар ороишгоҳҳову осоишгоҳҳо мегузаронад. Виқоре, ки Ҳуснигул ҳангоми оворагардӣ алайҳи дасти болои дигарон сипар мекард, бедарак ва беасар шудааст. Дубора Ҳуснигули ҳисобкор, ки Ҷаҳон ва ҷаҳонбаринҳоро шоистаи истифода медонад, ба майдон омадааст. Ӯ қасд дорад, ки шуҳрати пешинро ба худ баргардонад. Албатта, аз ҳисоби Ҷаҳон ва содалавҳиҳои ӯ. Замира оина аст ва Ҳуснигул шавқи мудом назар андохтан ба оина ва ҳасрат хӯрданро надорад.

Бегоҳи ҳамон рӯз Ҳуснигул ба хона омада, ба Ҷаҳон занг зада, бобати нокомии худ гузориш дода, Ҷаҳонро ба хотири нақшаи ноқис маломат карда, бо виҷдони сабук ба рӯзмарраи худ баргашт...

## Қисми 27

## ПОСУХИ СУОЛҲО

Фурӯғ ҳуҷҷатҳои худро ба созмони байналмилалие, ки барои таҳсил дар Амрико сармоягузорӣ пешниҳод мекунад, супорида, ба осонӣ соҳиби роҳхат ба Амрико шуд. Рӯзи қабл аз сафар Фурӯғ барои худоҳофизӣ ба «Шабехун» омад. Ҷаҳон он рӯз дар идора набуд. Ҳуринисо хабари аз Тоҷикистон рафтани Фурӯғро шунида, бо киноя аз Фурӯғ пурсид:

– Аз пушти як мулоимхунук ҳамаро раҳо мекунӣ?

– Ҷаҳон танҳо сабаб нест, Ҳуринисо. Ман дар ин ҷо дигаргуниҳои ҷиддиро намебинам. Аз даргир шудан бо

мушкилоти такрорӣ хаста шудам. Ҳама шикоят мекунанд, вале ҳеч кас ба худ барои эҷоди тағйирот фишор намеоварад. Вақтҳои охир ҳама чизро ба дил наздик мегирам. Ба хотири саломатии руҳии худ бояд фосила бигирам. Агар ин грант ба ман фурсати бо худ гирифтани бибиамро намедод, намерафтам, вале барои таҳсили ман дар Амрико шароити хуб пешниҳод мекунанд. Равоншинос шуда, ба наздат бармегардам, Ҳуриҷон. Вақт зуд мегузарад.

– Амрико роҳ нест, азизам. Ту аз мушкилот мегурезӣ, – эътироз карда, гуфт Ҳуринисо.

– Касеро бо зӯрӣ ба биҳишт бурда намешавад, Ҳуриҷон. Ҳар мушкил роҳи ҳал дорад, вале вақте одам исрор ба нодонӣ мекунад, мушкил ба дарди бедаво мубаддал мешавад. Ба назари ман Амрико барои ман беҳтарин бурунрафт аст, – ба нуқтаи номаълум хира шуда, ором ба забон овард Фурӯғ.

Бачаҳои идора ҳама бо Фурӯғ худоҳофизӣ карданд. Фурӯғ ба умеди дидори охирин бо Ҷаҳон каме дар идора мунтазири омадани ӯ нишаст. Ҷаҳон наомад ва Фурӯғ навмед шуда, рафт.

Имрӯзҳо Ҷаҳон бо Ҳуснигул ва супоришҳои ӯ даргир аст. Ҷаҳон барои Ҳуснигул моҳии тилоӣ шудааст. Ӯ бепарвои Замира, Ҷаҳонро бо ваъдаҳои наздик шудан ба Замира ба анҷоми дархостҳои худ водор месозад.

Некрӯз бегоҳ аз Шабехун баромада, ба Ҷаҳон занг зад:

– Салом, Некрӯз. Чӣ гап? – бо камҳавсалагӣ пурсид Ҷаҳон.

– Фурӯғ фардо ба Амрико меравад. Хабар дорӣ? – бидуни посух додан ба саломи Ҷаҳон пурсид Некрӯз.

Ҷаҳон, мисли ин ки ӯро барқ гирифта бошад, дар ҷо карахт шуд. Эҳсос намуд, ки қалби ӯро аз реша канда истодаанд. Сарфи назар аз ин ки Ҷаҳон Фурӯғро барои худ мамнуъ эълон намудааст, табу тоб дар дили худро ором

карда натавонист. Бо ин ҳол Ҷаҳон ҳанӯз машғули хондани дафтари холии муҳаббати Замира аст.

Ҷаҳон беқарориҳои қалби худро базӯр пахш намуда, бо оромии бо машаққат ҳосилгардида гуфт:

– Некрӯзҷон, ба ту дурӯғ намегӯям. Фурӯғ орзуи ҳар ҷавонмарди болиғ аст. Ман бошам, ҳанӯз ҳам бачаи хоми ҳавасбозам. Фурӯғ барои зиндагист ва ман ҳанӯз аз дунёи хиёл берун наомадаам. Фурӯғро ҳайф намекунам. Бигзор, биравад. Меёбад. Беҳтар аз манро меёбад.

Некрӯз дар канори ҷода истода, ором ба ҳарфҳои Ҷаҳон гӯш дода, ба рафту омади мошинҳо нигоҳ мекард. Дар фикр фурӯ рафта буд. Қатъ шудани телефон Некрӯзро ба худ овард. Ӯ телефонро дар ҷайби худ гузошта, ба хона рафт.

Вақте Некрӯз занг зад, Ҷаҳон бастаи маҳсулоти ғизоӣ дар даст ҷониби хонаи Ҳуснигул равон буд. Бастаи хӯрокиро бурда, аз пушти дар ба Ҳуснигул дода, чизе нагуфта, аз сохтмони баландошёна поин фаромад.

Ҷаҳонро мегӯйӣ бо зарба аз хоб бедор карда бошанд. Ба ақлонияти рафторҳои худ шак кард. Ҳуснигул дар назари Ҷаҳон ҳарис ва нобакор намуд. Ӯ дурӯғ дар нигоҳи гуруснаи Ҳуснигулро акнун мебинад. Ба ҳоли худ афсус хӯрд. Бобати содагӣ худро маломат мекунад. Агар захмҳои Ҷаҳон ба қимати аз даст рафтани Фурӯғ дармон шаванд, розӣ нест. Афсус мехӯрад, ки эҳсоси Фурӯғро то ин дам нодида гирифтааст. Фурӯғ меравад ва Ҷаҳон акнун умқи дардҳои Фурӯғро дар худ эҳсос намуд. Хотираҳои Фурӯғ яке паси дигарӣ аз пеши назари Ҷаҳон убур карданд. Ҷаҳон соатҳоро метавонист, дар шавқи мушоҳидаи ҳузуру шӯхиву нозу якравиҳои Фурӯғ бигузаронад, вале ба Фурӯғ баҳона барои самимияти ошиқона намедод. Ҷаҳон дандон ба дандон фишурда, нигоҳро аз нигоҳи Ҳуснигул гурезонда, хашмро фурӯ нишонда, рафт. Ӯ бо худ қаҳрӣ аст. Вақте рӯйи худро аз Ҳуснигул баргардонид, ашк дар чашмони Ҷаҳон ҳалқа зад. Ҳангоми аз пиллаҳо ба шаст поин омадан ду қатра ашк

шитобон аз чашмони Ҷаҳон ҷорӣ гардид. Қатраҳои ашкро аз гунаҳои худ зуд тоза карда, бо дидагони тар, дар зери осмони шомгоҳии Душанбе ба атроф нигариста, ҷӯёи ҳамдард шуд. Кӯчаи беодам умеди тасаллӣ дар дили Ҷаҳонро кушт. Рӯйи хараки назди бино бо эҳтиёт фуруд омада, сурати худро бо ду даст пӯшонид. Каме ором гирифта, баъд бо кафи ду даст гӯшҳои худро, ки аз шиддати асабоният садо медоданд, фишор дода, пасон барои ором гирифтан, гардани худро молиш медодагӣ шуд. Пас аз чанд дақиқа Ҷаҳон сари худро бардошта, бо чашмони лолагун ба атроф нигоҳ андохт. Зани ҳамсоя бо шитоб ба Ҷаҳон наздик мешуд. Ҷаҳон чашмони худро молида, сару вазъи худро ба тартиб медаровард, ки садои ҳамсоязан баланд шуд:

– Салом, Ҷаҳонпаҳлавон. Як масъаларо бо ту дар миён гузоштан мехостам. Бонуе, ки дар хонаи худ маскун намудаӣ, одоби ҳамсоядориро намедонад. Шаб, вақте бачаҳо барои пагоҳ ба дарс дер намондан барвақт хоб карданӣ мешаванд, мусиқиро баланд карда, ба даркӯбиҳои мо иноят намекунад. Лутфан, бо ӯ ҳарф бизан. Мо аз ин аҳвол хаста шудем. Фақат ба хотири ту ба милитсия муроҷиат накардем, вале сабру таҳаммули мо низ ҳад дорад.

Ҷаҳон аз ҳамсоязан узрхоҳӣ карда, дубора ба фикр фурӯ рафт. Ӯ худро фариштаи наҷот фарз карда буд, вале бо ҷобаҷо кардани Ҳуснигул аз ҷойгоҳи воқеии ӯ, зиндагии чандин нафари дигарро баноҳақ бесарусомон кардааст.

Пас аз ин, ки Фурӯғ ба Амрико рафт, Ҷаҳон маҷбур ба эътироф шуд, ки ба кумак эҳтиёҷ дорад. Ҷаҳон ранҷҳоеро, ки аз пушти Замира кашидааст, ба касе нақл накард. Вақте ки пас аз лату кӯби хидматкорони Бахтиёр Ҷаҳон дар бемористон ба ҳуш омада буд, модари ӯ – бону Давлатбӣ барои аввалин бор Ҷаҳонро бозпурсӣ кард:

– Бачаҷон, кӣ туро ба ин ҳол расонд? Замира кист?

Ҷаҳон медонист, ки агар асли воқеаро ба модар, ки зани бениҳоят адолатхоҳ аст, нақл кунад, дар оташе, ки

аланга мегирад, чандин тараф месӯзад. Ба ҷойи посух додан ба суоли модар ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, Ҷаҳон дасти модарро ба рӯйи худ гузошта, банди дастони ӯро дар миёнаи бозуву гардани худ фишурда, ба чашмони модар бо чашмони варамкардаи худ базӯр нигариста, гуфт:

– Модарҷон, шуморо зиёд азият кардам. Худам гунаҳкорам. Лутфан, чизеро аз ман напурсед. Ваъда медиҳам, ки дигар на худ ва на шуморо дар ин шароит намегузорам.

Ҷаҳон, гарчанде аз падару модар носазо нашунидааст, рози худро ба онҳо нагуфт. Розҳо фосила эҷод мекунанд. Розҳои Замира Ҷаҳонро оқибат ба ҷазираи тасхирнашаванда табдил дод. Ҷаҳон рози худро ба Фурӯғ низ гуфта натавонист. Фурӯғ бошад, умеди сохтани пулҳои иртиботӣ бо Ҷаҳони пинҳонкорро аз даст дода, рафт.

Ҷаҳон тасмим гирифт, ки барои холӣ кардани дил ва гирифтани машварат, ба назди равоншинос биравад. Ба идораи яке аз равоншиносони маъруфи шаҳр занг зада, вақти мулоқот хост.

Нигина Шамсуллозода – равоншиноси ботаҷриба, ки дар чандин клиникаҳои байналмилалӣ кору фаъолият кардааст, 5 сол қабл дар синни 50-солагӣ ба Тоҷикистон баргашта, дар Душанбе дафтари қабули муштариёнро боз кард. Нигина Шамсуллозода, равоншиноси забардаст ва суханвари варзида бо чандин баромадҳои худ дар барномаҳои телевизионӣ дар муддати кӯтоҳ муҳаббати мардумро ба даст овард. Муаллифи ислоҳоти низоми таълимоти томактабии Вазорати маориф Шамсуллозода аст. Дар донишгоҳ дарс ва дар дафтари худ ба ширкатҳо, сиёсатмадорон ва муштариёни алоҳида машваратҳои тахассусӣ медиҳад.

Ҷаҳон вориди қабулгоҳ шуд. Муншии Нигина Шамсуллозода, бонуи 30-35-солаи хушмуомила пас аз суолу ҷавоби кӯтоҳ бо Ҷаҳонпаҳлавон қайдҳои лозимро дар компютер анҷом дода, Ҷаҳонро бо ишораи даст барои

нишастан ба яке аз курсиҳо дар утоқи пазирои роҳнамоӣ кард. Пас аз даҳ дақиқа, муншӣ аз ҷо бархоста, ба даре, ки дар тарафи дасти рости Ҷаҳон ҷойгир шуда буд, ишора карда, гуфт:

– Бифармоед, ҷаноби Сардорхонзода. Бону равоншинос мунтазири шумоянд.

Ҷаҳон вориди утоқ шуд. Нигина Шамсуллозода ба расми эҳтиром аз ҷо бархоста, Ҷаҳонро бо табассум истиқбол намуд.

– Салом, ҷаноби Сардорхонзода. Лутфан, бишинед – гуфта, ба сандалии роҳату нарм, ки дар миёнаи утоқ қарор гирифта буд, ишора карда, худ низ аз паси мизи корӣ баромада, омада, дар сандалии рӯ ба рӯйи Ҷаҳон нишаст.

Ҷаҳон қабл аз ин ки тасмими омадан ба назди равоншиносро бигирад, талош кард, ки худ хотираҳоро зеру рӯ карда, ба натиҷа бирасад. Хотираҳои Замира дар зеҳни Ҷаҳон пароканда сабт шудаанд. Ӯ хотираҳои Замираро беғараз таҳлил карда наметавонад, бинобар ин барои посух ёфтан ба суолҳои худ ба назди равоншинос омад. Ҷаҳон пас аз чанд сония табодули нигоҳҳои маънодор бо бону равоншинос ва эҷоди фазои бовар шуруъ ба суҳбат кард:

– Бону Шамсуллозода, ин ҷо барои ҳалли муаммоҳои шахсӣ омадам. Якчанд сол пеш, вақте ҳанӯз донишҷӯ будам, ба амри тасодуф бо духтари ҷавоне ошно шудам. Ӯ аз ман як сол хурдтар аст. Замира марди калонсолтар ва пулдортар аз манро авлотар диниста, риштаи ҳаёти худро бо ӯ пайванд намуд. Кори чандин сол пеш аст, вале намедонам, аз чӣ бошад, ман ҳанӯз ҳам дар он нуқтаи зиндагии худ дармондаам. Худро дар бастани пайвандҳои дӯстона ноқобил мебинам. Ба ҳеч кас то охир эътимод карда наметавонам. Вақте духтари шоиста ба ман наздиктар шавад, ҳаросон мешавам. Далелашро намедонам, вале ба сурати нохудогоҳ пайвандҳоеро, ки оромиши дарунии маро бештар месозанд, ба ҳам мезанам. Замира маро бисёр дард додааст, вале эҳсос

мекунам, агар тасвири ӯро дар қалби худ хатхатӣ кунам, ба бовари ӯ хиёнат кардаам. Хотироти Замира маро хушнуд намесозанд, вале ҳар куҷо меравам, ӯро бо худ мебарам.

Бону равоншинос ба Ҷаҳон бо диққат гӯш медод ва тағйирот дар чеҳраи Ҷаҳонро ҳангоми суҳбат таҳлил намуда, афкори худро дар дафтарчаи дар даст қарордошта ёддошт мекард. Ҷаҳон саргузашти худ ва Замираро аз аввал то охир ба бонуи равоншинос нақл кард.

– Шумо гуфтед, ки Замира ду чеҳра дошт, яке чеҳраи меҳрубон ва дигар чеҳраи хунсард. Ҳамин тавр?

– Бале. Гоҳ чунон самимӣ менамуд, фикр мекардам, касе аз ман ба ӯ наздиктар нест. Гоҳ чунон нисбати ман хунсард мешуд, фикр мекардам, ки миёни ману ӯ фосила чунон зиёд гаштааст, ки фарёди маро ҳам намешунавад.

– Ду рӯ дошт, яъне Замира дурӯя буд? – суоли чолишгарона дода, ба чеҳра ва вокунишҳои Ҷаҳон хира шуда, пурсид бону.

– Ҳеч вақт ба худ иҷоза надодам, ки фикри бад дар мавриди Замира кунам. Замира дар муҳити номусоиди хонаводагӣ бузург шудааст. Падару модар ба ӯ муҳаббат накардаанд. Фикр мекунам, хунсардӣ рӯйи дуввум не, балки ниқоби Замира барои дифоъ аз худ буд.

– Магар ту ба Замира зарба мезадӣ, ки маҷбур ба кашидани ниқоби дифоӣ ба рӯйи худ бишавад?

– Не! Албатта, не. Аз таҳи дил мехостам ба Замира кумак кунам. Намедонам, чаро бо ман ин корро мекард. Шояд ба ман низ то охир эътимод карда натавонист?

– Яъне, шумо исрор доред, ки Замира дурӯ набуд?

– Бале, – бо исрор сари худро ба тарафи пеш такон дода, гуфт Ҷаҳон.

– Замира интихоби худро ба шумо чӣ гуна шарҳ дод?

– Вақте хидматкорони Бахтиёр маро дар пеши чашми Замира лату кӯб карданд, Замира худро дар назди Бахтиёр бетафовут вонамуд мекард, вале пасон дар бемористон нома

фиристода, аз ман узрхоҳӣ кард. Гуфт, ки ӯро ба издивоҷ бо Бахтиёр маҷбур кардаанд ва аз ман хост, ки ӯро фаромӯш кунам.

– Баъд аз ин дубора бо Замира тамос доштед?

– Як нома нависта будам. Посух надод, аз дур наззора мекардам, вале бо ӯ вонахӯрдам.

– Чаро?

– Ба ман гуфта буд, ки дунболагири ӯ шудани ман ҷони ӯро ба хатар меандозад.

– Магар Бахтиёрро худи Замира пайдо накарда буд? Магар ошноии ҳарду кори ихтиёр набуд?

– Замира ин вазъиятро ба ман чунин шарҳ дод, ки фазои хона ӯро чунон дилгир карда буд, ки он замон ба хотири наҷот ёфтан аз зулми падару модар омодагии издивоҷ бо ҳар мардро дошт. Сипас, ба қавли Замира, вақте ӯ маро шинохт, пушаймон шуд, вале дер шуда буд. Ба ман мегуфт, ки Бахтиёрро дӯст намедорад ва Бахтиёр ӯро водор ба мулоқот мекунад.

– Ба назар мерасад, шумо духтареро, ки то ҳол фаромӯш карда натавонистед, намешиносед.

– Чаро?

– Агар Замираро воқеан мешиносед, чаро суолҳои беҷавоб зиёд доред? Фикр намекунед, ошиқи як духтари мавҷуднабуда шудаед?

– Намедонам. Замира мисли шабаҳ буд. Ҳарчи ба ӯ наздиктар шудан мехостам, дуртар мегардид. Фикр мекардам, агар ба ман эътимод кунад, ӯро аз ботлоқ берун хоҳам овард. Оқибат на ӯро наҷот дода тавонистам, на худам аз он ҷо берун омадам.

– Суоли асосӣ ин аст, ки оё Замира воқеан аз ботлоқ берун омадан мехост ё не?

– Ман шоҳиди шевани ҷонкоҳи Замира будам. Бовар дорам, ки мехост.

– Фикр мекунед, ки одамон фақат вақте гиря мекунанд, ки чизеро намехоҳанд? Инсон вақти шодӣ низ ашк мерезад. Барои баъзеҳо нола яке аз роҳҳои дамидани руҳ бар ҷисми мурдаи худ аст. Гиря мекунанд, то барои чанд лаҳза худро зинда эҳсос кунанд. Баъзеҳо дар нақшҳои гуногун даромада, нақши асосии худро фаромӯш мекунанд. Ҳунарманди воқеӣ бе далел, вале гиро навҳа мекунад. Гиряҳои Замира сабабҳои гуногун дошта метавонанд. Ҳеч аз ин зовия ба масъала нигаристаед?

– Намедонам. Ман ба ӯ бовар мекардам.

– Шумо ҷавони 19-сола будед, ҷаноби Сардорхонзода. Боварии ҷавони бетаҷриба низ ҳуҷҷати садоқати Замира буда наметавонад.

– Намедонам. Шояд ҳақ ба ҷониби шумост, бону – бо таассуф нафаси амиқ кашида, гуфт Ҷаҳон.

– Бубинед, ҷаноби Сардорхонзода. Ботлоқ барои шумо муҳити барои зиндагӣ номусоид менамояд, вале барои қурбоққа айни муддаост. Ҳеч ба ин фикр накардаед, ки Замира ба муҳите, ки дар он зиндагӣ мекард, хӯ гирифта буд?

– Ба ман чандин бор занг зада, гиря карда, хоҳиш кард, ки омада, ӯро аз хонаи падару модар наҷот бидиҳам.

– Баъд чӣ шуд?

– Ҳар бор омадам, вале ҳар бор лаҳзаи охир аз раъйи худ бармегашт.

– Чӣ мегуфт?

– Мегуфт, ки метарсад, ки омада, маро мекушанд. Мегуфт, ки Бахтиёр ва падару модар ӯро ором нахоҳанд гузошт.

– Шумо чӣ? Тарс доштед?

– Не. Ба хотири раҳоии Замира аз он вазъият омода будам, ки ҷони худро аз даст бидиҳам.

– Замира медонист?

– Медонист. Ба ман мегуфт, ки мурдани ман дардеро даво намекунад. Мегуфт, ки бояд падару модари ӯ бимиранд, то ӯ таъми осоишро бичашад.

– Замира марги падару модари худро мехост?

– Бале. Вақте ӯро насиҳат мекардам, ки марги одам роҳи ҳалли мушкилот буда наметавонад, дубора бо ман хунсард мешуд. Чанд ҳафта ба мулоқот намеомад. Ба хотири Замира омодаи мурдан будам, вале омодаи куштан не.

– Яъне Замира мехост, шуморо мойил ба куштори падару модари худ созад?

– Намедонам. Шояд. Бо итминон гуфта наметавонам.

– Агар бигӯям, ки Замира шуморо дӯст намедошт, балки ба шумо ҳасад мебурд. Бовар мекунед?

– Магар одам таҳаммули инсонҳои барояш нохушояндро дорад, бону Шамсуллозода? Агар Замира ба ман ҳасодат дошт, чаро ба мулоқот меомад, чаро ҳузури маро дар канори худ таҳаммул мекард?

– Чунки духтар дар ин кор маҳорат дошт. Магар Замира нисбати падару модари худ нафрат надорад? Бо онҳо зиндагӣ мекард-ку?

– Дарк кардани ин мавзуъ бароям душвор аст.

– Ҷаноби Сардорхонзода шумо кӯдак нестед. Вақти он аст, ки бо воқеияти одамон, ҳамон тавр, ки ҳастанд, рӯ ба рӯ шавед. Агар ба балоғати маънавӣ расидан мехоҳед, ҳаргиз сиёҳро ҳатто ба хотири азизон сафед нахонед. Шумо ниятҳои пинҳони Замираро намедонед. Магар писари ҷавони бадинадида қобилияти ташхиси макри духтари ҷавони хубинадидаро дорад?

Ҷаҳон ором ба ҳарфҳои Нигина Шамсуллозода гӯш дода, дар ҷавоб чизе намегуфт.

Бону равоншинос аз Ҷаҳон пурсид:

– Дили шумо ба Замира месӯзад?

– Месӯхт. Ҳанӯз ҳам месӯзад. Гоҳ-гоҳ Замираро дар хоб мебинам. Бо сару вазъи жӯлида ва аҳволи парешон ба

хобам меояд. Ба ман иҷозаи наздик шудан ба худро намедиҳад. Аз дасти ман дилгир метобад. Ҳар бор ӯро наҷот доданӣ мешавам, ё аз баландии сохтмон ё аз баландии кӯҳ ба замин ё ба қаъри обҳои пурталотум сарозер мешавад.

– Замира тарс ва нигаронӣ бобати худро дар вуҷуди шумо ҷо кардааст. Ашхоси худшефта бо ҳамин роҳ одамонро ба худ вобаста мекунанд. Ӯ ба шумо ҷанбаҳои торики зиндагии худро барқасд нишон медод, вале бо шарҳу эзоҳи барои Замира мусоид. Аз зиндагии Замира чизеро медидед, ки ӯ мехост, бубинед. Шумо Замираро дӯст намедоред. Эҳсоси масъулият нисбат ба Замира аст, ки шуморо аз баҳри ӯ гузаштан намемонад. Қурбоққа дар муҳити барои худ мусоид қарор дорад ва ин шумоед, ки ба кумак эҳтиёҷ доред. Бо таваҷҷуҳ ба гузашта ва таърихи хонаводагие, ки Замира доштааст, бо таваҷҷуҳ ба рафторе, ки нисбат ба шумо дошт, тахмин мезанам, ки Замира шахсияти худшефта ва эътимодбанафси заиф доштааст. Чунин духтарон қобилияти дӯст доштан ё ба як нафар вафодор монданро надоранд. Ду чеҳра не, чандин чеҳра доранд, чунки аз чеҳраи воқеии худ гурезонанд. Падару модар шуморо бомасъулият бор овардаанд, ҷаноби Сардорхонзода. Медонед, ки одамони зирак аз ҳисси масъулияти шумо суистифода мекунанд? Шумоончунон хубед, ки фикр мекунед, бадон, агар маззаи хубиро бичашанд, ҳатман хуб мешаванд. Вале тасмимгирӣ ба ин содагиҳо нест. Одамон, агарчи муҳит носозгор бошад ҳам, омода нестанд, муҳитеро, ки ба он одат кардаанд, тағйир бидиҳанд. Замира ҳеч гоҳ ба дунболи тағйири муҳит набуд. Барои бозӣ додани шумо гоҳ бонги наҷот сар медод, вале ӯ наҷот ёфтан намехост. Шумо магар омода набудед, ҷони худро нисори Замира кунед? Пас, Замира интихоб дошт. Метавонист, ки шуморо интихоб кунад. Вале ӯ нафареро интихоб кард, ки муҳити ӯро мефаҳмад ва ба Замира иҷоза медиҳад, ки қурбоққа бимонад. Шумо Замираро дигаргун медидед. Шумо ба Замира зиндагии нав пешниҳод мекардед.

Вале зиндагии нав ҷуръат мехоҳад. Одамон одатан шароити беҳтарро не, балки шароити ошноро интихоб мекунанд.

Ҷаҳон дар дарёи андешаҳои амиқ ғарқ шуд. Бону якчанд дақиқа сукут кард, то Ҷаҳон афкори худро дар зеҳн ҷо ба ҷо созад. Пас аз берун омадани Ҷаҳон аз аъмоқи афкори мушавваш Нигина Шамсуллозода ба суҳбати худ идома дод:

– Чаро фикр мекунед, ки ҳамаи бонувон қобил ба муҳаббатанд? Агар беҳтарин марди замин ҳам бошед, агар зан қадри муҳаббат намедонад, барои ӯ андозаи тини пӯчак арзиш нахоҳед дошт. Исрор ба хуб шудани одамоне, ки хубиро ҳақорат мешуморанд, худхоҳист. Раҳо накардани онҳое, ки худ майли рафтан доранд, худхоҳист. Аз қиссаи маъмулӣ ҳамоса сохтан худхоҳист. Худхоҳист, ки захмҳоро амиқтар ва дармонро номумкин мегардонад, ҷаноби Сардорхонзода. Ман аз шумо узр мехоҳам, вале Замира ишқи шумо не, балки таҷассуми худхоҳиҳои шумост. Аз худхоҳӣ раҳо шавед, тасвири Замира дар зеҳни шумо беранг хоҳад шуд.

Ҷаҳон чизе нагуфта, ба суханронии бонуи равоншинос гӯш медод.

Нигина Шамсуллозода ба соат нигоҳ андохта, охирин тавсияҳои худ ба Ҷаҳонро ба забон овард:

– Ба шумо тавсия медиҳам, як бори дигар бо Замира вохӯред. Шумо солҳои умри худро дар хиёли духтаре гузарондаед, ки вуҷуд надорад. Бовар дорам, як бор бо Замира рӯ ба рӯ шавед, ба нодонии худ иқрор хоҳед кард. Як сабаби дигари тулонӣ шудани мавзуи Замира – намехоҳед, бипазиред, ки шумо тавони таъсиргузорӣ ба ҳама одамонро надоред. Фикр мекунед, ки барои ҳар кас дӯстдоштанӣ буда метавонед, вале ин тавр нест. Одамон салиқаҳои гуногун доранд. Нафаре, ки ба хӯрдани кирм одат кардааст, ба эҳтимоли зиёд аз хӯрдани ғизои хуб дилбеҳузур мешавад. Дунё даври шумо намечархад, ҷаноби Сардорхонзода ва

шумо Худо нестед, ки масъулияти наҷоти дигарон бар дӯш бигиред.

Вақти мулоқот тамом шуд. Гарчанде афкори Ҷаҳон сангинтар шудаанд, бори вазнин аз дӯши Ҷаҳон афтодааст. Сари худро нишони эҳтиром назди бону равоншинос ва сипас назди муншӣ поин оварда, бо онҳо худоҳофизӣ карда, аз дафтари равоншинос баромада рафт.

## Қисми 28

## АДОИ ҚАРЗ

Як рӯз Замира дар телефони Бахтиёр паёмҳои ошиқонаи шавҳари худ бо духтари навҷавонеро хонда, ба таҳлука афтод. Замира, новобаста ба ин ки ҳусни дилкаш дорад, дигар навча нест. Аз он ҷо ки ӯ аз худ норозӣ ва пайваста эҳсоси камбуд мекунад, худро ҳар замон бо духтарони ҷавонтар муқоиса намуда, ноҳинҷор мешавад.

Замира шавҳари худро хуб мешиносад. Бахтиёр дӯстдори духтарони содалавҳи бетаҷриба аст ва Замира кайҳо ҳадди синну соли мавриди назарро убур кардааст. Бахтиёр аз Замира ба унвони рӯбанд барои чеҳраи ҳавасбози худ истифода менамояд. Замира, ки то ҳол ба Бахтиёр ҳазор баҳона барои ҷудо шудан додааст, худро дигар дар ҳифзи эътибори Бахтиёр масъул намедонад, барқасд ба обрӯйи шавҳар латма мезанад, вале Бахтиёр аз Замира ҷудо намешавад.

Замира дар хонаи шавҳар тақрибан ба асбоби ороиш табдил ёфтааст. Пас аз марги падари Замира модари ӯ дар синну соли пирӣ ба муҳоҷирати корӣ рафта, дар хонаи кадом турк хидматкор шуд. Бахтиёр аз модари Замира ҳимояти

молӣ намекард, то сарбори ӯ ва насиҳатгари духтари худ нашавад.

Дар хонаи бошукӯҳи худ Замира аз дарди бекасӣ ранҷ мекашад. Ӯ Бахтиёрро дӯст намедорад, нисбати ӯ рашк ҳам надорад. Маъшуқабозиҳои Бахтиёр ба хотири зиёдшавии эҳтимоли сарозер шудани Замира аз маснади қудрату эътибор ӯро ба ваҳшат меоваранд.

Торикӣ афкори Замираро фаро гирифт. Аз шиддати тарсу воҳима Замира, гарчанде хонаро ба сари Бахтиёр чаппа кардан мехост, медонист, ки ҷангу ҷидол бо шавҳар боиси суқути ҳарчи зудтари худи ӯ хоҳад шуд. Фиғони ҷонкоҳ ва гӯшхароши Замира, ки дар фазои хонаи сақфбаланд печид, ҷиғи гурбаеро ба хотир меоварад, ки зери девор мондааст. Нигаҳбонони дами дар ба беруншавии фарёди ваҳшат аз дохили хона иноят намекунанд, чунки солҳои охир зани раис мудом фарёд мекашад ва касе иҷозаи ҳолпурсӣ аз ӯро надорад. Дили беамони Замира даруни чордевори сарду беруҳ, ки Замира барои худ сохтааст, тасалло намеёбад. Ӯ дубора барои худ дил месӯзонад. Эътироф кардан намехоҳад, вале худ ин зиндагиро интихоб кардааст.

Замира дубора дар дил ба одаму олам нафрину маломат мефиристад. Эҳсоси ноамнӣ ӯро аз дарун пархош мекунад. Медонад, ки офате, ки дар ҳоли наздикшавист, пайомади суистифодаи чандсола аз хотирбиниҳои Бахтиёр аст. Бахтиёр Замираро осон бо духтари гапдаротар ва обрӯмандтар иваз карда метавонад. Замира ногаҳ ба ёди Ҳуснигул афтод. Билофосила бидуни мулоҳиза ба Ҳуснигул занг зад.

Ҳуснигул дар ин асно дар ороишгоҳ марҳами давобахши пӯст дар рӯ маҳси по мегирифт. Садои гиряи Замираро шунида, ба ӯ суроғаи хонаи худро дода, гуфт:

– Баъди ду соат дар хонаи ман.

Баъди ду соат Ҳуснигул ба назди бинои истиқоматие, ки дар он ҷо зиндагӣ мекунад, расид. Дами дари вурудӣ

Замира бо бастаи хӯрданӣ мунтазири Ҳуснигул истодааст. Аз гӯшаи бастаи маводи хӯрокворӣ гардани борики ба берунбаромадаи шишаи шаробро метавон дид. Ба тарафи Замира омадан гирифт ва зери лаб пичиррос зад:

– Суҳбати тулонӣ ва эҳсосӣ дар назар аст. Аминам, ки имрӯз қарзи худ дар назди Ҷаҳонро адо хоҳам кард.

Ҳуснигул, ки ба Замира ба унвони фурсат менигарад, бо ӯ салом ва рӯбӯсии гарм кард. Ҳарду вориди хона шуданд. Ҳуснигул, то пойафзоли худро бадар намудани Замира, зуд ба ошпазхона рафта, чойники барқиро равшан намуд. Сипас, ба назди Замира баргашта, аз ҷевони назди дар пойафзол барои гаштан дар дохили хонаро дода, ҳамроҳ вориди утоқи нишеман шуданд.

Хонаи Ҷаҳон, ки ҳол дар ивази хидмат бояд ба Ҳуснигул тааллуқ бигирад, фазои боз ва дилкушод дорад. Утоқҳо дар хонаи Ҳуснигул, гарчанде хона дар бинои истиқоматӣ қарор гирифтааст, барҳавову сақфбаланданд.

Замира суҳбатро аз мавзуъҳои кӯчак ва пароканда шуруъ кард. Сабри Ҳуснигул, гарчанде ба Замира бодиққат гӯш медод, сар омад. Бинобар ин, аз Замира пурсид:

– Чаро дар телефон гиря мекардед?

Замира, ки аз шиддати нороҳатӣ ба танг омада буд, дубора шуруъ ба гиря кард. Ҳуснигул аз ҷой бархоста, дар канори Замира нишаст ва сари ӯро дар оғӯши худ паноҳ дод. Ин гиря гиряи аз даст додани шавҳар не, балки гиряи тарс аст. Замира аз ворид шудан ба дунёи таҳлука, ки дар даруни ӯ дар тули солҳо бузург шудааст, метарсад.

Ҳуснигул бо ин дунё ва бо ин ҳис ошност. Худро бепарво мегирад, вале Замира Ҳуснигулро ба ёди рӯзҳои бепаноҳии худ меандозад, бинобар ин беихтиёр ҳамроҳи Замира ашк рехт. Ҳар кадом ҳамдарди худ аст ва барои худ мегиряд.

Ҳуснигул медонад, ки Замира барои пайдо кардани ҷуръати суҳбат ба вақт эҳтиёҷ дорад. Бояд муқовимати

дарунии худро бишканад ва аз ҳолати нобоварӣ барояд, то рози дилро барои аввалин бор ифшо намояд. Бинобар ин, Ҳуснигул фиғони ҷонхароши Замираро пахш накарда, бозувони ӯро бо мақсади қувват додан ба Замира, фишор медод. Билохира, Замира аз фиғон ба ҳиқ-ҳиқ ва аз ҳиқ-ҳиқ ба нафасзании возеҳ даромад, то билохира, аз гиря кардан монд.

Замира сар аз оғӯши Ҳуснигул бардошта, аз рӯйи миз дастмоли коғазӣ гирифта, сару сурати худро ба тартиб даровварда, мисли ошиқони назм қомат рост карда, дар ҷой нишаст.

Ҳуснигул аз ҷой бархоста, чойи гарм тайёр кард. Ӯ медонист, ки оби сард боиси ором гирифтани Замира мешавад, бинобар ин бо мақсади баланд нигоҳ доштани табу тоби Замира, чойи гарм ва ширинӣ оварда, дар назди Замира гузошт. Аз тарси коҳиш ёфтани назокати андоми худ Замира одатан ба ширинӣ даст намезанад, вале тарси бепаноҳӣ дар вуҷуди Замира густариш ёфта, тарсҳои дигари ӯро фишор додааст, бинобар ин Замира чойро аз рӯйи миз бардошта, ширинӣ дар даст гирифта, шуруъ ба суҳбат кард:

– Бахтиёрро аз синни 16-солагӣ мешиносам. Дар зиндагии ман васваса бисёр буд. Аз ҳама сарфи назар намуда, ҳусни худ, ҷавониро ба ӯ додам. Нобакор имрӯз аз ман сарфи назар мекунад. Ҳар чӣ гуфт, ба сози ӯ рақсидам. Муддате ӯ низ ба сози ман мерақсид. Гарчанде Бахтиёр одатҳои аҷиб дорад, як замон бо ӯ худро хушбахт эҳсос мекардам.

– Яъне, ба ҷуз Бахтиёр ягон марди дигар дар зиндагии ту набуд? – оҳиста аз лафзи “шумо” ба лафзи “ту” гузашта, маълумоти барои худ заруриро аз Замира гирифтанӣ шуда, пурсид Ҳуснигул.

– Албатта набуд, – бо эътирози сохтакорона гуфт Замира.

– Боварнакарданист, ки касе дар мактабу донишгоҳ ба чунин як духтари зебо таваҷҷуҳ накарда бошад? – Замираро ба ошкорбаёнии бештар таҳрик доданӣ шуда, пурсид Ҳуснигул.

Аз он ҷо ки Замира мактабро то синфи 9 хондааст ва дипломи донишгоҳро Бахтиёр барои ӯ харид ва бо мусоидати шавҳари мақомдор дар яке аз мақомоти равғанини давлатӣ раиса шуда кор мекард, аз таҷрибаи тамос бо доираи васеи одамон маҳрум мондааст. Дар идора низ корро дигарон анҷом медоданд ва раиса барои ҷамъоварии таҳсину офарин ба ҷойи кор мерафт.

Бинобар ин, Замира бо такаббур ва ифтихор гуфт:

– Ман, шукр, маҷбур ба ширкат дар дарсҳои донишгоҳ набудам. Дар мактаби миёнаи Варзоб писарони қишлоқӣ ҷуръати наздик шудан ба духтари табънозукро надоштанд. Албатта, як писар буд, номаш Ҷаҳон. Ӯ дар Донишгоҳи миллӣ дар факултаи ҳуқуқшиносӣ мехонд. Модараш кӯлобӣ, падар аз Исфара. Падару модари Ҷаҳон ҳарду одамони таҳсилкардаанд. Бо ин писар низ хотироти ҷолиб дорам, вале ҳоло гап сари ӯ намеравад.

Ҳуснигул фурсатро ғанимат шумурда, зуд аз ҷо бархоста, гуфт:

– Як лаҳза, ин нукта фаромӯшат нашавад, ман ҳоло меоям.

Ҳуснигул намоишкорона ба яке аз тарабхонаҳои шаҳр занг зада, хӯрокӣ фармоиш дода, ҳангоми суҳбат дар телефон аз Замира дуртар рафта, пас аз қатъи телефон, барномаи сабти садоро дар телефони худ равшан карда, телефонро бо худ гирифта, оварда, рӯйи миз сарчаппа гузошт, то садои Замираро сабт кунад. Сипас, бо чеҳраи кушода ва кунҷковии ошкор, мисли ин ки барои дастрасӣ ба иттилооти лозим ба руҳияи танҳои Замира боҷи таваҷҷуҳ мепардохта бошад, бо ҳаяҷони беш аз ҳад ба Замира нигоҳ карда, гуфт:

– Биё, барои каме оромтар шудан ба мавзуи Ҷаҳон мегузарем. Бовар дорам, ки мавзуи Ҷаҳон туро андозаи мавзуи Бахтиёр озор намедиҳад. Чӣ гуфтӣ?

Замира, ки аз ҳисоби ишқи нокоми Ҷаҳон иззату арзиши худро боло мебурд, ба васвасаи Ҳуснигул дода шуда, шуруъ кард:

– Номи пурраи ӯ Ҷаҳонпаҳлавон аст. Барои осонтар шудани талаффузи ном аксари дӯстону рафиқон ба ӯ Ҷаҳон мегӯянд. Новобаста ба ин ки дар он солҳо хело ҷавон буд, ҷуссаи паҳлавонӣ дошт. Қадду қомати баланд, шонаҳои паҳн. Ман духтаре, ки ӯ мехост ва медид, набудам, вале таваҷҷуҳи самимии ӯ маро ба самти ӯ мекашонд. Дар муқобил, Бахтиёр маро чуноне ки будам, медид ва мепазируфт. Бо Ҷаҳон маҷбур мешудам, як умр нақш бозӣ кунам. Бо Бахтиёр иҷозаи дар пӯстини худ мондан доштам. Бо вуҷуди ин, Бахтиёр бо дуруштӣ бо ман рафтор мекард ва Ҷаҳон мулоиму меҳрубон буд. Рости гап, агар метавонистам, ҳардуро дар назди худ нигоҳ медоштам. Ҷаҳон омода буд, ки ҷон бидиҳад, вале ман ӯро дӯст дошта наметавонистам. Дар назарам латта менамуд, вале аз таваҷҷуҳи ӯ даст намекашидам. Медонистам, Ҷаҳон орзуи бо ман будан мекунад, вале ӯ ошиқи воқеияти ман не, балки ошиқи ниқоби ман шуда буд. Гоҳ ба хотири бим додани ӯ ниқоб аз чеҳра мегирифтам, вале дили ошиқи ӯ розӣ ба қабули воқеият намегардид. Ҷаҳон оромтабиат аст ва руҳияи эътирозии ман аз оромиш безор буд. Маро кори бад, ҳаримшиканӣ, рафтори бесар ба ваҷд меовард ва ӯ ба вазиши насими баҳорӣ хуш буд.

Бахтиёр, гарчанде мисли Ҷаҳон хушбархӯрд набуд, айни муддао буд. Ӯ бо занон бо эҳтиёт рафтор намекард. Дар дағалрафториҳои Бахтиёр мардонагӣ медидам. Дар муқоиса бо ӯ Ҷаҳон дар назарам бачаи беҷуръат менамояд. Ман рӯзҳои пурҳаяҷони худро бо Ҷаҳон не, балки бо Бахтиёр гузаронидаам. Вақте Бахтиёр маро мезад, ӯро бештар таҳрик

мекардам. Деви вуҷуди ман намехост, ки Бахтиёр ором бигирад. Мехостам бубинам, ки ҳайвони ӯ ба чӣ корҳо қодир аст. Ҳайвони вуҷуди Бахтиёр мисли ҳайвони вуҷуди ман хуношом ҷилва намуд. Ману Бахтиёр аз дунёи дигар будем ва Ҷаҳон аз дунёи дигар. Аввалҳо таваҷҷуҳи Ҷаҳон дилписанд ва охирҳо дилбазан шуд. Бинобар ин, барои аз худ дур кардани Ҷаҳон як рӯз Бахтиёрро алайҳи ӯ шӯрондам. Ба ӯ гуфтам, ки ин писар маро азият мекунад.

Ҷаҳон бояд худ аз мо дур мешуд. Ман ба зиндагии бепарвое, ки Ҷаҳон дошт, ҳасад мебурдам, бинобар ин гоҳ-гоҳ васваса мешудам, ки ӯро пеши пойи деви Бахтиёр партоям. Кӯдаки даруни ман нобудшавии кӯдакеро дидан мехост, ки зиндагии хуб дошт. Ҷаҳони сода то дидор бо ман бо чеҳраи бади дунё рӯ ба рӯ нашуда буд, бинобар ин сиёҳии дили маро ҳам ташхис намедод.

Як рӯз худам ба ӯ занг задам. Макон ва соати мулоқотро таъйин намудам. Сипас, ба Бахтиёр занг задам. Вақте Ҷаҳон ба мулоқотгоҳ омад, ману Бахтиёрро дар ҳоли ишқварзӣ дар дохили мошин дид. Омада, Бахтиёрро аз мошин берун кашид. Гарчанде Бахтиёр аз Ҷаҳон чандин сол бузургтар аст, ҷуссаи мардона надорад. Ҷаҳон, ки дар бораи ман фикри бад намекард, Бахтиёрро хиёли таҷовузгар намуда, лагадмол кард. Аҷиб ин, ки вақте Ҷаҳон Бахтиёрро мезад, намедонам чаро, вале ҳаяҷонӣ шуда будам. Гузоштам, Ҷаҳон Бахтиёрро хуб лату кӯб кунад. Чизе нагуфтам. Вале Ҷаҳон худро ногаҳон ақиб кашид. Бахтиёрро, ки таслими Ҷаҳон шуда буд, раҳо кард ва нагузошт, ки аз ин саҳна тулонӣ лаззат бибарам. Ӯ Бахтиёрро, ки дар замин печу тоб мехӯрд, ба ҳоли худ гузошта, бо шитоб ба назди ман омад.

Авзои ман жӯлида буд. Сару вазъи худро ба тартиб наоварда будам, чунки мушоҳидаи лагадмолшавии Бахтиёр маро маҳсур кард. Оҳанги тааҷҷубомези садои Ҷаҳон маро аз ҳолати карахтӣ берун овард:

– Замираҷон, ба ту чӣ шудааст. Бубахш, ки дертар омадам. Замира-а-а?

Ба худ омада, бо бетафовутӣ ва хунсардӣ гуфтам:

– Чизе нашудааст.

Ниқоб аз чеҳра гирифтам. Сард ба сару андоми парешони Ҷаҳон бо таҳқир нигоҳ карда, аз канори ӯ гузашта, ба кумаки Бахтиёр рафтам. Бахтиёр ба касе занг зада, базӯр ба ӯ маълумот дар мавриди қароргоҳи худро медод.

Бахтиёрро ба мошин нишонда, ба тарафи Ҷаҳон, ки рост истода, ба ман нигоҳ мекард ва ҳич чиро намефаҳмид, баргашта гуфтам:

– Ин шавҳари ояндаи ман аст. Дигар занг назан ва ба ин ҷо набиё.

Аз пушти ман садои Бахтиёр баромад:

– Агар мардӣ, ҳамин ҷо бимон. Ҳисоб баробар мекунем.

Ҷаҳон нигоҳи худро аз нигоҳи бетафовути ман намеканд. Ҳалқаи хунӣ даври чашмони ӯро гирифта буд. Дар чеҳраи бачаи шикастнахӯрда шикастро дида, дилам тар шуд. Дилам ба ӯ намесӯхт. Дили зиндагӣ ба ман насӯхтааст. Ӯ бошад, бачаи серу пур аст. Бало намезанад.

Ҷаҳон ба ман бо ҳасрат нигоҳ мекард ва оҳиста-оҳиста ашк дар чашмони ӯ ҳалқа зад. Ба ман нигоҳ мекард ва ашки ҷамъшуда дар чашмони ӯ ҳамроҳ бо ҷуссаи мардонаи ӯ меларзид.

Ногаҳон чанд мошин ходимони Бахтиёр низ ба қароргоҳ расиданд ва шуруъ ба латту кӯби Ҷаҳон карданд. Ҷаҳон ба онҳо муқовимат нишон надод ва нигоҳи худро аз нигоҳи ман намеканд. Он ҷо буд, ки таассуф ҷойи шавқи моҷароҷӯйиро дар ман гирифт. Бахтиёр мошинро ба ҳаракат даровард ва ман дубора ниқоби хунсардӣ ба чеҳра гирифтам ва садои виҷдонро пахш намудам.

Намедонам, барои чӣ, вақте Ҷаҳон дар бемористон буд, чанд бор ба аёдати ӯ рафтам, вале ҷуръати ворид шудан

ба утоқеро, ки ӯ дар он ҷо хобида буд, надоштам. Ҳамшира ба ман гуфт, ки бемор гоҳ-гоҳ Замира гӯён дод зада, аз хоб бедор мешавад. Як рӯз, вақте модари Ҷаҳон ба берун баромад, номаеро ба дасти ҳамшира ба ӯ фиристодам. Аз ӯ узрхоҳӣ кардам ва хостам, ки ба дунболи ман наояд.

Баъд аз бемористон муддате аз пасам пойид. Мехост мутмаин шавад, ки Бахтиёр маро озор намедиҳад. Сипас, бедарак шуд. Баъдтар шунидам, ки ба фаъолияти хабарнигорӣ машғул шудааст. Ҷаҳон то ҳол оила барпо накардааст.

То аз бемористон баромадани Ҷаҳон, шавҳар кардам. Хонаи мо посбон дорад. Бо мошини хидматӣ мегаштам. Ҷаҳон дигар ба ман дастрасӣ надошт. Ба ман пинҳонӣ ёддоштеро фиристод:

“Замираи азиз! Агар хатое аз ман сар задааст, маро бубахш. Шояд нигарониҳои туро дарк карда натавонистам. Аз худ гаштаву баргашта суол мекунам, ки оё ман фурсати наҷот додани туро доштам ё не? Агар туро ба издивоҷ маҷбур кардаанд ва хушбахт нестӣ, ишора кун, раҳоят мекунам”.

Номаи Ҷаҳонро бо Бахтиёр якҷоя хонда, ба содагии ӯ бо ҳам хандидем. Ман маънии ҷонфидоиҳои Ҷаҳонро дарк намекардам. Ҳанӯз ҳам намекунам. Одамони эҳсосӣ дар назари ман заифу беиродаанд. Бахтиёр, новобаста ба бераҳмӣ, иродаи қавӣ дорад. Ӯро эҳтиром мекунам. Қудратро бояд эҳтиром кард.

– Мавзуи Ҷаҳон ҳавсалаамро мегирад, Ҳуснигул. Ӯ ҳаргиз муҳим набуд. Аз он чӣ бо ӯ кардам, пушаймон нестам, – гуфта, аз Ҳуснигул пардохтан ба мавзуи Бахтиёрро хоҳиш кард Замира.

Ҳуснигул, ки аз Замира посухи қонеъкунанда гирифта буд, аз ҷо бархоста, телефони худро аз рӯйи миз гирифта, барномаи сабтро хомӯш карда, ба тарабхонае, ки дар он ҷо

ғизо супориш дода буд, занг зада, вақти дастрас гардидани ғизоро пурсон шуд.

Қабл аз дубора назди Замира нишастан, Ҳуснигул сабти садои ӯро ба Ҷаҳон ирсол намуд.

## Қисми 29

## ҲУКМИ ОЗОДӢ

Вақте Ҷаҳон ба сабти садои Замира гӯш дод, нороҳат нашуд. Эътирофро не, балки ҳукми озодии Ҷаҳонро ба забон оварда буданд. Ҷаҳон садои шикастани завлонаҳоеро шунид, ки то ҳол монеи гусастан аз гузашта ва пардохтан ба имрӯз мешуданд. Ҳол ӯ яқин дорад, ки солҳои умр дар изтироби беҳуда гузаштаанд, вале сурури раҳоӣ руҳи саркӯбшудаи Ҷаҳонро фаро гирифтааст ва ӯ ҳасрати солҳои барабасрафтаро намехӯрад.

Акнун тасвири Замира дар лавҳи хиёли Ҷаҳон ноошно ва ғариб менамояд. Замира ишқ не, балки хиёли ишқ аст, ки бо дамидани партавҳои рушноӣ пар-пар мешавад. Муҳаббати воқеӣ сангинбор нест. Муҳаббати воқеӣ одамро сабук ва мойили боло мекунад. Ҷаҳон пас аз раҳо шудан аз изтироби Замира, раҳоии болҳои худ аз бандро эҳсос намуда, фаҳмид, ки дар зулми чандинсола алайҳи худ шарикӣ кардааст.

Ҳамаи одамон толиби муҳаббатанд, вале на ҳар кас дар шиносоии муҳаббат ва дар муҳаббат варзидан маҳорат дорад. Дар назари одаме, ки маҳорати муҳаббат кардан наомӯхтааст, истифода муҳаббат, суистифода муҳаббат, одат муҳаббат, шаҳвати бебандубор муҳаббат, рашки хонумонсӯз ҳама муҳаббат менамоянд. Вале муҳаббат суистифода намекунад, муҳаббат оташи рашк ва шаҳватро аз чорчӯбаи ақл берун баромадан намегузорад ва муҳаббати солим ҳаргиз

ба одат табдил намеёбад, балки бо мурури замон дигаргун ва навтар мешавад. Муҳаббати воқеӣ мухолиф не, балки мусоид аст. Агар маҳбуб бо баҳонаҳо монеи пешрафти руҳ мешавад, соҳиб аст, на толиб.

Одамони худхоҳ ихтиёри дигаронро дар даст доштан мехоҳанд. Орзуи парвоз дар дилҳоро, агар ба зӯр нашавад, бо баҳонаи дӯстдорӣ ва ҳимоят зиндабагӯр месозанд. Агар ҳақбаҷонибанд, чаро дар банд қарор гирифтан инсонҳоро руҳбаланд намесозад? Чаро аз даст додани ихтиёр инсонро дилгир ва кинагир мегардонад? Дар такроришуданҳо шодмонии руҳӣ нест, чунки майли ҷустуҷӯ ва камол ниёзи асосии ҳар шахс аст.

Ҷаҳон, гарчанде аз фитнаи Замира раҳо шудааст, мехоҳад бори дигар Замираро бубинад. Ӯ дигар аз рӯ ба рӯ шудан бо Замира наметарсад. Замира дигар дар дил ва афкори Ҷаҳон салтанат намеронад. Ҷаҳон мехоҳад, бори дигар ба чашмони золим назар андозад.

Ҳуснигул ба Ҷаҳон гуфт, ки Замира шом бо Бахтиёр ба маркази дилхушие, ки барои сарватмандони Душанбе сохтаанд, меравад. Ҷаҳон бедаранг ба он ҷо раҳсипор шуд.

Чанд нигаҳбони танументанд дар назди дари вурудии маркази дилхушӣ барои таъмини бехатарӣ рост истода, ба чор тараф нигоҳ мекунанд. Ҷаҳон аз назди онҳо гузашта, вориди бино шуд. Ӯ ба меҳмонони парешоннигоҳ, ки аксар ба ин ҷо барои худнамоӣ омада буданд, монанд нест. Дар миёни анбӯҳи одамон нигоҳи теғдори Ҷаҳон ба дунболи Замира мегардад.

Ҷаҳонпаҳлавон Бахтиёрро сари мизи мудаввар бо чанд тан аз мақомдори дигар дар ҳоли суҳбат дида, барои пайдо кардани Замира умедвор шуд. Ногаҳон чашми Ҷаҳон ба тахтапушти зане афтод, ки пираҳани пуштурён дар тан мунтазири таҳия гардидани нӯшокӣ дар назди пешхидмате, ки масъулияти таҳияи нӯшобаҳои масткунандаро дорад,

нишаста буд. Ҷаҳон омада, рӯ ба пешхидмат дар канори Замира рост истод.

Замира бо гӯшаи чашм андоми ноошноро дар назди худ эҳсос намуда, тааҷҷуб кард. Бонувон маъмулан аз Замира гурезонанд ва мардон аз тарси Бахтиёр ҷуръати наздик шудан ба Замираро намекунанд, бинобар ин Замира бо тааҷҷуб ба тарафи Ҷаҳон баргашт, то симои нафареро бубинад, ки ба эҳтимоли зиёд баъд аз 15 дақиқа ба шакле хоҳад даромад, ки барои модар низ қобили шиносоӣ нахоҳад буд.

Замира бо такаббур ва хунсардӣ ба тарафи Ҷаҳон баргашта, Ҷаҳонро дар рӯбарӯйи худ дида, ҷо хӯрд. Ҷаҳон рост ба чашмони Замира нигоҳ кард. Ӯ бо нигоҳи худ Замираро мешикофад. Замира ба чашмони худ бовар кардан намехоҳад. Гарчанде тарҳҳои чеҳраи Ҷаҳонпаҳлавон возеҳтару мардонатар шудаанд, ӯ чуноне ки Замира интизор дошт, шикаста ва хамида наменамояд, балки ҷавонтару шодобтар аст. Оташи ҳасрати рӯзҳои ҷавонӣ дар дили Замира, ки сарфи назар аз  ороиши бисёр ва либоспӯшии барӯз, дарунӣ худро пажмурдаву пир ҳис менамояд, аланга зад.

Ин Ҷаҳон барои Замира ноошност. Нигоҳи мутмаин ва мӯшикофонаи Ҷаҳон Замираи ба худ номутмаин ва аз худ норозиро хиҷил кардааст. Замира аз нигоҳи муҳоҷими Ҷаҳон, аз нигоҳи додхоҳонаи ӯ ба риққат афтода, беихтиёр болотанаи худро аз сандалӣ гирифта, рӯйи бозувон андохта, аз ин тариқ нигоҳи худро аз иҳотаи нигоҳи Ҷаҳонпаҳлавон берун кашид.

Гарчанде нигоҳи Ҷаҳон муштоқи Замира нест, итминони нигоҳи Ҷаҳон майли аҷиб ва кашишро дар тинати Замира эҷод намуд. Неруи ҷозиба Замираро гирифтори нигоҳи густохи Ҷаҳон кардааст. Ӯ дар бетафовутиҳои Ҷаҳон соҳибихтиёрии беназирро дида, бештар мойили Ҷаҳони кунунӣ мегардид. Замира Ҷаҳони пешинаро дӯст надорад,

вале имрӯзи Ҷаҳонро мепарастад. Лайлои қудрат дар рӯбарӯйи худ дигар писарбачаи зудбовари фидоиро не, балки шахсияти тавоно ва лоиқи ситоишро мебинад.

Ҷаҳон ба Замира чизе нагуфт, вале нигоҳи худро як муддат аз ӯ наканд. Зери фишори неруи нигоҳи хунсарди Ҷаҳон Замира, ки то ҳол Ҷаҳонро бозӣ додааст ва худро ҳамеша дар ҳузури Ҷаҳон зимомдори ҳаводис эҳсос менамуд, ноҳинҷор гардид.

Замира дар асл муштоқи мардони хунсард аст. Чаро нигоҳҳои хунсард дар назари Замира ҷаззоб менамоянд? Ӯ дар нигоҳҳои хунсарди мардон ба дунболи чӣ мегардад? Замира бо нигоҳи гарм хунсард ва бо нигоҳи хунсард гарм мешавад. Замира тазоддест, ки дар домани тазодду ноҳамоҳангиҳои бисёр бор омадааст.

"Дар кори дилбарӣ пирӯзии воқеӣ ба худ мойил намудани марди хунсард аст", – борҳо назди дӯстони муваққатии худ такрор намудааст Замира.

Вале Замира худ намедонад, ки ӯ дар нигоҳҳои хунсарди мардон такрори нигоҳҳои падарро меҷӯяд. Замира нигоҳи хунсарди падарро водор ба тараҳҳум карда натавонист. Насим орзуи Замира бобати таҷрибаи меҳрубониҳои беғараз аз ҷониби падарро бо худ ба гӯр бурд. Аз роҳи таслим кардани мардони нигоҳсард Замира нокомиҳои худ дар робита бо падарро ҷуброн карданист. Муҳаббат бояд холӣ аз укда бошад. Укдаҳои Замира ӯро дар ишқварзиҳои солим ноқобил намудаанд.

Замира дубора ба Ҷаҳон гарм назар андохта, ошиқи деринаро дар вуҷуди Ҷаҳон бедор карданӣ шуд. Ҷаҳон чашм аз ишваҳо ва табассуми сохтакоронаи Замира наканда, аз табдил ёфтани Замира ба мошини худкор ваҳшат намуд. Тағйироти дар чеҳраи Замира ноҳамоҳанг ва ғайритабиӣ ҳусни худододи ӯро хадшадор кардаанд.

Пас аз чанд сония нигоҳи шадид хашми Ҷаҳон фурӯ нишаст, вале нигоҳи хунсарди ӯ гарм нашуд. Замира худро

дар баробари бетафовутиҳои Ҷаҳон ночор ёфта, асабонӣ мегардид. Худхоҳӣ дар вуҷуди Замира аз Ҷаҳон, ки тибқи нақшаи Замира бояд умри худро дар хиёли Замира мегузаронд, талабкор аст. Чӣ гуна ҷуръат кард, ки аз торҳои танидаи Замира берун раҳад?

Ҷаҳон рӯйи худро баргардонида, рафтанӣ шуд, ки Замира банди дасти Ҷаҳонро гирифта, аз зери нигоҳи тааҷҷубомези Ҷаҳон бо ниёз ба ӯ нигариста, баргачаи тамос бо худро дар кафи дасти Ҷаҳон гузошт.

Замира қасд дорад Ҷаҳонро дубора қурбон намояд. Ӯ Бахтиёри ҳавасбозро ба воситаи ишқи Ҷаҳон адаб карданист. Замира мехоҳад ба Бахтиёр нишон бидиҳад, ки ҳанӯз ҳам харидор дорад. Дили Ҷаҳон аз дидани нигоҳҳои ниёзманди Замира беҳузур шуд. Ӯ дар нигоҳи Замира ҳавобаландӣ ва виқори ӯро мепарастид. Дар рӯбарӯ Замираи бениқоб ва бевиқор истодааст.

Ҷаҳон дигар таҳаммули идомаи дидорро надорад, бинобар ин ба Замира чизе нагуфта, рӯйи худро аз ӯ баргардонида, ғарқи афкори парешон аз Замира дур шуд. Ҷаҳон бо имон ба ҳақиқат доштани тахминҳои Нигина Шамсуллозода дар мавриди Замира аз ишқи номуроди худ гусаста, бақияҳои худро аз Замира ситонида рафт.

Бо вуҷуди мушоҳидаи безорӣ дар нигоҳи Ҷаҳон, Замира шӯриши навмедӣ дар вуҷуди худро саркӯб намудан мехоҳад. Пешхидмат нӯшокии Замираро дар назди ӯ гузошт. Рونанда, ки зери гӯши Бахтиёр пичиррос мезад, қомати худро фармонбардорона рост карда, бо шитоби намоишкорона ба назди Замира омада, бо садои сохтакорона муаддаб гуфт:

– Раис гуфтанд, ки шуморо ба хона бибарам.

Замира, ки Ҷаҳонро дида, ёди давраҳои зимомдории худ, даврае, ки ӯ ҳанӯз ихтиёр ва ҳаққи интихобро аз даст надода буд, афтодааст, ба нигоҳи қазоваткор, бемуҳтаво ва талабкори хидматгори ҷавон назар андохта, дубора ба

зиндони воқеият баргашта, оташ гирифт. Бахтиёр риштаи ҷони ӯро дар даст гирифтааст. Як бачаи ҳарису ноқобилро нигаҳбони ӯ таъйин намудааст. Замира дар партави истиқлолияте, ки Ҷаҳон дар тули ин солҳо ба даст овардааст, худро дар банду завлона ёфта, хашмолуд бо худ андешид, ки аз чанголи нафратовар ва номулоими Бахтиёр ҳаргиз раҳо нахоҳад шуд. Ҳамеша фикр мекард, ки донотарин аст ва беҳтарин интихобҳоро кардааст. Имрӯз рӯзи афтидани Замира дар чоҳи воқеиятҳои талх аст. Ҷаҳонпаҳлавон ҳуҷҷати зинда барои интихобҳои иштибоҳи Замира аст. Худфиребӣ оқибат комҳоро талх ва руҳияҳоро бебозгашт парешон мегардонад.

Замира, ки аз нигоҳи ҳисобкор, ҳарис ва дар айни ҳол ҳавобаланди ронанда ба зачр омада буд ва ӯро мисли магас миёни ангуштони худ маҷақ кардан мехост, бо такаббур ва таҳдид тарсро дар дили дунёталаби ронанда ҷо намуда, гуфт:

– Калиди мошинро ба ман дароз кун. Имшаб нанӯшидам. Худам меронам.

Ронанда, ки ҷуръати сар ба сар шудан бо зани раисро надорад, бо бемайлӣ калиди мошинро ба Замира дароз намуда, аз паси ӯ ба берун баромад. Замира дар зери по кардани худхоҳиҳои мардони танүманди зердаст ва ҳисси қудрате, ки аз мойил ба итоат намудани онҳо ҳосил мешавад, армон мешиканад. Замира бо вуҷуди таслими иродаи худ кардани ронанда, ки нисбат ба зани раис ҳисси бадбинӣ дошт ва Замира инро эҳсос менамуд, ором нагирифт. Бо ҷаҳл ба мошин нишаста, ба ронанда, ки қасди нишастан ба мошинро дошт, тақрибан дод зада, амр кард:

– Ҳамёнамро дар ҷойе, ки нишаста будам, фаромӯш кардам. Рафта, биёр!

Ронанда бо нобоварӣ ба Замира нигоҳ андохта, дили ноxоҳам ба маркази дилхушӣ баргашт. Писари ҷавони бетаҷриба ва ночор то расидан ба дари вурудии маркази дилхушӣ чанд бор бо нобоварӣ рӯйи худро ҷониби мошин

намуд. Замира мунтазир монд, то ронанда пушти дар нопадид шавад ва сипас, мошинро ба ҳаракат даровarда, бо суръат аз он ҷо дур шуд.

Руҳи Замира эътироз дорад. Пас аз расидан ба пул ва қудрат руҳияи ташнаи Замира ором нагирифт. Баръакс, дастрасӣ ба чизу чора ва дуртар шудан аз одамон ба парешониҳои руҳии Замира афзуд. Таҳи дил ба содагиҳои худ иқрор мекунад, вале барои баргаштан аз ин масир на тавон дорад, на ирода. Гарчанде Замира медонад, ки зиндагӣ дар ҳавзи дурӯғ вуҷуди захмини ӯро заҳролудтар кардааст, нафспарварӣ ва роҳатталабӣ сари роҳи ӯ истодаанд ва ӯ ба нафси худ барои саркӯби садои виҷдон бо овардани баҳонаҳои «ақлонӣ» мусоидат мекунад. Аз сари ночорӣ Замира қасди худро аз чархҳои мошин, ки дар ҷодаҳои Душанбе медавонд, мегирифт.

Бонуи дар оташи ғазаб ғарқшуда касеро дӯст намедорад. Аз Ҷаҳон низ ба хотири густохӣ ва шӯриш дилгир аст. Дар оташи нафрат месӯзад. Хашм ақли Замираро чунон тира кард, ки аз идора хориҷ ва ҳавоӣ шудани мошинро нафаҳмид. Билохира, чанбараки мошин аз дасти Замира раҳо шуд ва мошин каҷ карда, ба оҳанҳои ҳошияи роҳ бархӯрда, аз болои пул ба поён сарозер гардид.

Вақте Ҷаҳон аз маркази дилхушӣ баромад, Давлатбӣ ба писар занг зада, ӯро ба Исфара хонд. Он шаб Ҷаҳон худро дубора ба даст овард ва падарро барои ҳамеша аз даст дод.

## Қисми 30

## ОҒОЗИ ДИГАР

Баъд аз ҷаноза Ҷаҳонпаҳлавон ба хона баргашт. Гарчанде Давлатбӣ дар марги нобаҳангоми шавҳар гириста

буд, нолиш ва гилоя намекард. Сарфи назар аз урфу одат дар русто, Давлатбӣ ба таҳияи таом барои таъзияхонон машғул шуд. Ҷаҳон вориди ҳавлӣ шуда, модарро сари деги хомшӯрбо дида, ба назди ӯ омад.

– Очаҷон, шумо рафта истироҳат кунед. Масъалаи дегу табақро худам мебинам, – гуфта, модари аз шабзиндадориву ғам афгорро ба дохили хона равона карданӣ шуда, гуфт Ҷаҳон.

– Писарам, падари ту ҳамеша мегуфт, ҳар кас бори худро худ бояд бикашад. Марги падари ту имтиҳон ва бори сангин барои ман аст. Ҳар чӣ қадр мушкил набошад ҳам, масъулияти осудагии руҳи шавҳари худро худ ба уҳда мегирам.

Чеҳраи хаста, вале хештандори модар боиси ҷамъшавии ашк дар даҳлези чашмони Ҷаҳон шуд. Ӯ кафгири калонро боэҳтиёт аз дасти модар гирифта, рӯйи тахтаи чӯбин дар канори дег гузошта, модарро ба оғӯш кашид. Давлатбӣ, гарчанде Ҷаҳон солор шуда бошад ҳам, медонад, ки ӯ ҳанӯз ҳам ба фарзанди худ дарс медиҳад, бинобар ин нафаси амиқ гирифта, сари роҳи буғзро банд намуд ва нагирист. Ҷаҳони ӯ бояд рӯёрӯйии дуруст бо хисоратро ёд бигирад. Оғӯши пурмеҳри Ҷаҳонпаҳлавон модарро саршори мавҷҳои гарм ва нерубахш намуд. Эҳсоси шукр ҳардуро аз вартаи навмедӣ берун мекашад. Пас аз оғӯши тулонӣ, Ҷаҳон модарро аз худ дур накарда, дӯстона ва бо табассум ба чашмони модар нигариста, аз ӯ мустақим пурсид:

– Нигарони аҳволи ту бошам ё не, очаҷон?

– Падари ту бо хотири ҷамъ, ҳаққи кас нахӯрда ва дили кас наозурда, рафт, писарам. Сардорхон нигоҳи ҳавобаланди маро дар ҳамон нигоҳи аввал ба худ мойил карда буд. Имрӯз, вақте роҳи муштарак ба поён расидааст, бо итминон гуфта метавонам, ки ҳанӯз ба Сардорхон бо ҳамон нигоҳи аввал менигарам. Одамони шоиста намемиранд, Ҷаҳонҷон. Сардорхон дар ману ту идома хоҳад дошт.

Сардорхон дар шогирдони худ идома хоҳад дошт. Сардорхон дар ибратҳое, ки ба дигарон додааст, идома хоҳад дошт. Модари ту умри худро бо марди шоиста гузарондааст. Мехоҳӣ нигарони чӣ бошӣ, писарам? – аз домани ғам ва домани Ҷаҳонпаҳлавон берун омада, табассуми шукргузорона намуда, ба писар суол дод Давлатбӣ.

Ҷаҳон дар ҷавоб дили модари худро бо табассум гарм намуда, лаълии косаҳои хомшӯрборо аз рӯйи тахтаи чӯбӣ гирифта, ба назди меҳмонон рафт.

Дар саросемагии роҳ Ҷаҳон телефони дастии худро дар роҳ гум карда буд, бинобар ин ҳамкорони ӯ, ки суроғаи дақиқи хонаи падари Ҷаҳонро намедонистанд, суроғаро аз роҳгузарон пурсида-пурсида бо таъхир расиданд. Ҷаҳон ҳамкоронро дар назди дарвоза дида, ба назди онҳо шитофт.

Душанберо низ ҳаёҳу фаро гирифта буд. Ҷаҳон аз бачаҳои идора фаҳмид, ки завҷаи Бахтиёр Музаффарзода – Замира Музаффарзода, дучори садамаи нақлиётӣ шуда, дар натиҷа ду пойи солим аз даст додааст.

Дили Ҷаҳон, гарчанде дигар Замираро дӯст намедорад, ба Замира сӯхт, вале ба бачаҳо аз ошноии худ бо Замира чизе нагуфт. Ҷаҳон дигар писари камолгарои хом нест, ки ба наҷоти Замира бишитобад. Маълулият имтиҳони сангин аст, вале гоҳо Худо пешравии зулмро аз роҳи алил кардани золимон мегирад.

Баъд аз ҷаноза, хешу табор ба рӯбучини хона машғул шуданд. Ҷаҳон шом вориди утоқе шуд, ки модар ҳамроҳ бо ҳамсоязанҳо дар он ҷо нишаста буд. Ҷаҳонпаҳлавон модарро ба назди дар хонда, ба ӯ гуфт:

–“Шабехун”-ро ба бачаҳо вогузор кардам. Акнун “Шабехун” моликияти як нафар не, балки дар ихтиёри як гурӯҳ аст. Бачаҳо мудирияти дастаҷамъиро таҷриба мекунанд. Фикр мекунам, ки баъд аз якчанд сол ҳамкории бекина ба балоғати кофӣ барои шарикӣ расидаанд. Ман бошам, дар деҳа монда, кори падарро идома медиҳам.

Модар ҳарфи дили писарро бодиққат аз чашмони ӯ хонданӣ шуда, пурсид:

– Мутмаин ҳастӣ, ки ин тасмим аз сари эҳсос нест, писарам? Ту маҷбур ба идомаи роҳи падар нестӣ. Ҳар кас мутобиқи руҳия роҳи худро дорад. Деҳа интихоби огоҳонаи падари ту буд. Руҳияи ту бештар ба руҳияи бобоят Мухторхон, ки шахсияти ҷаҳонгир дошт, монанд аст. Мутмаинӣ, ки бо деҳа қаноат карда метавонӣ?

– Модарҷон, агар инсон бихоҳад, дунёро ҳам дар як деҳа ҷо карда метавонад. Агар Мухторхон дунёро гашт, ман қасд дорам, ки дунёи Мухторхонро ба деҳа биёварам. Ҷойгузини падар шудан намехоҳам. Ҷойгузини падар будан ҳам наметавонам, вале роҳи ӯро ба шеваи худ идома медиҳам. Тасмимам аз сари эҳсосот нест, модарҷон. Вусъати одам ба вусъати шаҳре, ки дар он зиндагӣ мекунад, нест. Вусъати одамро вусъати андешаву боварҳои ӯ таъйин мекунанд. Медонӣ, модарҷон, вақте бо ҳамкорони худ, ки барои ман айни хонавода шудаанд, суҳбат мекардам, ба самимияти тасмими ман шубҳа карданд. Ҳақ доранд. Онҳо шоҳиди охирин дигаргуниҳо дар ман набуданд, вале муҳимтарин дарсе, ки зиндагӣ ба ман ёд дод, модарҷон, ин аст, ки ба сарвақти одамон бояд дар даврони кӯдакии онҳо бирасӣ. Чаро бо реҳлати Сардорхон кӯдакони деҳа аз омӯзгори мушфиқ маҳрум шаванд? Магар худат намегуфтӣ, ки агар як инсонро аз роҳи бад баргардонӣ, инсониятро ба ҷиҳати мусбат ҳидоят кардаӣ. Ҷаҳони пешина ба деҳа қаноат намекард, вале якчанд ҳодисаи охир маро ба андешидан ва дигаргуншавӣ во доштанд. Кӯдаконро ҷиддӣ бояд гирифт. Ба тарбияи одамон набояд пас аз ин ки роҳи бадро ихтиёр кардаанд, пардохт. Агар муаллим Сардорхон кӯдаконро ба некӣ ташвиқ намудааст, Ҷаҳонпаҳлавон ба онҳо муқовимат дар баробари бадиҳоро хоҳад омӯхт. Кӯдаконро бояд саривақт бо ҳарду чеҳраи зиндагӣ ошно намоем, то ҳангоми рӯбарӯ шудан бо имтиҳонҳои зиндагӣ саргардон нашаванд.

Модарҷон, тасмим қатъист. Ҷаҳаннамро инсонҳо ҳар рӯз дар рӯйи замин барпо мекунанд. Чаро ба барпошавии биҳишти инсонпарвар дар рӯйи замин бовар накунам?

Посухи писарро шунида, Давлатбӣ ба чашмони Ҷаҳонпаҳлавон бо нигоҳи қаноатмандона нигариста, дастони ӯро гирифта, бӯсид ва ба писар гуфт:

– Ман ба самимияти ҳарфҳои ту шак намекунам, Ҷаҳонҷони оча.

## Қисми 31

## РАҲМАТИ ФАРОГИР

Пас аз бедарак шудани Ҷаҳон, Ҳуснигул ба хотири ба номи худ кардани хонаи Ҷаҳон, якчанд маротиба ба ӯ занг зада, навмед шуд. Ҷаҳон хона ва Ҳуснигулро тамоман фаромӯш карда буд. Аз тарси муқобила бо мақомот ва дар даст надоштани ҳуҷҷати моликият, Ҳуснигул ба сарусадо ва ҷидол бо ҳамсояҳо хотима бахшид.

Ҳуснигул фикр мекард, ки Ҷаҳон ӯро фиреб додааст ва дер ё зуд одамони ношинос ба намояндагӣ аз Ҷаҳон омада, хонаро аз Ҳуснигул меситонанд. Фикри бехонумоншавӣ Ҳуснигулро ором намегузошт. Бинобар ин, вақте Замира ба Ҳуснигул занг зад, Ҳуснигул ба ҷо додан ба Замира дар хонаи худ ба унвони кафолат нигарист. “Ҷаҳон, агар Ҳуснигулро аз хона берун карданӣ шавад ҳам, Замираро берун нахоҳад кард”, – бо худ андешид Ҳуснигул.

Вақте Замира дучори садамаи нақлиётӣ шуда, дар бемористон бистарӣ гардид, Бахтиёр ба назди ӯ омада, талоқи ӯро дар бемористон дода, Замираро маҷбур ба имзо намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ намуд. Бахтиёр бидуни иҷоза

васоили шахсии Замираро зеру рӯ намуда, калидҳоро аз ӯ гирифт.

– Дишаб Ҷаҳон ба назди ту омада буд. Акси Ҷаҳонро ба муҳофизони шахсӣ ва ронандаҳо нишон дода, огоҳ намуда будам, ки дар сурати наздикшавии ӯ ба ту, маро огоҳ созанд. Қанчиқи гузаро будӣ, қанчиқи гузаро хоҳӣ мурд, Замира. Рақами телефони худро шарм надошта, дар ҳузури ман ба Ҷаҳон дароз кардӣ. Як қатра ҳам нанӯшида будӣ, вале овозаи маст карданҳои ту дар шаҳр печидааст. Мардум бовар намекунанд, ки зани Музаффарзода дар ҳолати ҳушёрӣ дучори садама гардидааст. Зӯри ман, мутаассифона, ба пахш кардани овоза намерасад. Тӯдаҳои мардум шабеҳи мавҷҳои баланди уқёнусанд, вақте якҷо баланд мешаванд, ҳеч кас тавони истодагарӣ алайҳи ин мавҷро надорад. Албатта, онҳо намедонанд, ки бону Музаффарзода маҷақ гардидани рақами телефони худ дар дасти маъшуқи деринро дида, аз худхоҳӣ маст гардид. Чӣ шуд, Замира? Пир шудаӣ, ҳатто Ҷаҳонпаҳлавон аз ту рӯ мегардонад? – ба Замира, ки аз пойҳои худ маҳрум шуда, дар бистари беморӣ часпида буд, зарбаи дигар заданӣ шуда, бо садои киноямез ва нигоҳи таҳқир гуфт Бахтиёр.

Замира, ки пойи равон аз даст додааст, дигар на парвои Бахтиёр дорад, на парвои Ҷаҳон ва на парвои ҷавонӣ. Ба Бахтиёр бечорагии худро нишон додан намехост, вале дигар худхоҳии кофӣ барои мақовимат кардан бо эҳсоси бечорагиро низ надорад. Ашки таассуф дар чашмони Замира ҳалқа зад. Рӯйи худро аз Бахтиёр баргардонд, то нигоҳи хунсард ва бераҳми Бахтиёрро набинад. Виқоре, ки падару модар дар айёми тифлӣ аз Замира рабуда буданд, ба ӯ баргаштааст. Ӯ аз зиндагӣ бо Бахтиёр безор аст. Бахтиёр идомаи ҳамон ҷаҳаннам фақат дар шакли дигар аст ва Замира ба интихоби иштибоҳи худ иқрор мекунад.

Акнун Замира басирати кофӣ барои раҳо шудан аз ҷаҳаннамро пайдо кардааст. Афсус мехӯрад, ки зиндагии

худро бо худфиребӣ табоҳ намуд. Замира дар навҷавонӣ дар симои Бахтиёр роҳи ҳал медид, вале Бахтиёр мушкилоти Замираро печидатар сохт. Ҷаҳон, ҳатто пас аз раҳоӣ аз афсонаи Замира, ба Замира чизе нагуфт, вале Бахтиёр, ҳатто пас аз маълулшавӣ, ба Замира садама мезанад.

Буғз ба қалби хокистарӣ ва сангии Замира, ки ба нафаскашӣ омада, дар ғубори воқеияти ваҳшатнок дубора нафасгир шуда буд, ҳамлавар гардид. Таҳлукаи асабии шадид, ки шабҳо ба суроғи Замира меоянд, дар рӯзи равшан ӯро гирифтааст. Замира мехоҳад, ки Бахтиёр ҳарчи зудтар биравад, вале Бахтиёр, ки муътоди чашидани маззаи қудрат аст, Замираро ночор дида, лаззати тамошоро барои худ тамдид намудан мехоҳад.

Замира рӯйи худро ба тарафи Бахтиёр барнагардонда, рӯйи тахте, ки аз он бархоста наметавонист, печу тоб мехӯрд. Ӯ бо таҳлукаҳои асабии худ даргир аст. Бахтиёр таҳлукаҳои асабии Замираро ҳаргиз ҷиддӣ нагирифтааст. Ҳамеша хунсардона мунтазири ба поён расидани таҳлукаҳои Замира мешуд. Ин бор низ то поёни таҳлукаи асабии Замира мунтазир нишаст.

– Ҳеч касро дар гирифториҳои худ маломат накун, Замира. Фурсат доштӣ, вале аз ҷаҳлу худхоҳӣ даст кашидан нахостӣ. Туро Худо барои худхоҳӣ ба сазои бад гирифтор кардааст! – тирҳои охирини худро пас аз ором гирифтани Замира ба Замира холӣ карда, аз утоқи хоби Замира дар бемористон бо эҳсоси пирӯзии беназир берун шуд Бахтиёр.

Замира ба девори сафеди рӯбарӯ хира шуда, дар дил ба дурӯягиҳои Бахтиёри худбузургбин лаънат мефиристод. Ӯ майли даргир шудан бо Бахтиёрро, ки қобилияти дидани воқеияти номусоидро надорад ва ҳаводисро ҳамеша ба нафъи худ тафсир мекунад, надошт, бинобар ин пас аз берун шудани Бахтиёр бо ҷаҳл гуфт:

– Ту ҳам сазои худхоҳиҳои худро мечашӣ, Бахтиёр! Худо хоҳад!

Замира бечорагии худро, ки бояд кайҳо пазируфта, ба дунболи чора мешуд, рӯзи ҷавоб шудан аз бемористон

пазируфт. Бо вуҷуди ҳаёҳуи бисёр дар атрофи Замира, ӯ имрӯз дӯст ё ғамхор надорад. Бинобар ин, ба Ҳуснигул занг зада, дархости панохгоҳ намуд. Пас аз ду дақиқа сукут, Ҳуснигул дар ҷойгир намудани Замира дар хона манфиат дида, ба ӯ иҷоза дод, ки ба ронандаи кироя суроғаи хонаи Ҳуснигулро бидиҳад.

Вақте ронанда Замираро ба хонаи Ҳуснигул овард, се зани дигар низ дар хонаи Ҳуснигул қарор доштанд. Ҳуснигул пас аз бедаракшавии Ҷаҳон дар хонаи танҳо гурусна монда, ба фикри он афтод, ки дар хонаи фарохи Ҷаҳон якчанд зани танҳоро иҷоранишин намуда, рӯзгори худро аз ҳисоби даромади иҷора ба сомон даровeрад.

Ҳарсе зан аз ноҳияҳои гуногун барои кор ба Душанбе омадаанд. Мағфират ба рӯбучини хонаи мардум пардохтааст, Фарзона дар бозор фурӯшандагӣ мекунад ва Шаҳло, гарчанде ба дигарон гуфта буд, ки дар корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар басти шабона кор мекунад, ба танфурӯшӣ машғул аст. Мағфират, ки мактабро то синфи шаш хондааст, камгап ва фармонбардор аст. Ҳар рӯз хаста ба хонаи Ҳуснигул омада, хонаи Ҳуснигулро низ довталабона рӯбучин менамояд. Фарзона зираку хушчақ-чақ аст ва Шаҳло ба саховатпешагӣ маъруф аст. Шаҳло ҳар шаб ба хона бо хӯрданиҳои лазиз омада, табъи ҳамхонаҳоро бо таомҳои бомазза хуш месозад. Бо вуҷуди саховатпешагӣ, Шаҳло ахлоқи тунд дорад. Зуд оташин шуда, ҷанҷол мекунад. Агар касе ба ӯ чизе гӯяд, таҳқиқ ва пурсупос накарда, ба паҳлуҳои манфии сухан мечаспад.

Ҳуснигул ба унвони мудири хона дубора дар мақоми сардор қарор гирифтааст. Ҳол Замира низ ба ин ҷамъият шомил гардид. Замира, ки дар умри худ бо ҷамоати зиёд ҳамхонагӣ накардааст, чӣ гуна будан дар ҷамъро намедонад.

Ба ҳар ҳол Мағфират иваз кардани банди захм ва тозагии Замираро ба зимма дорад, Фарзона бо суҳбатҳои худ заҳри дили Замираро мегирад ва Шаҳло барои ӯ хӯрданиҳои лазиз меоварад.

Магар Худо касеро бе ҳимоят раҳо кардааст? Гоҳ Худо, ки раҳмати фарогир дорад, раҳгумкардаеро воситаи дилгармии дигар гумроҳ қарор медиҳад...

## Қисми 32

## ДЕВОНА ВА ХИРС

Бегоҳ Ҳуринисо дар идора машғули корҳои ҳисобдорӣ танҳо пушти мизи худ нишаста буд, ки телефони ӯ занг зад. Шумораи қадимии Фурӯғро рӯйи телефон дида, ҷо хӯрда, зуд тугмаи сабзро пахш намуд.

– Бале? – бо тааҷҷуб пурсид Ҳуринисо.

– Ҳуриҷон, як пиёла об гирифта намеойӣ? – бо хандаи саршори ҳаяҷон пурсид Фурӯғ.

Ҳуринисо, ки аз занги Фурӯғ ҳаяҷонзада шуда буд, аз дархости аҷиби Фурӯғ безобита гардида, фиғон кашид?

– Нагӯ, ки ба Тоҷикистон баргаштаӣ, Фурӯғ! Куҷоӣ ту? Бароят як пиёла об не, балки кӯли Сарез меорам? – аз шодӣ бехуд шуда, аз ҷо парида, бо таҳлука ва ҳаяҷони бисёр гуфт Ҳуринисо.

– Поини идораам, Ҳурҷон, – бо хурсандӣ гуфт Фурӯғ.

– Пас аз ду дақиқа, Ҳуринисо пиёлаи об дар даст, бо таҳлука аз бино берун шуда, пас аз андохтани нигоҳи парешон ба ин тарафу он тараф ба сӯйи Фурӯғ, ки дар фосилаи 50 метр дар рӯбарӯйи Ҳуринисо ба мошини худ такя дода, рост истода буд, чунон сахт давид, ки оби пиёла нақши замин шуд.

Фурӯғ 5 соли охир машғули таҳсил дар Амрико боре ҳам ба Тоҷикистон наомад. Гарчанде Ҳуринисо ва Фурӯғ тайи ин муддат телефонӣ дар тамос буданд, ҳасрати дидор аз наздикро ҷуброн накардааст.

– Чаро ба идора наомадӣ? – пас аз бӯсу канори тулонӣ ашки шодӣ резонда, пурсид Ҳуринисо.

– Агар дар пиёла як қатра об мемонд, қаҳр карда, мерафтам, Ҳуринисо, – бо садои масхараомез ангушти тозиёна ба қафаси синаи Ҳуринисо зада, гуфт Фурӯғ.

– Чӣ мегӯйӣ ту, девона? Аз маймунбозиҳои Ҷаҳон халос нашуда, ба пешпомониҳои равоншиносонаи ту гирифтор шудем? – ба пиёлаи кафи даст нигоҳ андохта, пушти пиёларо бо ҷаҳл ба бозуи Фурӯғ кӯбида, гуфт Ҳуринисо.

Шунидани номи Ҷаҳон Фурӯғро каме парешонҳол намуд ва ӯ нигоҳи худро аз Ҳуринисо чап карда, савори мавҷи афкори парешони худ ба нуқтае хира шуда, сар ҷунбонда бо худ оҳиста гуфт:

– Де-во-на…

Сипас, Фурӯғ ҷилави эҳсос дар даст гирифта, дари мошинро боз карда, ба чашмони Ҳуринисо нигоҳи маънодор андохта, бо хушҳолӣ ба дохили мошин ишора намуда, духтараки 4-солаеро ба Ҳуринисо нишон дода, гуфт:

– Шинос шав, Ҳуринисо. Ин кас духтари ман, Шоҳҷаҳон.

Ҳуринисо кӯдаки дохили мошинро дида, ҷо хӯрд. Фурӯғ тули панҷ соли муошират аз дур дар мавриди зиндагии хусусӣ ба Ҳуринисо чизе нагуфтааст. Ҳуринисо то ҳол бо худ меандешид, Фурӯғе, ки барномаи 8-солаи таҳсил дар соҳаи "Равоншиносии ҷурм"-ро дар 5 сол ба итмом расонидааст, аз дил ва мавзуъҳои қалбӣ сарфи назар мекунад.

Ҳоло дар рӯбарӯйи Ҳуринисо кӯдаки 4-солаи Фурӯғ меистад. Кӯдак бо чеҳраи кушод ва чашмони ангурмонанд даврашакли худ ба ҳарду нигоҳ карда, мунтазири вокуниш нишаста буд.

Ҳуринисо бисёр парешон менамуд. Даступошикаста лаҳни худро кӯдакона намуда, сари худро дохили мошин карда, Шоҳҷаҳонро ба оғӯш гирифта, аз дохили мошин баровarда, дар равшании чароғҳои канори ҷода ба ӯ гуфт:

– Аз ошноӣ бо ту шодам, зебояк!

Шоҳҷаҳон, ки ҳоло болои дӯши Ҳуринисо нишаста буд, бо ҳавобаландии шоҳона ба чашмони Ҳуринисо бодиққат нигариста, чизе намегуфт.

Фурӯғ дар мушоҳидаи лаҳзаи ошноии ҳарду армон мешиканад. Бо хандаву сурур ба ҳарду менигарист. Сипас, камари Шоҳҷаҳонро бо кафи даст молида, сари худро ба ӯ наздик намуда, ором гуфт:

– Бо хола-Ҳуринисо салом намекунӣ, шоҳ?

Шоҳҷаҳон, ки ҳанӯз рӯйи дӯши Ҳуринисо нишаста буд, баргашта ба чашмони пурмеҳри Ҳуринисо нигоҳ андохта, ором ва гарм гуфт:

– Салом, хола.

– Хола фидои холагуфтанҳои ширини ту шавад, – шикастани девори фосиларо эҳсос намуда, Шоҳҷаҳонро дар оғӯши худ сахт фишурда, ӯро ин тарафу он тараф ҳаво дода, пушти гӯшҳои Шоҳҷаҳонро бӯсаборон карда, гуфт Ҳуринисо.

Густариши мавҷҳои муҳаббат дар вуҷуди худро эҳсос намуда, Шоҳҷаҳон бо дилгармӣ, бепарво ва бо овози баланд механдид.

Фурӯғ пас аз гузаштани 5 сол дубора ба Тоҷикистон баргаштааст.

– Гарчанде ба касе дар мавриди бозгашт ба Тоҷикистон иттилоъ надодам, якчанд нафар аз баргаштанам огоҳанд. Бо исрори Додситони кул ва шаҳрдор бо додситонии шаҳр ба унвони намоясоз (профайлер) ҳамкорӣ мекунам. Дар ҷамъоварии маълумоти ҷузъӣ ба кумаки ту эҳтиёҷ дорам. Лутфан, дар мавриди дар Душанбе будани ман ба касе чизе нагӯ, Ҳурҷон, – пас аз нишастан пушти мизи тарабхонаи наздик ба “Шабехун” гуфт Фурӯғ.

– Туро ба кори дастгир намудани «хирс» ҷалб намудаанд? – сари худро аз рӯбарӯ ба Фурӯғ наздик намуда, пичиррос зад Ҳуринисо.

– Кадом хирс? – бо тааҷҷуб пурсид Фурӯғ.

– Мардуми одӣ аз мавҷудияти “хирс” огаҳ нестанд, вале мо – хабарнигорон аз мавҷудияти ӯ бохабарем. Қотилро, ки тайи се соли охир занони бесоҳиби Душанберо бӯғӣ

карда, дар Душанбинка партоб мекунад, ба ин хотир хирс номидаанд, ки инсони даруни ӯ дар фасли зимистон ба хоби чандмоҳа меравад. Қотил зимистон пайдо ва аввалҳои баҳор дубора нопадид мегардад.

– Ба ҳар ҳол то “хирс”-ро дастгир накунанд, ҳаққи ифшои сирри тафтишотро надорам, вале дар ҷамъоварии маълумоти гуногун ба кумаки шахси мавриди эътимод эҳтиёҷ ҳаст, Ҳуринисо, – ба чашмони Ҳуринисо нигоҳи ҷиддӣ андохта, гуфт Фурӯғ.

– Дар хидматам, бону Фарҳодӣ, – нигоҳи худро аз нигоҳи Фурӯғ наканда, дасти Фурӯғро бо меҳр аз рӯйи миз гирифта, миёни ду дасти худ фишор дода, гуфт Ҳуринисо.

## Қисми 33

## КОФТУКОВИ ҶИНОЯТКОР

Фурӯғ ҳуҷҷату парвандаҳои бешумор дар даст вориди утоқи мушовара шуд. Ба ҳозирин салом дода, ҳуҷҷатҳоро рӯйи мизи фарох гузошт.

Тафтишоти парвандаи қотилро пас аз 3 сол ҷустуҷӯйи бенатиҷа ба муфаттиши ҷавон Беҳин Ҷамолзода вогузор кардаанд. Дар утоқи мушовара, ғайр аз Фурӯғ, бону муфаттиш ва ду донишҷӯйи таҷрибаомӯз ҷамъ омадаанд. Фурӯғ нигоҳи сатҳӣ, вале мулоҳизакоронаи худро рӯйи андоми нозуки ду донишҷӯ сайр дода, ба Ҷамолзода кӯтоҳ назар андохта, изтироби худро миёни лабҳо фишор дода, рӯйи худро ба тахтаи рӯйи девор намуд. Қасд дошт, ки барои ба баррасӣ гузоштани фарзияҳои худ тахтаро омода кунад. Рӯ ба ҷониби тахта ва пушт ба ҳозирин Фурӯғ якчанд сония аз ҳаракат бозистод. Ӯ бо эътирози эҳсосие, ки дар вай

нисбат ба ҳузури ду навҷавон дар рафти баррасии парвандаи қотили занҷирaӣ шакл гирифтааст, муқовимат мекард. Фурӯғ эътирози худро фурӯ нишонда натавонист. Сари худро поин афканда, нафаси сангин ба берун дода, сарро бо азми дигар баланд намуда, ба тарафи ҳозирин баргашта, бо қаҳр ва сиёсат, гӯё нороҳатиҳои худ бобати маводи дишаб мутолианамуда ва тасвирҳои муоинанамударо иброз мекарда бошад, гуфт:

– Ин парванда барои таҷрибаомӯзӣ муносиб нест. Инсони солим ҳаргиз ба дидани саҳнаҳои одамкушӣ одат нахоҳад кард. Ҳардуи шумо ба берун рафта, аввал хубиҳои зиндагиро таҷриба намоед, сипас ба ин ҷо баргардед. Баррасии ин парванда бовари шаклнагирифтаи шумо ба одаму оламро хоҳад шикаст!

Ду донишҷӯйи ҷавон бо тааҷҷуб аз ҷо нимхез шуда, аввал ба Ҷамолзода, ки ором ба ҳарфҳои Фурӯғ гӯш медод, баргашта, сипас дубора ба Фурӯғ нигаристанд. Дафтарчаи таҷрибаомӯзии ҳардуро Ҷамолзода аллакай пазируфта буд. Ҳоло Фурӯғ онҳоро аз ин ҷо меронад. Ду таҷрибаомӯз намедонистанд, ки ба кӣ нигоҳ кунанд ва чӣ бигӯянд. Ҷамолзода дар нигоҳи Фурӯғ исрор ва беқарориро дид. Ором ба тарафи донишҷӯёни худ баргашт. Аз нигоҳи ду донишҷӯ таассуфу навмедӣ меборад. Бо вуҷуди надоштани майли муқовимат бо Фурӯғ, Ҷамолзода аз ҷо баланд шуда, нафаси амиқ кашида, гуфт:

– Бону Фарҳодӣ! Ҳеч кас, ҳатто ману шумо, ҳаргиз омодагии кофӣ барои рӯбарӯ шудан бо чеҳраи ҳайвонии инсонҳои аз чорчӯбаи одамгарӣ раҳошударо нахоҳем дошт. Инсон ҳайвони бошуур ва махлуқи истисноист. Дар шайтанат аз шайтон ҳиллагартар ва дар ваҳшоният аз ҳайвон бераҳмтар мешавад. Агар ҳайвон ба хотири сер кардани шиками худ мекушад, инсон метавонад, аз сари кунҷковӣ ё мастӣ ба қатл даст занад. Дар рӯйи замин ваҳшиҳои дупое ҳастанд, ки таҷрибадортарин муфаттишонро низ бо

ваҳшонияти худ дар ҳайрат мегузоранд. Бо пинҳонкориву эҳтиёткорӣ насли нав солор намегардад. Парвиз ва Нӯшин руҳияи устувор доранд. Медонам, ки дар ивази ризоят ба ҳамкорӣ Додситони кул ба шумо салоҳиятҳои васеъ додаанд. Қасди зиддият бо шуморо надорам, бону Фарҳодӣ, вале ҳар куҷо ман бошам, Нӯшин ва Парвизро ҳамроҳи худ хоҳам дошт. Бо вуҷуди эҳтироме, ки ба касбияти шумо қоилам, бояд бидонед, ки то вақте масъулияти пешбарии парвандаи қотил бар дӯши ман аст, таҷрибаомӯзони ба ман вогузоршуда низ иҷозаи ширкат дар рафти баррасии парвандаҳоеро, ки ман пеш мебарам, хоҳанд дошт.

Ҷамолзода, гарчанде аз Фурӯғ 4 сол хурдтар аст, ба хотири аз давраи мактабхонӣ ба додситонии Душанбе рафтуомад доштан таҷрибаву тахассуси кофӣ ҷамъ овардааст. Падари марҳуми Ҷамолзода муфаттиши номдор буд. Духтари навраси худро бо худ ба идора мебурд ва ӯро аз овони навҷавонӣ бо кори тафтишот ошно намудааст. Чеҳраи ҳайвонии инсонро, ки Фурӯғ аз донишҷӯён пӯшиданист, Ҷамолзода дар давраи мактабхонӣ дидааст.

Фурӯғ, ки ба касбияти Ҷамолзода эътибор медиҳад, чашмони худро пӯшида, нафаси амиқ кашида, чашмонро боз намуда, рост ба чашмони Парвиз ва Нӯшин нигоҳ карда, гуфт:

– Агар аз дидан ё шунидани саҳнае ноҳинҷор шудед, бояд ба ман бигӯед. Фаҳмо?!

Донишҷӯён, ки аллакай аз Ҷамолзода маълумоти мухтасар дар мавриди парвандаро дарёфт намуда, кунҷков шуда буданд, нишони тасдиқ саросема сари худро якчанд маротиба такон дода, зуд рӯйи сандалиҳо нишаста, дафтарчаҳои қайдро аз кулвор баровcovered. Ҷамолзода низ пушти яке аз мизҳо нишаста, нусхаи ҳуҷҷатҳоеро, ки Фурӯғ оварда, рӯйи мизи ӯ гузошт, варақгардон намуд.

Фурӯғ пас аз часпонидани акси қурбониҳо ба тахта, шуруъ ба суҳбат кард:

– Фарқи қотили мукаллаф аз қотили номукаллаф ё бемор дар ин аст, ки бемор виҷдони бедор надорад. Саҳнаҳои қатл дар хотираи бемори руҳӣ порча-порча сабт мешаванд ва хотираи ӯ мағшуш аст. Ҷилави кирдори худро аз даст додааст ва аз ҷониби садо ва тасвирҳои дилбазан роҳнамоӣ мешавад. Руҳияи садамадида дорад ва дар барқарорсозии муносибатҳои иҷтимоӣ ноқобил аст. Агар чунин аст, қотил ба дармон эҳтиёҷ дорад, на зиндон. Дар муқобил виҷдони қотили мукаллаф бедор аст. Ҷиноятҳои содиркардаро бе мушкилӣ дубора тасвир мекунад. Метавонад, зоҳир ва рафтори маъмулӣ дошта бошад, чунки дар ворид шудан ба нақшҳои гуногун моҳир аст. Ӯ барои саркӯб кардани виҷдон ба ҷаҳонбинии хос, ки кирдори бади ӯро сафед карда метавонад, чанг мезанад, бинобар ин дар кушторҳои такрории ӯ шеваҳои такрории содирнамоии ҷиноят дида мешаванд. Қотили мукаллаф барои содирнамоии ҷиноят баҳона ва далел меҷӯяд. Мо дар пайи қотиле мегардем, ки ҷинояти худро хуб нақшакашӣ кардааст. Ӯ виҷдони бедор дорад. Бинобар ин, бояд ҷаҳонбинии қотилро бишносем. Қотиле, ки аз ҷаҳонбинии хос пайравӣ мекунад, одатҳои такрорӣ дорад ва маҳз ҳамин такрорҳо оқибат қотилро ба чоҳе меандозанд, ки худ кандааст. Қурбониҳои ӯ занҳоянд. Ба назари шумо ин ҷанбаи такрории ҷиноят ба мо чӣ мегӯяд? – нигоҳи худро ба ҳозирин намуда, пурсид Фурӯғ.

– Қотил мард аст? – худнобоварона пурсид Нӯшин.

Парвиз, ки дар тарафи дасти рости Нӯшин қарор дошт, нигоҳи худро ба пояи мизе, ки Нӯшин пушти он нишаста буд, дӯхта ба фикр фурӯ рафт. Фурӯғ бо ҳавсала мунтазири шаклгирии афкори Парвиз истод. Парвиз пас аз таваққуфи нисбатан тулонӣ ва мушоҳидаи нигоҳҳои ба ӯ равонашуда гуфт:

– Ман ба мард будани қотил шак мекунам, чунки қотилони музаккар аксаран ба номуси қурбониҳои зан таҷовуз мекунанд. Бону Ҷамолзода гуфтанд, ки муоинаи

тиббии ҷасадҳо осори дастдарозиҳои ҷинсиро ташхис надодааст. Ҳамчунин занон қобилиятҳои таҳлилии баланд доранд. Қотили мавриди назар ҷасадҳоро буғӣ карда, дар об мепартояд. Умед дорад, ки то пайдо гардидани ҷасадҳо осори буғишавӣ гум ва тафтишот ба фарзияи худкушӣ мойил гардад. Омори ҷаҳонӣ гувоҳ бар он аст, ки бештар мардон ба куштан даст мезананд. Агар қотил марди ҳисобкор аст ва огоҳона ба куштан даст мезанад, чаро қабл аз куштан аз оҷизии ин занон истифода намекунад? Шавқи куштан гувоҳ бар нафси бедор аст ва нафси бедор аз қурбонӣ суистифодаи ҳамаҷониба мекунад. Ба назари ман қотил ё зан аст ё марде, ки қобилиятҳои ҷинсии худро бо далелҳои гуногун аз даст додааст.

– Ҳеч кадом аз ин занон либоси суннатӣ дар тан надорад. Қотил метавонад, марди мутаассибе бошад, ки дар чорчӯбаҳои суннатӣ меандешад ва ба фикри худаш қурбониҳоро барои напӯшидани либоси муносиб ҷазо медиҳад, – Парвизро ба шубҳа во дошта, ором гуфт Ҷамолзода.

Ҷамолзода мехоҳад, ки Нӯшин ва Парвиз дар давраи таҷрибаомӯзӣ бо ӯ маҳорати таҳлили чандбуъдиро ёд бигиранд.

Фурӯғ назари ҳозиринро шунида, ба аксҳо аз ҷойи ҳодиса дар тахта ишора намуда, идома дод:

– Бояд тамоми ҷанбаҳои ҷиноятро баррасӣ намуда, ангораҳои фикрӣ ва рафтории қотилро бозсозӣ намоем. Нуқтаи муҳим – гарчанде қотил ҷасадҳоро ба об партоб мекунад, онҳоро дар соҳили дарё намекушад. Хулосаҳои тиббӣ бар онанд, ки байни партофта шудани ҷасадҳо дар об ва лаҳзаи фарорасии марг тақрибан 12 соат фосила ҳаст. Пас, қотил қурбониҳои худро дар ҷойи дигар кушта, сипас ба соҳили дарё меоварад. Суоли дигар марбут ба воситаи ҳамлу нақл аст. Қотил ҷасадҳоро ба кадом восита дар шаҳр бидуни ҷалби таваҷҷуҳ ҷобаҷо мекунад? Дар Душанбе, дар ҳар гӯша

дурбин насб шудааст. Дар чунин вазъият ҳамлу нақли ҷасад, ҳатто шабона, кори сода нест. Зиракии дигари қотил, ки эҳтимолан ба дастгиршавии ӯ оварда мерасонад – ҳамаи қурбониҳо макони муайяни зист надоранд. Хешу табори қурбониҳои хешутабордор аз онҳо дар вақти зинда будан даст кашидаанд. Акси қурбониҳоро, ки ҷадидан бо мақсади ташхиси ҳувияти онҳо дар ахбор пахш намуда буданд, ба эҳтимоли зиёд қотил ҳам дидааст. Мардуми одӣ фикр мекунанд, ки занони дараксбуда бедарак шудаанд, вале қотил медонад, ки ин занон кайҳо мурдаанд ва талоши ӯ барои ба худкушӣ монанд намудани марги қурбониҳо барабас рафтааст. Майли дастгиршавӣ надорад, вале дигар ҷилави ҳайвони аз занҷирраҳошударо низ гирифта наметавонад. Рангу авзои ҷасадҳо, гарчанде ба хотири соатҳои зиёд дар оби сард қарор доштан, дигаргун шудааст, вале агар ба хулосаҳои муоинаи тиббии ҷасадҳо назар андозед, ба осори банду часп дар банди пову банди дастони қурбониҳо ишора мешавад. Қурбониҳо фурсати муқобила бо қотилро надоштаанд. Тахмин мезанам, ки қотил қурбониҳоро ғофилгир мекунад. Қурбониҳо ё қотилро мешиносанд ё ӯ бо онҳо дар фазои баста таъйини мулоқот мекунад. Мавҷуд набудани осори муқовимат дар ҷасадҳо ба ин маъност, ки қотил қабл аз ҳамла ба қурбонии худ қурбониро мадҳуш намуда, дасту пову даҳони ӯро мебандад. Дар бадани ҳеч кадом аз қурбониҳо асар аз зарбаҳои ғофилгиркунанда нест, вале ташхиси хун мавҷудияти кофеин ва моводи мадҳушкунанда дар таркиби хуни қурбониҳоро собит намудааст. Эҳтимол меравад, ки қотил моводи мадҳушкунандаро дар қаҳва омехта мекунад. Бо назардошти маълумоти дардастбуда тахмин мезанам, ки қотил хона дорад ва қурбониҳоро бо баҳонаи додани утоқ ё хонаи иҷора ба хонаи худ меоварад. Пас аз дарёфти маълумоти шахсӣ ва ташхиси қурбонии мусоид, аз ӯ бо қаҳва пазирой мекунад. Пас аз мадҳушсозӣ дасту пойи қурбониро баста, ба даҳони ӯ

часп мезанад. Ниҳоят, қурбонии худро буғӣ карда, мекушад. Аз он ҷо ки ин занон моядор нестанд ва дар тан либосҳои гаронбаҳо надоранд, ҳадафи қотил дастрасӣ ба амволи қурбонӣ не, балки расидан ба лаззати куштан аст. Қотили пеши рӯ аз куштан лаззат мебарад. Мисли ҳар қотили дигар ӯ низ бо содир намудани ҳар қатл сол ба сол комилтар ва густохтар мешавад. Соли аввал 2 нафар, соли дуввум 5 нафар ва соли севвум 8 нафарро ба қатл расонидааст. Агар ӯро то фарорасии зимистон дастгир накунем, на танҳо теъдоди зиёди одамонро мекушад, балки ба эҳтимоли зиёд дар усулҳои қатл низ навгониҳои барои тамошо нобоб ҷорӣ хоҳад кард. Фикр мекунам, қотил зан аст ё ба эҳтимоли зиёд зане ба ӯ барои ба дом андохтани занони овора кумак мекунад. Далели кофӣ барои исботи ин фарзия нест, вале ғариза ба ман мегӯяд, қотил зани миёнсол аст. Танҳо зиндагӣ мекунад. Фарзанд надорад ё агар дошта бошад ҳам, бо онҳо дар тамос нест. Шарик доштани қотил аз эҳтимол дур нест. Агар қотил зан бошад, дар ҳамлу нақли ҷасадҳо ба кумак эҳтиёҷ дорад. Дар маҳаллаи ором зиндагӣ мекунад. Зоҳири маъмулӣ дорад ва бо ҳамсояҳо рафту омади наздик намекунад. Ӯ дар рӯзномаҳо эълон барои додани хонаи иҷора паҳн мекунад. Агар қурбонии муносиб ба тӯр афтид, қурбониро барои бозбинӣ ба хона даъват мекунад. Агар қотил мард мебуд, қурбониҳо ҷуръати ворид шудан ба хонаро намекарданд. Кӯча занонро нисбат ба мардон нобовар месозад. Қотил ё шарики ӯ зан аст, бинобар ин қурбониҳо бидуни тарс вориди лонаи ӯ мешаванд. Пас аз гирифтани маълумоти кофӣ ва хотирҷамъ шудан, қотил барои меҳмон қаҳва меорад. Фикр мекунам, ки қотил дар манзили истиқоматӣ зиндагӣ мекунад. Ӯ дар хонаи худ барои куштор утоқи махсус омода кардааст. Дар миёни тӯдаи мардум гум шудан осонтар аст.

Сипас, Фурӯғ ба Парвиз ва Нӯшин нигариста, гуфт:

– Кори ҳардуи шумо эълонхонӣ хоҳад буд. Бону Ҷамолзода нашрияҳои тирамоҳӣ ва зимистонии се соли охири тамоми рӯзномаҳоеро, ки дар онҳо эълон нашр мешавад, дастрас намуда, дар ихтиёри шумо қарор медиҳанд. Шумо дар ин рӯзномаҳо ба дунболи эълонҳои такрорӣ хоҳед гашт.

Вазифае, ки Фурӯғ барои Нӯшин ва Парвиз, ки интизори дахолати бевосита дар кори тафтишотро доштанд, пайдо кардааст, ба завқи кунҷковии ҳарду бархӯрд, вале аз ночорӣ чизе нагуфтанд.

Фурӯғ идома дод:

– Қотил эълон пахш мекунад, вале ба касе дар хонаи худ ҷо намедиҳад. Одатан эълонҳои маъмулӣ пас аз 2-3 ҳафта паҳни пайдарпайи эълон, вақти пайдо шудани иҷоранишин гум мешаванд ва дигар барои муддати тулонӣ такрор намешаванд. Эълонҳои нафареро, ки мо меҷӯем, дар давраи фаъолшавии мавсимии ӯ дар се-чор моҳи сармо такрор ба такрор нашр мешаванд.

## Қисми 34

## Калид

Вақте Замира 5 сол пеш аз бемористон ҷавоб шуда, ба хонаи Ҳуснигул омад, Ҳуснигул ӯро дар утоқи хоби Мағфират ҷо намуд. Замира гарчанде қобилияти роҳ рафтанро аз даст додааст, ба хотири қарор гирифтан дар фазои орӣ аз изтироб, осуда гардид. Дигар таҳлукаҳои асабӣ ба ӯ ҳамлавар намешуданд. Замира ширинии хоби оромро барои аввалин бор дар хонаи Ҳуснигул чашид. Зеҳни Замира чунон ором гардида буд, ки ӯ ҳатто ба фикри ёд гирифтани

дӯзандагӣ ё дигар ҳунарҳои дастӣ афтод. Пойи равон аз даст дода, Замира ба қадри неъматҳои боқӣ мерасад.

Вақте Ҳуснигул нархи иҷораи хонаро баланд кард, Мағфират ва Фарзона аз хонаи Ҳуснигул рафтанд. Ҳамроҳи Мағфират ва Фарзона осоиш аз хонаи Ҳуснигул бадар шуд. Шаҳло ва Ҳуснигул мудом даъво мекарданд ва Замира бо мушкилоти рӯзмарра ба худ вогузор гардид. Қаблан Мағфират Замираро зуд-зуд шустушӯ медод, Фарзона бошад, ӯро ба аробачаи маъюбии куҳна, ки аз кадом ошно дарёфт намуда, барои Замира оварда буд, савор карда, ба берун барои сайру гашт мебурд.

Ҳол Замира дар чордевори утоқ зиндонӣ шуда буд, чунки Шаҳло шабҳо ба берун мерафт ва рӯзҳо дар хона мехобид. Ҳуснигул бошад, ба Замира ба унвони сарбор менигарист. Ӯ аҳволи Замираро бо маломату кинояҳои захромез бадтар менамуд. Ҳуснигул аз нақши баргузоркунандаи ҷашнҳои арӯсӣ берун омада, вориди нақши воқеии худ гашта буд. Дигар бо Замира хушсуханӣ намекард. Ба ночориҳои Замира бо хунсардӣ ва таҳқир менигарист. Тайи умри худ Замира аз як ҷаҳаннам ба ҷаҳаннами дигар партоб шудааст. Замира кадом чорчӯбаи имониро бояд аз зеҳни худ пок кунад, то аз муодилаи такрори ҷаҳаннам дар зиндагии худ берун барояд?

Таҳлукаҳои асабии Замира бо қуввати бештар ба ӯ баргаштанд. Руҳияи ӯ қуввати бардошти эҳсоси ҳақоратеро, ки такрор ба такрор суроғи Замира меояд, надорад. Ӯ орзуи баромадан аз ҷаҳаннамеро, ки дар он ба воя расида буд, мекард, вале ба ҳар куҷо, ки наравад, омилони нав ҳамон ҷаҳаннамро барояш бозсозӣ мекунанд. Шояд падару модар зеҳни Замираро чунон олуда намудаанд, ки руҳияи ӯ бо фазоҳои ғайр аз ҷаҳаннам носозгор гардидааст? Замира нохост пай бурд, ки бо вуҷуди дар талаби хушбахтӣ будан, хушбахтиро умуман намешиносад: хушбахтӣ чӣ мазза дорад? Чирангист? Модоме ки Замира қобилияти тасаввури

хушбахтиро надорад ва хушбахтиро ҳаргиз таҷриба накардааст, чӣ гуна бояд ба хушбахтӣ бирасад?

Аввалин бор Замира маззаи хушбахтиро вақте чашид, ки Ҳуснигул аробачаи худрави бузургҷуссаи навро барои Замира ба хона овард. Гарчанде Замира дар давраи ҳамхонагӣ бо Бахтиёр барои амалисозии ормонҳои худ пули бешумор сарф кардааст, он замон такаббур монеи шукргузории Замира мешуд. Акнун, ки маълулият худхоҳӣ дар вуҷуди Замираро сарнагун кардааст ва ӯ худро дар рӯёрӯйӣ бо мушкилот таку танҳо мебинад, бобати кӯчактарин эҳсон, бобати камтарин таваҷҷуҳ шодмон мешавад.

Бузургиву кӯчакии неъматҳо не, балки қалби шукргузор калиди хушбахтиҳост. Дар дунё ҳар хисорат ҷуброн дорад. Агар Худо чизеро аз ту мегирад, беҳтар аз онро ҷойгузин хоҳад кард. Замира пойи равон аз даст дода, қалби шукргузор ба даст овард. Гарчанде Замира ҳанӯз дари хуруҷ аз ҷаҳаннамро пайдо накардааст, калиди хушбахтиро дар ҷайб дорад.

****

Парвиз ва Нӯшин низ тайи се ҳафтаи охир ба дунболи калид мегарданд. Якчанд эълонҳои такрориеро, ки бо хушнудӣ ва саросема ба Ҷамолзода гузориш дода буданд, тафтишотро аз бунбаст берун наовард. Ногаҳон Нӯшин ба Парвиз гуфт:

– Мо рӯзона ҳазорҳо эълони такрориро аз рӯйи шумораҳои тамос тасниф мекунем. Накунад қотил шумораи худро зуд-зуд иваз мекунад?

Парвиз, ки тайи се ҳафта ғизои солим нахӯрда, рӯзномаҳоро дар идора ва дар хона зеру рӯ мекард ва бениҳоят хаста менамуд, бо навмедӣ ва таассуф гуфт:

– Чӣ гуфтан мехоҳӣ, Нӯшин? Се ҳафта кофтуков беҳуда буд?

– Не! – бо табассуми худбоварона ва бо нигоҳи ризоят ба чашмони ноумеди Парвиз хира шуда, гуфт Нӯшин.

– Мо бояд ба дунболи шумораҳои такрорӣ не, балки ба дунболи матнҳои якхела гардем, Парвиз. Агар қотил аз сари ҳушёрӣ зуд-зуд шумораи тамоси худро иваз кунад ҳам, умед аст, ки дар ҳамаи эълонҳо ҳамон як матнро паҳн мекунад.

Пас аз якчанд рӯз ҷустуҷӯйи хастагинопазир талоши Парвиз ва Нӯшин натиҷа дод. Онҳо бо феҳристи дарози шумораҳои телефон бидуни дар задан ба утоқи кории Ҷамолзада ба шаст ворид шуда, феҳристро дар рӯйи мизи ӯ гузошта, бо як овоз гуфтанд:

– Қотилро пайдо кардем!

Ҷамолзода, пас аз суолпурсӣ, феҳристро барои ташхис фиристод. Тамоми шумораҳои пайдонамудаи Нӯшин ва Парвиз ба номи Замира Музаффарзода сабт шудаанд.

Ҷамолзода ба Фурӯғ занг зада, ӯро ба назди худ хонда, натиҷаи кори ду таҷрибаомӯзи ҷавонро ба ӯ нишон дода, гуфт:

– Гиреҳеро, ки мутахассисони соҳа дар се соли охир боз карда натавонистанд, ду кӯдаке, ки шумо монеи ширкати онҳо дар рафти тафтишот шудан мехостед, кушоданд. Кӯдакон ба эҳтиёткории мо не, балки ба бовари мо муҳтоҷанд.

Фурӯғ такрори номи Замираро дар рӯйи гузоришҳои бешумори ширкатҳои мобилӣ хонда, такон хӯрд. Дар рӯйи нусхаи шиносномаи Замира, ки ширкатҳои мобилӣ ирсол намуда буданд, суроғаи хонаи Бахтиёр Музаффарзода қайд шудааст. Фурӯғ Замираро мешиносад. Наход қотиле, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба таҳлука овардааст, зани яке аз кормандони баландмартабаи худи мақомот аст?

Ҷамолзода барои бозпурсии Музаффарзода рафт. Дар дунёи хиёл Фурӯғ ба толори худбинии Замира баргашта,

бовар кардан намехост, ки маълулияти эҳсосӣ Замираро оқибат ба одамкушӣ расонидааст.

## Қисми 35

## ПАЙМОНИ ХОНУМОНСӮЗ

Ҷамолзода вориди кабулгоҳи Бахтиёр Музаффарзода гардида, бо бонуи солманде, ки дар қабулгоҳи Музаффарзода нишаста буд, салом карда, ба ӯ ҳуҷҷати хидматиро нишон дода, худро муаррифӣ намуд. Иродаи мухолифат дар чеҳраи Ҷамолзодаро муоина намуда, бону пай бурд, ки Ҷамолзода ба ин ҷо бо ангезаҳои дӯстона ташриф наовардааст. Муншии собиқадор изтироби худро ба Ҷамолзода нишон надода, саросема аз пушти миз бархоста, Ҷамолзодаро ба нишастан даъват намуда, вориди утоқи кории Бахтиёр Музаффарзода шуда, дарро аз паси худ пӯшид.

Ҷамолзода хабари бар асари садамаи нақлиётӣ аз пойи равон маҳрум гардидани зани Музаффарзодаро 5 сол пеш дар рӯзнома хондааст. Соли севвуми таҳсили Ҷамолзода дар донишгоҳ буд. Замира, то он дам, гарчанде зуд-зуд дар маркази таваҷҷуҳи расонаҳои шаҳр қарор гирифта, бо чорчӯбашиканиҳои худ паёмсозӣ мекард, пас аз садама аз назарҳо нопадид гардид. Беҳин Ҷамолзода медонад, агар Замира дар кушторҳои занҷирайӣ даст дорад, шавҳар дар рӯйпӯшсозии ҷиноёт ба ӯ мусоидат намудааст. Ҷамолзода инро намефаҳмид, ки агар Музаффарзода ба фарзи мисол аъмоли завҷаи худро рӯйпӯш мекунад, чаро аз имконоти васее, ки дар ихтиёр дорад, истифода нанамуда, ҷасадҳоро хубтар пинҳон накардааст? Фарзияҳое, ки Ҷамолзода дар сар месохт, яке паси дигар ба бунбаст бармехӯрданд. Ӯ бояд

Музаффарзодаро тарзе бозпурсӣ кунад, ки Музаффарзода ба бадгумонии тафтишот нисбат ба худ пай набарад.

Бону муншӣ аз утоқи кории Музаффарзода берун омада, Ҷамолзодаро ба дохили утоқ даъват намуд. Ҷамолзода, қабл аз ин ки муншӣ тасмиме бигирад, аз бонуи солманд хоҳиш кард, ки бо баҳонаи қаҳва ё чой ба суҳбати ӯ бо Музаффарзода халал нарасонад. Сипас, Беҳин сангиниву ҷиддият дар чеҳраи худро сабуктар намуда, вориди утоқи кории Музаффарзода шуд.

– Салом, ҷаноби Музаффарзода, – бо руҳияи хушк ва бидуни лабханд ба забон овард Ҷамолзода.

Музаффарзода, ки Беҳинро аз давраи мактабхонӣ борҳо дар долонҳои мақомот ҳамроҳи падар дида, ҳамеша бо ӯ хушсуханӣ кардааст, ба эҳсоси ногуворе, ки нигоҳи таҳлилгаронаи Ҷамолзода дар вай эҷод карда буд, нигоҳ накарда, аз чорчӯбаҳои расмӣ сарфи назар намуда, посух дод:

– Салом, Беҳинҷон. Аз серкориат бохабарам. Бовар дорам, мавзуе, ки туро ба ин ҷо овардааст, изтирорӣ ва бениҳоят муҳим аст. Бифармо, биншин.

Падари Ҷамолзода ба кори худ шадидан алоқаманд буд. Ӯ дар хона низ вақти зиёдро ба мутолиаи маводи корӣ ихтисос медод. Баҳодур Ҷамолзода кӯдаконро бисёр дӯст медошт, вале ҳамсари ӯ баъд аз таваллуди Беҳин дигар фарзанддор шуда натавонист. Беҳин барои падар ҷойгузини ҳам духтар буд ва ҳам писар. Падари Беҳин ба ягона духтари худ муҳаббати падариеро, ки барои чандин фарзанд басанда аст, бахшид. Ӯ духтар гуфта, ба Беҳин дурӯғ намегуфт. Духтар гуфта, барои ширкати Беҳин дар корҳои аз назари ҷомеа барои зан номуносиб монеа эҷод намекард. Бо такфарзанди худ аз хурдсолӣ рафиқона машварат намуда, ӯро бо вижагиҳои одамон, асрори тафтишот ва нозукиҳои кори кофтуков ошно мекард.

Беҳин аз падари худ натанҳо тахассуси ӯ, балки шинохти ӯ аз дигар мақомдоронро омӯхтааст. Музаффарзодаро Беҳин ҳамчун мақомдори ҳисобкор ва ҳангоми ба хатар афтидани манфиатҳои шахсӣ бераҳм мешиносад. Бахтиёр Музаффарзода дар муоширaт ширинкалом, вале дар рафти кор ваҳшист. Бинобар ин, Ҷамолзода фиреби "Беҳинҷон" гуфтанҳои Музаффарзодаро намехӯрад. Бидуни муқаддима шуруъ кард:

– Ҷаноби Музаффарзода! Ман ин ҷо ба хотири завҷаи шумо омадаам. Фикр мекунам, Замира Музаффарзода ба мо дар ҳалли як муаммои тафтишотӣ кумак карда метавонанд.

– Замира? – бо тааҷҷуб пурсид Музаффарзода.

– Бале, ҷаноби Музаффарзода. Агар мусоид аст, худи ҳамин рӯз бояд бо завҷаи шумо суҳбат кунам.

Дили Музаффарзодаро гумонҳои бад тасхир карданд. Замира, ҷисман маъюб шуда бошад ҳам, ҳуши коро дорад. "Накунад, аз ночорӣ даст ба кори бад задааст?" – бо худ андешид Музаффарзода. Шавҳари собиқи Замира бисёр мехост, Беҳинро бозпурсӣ намояд, вале суол суол тавлид мекунад, бинобар ин Музаффарзода бо мақсади дар маркази таваҷҷуҳи муфаттиши ҷавон қарор нагирифтан оташи кунҷковӣ дар вуҷуди худро хомӯш карда, ниқоби нодонӣ ба чеҳра кашида, гуфт:

– Ман 5 сол пеш Замираро талоқ додам, Беҳинҷон. Ӯ дигар завҷаи ман нест. Аз аҳвол ва макони зисти ӯ бохабар нестам. Номи завҷаи кунунии ман Сулҳия аст. Замира ба кадом кори бад даст задааст?

Хунсардии Бахтиёр Музаффарзода шакку шубҳаи Ҷамолзодаро нисбат ба ӯ бештар намуд, вале муфаттиш аввал бояд рафта, дурустии иддаои Музаффарзодаро месанҷид. Аз ин рӯ, Ҷамолзода барои посух надодан ба суолҳои Музаффарзода, ки корманди баландрутбаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аст ва монеи пешравии тафтишот шуда метавонад, зуд аз ҷо бархоста, гуфт:

– Ин тавр бошад, вақти шуморо намегирам, ҷаноби Музаффарзода. Мутаассифона, кор бисёр ва вақт оби равон аст.

Музаффарзода саросема аз ҷо бархоста, қабл аз ин ки Ҷамолзода аз ӯ рӯ баргардонад, гуфт:

– Беҳинҷон, агар Замира худро олудаи кадом ҷиноят кардааст, номи ман набояд дар миён кашида шавад. Ӯ собиқ завҷаи ман буд ва рақибон метавонанд Замираро баҳона карда, номи маро дар расонаҳо сиёҳ кунанд. Ба шумо ҳақиқатро мегӯям. Замираро пас аз садама дар бемористон раҳо карда, рафтам. Дар зоҳир бо ӯ номардона рафтор намудаам, вале ӯ зани суистифодакор буд. Бо имзоҳое, ки дар бемористон аз Замира гирифтам, худро аз ӯ расман ҷудо намудаам. Ин фасли зиндагиро барои ҳамеша бастаам. Агар Замира ба кирдори ношоям даст задааст, бояд худи ӯро ҷавобгар кунанд. Одилона нест, ки ба хотири як нодон ба эътибори ман латма ворид шавад, – ба ҳисси адолатхоҳии Беҳин фишор оварданӣ шуда, бо садои ҳиллагарона шикоятомез гуфт Музаффарзода.

Падари Ҷамолзода Музаффарзодаро намеписандид. Ба Беҳин гуфта буд, ки Музаффарзода мори ширинзабон, вале заҳрчакон аст. Бахтиёр Беҳинро бозӣ дода наметавонад. Беҳин медонад, ки Бахтиёр нигарони Замира нест. Дили Бахтиёр ба одамон не, балки ба меҳнати чандинсола, ки дар эътиборсозӣ барои худ сармоя кардааст, месӯзад. Ҷамолзода ба худсафедкуниҳои Музаффарзода бо хунсардӣ гӯш дода, нигоҳи сарди худро аз Музаффарзода наканда, бетафовут гуфт:

– Ҳеч вақт ба адолати Худо шак накунед, ҷаноби Музаффарзода. Худо худаш беҳтар медонад, ки киро ба кадом намуди пардохт водор созад. Ин масъала аз чорчӯбаи идораи ману шумо фаротар рафтааст, ҷаноби Музаффарзода. Парвандае, ки Замира дар кушоиши гиреҳи он мусоид буда метавонад, таҳти назорати бевоситаи мақомоти олии кишвар

қарор гирифтааст. Фарҳодӣ ҳам ба унвони дастёри ман аз “боло” ҳаққи дахлнопазирӣ гирифтааст. Шумо худатон медонед, ки “боло” ба хотири эътибори шумо қавли додаи худро беэътибор намекунад. Ман ҳам дар навбати худ номи падари марҳумро ба ришваситонӣ ва воситабозӣ доғдор нахоҳам кард. Фарҳодӣ низ одами тарсончак нест. Яке аз шартҳое, ки Фарҳодӣ дар ивази кумак ба тафтишот дар назди Додситони кул мондааст, расонаӣ кардани кори тафтишот пас аз дастгирии қотил аст. Гарчанде қудрати фаровон доред, ин дафъа сарнавишт дасту пойи шуморо бастааст. Шояд вақти пардохти суратҳисобҳо фаро расидааст, ҷаноби Музаффарзода? – гуфта, рӯйи худро ба тарафи дар карда, аз утоқи Музаффарзода берун шуд Беҳин.

Ҷамолзода ба ширкатҳои мобилӣ дархости расмӣ барои дарёфти маълумот дар бораи зангҳои дохилӣ ва берунии шумораҳои Замира ва ҳамчунин дархост барои дастрасӣ ба наворҳои дурбинҳо аз рӯзҳои бақайдгирии шумораҳо фиристод. Ҳеч кадом аз ин шумораҳо фаъол нестанд. Тафтишот ба ташхиси ҳувияти нафароне пардохт, ки дар давраҳои гуногун ба шумораҳои ба номи Замира қайдшуда занг задаанд. Шояд дар миёни нафароне, ки ба шумораҳои Замира занг задаанд, нафаре пайдо шавад, ки бо баёноти худ тафтишотро аз бунбаст берун биоварад.

Чанд нафарро пайдо карданд. Гурӯҳи кории махсус ба гирифтани баёноти ин ашхос пардохт. Ҷамолзода барои пайдо намудани Замира, ки дар ягон суроғаи расмӣ ба қайд гирифта нашудааст, ба наворҳо аз дурбинҳои дар шуъбаҳои шаҳрии ширкатҳои мобилӣ насбшуда умед баст. Вақте Ҷамолзода дар утоқи худ ба муоинаи наворҳои дарёфтнамуда машғул гардида, лаҳзаи воридшавии Замира ба яке аз шуъбаҳои ширкати мобилиро пайдо намуд, Фурӯғ дари утоқи кории муфаттишро зада, бо хулосаҳои тиббӣ аз муоинаи такрории ҷасадҳо вориди утоқ шуд. Ҷамолзода Фурӯғро дида, ӯро барои муоинаи акси тасвирии Замира ба

пушти компютери худ хонд. Фурӯғ ҳуҷҷатҳоро рӯйи миз гузошта, ба назди Ҷамолзода омада, ба саҳифаи компютер нигоҳ кард.

Дар саҳифаи компютер Фурӯғ Замираро рӯйи аробачаи худрав ва дар канори ӯ Ҳуснигулро шинохт. Чархиши ногаҳонӣ дар мағзи сари худро эҳсос намуда, Фурӯғ таодул аз даст дод. Беҳин зуд аз ҷо баланд шуда, аз зери бағали Фурӯғ гирифта, ӯро дар курсии худ нишонд. Дар пиёлае, ки аз ҷевони рӯ ба рӯ гирифт, оби хунук рехта, ба Фурӯғ дод. Вақте аҳволи Фурӯғ муътадил шуд, Беҳин ба ӯ гуфт:

– Шумо шабу рӯзро дар идора мегузаронед, бону Фарҳодӣ. Маълум нест, ки дар ин рӯзҳо чӣ менӯшед ва чӣ мехӯред. Имрӯз, лутфан, рафта, дар хона истироҳат кунед.

- Истироҳат? – ба чашмони Беҳин нигоҳ карда, эътироз намуд Фурӯғ.

Ашк дар чашмони Фурӯғ ҳалқа зад. Муоинаи ҷасади ҷавонзанон ва фарҷоми нохуши зиндагии саргардони онҳо Беҳинро низ пороҳат менамояд. Бинобар ин, бо мақсади оромтар кардани Фурӯғ ба ҳарф задан идома дод:

– Медонам, ки шумо намехоҳед, ки қотил фурсати дигар барои ба қатл расонидани занони нокомро пайдо кунад, вале Худо барои ҳар кор вақту соати муайян таъйин кардааст, бону Фарҳодӣ. То вақти дастгиршавии қотил фаро нарасад, дастгир нахоҳад шуд. Мутаассифона, оқибати корҳо дар дасти инсон нест.

Ҷамолзода ба Фурӯғ нигоҳ карда, маънои ночорӣ ва таассуфи беҳад дар нигоҳи ӯро намефаҳмид. Бону муфаттиш аз тағйири суръати болову поиншавии қафаси синаи Фурӯғ пай бурд, ки таҳлукаи Фурӯғ рӯ ба афзоиш аст, бинобар ин барои ин ки Фурӯғ ақлонияти худро ҳифз кунад, ӯро ба суҳбат бо худ во дошт:

– Чӣ шудааст, бону Фарҳодӣ? Чӣ шуморо озор медиҳад?

Суоли Ҷамолзода Фурӯғро аз қабзаи таҳлука берун овард ва ӯ афкори мушавваши худро канор зада, бо садои баланд гиря кард.

Беҳин, ки то ҳол майли ба ҳам задани расмиятчигӣ бо Фурӯғро надошт ва Фурӯғро мутахассиси беш аз ҳад камолгаро мепиндошт, дар вуҷуди Фурӯғ духтари меҳрубон ва дилсӯзро дида, расмиётро канор гузошта, курсии рӯбарӯро гирифта, омада, дар назди Фурӯғ нишаста, дастони ӯро, ки нохудогоҳ мушт гардида буданд, боз намуда, ба молиш додани сари ангуштони Фурӯғ пардохт. Фурӯғ дар нигоҳи Беҳин ҳимояти бечунучароро дида, худро ба даст гирифта, нафасҳои сӯзнокро ба берун дода, гуфт:

– Ман қотилро мешиносам, бону Ҷамолзода. Агар дар вақташ ба қавле, ки ба Ҳуснигул дода будам, вафо намекардам, 15 нафар туъмаи нафси ӯ намешуданд. Дастони ман низ олудаи хунанд.

Селаи ашк дубора дар чашмони Фурӯғ ҳалқа зада, монеи тамоси чашмии ӯ бо муҳити пиромун гардид. Фурӯғ Беҳинро намедид. Ӯ даргири кашмакаш миёни лашкари таассуф ва ақли бедор шудааст.

Рехтани ашки бисёр Фурӯғро афгор намуд. Гарчанде дигар гиря намекард, осуда нашуд. Ӯ чигунагии ошноӣ бо Ҳуснигул ва суиқасд ба ҷони худ ва дар ниҳоят, ному насаби Ҳуснигулро ба Ҷамолзода нақл кард ва худ ҷониби қаҳвахонаи қадимӣ, ки Ҳуснигул қаблан дар он ҷо зиндагӣ мекард, раҳсипор шуд. Ҷойи сохтмони қадимӣ сохтмони баландошёнаи замонавӣ сохтаанд. Нигаҳбони назди дар ба Фурӯғ иҷозаи ворид шудан ба сохтмонро надода, гуфт, ки “вуруд фақат бо иҷозаи соҳибхонаҳо!”.

Дар пушти сохтмон, ҳамон ҷойе, ки Фурӯғ бо мошин ба дарахт бархӯрда буд, майдончаи бозӣ барои бачагон сохтаанд. Пардаи торикӣ пеши чашмони Фурӯғро гирифт. Саҳнаҳои рӯёрӯйии Фурӯғ бо Ҳуснигул дар ошпазхонаву анбори қаҳвахона дар пеши чашмони Фурӯғ шино

мекарданд. Виҷдони Фурӯғ фиғон мекашад. Ӯ Фурӯғи 5 сол пешро дарк кардан мехоҳад. Чӣ гуна тавонист, ки бо шайтон аҳд бибандад ва ба аҳди ғалати худ вафо кунад? Фурӯғ дар дил ба худхоҳиҳои худ нафрин мефиристод. Магар одам дидаву дониста ба қавле, ки ба даранда додааст, амал мекунад? Не-е-е… Паймон бо Ҳуснигулро Фурӯғ аз сари ростқавлӣ не, балки аз сари худхоҳӣ нашикаст. Фурӯғ ниқоби ростқавлиро ба қимати раҳо кардани шайтон аз занҷир ҳифз намудааст. Шайтон дар гӯши Фурӯғ, ки зери фишори исёни виҷдон сарриштаи андешаро аз даст дода буд, мехонд, ки ҷасадҳои занони овора қурбониҳои Ҳуснигул не, балки қурбонии худхоҳии Фурӯғанд.

Фурӯғ мехост, худро ба дару девор бизанад. Ӯ солҳои умри худро дар худфиребӣ гузарондааст. Фурӯғи пешин худро аз ҳама боло мепиндошт, дастони худро олудаи ҳуснигулбаринҳо кардан намехост. Акнун ӯ бо худ меандешад, ки чӣ суд аз ҳавобаландие, ки боиси раҳо шудани шаётин аз завлонаҳо мешаванд? Ҳоло сарнавишт подоши ҳавобаландиҳои Фурӯғро бо тамошои ҷасадҳо медиҳад. Магар омӯзгоре тавонотар аз рӯзгор ҳаст?

Фурӯғ ба Ҷамолзода занг зада, суроғаи сохтмонро ба ӯ дода, аз ӯ дархост намуд, ки дар мавриди соҳиби қаҳвахонае, ки дар сохтмони қадимӣ дар ҳамин суроға фаъолият мекард, таҳқиқ кунад. Таҳқиқот маълум намуд, ки соҳиби қаҳвахона дар ивази моликият аз ширкати сохтмонӣ пул дарёфт намуда, ба шаҳри Ваҳдат кӯч кардааст.

Ҷамолзода ва Фурӯғ ҳамроҳ барои бозпурсии Файзулло, собиқ дастёри Ҳуснигул ба Ваҳдат рафтанд.

## Қисми 36

# МИЛОДИ ҚОТИЛ

Файзулло дар маркази шаҳри Ваҳдат дар дохили хоначаи чархдор ба фурӯши ғизоҳои тезтайёр машғул шудааст. Беҳин ва Фурӯғ ҷойи кори Файзуллоро аз ҳамсояҳо пурсида, ба маркази шаҳр омада, мошинро дар таваққуфгоҳи назди мошинҳои мусофиркаши байнишаҳрӣ гузошта, пойи пиёда ба назди Файзулло рафтанд.

Файзулло дар дохили хоначаи чархдор бо сару вазъи жӯлида мунтазири муштариён нишастааст. Беҳин дохил ва беруни нуқтаи фурӯшро бодиққат муоина намуда, аз дил гузаронд: "Ин нуқтаи фурӯши ғизо не, балки нуқтаи фурӯши маризиҳост". Фурӯғ, ки даргири азоби виҷдони худ шуда буд, аз ҷузъиёт сарфи назар намуда, нигоҳи худро аз чашмони Файзулло намеканд. Ӯ ба дунболи посухи суолҳо мегардад. Файзулло Фурӯғро шинохта, дар канори ӯ корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо либосҳои хидматиро дида, ба таҳлука афтод. "Ин духтар ба ваъдаи ба Ҳуснигул дода амал накарда, баъд аз солҳо барои интиқом омадааст" – аз фикр гузаронд Файзулло.

Беҳин, ки Фурӯғро барои шиносоии Файзулло оварда буд, ба Фурӯғ бо нигоҳи суоломез назар афканд. Фурӯғ бо як бор такон додани сар тасдиқ намуд, ки Файзулло ҳамон нафарест, ки онҳо меҷӯянд. Беҳин, ки ҳавсалаи ворид шудан ба дохили хоначаи олуда ё истодан дар зери офтобро надошт, ҳуҷҷати хидматии худро аз ҷайб бароварда, ба Файзулло нишон дода, гуфт:

– Дару тирезаро баста, аз қафои ман биё! Ба ту бояд якчанд савол бидиҳам.

Файзулло нуқтаи фурӯши худро бо дили нохоҳам баста, баъд аз ин ки Беҳин ба дастони ӯ завлона зад, аз паси Беҳин омад. Фурӯғ низ дунболи онҳоро гирифт. Беҳин дари

мошинро боз намуда, ба Файзулло фармуд, ки ба дохили мошин биншинад. Беҳин ва Фурӯғ Файзуллоро ба мошин нишонда, ба Душанбе барои бозпурсӣ оварданд.

Дар утоқи бозпурсӣ Беҳин аз Файзулло пурсид:

– Ба назарат барои чӣ туро ба ин ҷо овардем?

Файзулло ба Фурӯғ, ки дар канори Беҳин нишаста, чизе намегуфт, ишора намуда, гуфт:

– Ба хотири ин духтар.

Беҳин барои пешгирӣ аз тахминзаниҳои Файзулло бобати дарёфтаҳои тафтишот ва умеди дастрасӣ ба маълумоти бештар Файзуллоро бо суолҳои дақиқ рӯбарӯ накарда, гуфт:

– Муфассал нақл кун. Кадом кирдори ту боис шудааст, ки туро ба ин ҷо биоварем?

Файзулло аз тарс дарақ-дарақ меларзид. Аз сару рӯйи ӯ арақ мешорид. Бинобар ин, худро гум карда, маълумотеро, ки тафтишот аз он бехабар буд, ба Беҳин дод:

– 5 сол пеш ман дар Душанбе қаҳвахона доштам. Дар анбори қаҳвахона Ҳуснигул ном зани овора зиндагӣ мекард. Ҳуснигул овораи одӣ набуд. Ман ӯро аз солҳо пеш мешинохтам. Дар вақташ зани яке аз мақомдорони баландпоя буд. Ман дар давраи айшу нӯши Ҳуснигул бо мошини боркаши худ ба мусофиркашӣ машғул будам. Агар Ҳуснигул пинҳонӣ аз шавҳар коре анҷом додан мехост, ба ман занг мезад. Бонуи сармоядор ҳаққи хидмати манро саховатмандона пардохт менамуд, вале он замон намедонистам, ки як рӯз ӯ чанд баробари пардохтҳои худро аз ман хоҳад ситонд. Ҳуснигул ва шавҳари ӯ аз баднафсиву тарсончакии ман суистифода карданд. Як шаб Ҳуснигул ба ман занг зад. Вақте телефонро ҷавоб додам, аз дур садои гиряи Ҳуснигул меомад ва шавҳари ӯ худро муаррифӣ карда, аз ман хост, ки бо мошини худ ба суроғаи лозим биоям. Вақте ба он ҷо рафтам, шавҳари Ҳуснигул аз як тарафи халтаи дароз, ки дар долон гузошта буданд, гирифта, ба ман

амр кард, ки аз тарафи дигар бигирам. Халта шабеҳи халтаҳое буд, ки маъмулан гӯсфанди пӯсткандашударо дар он мегузоранд. Хона бӯйи хун медод. Рӯйи халтаро низ лакка-лаккаҳои хун гирифта буданд. Садои уллоси Ҳуснигул аз дохили хона меомад, вале ба назди ман набаромад. Вақте аз як тарафи халта гирифтам, арақи сард дар тахтапуштам давид. Аз ду пойи одам гирифта будам. Баъдтар Ҳуснигул ба хотири ором кардани азоби виҷдони ман гуфт, ки шавҳари худро бо маъшуқа дар он хона дастгир намуда, бо зани ҷавон ҷанҷол карда, дар рафти кашмакаш ӯро тела додааст. Ба ман гуфт, ки қасди куштани духтари ҷавонро надошт. Сари духтар, вақте Ҳуснигул ӯро тела медиҳад, ҳангоми аз даст додани таодул ба лабаи тези тахти хоб бархӯрда, сахт маҷруҳ мешавад. Маъшуқаи шавҳари Ҳуснигул духтари бесоҳиб будааст. Бинобар ин, ба хотири обрӯ шуда, ба умеди марги зудҳангоми духтар ёрии таъҷилиро садо намекунанд, вале духтар ба зудӣ намемирад. Шавҳари ӯ, ҳангоме ки гӯри духтарро мекандем, қарор аз даст дода, дар назди ман гиря карда, гуфт, ки Ҳуснигул, вақте мебинад, ки духтари ҷавон дар хуни худ нафасгир мешуд, вале намемурд, бетоқат шуда, барои аз азоби виҷдон зудтар раҳо шудан, ҷасади нимҷони духтарро буғӣ карда, ӯро оқибат мекушад. Сипас, вақте ман омадам, ҷасади духтарро бо кумаки Вализода ба мошини ман бор карда, ба ҳошияи Душанбе бурда, духтарро бо ҳамон халта дар теппаи беодам дафн намудем. Дар ивази роздорӣ шавҳари Ҳуснигул қаҳвахонаро ба номи ман кард. Медонистам, ки хуни он духтар як рӯз домангири ман ҳам хоҳад шуд, вале аз дасти ман дар баробари онҳо, чӣ меомад? Ман дар овони хурдӣ аз худ дар баробари ҳамсиннусолҳои худ низ дифоъ карда наметавонистам. Модари бечораи ман шабу рӯз хонаву дари мардумро пок мекард ва мани сояи падарнадида то омадани модари хаставу афгор ба хона аз ҷониби хурду калон дар кӯча лагадмол мешудам. Тарс ҳама чизро аз ман гирифт. Дар ман на ҳайсият монд ва на иззат. Аз

Ҳуснигул ва нигоҳҳои ҳайвонии ӯ сахт метарсидам. Ҳуснигул бонуи дар назди шумо нишастаро низ, духтари бесоҳиб фикр карда, куштан мехост. Он ҷо фаҳмидам, ки Ҳуснигул он шаб нолаи пушаймонӣ не, балки ёваи тарс барои ҷони худ мекашид. Бо мурури замон, ҳатто баъд аз овора шудан, дар вуҷуди Ҳуснигул ҳаваси куштан гул намуда буд. Ҳуснигул мисли ман тарсончак аст, вале ӯ аз ҷумлаи тарсончакҳоест, ки ҷуръати ҳамла кардан ба хостгоҳи хатарро доранд. Вақте ба ӯ гуфтам, ки шабҳо метавонад, ба табақаи аввал баромада, дар толори қаҳвахона бихобад, аз тарс пешниҳоди маро напазируфт. Шабҳо баъзе майхораҳо дари қаҳвахонаро мезананд. Аввалҳо, вақте бидуни дар задан вориди анбор мешудам, Ҳуснигулро дар ҳоли буғӣ кардани гурба, муш ё парандае медидам, ки банохост вориди анбор шуда, дар чанги Ҳуснигул афтода буданд. Ҳуснигул аз муоинаи хориҷшавии нафасҳои охирини ин ҷонварон лаззат мебурд ва ваҳшату вафодории кӯр-кӯронаи маро ба худ аз ин тариқ бештар мекард. Ҳайвони даруни ӯ соат ба соат бузургтар мешуд ва метарсидам, ки як рӯз, вақте шаҳвати куштан дар вай бедор шавад, маро низ хоҳад кушт. Нигоҳи ӯ, наздик шудан ва дур шуданҳои ӯ маро ба ваҳшат меандохт. Вақте дӯсти бону омада, Ҳуснигулро бо худ бурд, нафаси озод кашидам. Қаҳвахонаро ба ширкати сохтмоние, ки қасди сохтани бино дар ҷойи бинои қадимиро дошт, бо хушҳолӣ фурӯхта, суроғаамро ба касе надода, бедарак шудам. Мутаассифона, тири адолат хато намехӯрад. Одам кори бад карда, беҳуда ба фарҷоми мусбат умед мебандад.

Беҳин ва Фурӯғ аз шунидани маълумоти нав дар мавриди Ҳуснигул ба изтироб афтоданд. Фарзияҳои Фурӯғ рост баромаданд. Қотил зани миёнсолест, ки аз куштан лаззат мебарад ва агар ҷилави ӯро нагиранд, сафи қурбониҳои худро бештар хоҳад кард.

Беҳин ба Файзулло нигоҳ карда, пурсид:

– Кадом дӯсти бону? Кӣ Ҳуснигулро бурд?

– Ҷавони хушқаду қомат. Номаш дар ёдам нест, вале агар хато накунам, он замон раиси ин бону буд.

Фурӯғ бо ваҳшат ба Файзулло нигоҳ карда, бо садои аз шиддати тааҷҷуб ларзон ва ниматалабкор пурсид:

– Ҷаҳонпаҳлавон? Ҳуснигулро Ҷаҳон бурд?

– Бале. Ҷаҳонпаҳлавон. Бо Ҳуснигул маслиҳат намуда, ӯро бо худ бурд. Сипас, Ҳуснигул як бори дигар ба назди ман омада, нақл карда буд, ки ин ҷавон ба ӯ хона додааст. Баъд аз он шукри Худо, дигар бо Ҳуснигул рӯ ба рӯ нашудам.

Беҳин, ки баёноти Файзуллоро дар компютер ҳуруфчинӣ карда, ба ӯ гӯш медод, ба Файзулло, ки пас аз ифшои рози худ осудатар шуда буд, хунсардона нигоҳ карда, ӯро дубора ба изтироб андохт:

– Худо хоҳад, ба наздикӣ рӯбарӯ хоҳӣ шуд. Зери баёнот ва зери ин ҳуҷҷат имзо гузоред. То итмоми баррасии парванда, ҳаққи иваз кардани макони зист, бидуни огоҳии мақомотро надоред.

Файзулло омодаи мурдан аст, вале омодаи рӯёрӯйӣ бо Ҳуснигул не. Фурӯғ низ мехост бимирад. Ҳуснигул тамоми зебоиҳоеро, ки Фурӯғ ба онҳо бовар дошт, яке паси дигар аз байн бурда истодааст. Наход Ҷаҳон нафаҳмида, ба қотил мусоидат карда бошад? Ҷаҳон бо иштибоҳи мусибатбори худ чӣ гуна созиш хоҳад кард?

Бо дархости Беҳин Фурӯғ шумораи Ҷаҳонро аз Некрӯз гирифта, ба муфаттиш дод. Беҳин ба Ҷаҳон занг зада, аз ӯ суроғаи Ҳуснигулро гирифта, Ҷаҳонро ба Душанбе ба бозпурсӣ даъват намуд. Аз суроғае, ки Беҳин дар рӯйи варақ навишт, Фурӯғ фаҳмид, ки Ҷаҳон хонаи худро ба Ҳуснигул додааст.

Ҷаҳони сода ба фикри раҳо кардани бону аз тақдири оворагардӣ қотилро барои куштан муҷаҳҳаз кардааст. Оқибати дилсӯзиҳои беандеша ҳамин аст. Инсон гоҳ дар назми ба зоҳир нокомил барпонамудаи худо тағйирот ворид карданӣ шуда, назми одилонаро ба ҳам мезанад. Магар Худо

худ намедонад, ки киро дар кадом сатҳ бояд нигоҳ дорад? Магар инсон аз Арҳамар роҳимин дилсӯзтар буда метавонад? Гоҳ дилсӯзониҳои қалбе, ки тасмимҳои худро мудом бидуни иноят ба ҳисобкориҳои ақл месозад, боиси арса додан ба зулм мешавад. Дилсӯзӣ ҳам бояд ба девори мустаҳками андеша такя кунад.

Беҳин ҳуҷҷатҳои лозимро таҳия намуда, иҷозатномаву қарорҳои лозим барои пешбарии минбаъдаи тафтишотро дастрас карда, хонаи Ҳуснигулро таҳти назорати шабонарӯзӣ гузошт.

## Қисми 37

## ТОВОН

Гурӯҳи оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ Файзуллоро бо худ гирифта, ба ҳошияи Душанбе, сари ҳамон теппае, ки Файзулло иддао мекард, ҷасади духтари ҷавонеро, ки Ҳуснигул ба қатл расонида буд, дафн намудаанд, бурд. Ҳувияти дақиқи мақтулро аз рӯйи устухонпораҳо ташхис дода натавонистанд.

Файзуллоро ба ҳабси пешакӣ гирифтанд. Велизодаро ба бозпурсӣ даъват намуданд. Пас аз муқоисаи баёноти ҳарду собиқ шавҳари Ҳуснигулро низ ба ҳабс гирифтанд. Мудофеони Велизода ба ӯ тавсия доданд, ки барои дастрасӣ ба меъёри ҳадди ақалли ҷазо бо тафтишот ҳамкорӣ кунад.

Велизода пас аз машварат бо ҳуқуқшиносон баёноти шабеҳ ба баёноти Файзулло дода, ҳамчунин изофа намуд, ки Ҳуснигул се сол пеш ба назди ӯ омада, ӯро бо асроре, ки Ҳуснигул аз Велизода медонист, таҳдид намуда, маблағи пулии калон аз шавҳари собиқ ситонда, рафтааст.

Беҳин тахмин зад, ки Ҳуснигул маҳз бо ҳамин пул омодагӣ барои анҷоми кушторҳои нақшакашинамудаи худро дидааст.

Чор нафар бо навбат дар гурӯҳҳои иборат аз ду нафар дар фосилаи замонии 12-соата дар поини хонаи Ҳуснигул дар дохили мошин Ҳуснигулро мепоянд. Як субҳи сарди тирамоҳӣ нозирони таъйиншуда Ҳуснигулро ҳамроҳ бо Замира дар ҳоли берун омадан аз бинои истиқоматӣ дида, ҳардуро дунбол намуданд. Ҳуснигул ба ширкати мошинҳои кироя занг зада, мошини кирояи 6-нафара супориш дода, ба Замира кумак кард, ки ба дохили мошин нишинад. Ронанда ду курсии ақиби мошинро дуқад намуда, аробачаи худравро дар фазои озоде, ки дар қисмати ақиби мошин эҷод шуда буд, гузошт.

Мошини кироя дар назди намояндагии ҷанубии яке аз ширкатҳои мобилӣ дар Душанбе таваққуф намуд. Ҳуснигул ба ронандаи таксӣ, ки майли кумак ба Замираро дошт, иҷозаи наздик шудан ба Замираро надод. Гарчанде зӯри Ҳуснигул ба баланд кардани Замира аз ҷо намерасад, ба зӯр Замираро кашола карда, ба аробачае, ки ронанда аз мошин фароварда, ба дари дар канори нишастгоҳи Замира қарордошта наздик намуд, нишонд.

Ҳуснигул дар ширкати мобилӣ якуякбора чанд шумора ба номи Замира харидорӣ намуд. Мавсими сайдгирӣ наздик аст ва Ҳуснигул худро барои шикор омода мекунад. Беҳин тамоми нашрияҳои маҷаллаҳоеро, ки Ҳуснигул дар онҳо эълон паҳн менамуд ва рақами шумораҳои нави Ҳуснигулро, ки аз ширкат дарёфт намуда буд, ба Парвиз ва Нӯшин дода, онҳоро машғули пайдо кардани эълонҳои Ҳуснигул гардонд. Пас аз ҷустуҷӯйи андак Нӯшин ва Парвиз якбора якчанд эълони Ҳуснигул дар рӯзномаҳои гуногунро пайдо карданд. Матни эълон дигаргун шудааст. Дар матнҳои қаблӣ Ҳуснигул ба дунболи занҳои иҷоранишин мегашт.

Ҳоло дар матни эълон хонаи иҷораро ба мардон низ пешниҳод мекунад.

Бояд як нафар аз кормандони мақомот ба Ҳуснигул занг зада, бо ӯ ба унвони иҷоранишин дар хонаи ӯ мулоқот таъйин намояд. Тамоми занони мақомот аз ширкат дар нақшаи хатарнок даст кашиданд. Нӯшин ва Парвиз номзадии худро ба сурати довталабона ба Беҳин пешниҳод намуданд. Фурӯғ бо асабоният ҳардуро ба дубора дар ҷо нишастан даъват намуда, пешниҳоди онҳоро қотеона рад кард. Беҳин низ бо Фурӯғ ҳамфикр аст, бинобар ин дар ҷавоби асабонияти Фурӯғ чизе нагуфта, ба фикр фурӯ рафт.

Ба ҳар ҳол қабл аз ба ҳабс гирифтани Ҳуснигул, барои осон ба исбот расонидани ҷиноятҳои Ҳуснигул бояд як нафар рафта, аз аҳволи дохили хонаи Ҳуснигул хабар меовард. Маъмулан нафароне, ки иҷозаи вуруд ба хонаи Ҳуснигулро пайдо мекунанд, зинда аз он ҷо берун намешаванд. Як кас бояд ба дохили хона ворид шуда, солим аз он ҷо хориҷ гардад. Беҳин ва Фурӯғро дар шаҳр ҳама мешиносанд. Онҳо ба дунболи нафаре мегаштанд, ки барои Ҳуснигул қобили шиносоӣ набошад. Гарчанде Нӯшин ва Парвиз саршори ҷасорат ва ҷонфидоӣ менамоянд, бонувони соҳибтаҷриба медонанд, ки ин ҷасорат зоидаи камолгароии кӯдаконаи онҳост ва ҳарду худро дар рӯёрӯйӣ бо қотили маккор ва бадгумон гум хоҳанд кард.

Аз утоқи машварат берун баромада, Фурӯғ Ҷаҳонпаҳлавонро дар долон дид. Ҷаҳон ба ин ҷо барои додани баёнот омадааст. Ҳарду ҳамдигарро пас аз гузаштани 5 сол мебинанд. Осоише, ки Фурӯғ ҳамеша дар вуҷуди Ҷаҳон дидан мехост, билохира дар чеҳраи Ҷаҳон ҳувайдо гардидааст. Дар рӯбарӯйи Фурӯғ дигар ҷавони худшефтаи моҷароҷӯ намеистад. Ҷаҳон, гарчанде ба Фурӯғ менигарист, нигоҳи ӯ нигоҳи марди болиғи боадаб ва ҳаримшинос аст. Саъй мекард, ки ба таҳи нигоҳи Фурӯғ хира нашавад. Нигоҳи Ҷаҳон, гарчанде густох ва тез нест, вазнин ва отифӣ

менамояд. Ӯ ба Фурӯғ бодиққат нигоҳ мекард ва оҳиставу боэҳтиёт чашм ба ҳам мезад. Фурӯғ Ҷаҳонро дидан замон чашм ба ҳам заданро фаромӯш кард.

Чаро Фурӯғ ҳар бор ба ин мард ба навъи тоза ошиқ мешавад? Чаро Ҷаҳон ҳар бор дигаргун аст ва ҳар бор қобилияти аз қафаси сина берун кашидани қалби Фурӯғро дорад? Магар Фурӯғ тавони ба нигоҳи бетаваққуи Ҷаҳон ором нигоҳ карданро дорад? Ҷаҳон тайи 5 соли ахир мудирияти эҳсосро ёд гирифтааст. Ӯ тавонистааст, ки дилро ба итоат кардан аз ақл во дорад. Фурӯғ ишқи воқеии Ҷаҳон аст, вале ақл иҷозаи наздикӣ ба Фурӯғро намедиҳад, бинобар ин, гарчанде қалби Ҷаҳон бо дидани Фурӯғ ба зуд-зуд таппидан даромада буд ва ӯ таппиши номуътадили қалби худро дарк мекард, хунсардии зоҳирӣ ва фосиларо ҳифз намуд. Вале Фурӯғ, ки ба худ иҷозаи ғӯта задан дар умқи нигоҳи Ҷаҳонро додааст, таҳи нигоҳи Ҷаҳон таассуф ва ҳасрати бепоёнро дида, эҳсосотӣ шуд. Гӯшаи лаби Ҷаҳон баробари ҷамъшавии ҳавзи об дар даҳлези чашмони Фурӯғ ларзид. Фурӯғ насими хушатри баҳорист. Фурӯғ сафои кӯҳҳои сарбаланди барфпӯш аст. Фурӯғ санги қимати ниҳон дар қалби матини қаторкӯҳҳост. Фурӯғ навозиши партавҳои гарми хуршед аст. Фурӯғ сабзаҳои хушрангу тари диданавоз аст. Магар андӯҳ зебандаи чеҳраи оламгири Фурӯғ аст? Магар Ҷаҳон тоқати дидани афсурдагиҳои Фурӯғро дорад?

Фурӯғ ва Ҷаҳон салому алейк накарда буданд, ки Беҳин аз утоқи мушовара берун шуда, ҳардуро дами дар дида, дар назди онҳо таваққуф кард. Фурӯғ Беҳинро дида, ашк аз чашмони худ пок намуда, гуфт:

– Ҷаноби Сардорхонзода барои додани баёнот ташриф овардаанд, бону Ҷамолзода.

Беҳин бо нигоҳи таҳлилгар ба Фурӯғ назар андохта, сипас бо кунҷковӣ ба Ҷаҳон, ки ёрои табассум кардан надошт, назар намуд ва гуфт:

– Аз ошноӣ шодам, ҷаноби Сардорхонзода. Лутфан, ҳарду аз паси ман биёед.

Фурӯғ мехост, баҳона пеш оварда, аз ширкат дар бозпурсии Ҷаҳон даст кашад, вале садои Ҷамолзода, ки бо суръат ба ҷониби утоқи бозпурсӣ равона буд, пештар аз садои Фурӯғ баланд шуд:

– Бону Фарҳодӣ, лутфан Парвиз ва Нӯшинро низ аз утоқи мушовара бо худ гирифта, оед. Нақшаеро бояд бо шумо дар миён гузорам.

Фурӯғ омада, дар канори муфаттиш ва дар рӯбарӯйи Ҷаҳон нишаст. Парвиз ва Нӯшин рӯйи курсиҳои хурдакак дар гӯшаи ториктари утоқ ба мушоҳидаи бозпурсӣ пардохтанд.

Дар рафти бозпурсӣ Фурӯғ, билохира, сабаби азобҳои Ҷаҳонро фаҳмида, таассуф хӯрд. Бо худ андешид, ки Ҷаҳонро падару модар беш аз ҳад хушбин бор овардаанд. Агар Фурӯғ Замираро як бор медид, ҳиллагариҳои ӯро дар ҷо ташхис медод, вале Ҷаҳон бозиҳои Замираро солҳои тулонӣ рамзкушоӣ накардааст. Гарчанде Ҷаҳон дар се даҳаи зиндагӣ борҳо ба содалавҳӣ роҳ додааст, ҳаргиз нияти барқасд ба касе садама задан надошт. Фурӯғ Ҷаҳонро ба хотири ҳамин дили соф дӯст медорад. Дили кӯдакона беолоиши Ҷаҳонро, гарчанде ӯ кунун рашид ва дурандеш менамояд, нигоҳҳои бекина ва софи ӯ ошкор месозанд. Ӯ ҳанӯз ҳам ҷаҳони дилсофиҳост. Фақат аз чӣ бошад, дигар шӯхтабъӣ намекунад. "Оромӣ зебандаи қалби ҳаяҷономези ту нест", – ба Ҷаҳон нигоҳ карда, даруни дил фиғон кашид Фурӯғ.

Пас аз гирифтани тафсилоти ошноии Ҷаҳон ва Ҳуснигул, Беҳин Ҷаҳонро бо сирри тафтишот ошно намуда, ба ӯ дар мавриди Ҳуснигул ва Замира маълумот дод. Сипас, Ҷамолзода нақшаи худро ба ҳозирин гуфт:

– Беҳтарин гузина барои ҷамъоварии маълумот дар мавриди авзои хонаи Ҳуснигул ҷаноби Сардорхонзода аст. Ҷаҳонпаҳлавон хонаро ҳанӯз ба номи Ҳуснигул накардаанд.

Ҳуснигул ҷуръати садама задан ба Ҷаҳонпаҳлавонро надорад. Мо бо гурӯҳи низомиён аз таъйиноти махсус дар берун, мабодо ҷаноби Сардорхонзода гирифтори мушкил шаванд, омодаи ҳамла менишинем. Ҷаҳонпаҳлавон ба дохили хона рафта, авзоъро муоина карда, меоянд. Ба бадани ӯ баландгӯ насб мекунем, то ҳар сония аз вазъи эшон бохабар бошем.

Фурӯғ ба суханони муфаттиш гӯш дода, бо изтироб рост ба чашмони Ҷаҳон нигарист. Ҷаҳон нигоҳи Фурӯғро нодида гирифта, дарҳол посух дод:

– Ман розиам. Шояд ин кор қусури иштибоҳҳои ман шавад. Замираро ҳам, агар фарзи мисол, ба шарикӣ бо Ҳуснигул ризоят дода бошад, ман ба доми Ҳуснигул андохтам. Фикр мекардам, ки сахттарин имтиҳоноти зиндагиро паси сар намудаам. Намедонистам, ки сангинтарин дарсҳоро назарногиртарин одамон ба ман хоҳанд дод.

Фурӯғ дар чашмони аз ғусса хунолуди Ҷаҳон азоби виҷдони сахтро дида, ба Ҷаҳон ва Беҳин бобати нақша чизе нагуфта, бо баҳонаи нӯшидани об аз утоқ берун баромада, вориди утоқи наҳорхӯрӣ шуд. Нигаронӣ, гарчанде Фурӯғ ба тасмими Ҷаҳон мухолифат намекунад, вуҷуди ӯро тасхир кардааст. Ба рӯйи худ оби сард пошида, нафаси сӯзони таассуфро, ки дар ҳаволии қалби муштоқи Фурӯғ ҷамъ шуда буд, ба берун баровард.

***

Фардои он рӯз занги дари хонаи Ҳуснигул садо дод. Зангро шунида, Ҳуснигул, ки бо касе рафтуомад надорад, ба воҳима афтид. Ба Замира бо нигоҳи таҳдид нигариста, гуфт:

– Садоятро набарор, вагарна ин бор пас аз беҳушӣ ба ҳуш нахоҳӣ омад.

Ҳар вақт Замира ҳавсалаи Ҳуснигулро мегирифт, Ҳуснигул дар дастмол чанд қатра моддаи мадҳушкунанда чаконда, Замираро беҳуш месохт. Агар касе ба доду афғони

Замира вокуниш нишон доданӣ мешуд, Ҳуснигул ба пойҳои қатъшудаи Замира ишора карда, ҳимоятгарони тасодуфиро ба беҷо будани авзои руҳии Замира бовар мекунонд. Ҳуснигул ҷасади занонеро, ки дар дарё партоб мекард, ба ҷисми мадҳуши Замира баста, ҳардуро бо рӯкаши ғафс печонда, рӯйи аробачаи худрав гузошта, ҷасадро бо баҳонаи ба пиёдаравӣ бурдани Замира, болои аробачаи худрав, рӯйи зонуҳои Замира нишонда, аз хона мебаровард. Ба бадани Замира бастани ҷасад ва ҳардуро бо рӯкаши ғафси зимистона печонидан танҳо роҳи бидуни ҷалби таваҷҷуҳ ба берун баровардани ҷасадҳо буд. Замира ҳам аз фишоре, ки ҷасадҳои мурда рӯйи нимтанаи ӯ меоварданд ва ҳам аз атри ғализе, ки Ҳуснигул ба сару рӯйи ҳарду барои ҷилавгирӣ аз паҳншавии бӯйи мурда мерехт, нафасгир шуда, гоҳ ними роҳ бидуни кумаки Ҳуснигул беҳуш мешуд. Бинобар ин, Ҳуснигул зимистонҳо фаъол мегардид ва тобистонҳо аташи худро бо тамошои наворҳое, ки дар вақти куштор сабт мекард, мешикаст.

Ҳуснигул аз чашмаки дар нигоҳ карда, Ҷаҳонро пушти дар дида, ҷо хӯрд. Аз як тараф, ӯ ба Ҷаҳон барои ба номи худ кардани хона эҳтиёҷ дорад ва аз тарафи дигар, агар дарро боз кунад, маҷбур ба додани иҷозаи вуруд ба Ҷаҳон мешавад. Бинобар ин, зуд вориди хона шуда, дари утоқи шиканҷаро бо калид баста, калидро дар ҷайби ҷомаи овезаи рӯйи девор андохта, ба Замира нигоҳи таҳдидомез андохта, дубора ба назди дар омада, дарро боз кард.

Ҷаҳон ба Ҳуснигул бо лабханди сабук ва самимӣ нигоҳ карда, гуфт:

– Салом, Ҳуснигул.

– Салом, Ҷаҳон. Тенҷӣ? – дарро нимроғ нигоҳ дошта, пурсид Ҳуснигул.

– Тенҷӣ, тенҷӣ, Ҳуснигул. Умедворам маро бубахшӣ. Ман хонаро ба ту дода, ҳуҷҷатҳои хонаро ба номи ту накарда, рафтам. Бароиислоҳи ин масъала омадам, – бо

садои бепарво ва бо нигоҳи бачаи сода ба Ҳуснигул нигоҳ карда, гуфт Ҷаҳон.

Ҳуснигул Ҷаҳонро барқасд ҷониби утоқе сафарбар намуд, ки Замира дар он ҷо қарор дошт. Ҷаҳон вориди утоқ шуда, ҷузвдони худро дар мизи дами дар гузошта, Замираро бо пойҳои аз зону қатъшуда рӯйи тахт дар ҳоли такя кардан ба девор дида, ларзид.

– Замира? Ба ту чӣ шудааст? Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? – худро ҳайратзада нишон дода, бо ҳузни воқеӣ пурсид Ҷаҳон.

Замира интизори дидани ҳар каси дигар ба ҷуз Ҷаҳонро дошт. Ҷаҳонро дидан замон ба гиристан даромад. Ҷаҳон ягона нафарест, ки Замира ба кумаки беғарази ӯ умед баста метавонад. Замира медонад, ки ҳеч кас андозаи Ҷаҳонпаҳлавони раҳмдил дар нороҳатиҳои ӯ нороҳат намешавад.

Ҳуснигул ба садои худ оҳанги таҳдидомез бахшида, Замираро бо ин оҳанг ҳушдор доданӣ шуда, ба Ҷаҳон баргашта, гуфт:

– Замира пас аз садама саломатии ҷисмонӣ ва руҳии худро аз даст додааст. Тааҷҷуб мекунам, ки ҳанӯз қобилияти шиносоии одамонро аз даст надодааст. Бо ӯ суҳбат кардан фоида надорад, Ҷаҳон. Ӯро ба ҳоли худ бигузор. Биё, ин ҷо биншин, худам ба ту ҳамаашро нақл мекунам.

Дар ҳамин асно Ҷаҳон пай бурд, ки Замира дар ин хона зиндонист. Ашк дар чашмони Ҷаҳон ҳалқа зад. Замираи хубсурат ва шӯх тайи панҷ соли охир пиру афгор шудааст. Ду пойи ӯро аз зону буридаанд. Мисли кӯдаки ночор рӯйи тахт ба ин тарафу он тараф тоб мехӯрд. Ҳуснигул ба Ҷаҳон дар мавриди Замира нақл мекард. Ҷаҳон садои Ҳуснигулро намешунид. Нигоҳи худро ба чашмони ночори Замира карда, аз чашми Ҳуснигул ноаён, ба Замира чашмак зада, ду чашми худро ором бозу баста намуда, ба Замира итминон доданӣ шуда, ӯро ба ором шудан даъват намуд. Сипас, Ҷаҳон

ҷузвдони худро аз рӯйи миз гирифта, омада, рӯйи курсие, ки Ҳуснигул ишора кард, нишаст.

Фурӯғ ва Беҳин дохили мошин дар назди дастгоҳҳои сабти садо гӯшакиҳои калон дар гӯш ба он чи ки дар хона мегузашт, гӯш медоданд.

Ҷаҳон барои афзоиши итминони Ҳуснигул ҳуҷҷатҳои хонаро аз ҷузвдон бароварда, рӯйи миз гузошт.

– Фардо субҳ ҳамроҳ ба идораи сабти аснод рафта, хонаро ба номи ту мекунем, – гуфт Ҷаҳон.

Вақте Ҷаҳон ҳуҷҷатҳоро аз ҷузвдони худ бароварда, рӯйи миз гузошт, доду фиғони Замира баланд шуд:

– Маро ҳамроҳи худ бибар, Ҷаҳо-о-он. Маро аз дасти Ҳуснигул наҷот деҳ. Ҳуснигул қотил аст. Маро мекушад. Туро ҳам мекушад.

Ҷаҳон бо тааҷҷуби сабуки сохтакорона ба Ҳуснигул нигоҳ карда, пурсид:

– Чаро Замира чунин мегӯяд?

Гарчанде аз сару сурати Ҳуснигул хашм меборид, лаҳни худро меҳрубонона намуда, гуфт:

– Магар авзои ин бечораро намебинӣ? Ҳар кас дар ҷойи ӯ бошад, девона мешавад. Он рӯзи мудҳиш натанҳо пойҳо, балки сари ӯ садама дида буд. Ҳазён бисёр мегӯяд. Бо вуҷуди ин, сабр мекунам, дилам ба ӯ месӯзад. Ҳатто модар омодаи пазириши Замира нашуд ва боре ҳам ба дидори ӯ наомадааст.

Ҷаҳон вонамуд кард, ки ба ҳарфҳои Ҳуснигул бовар мекунад. Ваҳшии собиқадор дар вуҷуди Ҳуснигул ба Ҷаҳон низ бовар надорад, бинобар ин Ҳуснигул аз ҷо бархоста, барои Ҷаҳон қаҳва овард. Қаҳваро дида, Замира ба уллос кашидан даромад. Шаётин дар ин хона дубора табли марг мезананд. Ҳуснигул, гарчанде куштани Ҷаҳон ба нафъи Ҳуснигул нест, Ҷаҳонро низ куштан мехоҳад. Агар Ҷаҳонро накушад, Замираро низ кушта наметавонад, чунки Ҷаҳон Замираро ҳамроҳи ӯ дидааст. Агар Замираро накушад, як рӯз

не як рӯз асрори ӯро ба дигарон нақл хоҳад кард. Шаҳвати куштан аллакай дар вуҷуди Ҳуснигул чунон қувват гирифтааст, ки ақли ӯ дигар ёрои муқовимат кардан бо майли нафсро надорад.

Фурӯғ, мисли ин ки наздикшавии хатарро эҳсос намуда бошад, безобита шуда, аз мошин ба берун фаромада, ин тарафу он тараф рафту омад мекард.

Ҷаҳон ба қаҳва даст нарасонда, аз Ҳуснигул иҷозаи истифода аз ҳоҷатхонаро гирифта, бо баҳонаи шустушӯйи дастон аз утоқ баромад. Ҳуснигул фурсатро ғанимат шумурда, Замираро, ки аз нолиш кардан намемонд, бо моддаи мадҳушкунанда сокит намуда, рафта, аз ошпазхона болғаро гирифта, дар пушти худ пинҳон кард ва паси дари ҳоҷатхона мунтазири баромадани Ҷаҳон истод.

Қатъ гардидани сару садоҳо дар баландгӯ Фурӯғро ба таҳлука овард. Ҷаҳон қасди берун омадан аз ҳоҷатхонаро дошт, ки Фурӯғ дар баландгӯйи хурдакак, ки дар дохили гӯши Ҷаҳон насб карда буданд, фиғон кашид, ки Ҷаҳон то расидани неруҳои таъйиноти махсус аз ҳоҷатхона набарояд. Фурӯғ, ки ҳайвони Ҳуснигулро аз наздик дидааст, бедор шудани даранда дар вуҷуди қотилро эҳсос намуда, Беҳинро водор ба додани дастури ҳамла ба хонаи Ҳуснигул кард. Ҷаҳон аз дохили ҳоҷатхона ба дастаи дар ва Ҳуснигул аз берун ба дастаи дар нигоҳ мекунанд. Дар ҳамин асно неруҳои таъйиноти махсус ба дари вурудии хонаи Ҳуснигул бо ҷисми сахт ду зарбаи мустаҳкам зада, дарро шикаста, вориди хона шуда, Ҳуснигули болғабадастро дастгир намуда, ӯро ба замин хобонда, ба дастони ӯ аз пушт завлона заданд. Замира рӯйи тахт беҳуш хобидааст. Ҷаҳон аз ҳоҷатхона берун баромада, гуфт:

– Дохили он утоқро аз назар гузаронед. Ин утоқро дасткорӣ кардаанд. Утоқ қаблан дари чӯбин дошт. Дар ин утоқ бе сабаб даре, ки садоро пахш мекунад, начаспондаанд.

Вақте Ҷаҳон аз пиллаҳо поин мефаромад, Фурӯғро дар ҳоли давидан аз рӯйи пиллаҳо дида, суръати поин фаромадани худ аз пиллаҳоро бештар намуд. Ҷаҳонро дар рӯбарӯйи худ дида, Фурӯғ эҳсоси сабукӣ намуда, аз по афтода, рӯйи пиллаҳо нишаст. Ҷаҳон омада, канори Фурӯғ дар рӯйи пиллаҳо нишаста, бозуи чапи Фурӯғро бо як даст гирифта, бо дасти дигар бозуи рости Фурӯғро фишор дода, Фурӯғро ба оромшавӣ мойил намуд. Низомиёни ниқобпӯш аз канори ҳарду яке паси дигарӣ поин фаромаданд. Беҳин низ аз канори ҳарду гузашта, ба боло барои муоинаи хонаи Ҳуснигул рафт.

Ҷаҳон аз зери бозуи Фурӯғ гирифта, ӯро ба берун бурд.

Ҳавои Душанбе софу сода аст. Имрӯз Душанбе ором мехобад. Фурӯғ нафаси сабук кашида, ба мошини Ҷаҳон нишаст. Ҷаҳон Фурӯғро ба хона бурд. Дарро Зарагул боз кард. Аз зери пойҳои Зарагул чашмони кунҷкови Шоҳҷаҳон падидор шуданд. Шоҳҷаҳон мехост худро ба бағали Фурӯғ партоб кунад, вале таваҷҷуҳи ӯро ҷуссаи марди ноошно дар пеши дар гирифт. Фурӯғ ба тааҷҷуби ҳарду табассум карда, Шоҳҷаҳонро бо ишораи даст ба берун омадан аз пушти пойи бибӣ мойил намуда, гуфт:

– Бо духтари ман шинос шав, Ҷаҳонпаҳлавон. Шоҳҷаҳон.

Баробари дидани нигоҳҳои маъсуми Шоҳҷаҳон Ҷаҳон тамоми изтиробҳои худро фаромӯш карда, дасти худро, гӯё ба одами калон дароз мекарда бошад, ба тарафи Шоҳҷаҳон дароз карда, гуфт:

– Салом, подшоҳ.

Дили Фурӯғ вожаи подшоҳро аз забони Ҷаҳон шунида, гум зад. Як замон Ҷаҳон ба Фурӯғ низ подшоҳ мегуфт.

Шоҳҷаҳон, ки кӯдаки бениҳоят ҳушёр аст, дасти худро бо ифтихор ва итминони шоҳона дар кафи дасти Ҷаҳон

гузошт. Сипас, Ҷаҳон ду кафи дасти худро ба тарафи Шоҳҷаҳон кушода, ба чашмони кӯдак нигариста, аз ӯ иҷозаи баланд кардани ӯро гирифт. Шоҳҷаҳон баҳузур рӯйи дастони Ҷаҳон нишаста, абрӯвони сиёҳи Ҷаҳонро бодиққат муоина карда, бо ангуштони кӯчаки худ сару сурати Ҷаҳонро ламс менамуд. Шоҳҷаҳон айни Фурӯғ хушбовар ва боҷуръат аст. Ҷаҳон монеи озмоиш шудан аз тарафи Шоҳҷаҳон нашуда, аз ӯ пурсид:

– Туро Шоҳ хитоб кунам, беҳтар ё Ҷаҳон?

– Фақат Фурӯғ ба ман шоҳ мегӯяд. Барои дигарон ман шоҳҷаҳонам, – ба чашмони Ҷаҳон нигоҳ накарда, аз машғулияти худ намонда, бо бемайлӣ ба талоши қаробати Ҷаҳон посух дода, гуфт Шоҳҷаҳон.

Фурӯғ мулоқоти ҳардуро борҳо дар зеҳни худ ба риштаи тасвир кашидааст, вале фикр намекард, ки Ҷаҳонпаҳлавон ва Шоҳҷаҳон якдигарро дар ин вазъият хоҳанд шинохт. Фурӯғ бо меҳри бетаваққуъ ба ҳарду нигоҳ карда, ба Шоҳҷаҳон амри худоҳофизӣ бо Ҷаҳонро дода, духтари худро боэҳтиёт аз дасти Ҷаҳон гирифта, ба хона ворид шуд. Зарагул Ҷаҳонро ба ворид шудан ба хона даъват кард, вале Ҷаҳон даъвати Зарагулро муаддабона рад намуда, рафт.

Рӯзи дигар Ҷаҳон барои муоинаи аҳволи Замира ба бемористон рафта, Фурӯғро дар долони бемористон сари суҳбат бо духтур дид. Фурӯғ Ҷаҳонро дида, бо табассум ва хушҳолӣ ба ӯ наздик шуда, гуфт:

– Замира шарики Ҳуснигул не, балки асири ӯ будааст. Замира омода аст, ки дар додгоҳ алайҳи Ҳуснигул гувоҳӣ бидиҳад. Агар аз баҳри хона гузаштаӣ, Замира ба хотири созиш накардан бо зулм ва тасмими баргаштан ба зиндагии солим шоистаи фурсати дубора аст. Бо Ҷамолзода суҳбат намудам. Ба Замира дар таҳияи ҳуҷҷатҳои нав мусоидат хоҳад кард. Ба номи Ҳуснигул накардани хона ҳикмат дорад. Агар мувофиқӣ, хонаи худро ба номи Замира бикун.

Ҷаҳон чанд рӯзи дигар дар Душанбе таваққуф намуда, хонаи худро ба номи Замира карда, ба деҳа баргашт.

## Қисми 38

## ФУРӮҒИ НУР ДАР ЗУЛМАТ

Фурӯғ вориди утоқи бозпурсӣ шуд. Дар утоқи бозпурсӣ Замираро дар рӯбарӯйи Беҳин нишондаанд. Баъд аз гузаштан аз муоинаи духтур Замираро барои бозпурсӣ оварданд. Замира пас аз додани баёноти мухтасар ба Фурӯғ дар бемористон, дар утоқи бозпурсӣ баёноти муфассал дар мавриди чӣ гуна ба асорати Ҳуснигул афтодан дод. Фурӯғ пас аз шунидани қиссаи зиндагии Замира аз ӯ пурсид:

– Аз нақлҳои ту маълум мешавад, ки айнан ҳамон зулмеро, ки Ҳуснигул дар вақташ дар хонаи волидайн таҷриба кардааст, аз сар гузарондаӣ, Замира. Ба назарат, чаро пас аз таҷрибаи мусибати ҳамгун бо мусибати Ҳуснигул айни Ҳуснигул нашудӣ?

Замира нигоҳи андешаманди худро аз нигоҳи Беҳин ва Фурӯғ ба як тараф карда, анбӯҳи хотиротро зеру рӯ намуда, оҳи гарм ба берун дода, шуруъ кард:

– Ҳар вақт бо Ҳуснигул аз канори дарё, пас аз сабукдӯш гардидан, ба хона бармегаштем, агар фиғон кашида, аз атрофиён кумак пурсиданӣ мешудам, зуд дастмоли худро пеши рӯйи ман гирифта, маро мадҳуш месохт. Худро бозича дар дасти кӯдаки хашин медидам. Дар хонаи падару модар бозича, дар хонаи шавҳар бозича ва дар асорати Ҳуснигул бозича шуда, ҳувияти воқеии худро аз даст додам. Аз гузаронидани умр дар вазъияти мадҳушӣ безор шуда будам. Медонистам, ки Ҳуснигул ҳар бор маро баҳона карда, боз як ҷинояти навбатии худро рӯйпӯш карданист,

вале вақте дар роҳи бозгашт ба ҳуш меомадам, аз тарси барои муддати тулонӣ аз ҳавои тоза маҳрум шудан ҳарисона нафас мегирифтам. Ҳуснигул хуб медонист, ки маро чӣ гуна бояд ба сукут во дорад. Золимон одамро аз фурсати баровардани ниёзҳои табиӣ маҳрум намуда, ӯро аз ин тариқ ба итоаткорӣ хӯ медиҳанд. Ман ба хотири ҳавои тоза, ба хотири косаи шӯрбо, ба хотири як ҷуръа об водор ба итоат аз Ҳуснигул шудам. Ҳуснигул бо найрангҳои равонии бозӣ додани одамон ошност. Ӯ ҳар бор ҷасадҳоро дар ҷойи беодам ба об партофта, ҳаяҷонзада ва мойили суҳбат бо ман ба хона раҳсипор мешуд. Аз тарзи суҳбатҳои ӯ мефаҳмидам, ки ба зиракиҳои худ меболад. Агар барои ҷиноят ҷазо пешбинӣ накарда буданд, Ҳуснигул ваҳшигариҳои худро ба ошнову ғариб бо ифтихор таъриф мекард. Гарчанде ҳангоми шиканҷа садои қурбониҳоро намешунидам, гӯшҳои худро бо дастон пӯшида, чашмонамро мебастам. Ҳуснигул маро дар чунин вазъият дида, аз ночории ман лаззат мебурд. Пойи равон надоштам, ки аз он ҷаҳаннам фирор кунам, вале руҳияи ман дод мезад. Аввали кор Ҳуснигул мехост, маро водор ба ширкат дар ҷиноёти худ созад, вале ҳаргиз ба он бонувон садама задан намехостам ва Ҳуснигул пас аз васвасаи тулонӣ ба натиҷа нарасида, ба ҷазо додани ман пардохт. Худ вориди он утоқ шуда, бонувони даступобастаро буғӣ карда, мекушт ва сипас омада, дастони маро ба болотанаам баста, ба даҳонам часп зада, тафсилоти марги бечора занҳоро, ки нохоста ба дом афтода буданд, ба ман маҷбурӣ нақл мекард. Худро бо умеди масдуд кардани гӯшҳо ба тахти хоб ва девори наздик ба тахти хоб ҷафс мекардам. Бо нақли дубораи ин саҳнаҳо Ҳуснигул дубора аз худ бехуд мешуд. Ӯро дар вазъияти мастӣ дида, метарсидам. Маро намезад, вале руҳияи маро лагадмол мекард. Гарчанде по аз даст дода будам, дарунӣ бо зӯровариҳои ӯ муқовимат менамудам. Барои хӯ нагирифтан ба фазое, ки ӯ сохта буд, ҳар рӯз мисли зикр ба худ ёдовар менамудам, ки Ҳуснигул ва фазое, ки ӯ сохтааст,

фазои солим нест. Ҳуснигул аз ҷинси падарам буд. Ба падар пирӯз нашудам, бо ҳайвонҳои Бахтиёр созиш кардам, вале бозии Ҳуснигул бо маргро дида, зарурати пирӯзӣ бар ситамгаронро фаҳмидам. Ман аз роҳи напазируфтани шеваи ӯ, аз роҳи муқовиматҳои дарунӣ бо талошҳои Ҳуснигул барои хӯ додани ман бо хӯйи худ ба ӯ пирӯз шудам. Ҳуснигул худ қурбонии ситамгарист. То даме, ки қурбонӣ муқовимат мекунад, зулм коро нест. Ҳатто агар ин муқовимат безабон ва дар даруни дил аст. Бо зулм хӯ нагирифтани қурбонӣ шикасти золим аст. Аввалин қурбонии Ҳуснигул падари золими ӯ буд. Ҳуснигул ба падари худ марги муш дода, ӯро куштааст. Падари ӯ золим буд, вале агар Ҳуснигул зулми ӯро намепазируфт, золим асар барҷо нагузошта, аз дунё мерафт, вале Ҳуснигул, бо вуҷуди нафрате, ки ба падар дорад, ворити падар шуд. Қасру мошину зевар холигиҳои дарунии одамро пур намесозанд. Одам ба болиғ шудан, ба шахсият шудан ва соҳибҳунар шудан ниёзманд аст. Гарчанде нисбати мутолиа бепарво будам, маро дар мактаб ба унвони духтари боистеъдод мешинохтанд. Муқовимати ман Ҳуснигулро безобита мекард. Ӯ падару модар, шароити зиндагӣ, муҳити атрофро дар бадшавии худ гунаҳкор медонад ва таслими ӯ нашуданҳои ман беасос будани айбномаҳои Ҳуснигулро ба исбот мерасонд. Чаро ки ман ҳам зиндагии хуб надоштам, аз ман низ суистифода кардаанд, ман низ аз ҳимояти бечунучарои падару модар маҳрум будам, маро низ зиндагӣ ба бадтарин ваҷҳ танбеҳ дод, вале ман, пас аз ҳушдори Худо, аз бадхоҳӣ сар печидам. Соли аввали издивоҷ бо Бахтиёр духтарчадор шуда будам. Аз модар тарзи дурусти бархӯрд бо кӯдаконро ёд нагирифтаам. Кӯдаки навзодро барои мойил намудани Бахтиёр ба ҳамкорӣ озор медодам. Як рӯз чунон хашмгин шудам, ки аз қасди Бахтиёр кӯдаки норасро лату кӯб намуда, ба марзи марг расондам. Духтурҳо омада, кӯдакро ба бемористон бурданд. Гарчанде Сафо зинда монд,

духтарамро дигар ба ман нишон надоданд. Ман баръакси Ҳуснигул ба худиҳо садама задаам, бону Фарҳодӣ. Вақте Худо маро аз пойи равон маҳрум кард, чашмони ман ба дидани неъматҳое, ки то дами маълулият аз дидани онҳо кӯр будам, бино шуд. Гарчанде падар виқорро аз ман гирифт, шукронаи тан ва ақли солим мекардам. Ҳатто пас аз мондан аз пойҳо, шукри Худо мекунам, ки дастони солим, чашми бино, гӯши шунаво ва забони гӯё дорам. Тамоми бадбахтиҳое, ки ман кашидаам, аз пушти падару модар не, балки аз сари вокунишҳои худхоҳонаи худам буд. Падари ман инсони ба шиддат худхоҳ ва модарам зани беҷуръат ва тарсончак буданд. Ҳаргиз шабеҳи модар шудан намехостам, бинобар ин аз падар ибрат гирифта, худхоҳиро машъали роҳ қарор додам. Фикр мекардам, ки дар миёни инсонҳои девсират золим будан беҳтар аз мазлум будан аст. Он замон фикр мекардам, ки худхоҳӣ танҳо роҳи бурунрафт аз дом аст, вале зиндагӣ ба ман собит намуд, ки худхоҳӣ роҳ не, балки худ дом аст. Худо барои Ҳуснигул низ занги хатар бисёр задааст, вале Ҳуснигул роҳи бадро огоҳона ихтиёр намуд. Одамро баҳонаҳо расво мекунанд, бону Фарҳодӣ. Ман инро хуб медонам, чунки зиндагии худро ба баҳонаҷӯйӣ расво кардаам. Ҳуснигул низ дар масири ислоҳ баҳонаи бешумор кошта, дурнамои дигаргуниро тор кардааст.

Пас аз бозпурсӣ Фурӯғ Замираро ба хона овард. Хонаро кормандони мақомот зеру рӯ карда буданд. "Замира ба танҳоӣ аз паси ҷобаҷосозии афзори хона барнамеояд" – бо худ андешид Фурӯғ ва бо навбат ба Ҳуринисо, Соро, Некрӯз ва Солор занг зада, онҳоро ба кумак хонд. Некрӯзу Солор утоқи шиканҷаро аз байн бурданд. Соро ҳамроҳи ду писарбачаи 5-солаи худ ба кумак омад. Субҳ усто оварда, хонаро таъмир намуда, деворҳоро бо рангҳои шод ва равшан ранг намуданд. Замира ба хотири рангубор шудани деворҳои хона якчанд шабро дар хонаи Соро гузаронд. Фурӯғ субҳи барвақт бо бастаи субҳона барои панҷ нафар ба хонаи Соро

омад. Шавҳари Соро, ки марди низомӣ аст, дар сафари хидматӣ қарор дорад. Писарони Соро ба пойҳои кӯтаҳи Замира бо кунҷковӣ ва тааҷҷуб менигаристанд, вале чизе намегуфтанд. Фурӯғ сари миз дар ҳузури ду писарбачаи дугоники Соро ба Замира гуфт:

– Як пешниҳод дорам, Замира. Гарчанде таодули равонии худро барқарор намудаӣ, дар рӯзмарра ба кумак эҳтиёҷ дорӣ. Хонаи ту фарох аст. Агар розӣ бошӣ, барои ту чанд донишҷӯдухтари бофаросатро, ки ба дунболи утоқи иҷора мегарданд, пайдо мекунам, то ҳар моҳ ба ту дар ивази ҷойи хоб маблағи пулӣ бидиҳанд ва дар рӯзмарра дастёри ту шаванд. Онҳо ҷойи амн ва ту ҳамроҳони амин меёбӣ.

Замира аз шунидани ин пешниҳод шод шуда, нимтанаи худро ба оғӯши Фурӯғ, ки дар курсии наздик ба ӯ нишаста буд, партоб намуда, Фурӯғро сахт ба оғӯш кашида, гирён шуд. Ашк дар чашмони Фурӯғ, ки нисбати ночориҳои одамон бепарво шуда наметавонад, ҳалқа зад. Соро барои нишон надодани эҳсосоти худ бо баҳонаи бурдани зарфҳои холӣ ба ошпазхона аз ҷо баланд шуд.

Замира дигар маҳкум ба танҳоӣ нест.

Пас аз ду рӯз Фурӯғ бо се донишҷӯдухтар ба хонаи Замира омад. Гулноз, Суман ва Ноҳид ҳарсе дар донишгоҳҳои гуногун мехонанд: Гулноз дар факултаи филологияи Донишгоҳи миллӣ, Суман дар ихтисоси равоншиносӣ дар Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон ва Ноҳид дар Донишгоҳи тиббӣ. Духтарон бо Замира ошно шуда, рӯбучини хона, ошпазӣ, харид ва сайру гашт бо Замираро бо хушнудӣ ба зимма гирифтанд.

Як рӯз Гулноз дар рафти ба тартиб даровардани утоқи Замира қуттии номаҳои ӯ барои Сафоро пайдо кард. Дар қуттӣ номаҳои бешумори модар ба фарзанд нигаҳдорӣ мешаванд. Гулноз ба хондани номаҳо пардохт:

"Сафоҷони модар! Мегӯянд, ки на ҳар волидаро модар номидан мумкин аст. Ман модари ту не, балки волидаи ту

ҳастам. Умедворам, ки сарнавишт туро ба хотири азхудбегонагиҳо ва ноогоҳиҳои ман аз меҳри модар маҳрум накарда бошад. Худо меҳрубон аст. Шояд модаре туро дар қалби меҳрубони худ паноҳ додааст. Кош чунин бошад. Тасаввури ин ки ту зиндагии беҳтареро таҷриба карда истодаӣ, дили маро гарм ва хотирамро ҷамъ мегардонад, Сафоҷон. Гарчанде барои ту роҳнамо шуда натавонистам, дар хонаи зеҳни торики ман чароғ хоҳӣ буд".

Қатраи ашк беихтиёр рӯйи гунаи Гулноз давид. Гулноз номаи дигарро гирифта, хонд:

"Ҳар шаб қабл аз хоб аз Худо барои ту талаби амният мекунам, Сафоҷон. Илоҳо, бадон ёрои қарор гирифтан дар сари роҳи туро надошта бошанд. Аз Худо хостори рафиқони меҳрубон барои ту ҳастам, ҷони модар".

Гулноз номаи мутолианамударо ба зери қабзаи номаҳо гузошта, номаи баъдӣ ва пас аз он номаҳои дигарро хондан гирифт.

**Номаи севвум:**

"Духтарам, иштибоҳи асосие, ки ман доштам, арзиши худро аз чашми дигарон хондан буд. Дунё пур аз нигоҳҳои боғараз аст, Сафоҷон. Умри худро ба мойил кардани нигоҳҳо ба ҷониби худ сарф нанамо. Соҳиби назарҳо не, балки соҳибназар шав".

**Номаи чаҳорум**:

"Худо ба ҳар кас мусибат медиҳад. Навмедӣ нишонаи бадгумонӣ ба Худост. Бо фирор аз мушкилот ба домани мушкилоти дигар меафтӣ. Дастбагиребон шудан бо мушкилот ягона роҳи пешрафт ва роҳи бартарафсозии мушкилот аст, Сафои ман. Ба Худо таваккал кун ва ба худ бовар дошта бош".

**Номаи панҷум:**

“Ман дар умри нисбатан тулонии худ ба касе унс нагирифтаам, Сафоҷон. Натиҷаи интихобҳои иштибоҳи худам буд. Дар танҳоиҳои худ солоршуданҳои туро тасаввур намуда, бо ту ҳарф мезанам. Кош ҳамин неруро дар тарбияи ту сарф мекардам. Агар ҳеч кас мойили рафоқат бо ман нашавад, ту рафиқи ман мешудӣ. Туро аз ман гирифтанд, ту чизе аз даст надодӣ, чун ман омодаи модарӣ кардан набудам, вале ман туро гум карда, нақди ҷон гум кардам. Умедворам, ки як рӯз маро мебахшӣ”.

**Номаи шашум:**

“Вақте туро ба дунё овардам, ба ту ба унвони кафолат менигаристам, Сафо. Ту бояд кафолати зиндагии мураффаҳи ман аз ҳисоби Бахтиёр мешудӣ. Ҳоло мефаҳмам, ки ту кафолати хубиҳо дар ман шудаӣ. Қадамҳои мубораки туро баробари ба дунё омаданат бояд мебӯсидам, Сафоҷон”.

Гулноз қутии номаҳоро бо худ ба донишгоҳ бурда, муҳтавои қуттиро ба яке аз устодони худ нишон дод. Вақте Гулноз ба хона баргашт, Замираро дар ҳоли об додан ба гулҳои рӯйи токча дид, бо хушнудӣ парида-парида ба Замира наздик шуда, ӯро аз пушт бағал намуда, ба Замира бо лаҳни ҳаяҷонангез гуфт:

– Апаи Замира, ман барои шумо ду паём дорам. Як паёми бад ва як паёми хуб. Паёми бад ин, ки қуттии номаҳои шуморо дуздидам. Паёми хуб, устоди ман барои китобати номаҳои шумо сармоя ҷалб намудааст ва омодаанд, ки пас аз гирифтани ризояти шумо, номаҳои шуморо дар шакли китоб ба табъ расонанд.

Сипас, Гулноз Замираро раҳо намуда, давида, аз он тарафи аробачаи Замира гузашта, ба ӯ аз рӯбарӯ нигариста, зарфи обро аз дасти Замира оҳиста гирифта, рӯйи токча

гузошта, дастони Замираро дар ду дасти худ бо ҳаяҷон фишурда, идома дод:

– Апаҷон, шумо Худо хоҳад, машҳур мешавед. Шумо руҳияи нозук ва табъи баланди адабӣ доред. Одамон аз шумо ангеза мегиранд. Фикр мекунам, ки нашри ин паёмҳо беҳтарин роҳ барои расонидани паём ба мухотаби паёмҳост.

Замира ба Гулнози ҷавон, ки надониста, барои Замира сарнавиштсозӣ мекард, бо нигоҳи сипосгузории амиқ нигариста, бо табассуми ризоят гуфт:

– Одамонро ҳунари онҳо не, балки хушбоварии ҳамроҳон ба комёбӣ мерасонад, Гулнозҷон. Бо ин боваре, ки ту ба ман дорӣ, ҳатман муваффақ хоҳем шуд.

Китобати номаҳо ба Замира шуҳрати бисёр овард. Доираи васеи одамон аз сарнавишти Замира огаҳ шуданд. Шуҳрати Замира, билохира, ба эътибори Бахтиёр дар назди мардум садама зад. Ҳарчанд кӯшиш мекард, Бахтиёрро дигар ба вазифаҳои баланд мансуб намекарданд. Ҳоло Замираро, ки як умр радди маърака буд, ба ҷамъомаду маҳфилҳои адабӣ, ба мактабу донишгоҳҳо барои суханронӣ даъват мекунанд. Гарчанде Сафо ҳанӯз ба суроғи Замира наомада бошад ҳам, Замира ба ҳамсинну солҳои Сафо ангеза мебахшад.

## Қисми 39

## ҚАЗОВАТ

Қабл аз ҷаласа дар додгоҳ Фурӯғ вориди утоқе шуд, ки Ҳуснигулро дар он ҷо нигаҳдорӣ мекарданд. Хабарнигорон ва тамошобинони бешумор дар долону саҳни додгоҳ ҷамъ омадаанд.

Дар хонаи Ҳуснигул наворҳо аз лаҳзаи кушторро пайдо намуданд, ки исботи ҷиноёти Ҳуснигулро барои

додгоҳ осон кардааст. Ҳуснигул бо мақсади тамошои такрории лаҳзаи ҷонсупории қурбониҳо одамкушиҳои худро дар дурбине, ки дар утоқ насб карда будааст, сабт мекардааст. Ваҳшат аз марг Ҳуснигулро муътод ба тамошои марг намуд. Даст задани инсон ба ҷиноят аз далерӣ на, балки аз сари тарсу изтироби бисёр аст.

Қатораи зиндагӣ Ҳуснигул ба охирин истгоҳи ӯ наздик менамояд. Истгоҳи охирин барои Ҳуснигул зиндон аст. Бақияи умрро Ҳуснигул дар зиндонҳои сахтнизом сипарӣ хоҳад кард.

Ҳуснигулро ба унвони қотили хавфнок даступобаста дар яке аз утоқҳои бинои додгоҳ то шуруи ҷаласаи додгоҳ аз хабарнигорон пинҳон намудаанд. Сарбози ҷавон ярок дар даст дар гӯшаи утоқ рост истода, Ҳуснигулро зери назар дорад. Фурӯғ қабл аз шуруи мурофиаи судӣ барои муоинаи вазъияти руҳии Ҳуснигул вориди утоқ гардид.

Гарчанде Фурӯғ ба Ҳуснигул ором менигарад, Ҳуснигул Фурӯғро бо нигоҳҳои ваҳшии худ сӯрох-сӯрох карданист. Ҳуснигул орзуи қурбон кардани фурӯғбаринҳоро дошт, вале фақат занони овораи раҳгумзадаро ба дом андохта тавонист. Ҳуснигул нақшаҳои бисёр дар сар мепарварид, вале Фурӯғ монеи пешравии Ҳуснигул шуд.

“Агар Фурӯғ намебуд, маро солҳои тулонӣ дастгир намекарданд” – бо худ андешида, афсус мехӯрд Ҳуснигул. Ҳуснигул майли идома додан ба ҷиноёти худро дорад, вале зӯри ӯ ба тӯдае, ки бо ӯ муқовимат мекунад, намерасад. Билохира, пас аз ҳаримшиканиҳои зиёд Ҳуснигул ба тарсҳои бешумори худ, ки ӯро як умр шиканҷа кардаанд, пирӯз омада, орзу мекард, ки ҷасорати бадастомадаро ба ҷаҳониён намоиш бидиҳад. Қотил ба зоҳир нотарс менамояд, вале ваҳшии бузургнамудаи ӯ зоидаи тарс аст. Ҳуснигул ҳол намедонад, ки ваҳшии нотарс дар даруни ӯ  акнун ба хотири дастрасӣ надоштан ба қурбониҳои дигар худи ӯро шикор

хоҳад кард. Ӯ бояд ҳоло аз ҷасури баднафс, ки дар вуҷуди худ парвариш додааст, битарсад.

Ҳуснигул дар марҳилаи муайяни камоли ҷаллод дар вуҷуди худ ба фикри шуҳратёр шудан афтод. Ӯ на танҳо дар саросари Тоҷикистон, балки дар тамоми олам машҳур будан мехост. Мардум бояд ӯро ба унвони ҳушёртарин ҷаллод ба расмият мешинохтанд, вале танҳо унвоне, ки насиби Ҳуснигул гардид, унвони “хирс” буд. Ҳуснигул аз “хирс” безор аст. Ӯ худро бабри шикорӣ медонад ва аз гирифтани унвони «хирс» норозист. Ҳис мекунад, ки тӯда бо надодани эътибори бештар ба ӯ ҳаққи ӯро хӯрдааст.

Ҳангоми бозпурсӣ Ҳуснигул тафтишотро ба нокуҷо ҳидоят кардан мехост, вале Замира ба муфаттиш оид ба мавҷудияти наворҳои сабтшуда, ки Ҳуснигул дар кадом махфигоҳ дар хона нигаҳдорӣ менамуд, нақл карда, Ҳуснигулро зиндабагӯр сохт. Дар натиҷаи кофтукови дубораи хонаи Ҳуснигул наворҳоро аз махфигоҳ дар дохили девор пайдо намуданд.

«Вақте бо ӯ баҳс мекардам, маро маҷбур ба тамошои ин филмҳо мекард, – фиғон кашида, гуфт Замира. – Медонист, ки тамошои марги занони бепаноҳ маро озор медиҳад. Маро озор дода, бештар ҳаяҷонӣ мешуд», – резиши ашк аз чашмони худро пешгирӣ карда натавониста, гуфт Замира.

Ҳуснигул афсус мехӯрад, вале аз кирдори худ пушаймон нест. Афсус аз ин мехӯрад, ки дар вақташ Фурӯғро накушт. Ӯ афсус мехӯрад, ки Замираро саривақт ба қатл нарасонид, то розҳои Ҳуснигулро ба касе ифшо намесохт. Ҳуснигул намефаҳмад, ки душмани асосии ӯ нафси худхоҳи ӯст.

Ӯ, ки ҳоло дар дохили утоқи фарох мунтазири оғози мурофиаи судист, пазируфтан намехоҳад, ки дар зиндагӣ тасмимҳои иштибоҳро ба ихтиёри худ гирифтааст. Ҳанӯз ҳам аз дигарон домангир аст. Атрофиёнро масъули бадшавиҳои

худ мепиндорад. Фурӯғ набояд дар пайи ӯ меафтод. Замира набояд алайҳи ӯ шаҳодат медод. Ҳеч кас набояд ҷилави ваҳшигариҳои ӯро мегирифт. Ҳеч кас ҳаққи қазовати Ҳуснигулро надорад.

Бо вуҷуди интизороти ғайриақлонӣ, Ҳуснигул девона нест. Ӯ ин зиндагиро огоҳона ихтиёр кардааст. Ӯ фарқ миёни хубӣ ва бадиро дониста, хубиро инкор мекунад. Гарчанде Ҳуснигул вақтҳои охир зуд-зуд дучори ҳамлаҳои асабӣ мешавад, ҳанӯз девона нашудааст. Ӯ бо ҳамлаҳои виҷдон даргир аст. Ҳуснигул ба девонашавӣ тан намедиҳад ва ҳанӯз ба афкору кирдори худ баҳои ақлонӣ дода метавонад. Шайтон, ки ба ақлу заковати бесобиқаи инсон ҳасад мехӯрад, ҳанӯз ҳам зӯр мезанад. Аз назари тамошобинон истгоҳи охирини Ҳуснигул зиндон аст, вале аз назари шайтоне, ки масъулияти гумроҳ кардани Ҳуснигулро бар дӯш гирифтааст, истгоҳи поёнӣ – истгоҳи девонагист. Одамон Ҳуснигулро кунҷи зиндон раҳо карда, мераванд, вале шайтон ҳанӯз барои ӯ нақшаҳо дорад. Ҳуснигул ҳанӯз сари ақл аст ва ақлро аз чанголи худ раҳо намекунад.

Фурӯғ вориди утоқ шуда, нафаси амиқ кашида, ба Ҳуснигул наздик омада, гуфт:

– Салом, Ҳуснигул. Худро чӣ гуна ҳис мекунӣ?

– Аз кадом назар? Аз назари равонӣ ё аз назари ҷисмӣ? – бо хунсардӣ пурсид Ҳуснигул.

– Аз ҳар назар, – ором посух дод Фурӯғ.

Фурӯғ пас аз дастгир намудану ба исбот расонидани ҷиноёти содирнамудаи Ҳуснигул осуда шудааст. Ӯ ба Ҳуснигул нафрат надорад. Вақте Фурӯғ ба баррасии парванда пардохт, ҳанӯз баъзе масоили зиндагиро барои худ мафҳум нагардонида буд, вале ҳоло тасвири зиндагӣ барои Фурӯғ, пас аз муоинаи ҳошияҳое, ки инсон дар сурати аз даст додани қутбнамо ба онҳо мерасад, возеҳтар шудааст. Ӯ табиати хостаҳо ва нохостаҳои солиму носолими худро мешиносад. Фурӯғ минбаъд ба кадом ҷиҳат ҳаракат кардани

худро медонад. Одам баъзан роҳи рост рафтанро аз каҷрафторон меомӯзад.

Ҳуснигул ба мақсадҳои худ нарасид. Ӯ Душанберо ба таҳлука оварда натавонист, балки боиси бедории шаҳр шуд. Гарчанде Ҳуснигул осори мусбати ҷиноёти худро дарк кардан намехоҳад, ваҳшонияти ӯ ҷунбиши бедории инсонҳоро ба роҳ андохт. Мардум якдаст пушти дарҳои додгоҳ мунтазири ҳукм барои қотиланд. Ҳоло аз ҳаққи занони оворае, ки Ҳуснигул онҳоро бесоҳиб пиндошта, мекушт, мардуми одӣ пуштибонӣ мекунанд. Одамони зиёд пушти дарҳои додгоҳ барои шунидани ҳукми одилона шабзиндадорӣ мекунанд. Онҳо гурӯҳ-гурӯҳ шуда, ҳар бор ба мурофиаи судӣ меоянд.

– Ту фикр мекунӣ, ки бо дастгир намудани ман мушкилотро аз байн бурдаӣ, Фурӯғ? Вақте кӯдакон дар хона эҳсоси амният намекунанд, вақте падару модарон аз кӯдакон суистифода мекунанд, шумобаринҳо хамӯшед. Ҳамин ки эътироз дар вуҷуди кӯдак бузург шуд, аз куҷое пайдо шуда, ба саркӯби афкори ҷиноятпешаи қурбонии ҷиноят мепардозед. Медонам, ки эҳсоси пирӯзӣ мекунӣ, вале пушти дарҳои баста садҳо Ҳуснигули дигар дар ҳоли бузургшавианд, бону Фарҳодӣ, – Фурӯғро безобита карданӣ шуда, гуфт Ҳуснигул.

– Ман туро қазоват намекунам, Ҳуснигул. Ту роҳи худро огоҳона интихоб кардӣ ва ба подоши аъмоли худ расидӣ, вале муҳимтар аз ҳама ту барои падару модароне, ки бо фарзандони худ beпарво бархӯрд мекунанд, ҳушдор шудӣ. Сафи Ҳуснигулҳо аз ин ба баъд камтар хоҳад шуд, чунки саргузашти ту мардумро ба андешидан во медорад, Ҳуснигул, – ором посух дод Фурӯғ.

– Шумо ҳаққи қазоват кардани маро надоред, – фиғон кашида, гуфт Ҳуснигул.

Фурӯғ ба Ҳуснигул ором нигоҳ мекард. Оромиши Фурӯғ нишонаи шикасти Ҳуснигул аст. Ҳуснигул асабӣ шуда, изофа кард:

– Ман додгоҳи шуморо қабул надорам! Қозӣ магар худ мусичаи бегуноҳ аст, ки ба худ ҳаққи қазоват кардани аъмоли маро медиҳад? Фикр мекунӣ, нафароне, ки пушти дар мунтазири ҳукми мананд, аз ман беҳтаранд? Як мушт раҳгумзадаи ноком ба ин ҷо барои виҷдонҳои олудаи худро дар бевиҷдониҳои ман шустушӯй додан, барои тасаллои худхоҳии худ омадаанд. Кадом одам бадтар аст, бону Фарҳодӣ: нафаре, ки ҷиноят содир мекунад ё нафаре, ки аз тамошои ба дом афтодани ҷинояткор лаззат мебарад?

Гарчанде Ҳуснигул талош мекард, ки Фурӯғро аз таодули равонӣ берун оварда, ба осудагиҳои Фурӯғ шабехун занад, Фурӯғ ҳамоно ба чашмони беқарори Ҳуснигул ором менигарист. Дар баробари матонати Фурӯғ Ҳуснигул худро ночор ёфта, барошуфтатар мегардид.

Асрореро, ки Ҳуснигул ба касе нақл накарда буд, ба Замира нақл кардааст. Ӯ аз Замира чунонки одам аз ашё истифода мекунад, истифода мекард. Мехост Замираро як рӯз мисли дигар бонувон туъмаи ҳайвони даруни худ созад, вале аз танҳо мондан сахт метарсид. Ҳуснигул дар симои Замира хатарро намедид, чунки Замираро аз худ бечоратар меҳисобид, вале қалби Замира, гарчанде пойи равон аз даст дод, аз қалби Ҳуснигул матинтар баромад. Замира аз Ҳуснигул қавитар баромад, чунки неруи инсон дар тавонмандиҳои ҷисмонии ӯ не, балки дар тавони қалбу руҳияи ӯ нуҳуфтааст.

Ҳарду қурбонии ҷиноятанд, вале Замира аз кӯшиши худсӯзӣ даст кашид. Сарнавишт ба ҳар кас, ки ҷуръати рӯ тобидан аз роҳи бад мекунад, фурсат медиҳад. Сарнавишт, агар иродаи баргаштан аз роҳи бад намоӣ, сарфи назар аз сатҳи олудагӣ ва ошуфтагӣ, лоиҳаи нав бароят тарроҳӣ мекунад. Қафасҳоро, то вақте нафас ҳаст, метавон шикаст.

Шароити бад одамони заифро дигаргун мекунад ва одамони қавӣ шароити бадро. Бинобар ин, аз шароити ҳамгун одамони гуногун мерӯянд. Таҳти ҳеч шароит набояд аз одамгарӣ даст кашид.

– Нафароне, ки ба тамошои ту омадаанд, Ҳуснигул, ҳанӯз ба истгоҳи охирини худ нарасидаанд. Онҳо фурсати кофӣ барои ислоҳ шудан доранд.

Инро гуфта, Фурӯғ аз утоқ берун шуда, дари бузургчуссаро аз паси худ баст. Фурӯғ аз бинои додгоҳ берун баромада, ба тарафи хона раҳсипор шуд. Имрӯз Ҳуринисо ба меҳмонӣ меояд.

Вақте Ҳуринисо ба хона омад, дарро бибии Фурӯғ боз кард. Шоҳҷаҳон Ҳуринисоро дида, ба дохили хона давида, гуфт:

– Фурӯғ, биё, Ҳуринисо омадааст.

Ҳуринисо Шоҳҷаҳонро, ки бозигӯшона аз Ҳуринисо фирор мекард, дар пушти вопасин дари мавҷуд дар долон дастгир карда, ба оғӯш гирифта, бо ҳаяҷон бӯсаборон намуда, дубора дар замин гузошт. Шоҳҷаҳон, ки саҳми худро аз меҳмон гирифта буд, бо ризоят ва дав-давон ба ошпазхона ба назди Зарагул рафт.

Фурӯғ ба истиқболи Ҳуринисо баромада, дами дари утоқ мунтазири фориғ шудани ӯ истод. Ҳуринисо ба Фурӯғ наздик шуда, бо ӯ рӯбӯсӣ намуда, вориди утоқ гардида, ҷузвдони худро рӯйи сандалии роҳат гузошта, сари суфра нишаста, аз Фурӯғ пурсид:

– Чаро Шоҳҷаҳон ба ту модар намегӯяд?

Фурӯғ ба чашмони Ҳуринисо нигариста, ором посух дод:

– Чунки Шоҳҷаҳон духтари хунии ман нест, Ҳуринисо. Бузургтар шавад, ӯро бо модари воқеиаш ошно хоҳам кард. Мутаассифона, Парисо дигар дар қайди ҳаёт нест, вале аз ӯ ва Шоҳҷаҳон акс бисёр гирифтаам. Ман ба Шоҳҷаҳон модар гуфтанро ёд дода, модари воқеии ӯро аз

дуои фарзанд маҳрум нахоҳам кард. Шоҳҷаҳон ба донистани хостгоҳи худ ҳақ дорад.

– Парисо кист? – бо тааҷҷуб пурсид Ҳуринисо.

– Парисо аз ман 5 сол бузургтар буд. Бо ӯ дар Амрико ошно шудам. Парисо дар Афғонистон ба ҳайси духтур кор кардааст. Вақте хонаводаи Парисо ӯро маҷбур ба издивоҷ бо марди пир, вале пулдор карданд, пинҳонӣ аз хонавода бо писаре, ки дӯст медошт, никоҳ карда, бо ӯ ба Амрико фирор мекунад. Фурсатҳои бешумор дар Амрико боиси дигаргунии писари ҷавон мешаванд ва ӯ оқибат Парисоро раҳо карда, меравад. Вақте бо Парисо ошно шудам, Шоҳҷаҳон якунимсола буд. Баъд аз 6 моҳи ошноӣ Парисо пеши ман иқрор намуд, ки муддатест, бо саратон мубориза мебарад ва аз ман хост, ки то дар қайди ҳаёт будани Парисо Шоҳҷаҳонро расман ба фарзандхондагӣ бигирам. Падари Шоҳҷаҳон ба духтари худ як нигоҳ ҳам наандохта, ҳуҷҷатҳои лозимро имзо намуда, аз Шоҳҷаҳон расман даст кашид. Парисо соли охир мудом рӯйи тахти беморӣ буд, ман дар донишгоҳ дарс мехондам ва бибии ман ба нигоҳубини Шоҳҷаҳон машғул гардид. Вақте Шоҳҷаҳон 3-сола шуд, модари ӯ аз дунё гузашт. То дами марги модар Шоҳҷаҳон аллакай ба ману бибиам одат карда буд. Моро хонаводаи аслии худ медонад. Ба Тоҷикистон баргашта, Шоҳҷаҳонро, ки расман духтари ман ба шумор меояд, бо худ овардам. Шоҳҷаҳон шояд Парисоро фаромӯш карда бошад, шояд ҳам не. Ӯ бисёр кӯдаки ҳассос ва боҳуш аст. Парисо духтари хуб буд. Бояд Шоҳҷаҳон модари худро бишносад ва ҳамеша барои модари нокоми худ дуо кунад.

Ашк дар чашмони Ҳуринисо ҳалқа зад. Дили ӯ ба Парисо сӯхт, вале Фурӯғ ба ӯ наздиктар аст, бинобар ин ба Фурӯғ нигоҳ карда, пурсид:

– Худат чӣ? Ту чаро шавҳар намекунӣ? Магар фарзанддор шудан намехоҳӣ?

– Шоҳҷаҳон фарзанди ман аст, Ҳуринисо. Бояд қабл аз худ ба манфиатҳои фарзанди худ биандешам.

– Накунад, Шоҳҷаҳон баҳона асту ту ҳанӯз ошиқи Ҷаҳонӣ, Фурӯғ?! – асабӣ шуда, пурсид Ҳуринисо.

Фурӯғ ба хашми беҳудаи Ҳуринисо табассум карда, ором посух дод:

– Вақте Парисо маро аввалин бор бо Шоҳҷаҳон ошно кард, медонӣ ба ман чӣ гуфт? "Шинос шав, духтари ман – Ҷаҳон". Маро гӯё барқ гирифта буд. Ҳар бор Шоҳҷаҳонро медидам, ёди Ҷаҳон меафтидам. Парисо номи ӯро кӯтоҳ карда, ба ӯ Ҷаҳон хитоб мекард. Ман дар марҳилаҳои гуногуни зиндагӣ ҳамеша ба наҳви тоза ошиқи Ҷаҳон шудаам, Ҳуринисо. Оҳиста-оҳиста ба набудани Ҷаҳон одат кардам, вале вақте ӯро баъд аз гузашти 5 сол дар долони додситонӣ дидам, фаҳмидам, ки тасвири Ҷаҳон ҳамеша бо ман буд. Ӯро дар як гӯшаи қалби худ аз худ ниҳон кардам, вале муҳаббати Ҷаҳонро дар дил беасар карда натавонистам. Медонам, ки муҳаббати Ҷаҳон бештар ба девонагӣ мемонад. Ҷозибаеро, ки ман нисбат ба Ҷаҳон эҳсос мекунам, бо ақл шарҳ дода намешавад, вале ман бо ҳар он чӣ насибам гаштааст, розиам, Ҳуринисо. Аз ишқҳои заминӣ ҳамин Шоҳҷаҳон барои ман кофист.

Ҳуринисо, ки руҳияи воқеиятхоҳ дорад, ба нақли Фурӯғ бо бемайлӣ гӯш дода, ниҳоят, пурсид:

– Дарояндаи наздик чӣ нақша дорӣ?

– Парвандаи Ҳуснигул маро ба андешидан во дошт. Қаблан фикр мекардам, ки бояд зимоми дунёро ба даст бигирам, вале ҳоло дар фикри сохтани бунёдҳоям. Мехоҳам, ба ягон ноҳияи дурдаст рафта, омӯзишгоҳи калон бисозам, то духтарон ва писарони деҳаҳои наздикро барои дохил шудан ба донишгоҳҳои дохилӣ ва хориҷӣ омода намоям. Толибилмонро то зеҳни онҳо танбал нашудааст, бо адабиёт, ҳунар ва технологияи ҷаҳонӣ ошно созам. Ҷавонон бояд дар ҳар гӯшаи кишвар имконияти дастрасӣ ба мактабҳои хубро

дошта бошанд. Озодатарин касб касби омӯзгорист, Ҳуринисо. Мехоҳам, ки бақияи умрро бо омӯзгорӣ бигзаронам. Омӯзгорон қудрати бесобиқа доранд. Бояд насли наврасро аз сардаргумӣ берун биоварем.

– Бо таҳсилоте, ки ту дорӣ, ба корҳои муҳимтар бипардоз. Чаро ба пайгирии ҷинояткорон идома намедиҳӣ.

– Ман ҷиноятро пайгирӣ не, балки пешгирӣ кардан мехоҳам, Ҳуринисо. Ҷинояткорон дар як рӯз тавлид намешаванд. Барои аз даст надодани инсонгарой бояд ба мактаб баргардем.

– Бисёр ҷолиб. Бо Ҷаҳонат ҳамфикр будаӣ, – бо киноя ба забон овард Ҳуринисо.

– Чӣ гуна? – бо тааҷҷуб пурсид Фурӯғ.

– Ман ба ту дар мавриди Ҷаҳон нақл намекардам, то туро озор надиҳам, вале вақте 5 сол пеш падари Ҷаҳон аз дунё гузашт, Ҷаҳон “Шабехун”-ро ба мо вогузор намуда, ба деҳа баргашта, дар мактаби деҳа муаллим шуд.

– Акои Сардорхон аз дунё гузаштанд, Ҳуринисо? Чаро ман намедонам? Чаро Ҷаҳон ба ман нагуфт?

Ҳуснигул ба Фурӯғ бо нигоҳи маънодор назар андохта, гуфт:

– Тарзи аз “Шабехун” рафтанатро фаромӯш кардӣ, Фурӯғ? Акои Сардорхон бемор набуданд. Марги нобаҳангом, вале табиӣ. Тақдир ҳамин будааст.

Аз чашмони Фурӯғ, гарчанде ӯ нигоҳи худро аз нигоҳи Ҳуринисо намеканд, бесадо ашк сарозер шудан гирифт.

Пас аз рафтани Ҳуринисо Фурӯғ вориди утоқи бибӣ шуда, канори ӯ нишаста, бибиро аз ду тараф бо ду даст оғӯшта, бинии худро ба сурати модарбузург фишурда, гуфт:

– Бибиҷон, ман ҳар бор аз ту суистифода мекунам...

– Ин хел нагӯ, ҷони бибӣ. Ту ҳаргиз аз ман суистифода накардаӣ, – дастони Фурӯғро бӯсида, китоби

дардастбударо аз оғӯши Фурӯғ берун набаромада, оҳиста рӯйи миз гузошта, гуфт бону Зарагул.

– Суистифода кардаам, бибиҷон. Худам хуб медонам. Борҳо суистифода кардаам. Аз ту як суол мепурсам, бибиҷон. Қавл бидеҳ, ки ба саволи ман гӯш дода, ба ман ҳарфи дилатро мегӯйӣ.

– Бошад, ҷони бибӣ. Бипурс.

– Ман қаблан ба хотири камтаҷрибагӣ нисбат ба Ҷаҳон сахтгир будам. Ӯро бо худхоҳиҳову бесабриҳои худ озурдам, вале то ҳол ӯро дӯст медорам. Агар аз ту хоҳиш кунам, ки бо ман барои зиндагӣ ба деҳаи Ҷаҳонпаҳлавон биёйӣ, меойӣ?

Бибӣ худро боэҳтиёт аз оғӯши набера раҳо карда, дастони Фурӯғро навозиш карда, ба чашмони Фурӯғ нигариста, гуфт:

– Ҷони бибӣ! Умре аз ман намондааст. Барои ман Душанбе, Исфара, Бадахшон, агар ту ва Шоҳҷаҳон дар канорам бошед, ҳеч фарқе надоранд. Ман ба хотири ту Ҷаҳонро ҳам дӯст медорам. Ҳар ҷо шумо бошед, хонаи ман ҳамон ҷост.

Фурӯғ ду ҳафтаи дигар дар Душанбе таваққуф намуда, якчанд ҳамоҳангиҳои лозим барои сохтани маркази омӯзишӣ дар наздикиҳои шаҳри Исфараро анҷом дода, Шоҳҷаҳон ва бибиро гирифта, ба шимол раҳсипор гардид.

## Қисми 40

## ХОСТГОРӢ

Нозанин, ки имсол донишгоҳро хатм намуда, ба деҳа баргашта, дар мактаб аз фанҳои риёзӣ ва ҳандаса дарс медиҳад, бо хушҳолӣ вориди мактаб шуда, рост ба утоқи

муаллимон рафта, Ҷаҳонпаҳлавонро дар он ҷо пайдо карда, гуфт:

– Акои Ҷаҳонпаҳлавон, хабар доред, дар деҳа маркази омӯзишии калон месозанд? Пас аз хатми синфи нуҳ духтарон ва писарони деҳ дигар саргардон намешаванд. Омӯзишгоҳи нав таълими толибилмони синфҳои даҳ ва ёздаҳ, ҳамчунин омодагии довталабон ба дохилшавӣ ба донишгоҳҳои гуногунро дарбар мегирад. Ҳамчунин, варзишгоҳи калон барои тарбияи варзишгарони сатҳи ҷаҳонӣ месозанд. Раиси ноҳия қарор дар мавриди гардиши доимии нақлиёти мусофиркаш миёни деҳаи мо ва ноҳияҳои атроф барои соли ояндаро имзо намудаанд. Акнун толибилмони ноҳияҳои атроф низ барои таҳсил ба деҳаи мо хоҳанд омад. Ҳозир пиёда аз канори рӯдхона гузашта истода будам, тамоми сокинони деҳ дар майдончаи наздик ба рӯдхона ҷамъ шудаанд. Раиси ноҳия низ дар он ҷост. Меъмор аз Душанбе омада, барои бинои омӯзишгоҳ замини муносиб ҷустуҷӯ дорад. Баъд аз дарс, агар розӣ бошед, ҳамроҳ ба он ҷо биравем.

Ҷаҳонпаҳлавон чанд сол боз дар фикри ҳалли муаммои толибилмони синфҳои болоист. Мактаби деҳ то синфи нуҳ идома дорад. Сипас, соҳибони имконият ба мактабҳои ноҳия мераванд ва нафароне, ки имконият надоранд, пас аз хатми синфи нуҳ аз мактаб фориғ мешаванд. Ҷаҳон хабари хушро шунида, бо табассум ва дилгармӣ ба пешниҳоди Нозанин гӯш медод. Чашмони Ҷаҳонпаҳлавон аз шиддати хушҳолӣ барқ мезаданд.

– Албатта, меравем, хоҳари акош. Ба дидори нафароне, ки орзуҳои деринаи моро амалӣ карданианд, ҳатман меравем!

Пас аз занги охирин Ҷаҳон ва Нозанин якдигарро дар саҳни мактаб мулоқот карда, ҳамроҳ ба ҷустуҷӯйи гурӯҳи корие, ки барои сохтани бинои омӯзишгоҳ ба деҳа омада буд, рафтанд. Дар роҳ ду мактаббачаи синфҳои ибтидоӣ Нозанин

ва Ҷаҳонпаҳлавонро ба ҷониби рӯдхона равон дида, давон-давон ба дунболи ҳарду омаданд.

– Муаллим, шумо ҳам ба дидори меҳмонон меравед? – дастони худро рӯйи зонуҳо гузошта, нафасро базӯр рост намуда, нафасзанон пурсид Шодӣ.

– Ҳа, Шодиҷон. Шумо аз куҷо медонед, ки ба деҳа меҳмон омадааст? – дасти худро дар тахтапушти Шодӣ гузошта, пурсид муаллим.

– Магар деҳаи мо мисли Душанбе калон аст, ки меҳмон дар он раҳгум занад, муаллим? Албатта, хабар дорем. Назарногир ҳам бошем, аз ҳама чиз бохабарем. Тамоми сокинони деҳа ба истиқболи меҳмонҳо рафтаанд. Фақат мову шумо аз пушти дарсҳо шуда, ба пешвозгирии меҳмонон дер кардем, – бо шӯхӣ ба муаллим киноя зада, гуфт Иқбол.

– Яъне, шумо гуфтаниед, ки аз ин ҷо рост ба хона нарафта, ҳамроҳи мо ба истиқболи меҳмонон рафтан мехоҳед? – ба сари Иқбол дасти навозиши падарона кашида, абрӯвони худро бардошта, бо тааҷҷуби сохтакорона ба Шодӣ ва Иқбол нигоҳ карда, хандида, пурсид Ҷаҳон.

– Айнан, муаллимҷон. Айнан, – ду толибилм, ки ҳоло таниши нафасҳои худро дубора ба таодули муқаррарӣ баргардонда буданд, бо шӯхӣ мисли ин ки ба суоли муаллим посухи аз пеш омодашуда доштанд, ҳамсадо ба забон оварда, хандиданд.

Ҷаҳону Нозанин низ ба ҳозирҷавобии шогирдон механдиданд.

– Бошад, меравем, – Шодӣ ва Иқболро бо ишораи даст ба пешдаро шудан ташвиқ намуда, гуфт Ҷаҳон.

Вақте Нозанин ва Ҷаҳон тӯдаи мардумро аз дур дар майдони фарохи канори рӯдхона диданд, оҳиста аз рӯйи пули оҳанини дастсохт гузашта, ба назди ҷамъият шитобиданд. Шодӣ ва Иқбол мардумро дар ҳоли ҷамъ шудан дида, Нозанину Ҷаҳонро тарк намуда, давон-давон ба пеш ҳаракат карданд.

Ҷаҳон аз дур гесувони дар шамоли рӯдхона парешонгардидаи Фурӯғро дида, Фурӯғро шинохт. Ҷаҳон Фурӯғро дидан замон худро гум карда, дар фосилаи 20 метр дуртар аз ҷамоате, ки даври Фурӯғ ҷамъ шуда, ба тавзеҳоти меъмор дар мавриди лоиҳаи бино, ки дар дасти Фурӯғ қарор дошт, гӯш медоданд ва меъмор баландгӯ дар даст гирифта, чигунагии омӯзишгоҳи ояндаро ба ҳозирин шарҳ медод, таваққуф намуд. Нозанин рӯйи худро ба Ҷаҳон баргардонида, пурсид:

– Акои Ҷаҳонпаҳлавон, биёед наздиктар равем. Чаро дар ин ҷо истодаед?

– Ту наздиктар рав, ман аз ҳамин ҷо тамошо мекунам, хоҳари акош, – нигоҳи худро аз Фурӯғ наканда, гуфт Ҷаҳон.

Нозанин тасмим гирифт, ки дар назди Ҷаҳонпаҳлавон истода, аз фосила ба муоина бипардозад. Нигоҳи Фурӯғ, вақте Ҷаҳон ба Нозанин табассум карда, бо ӯ суҳбат мекард, ба ҳарду афтод. Фурӯғ Ҷаҳонро бо духтари ҷавон дида, ноҳинҷор шуд. Зуд нигоҳи худро аз ҳарду гурезонда, ба суҳбатҳои меъморе, ки рафиқи наздики Фурӯғ буд ва бо хоҳиши ӯ барои сохтани бинои омӯзишгоҳ ба ин ҷо омадааст, диққат шуд. Дили кунҷкови Фурӯғ мойили гардонидани рӯйи ӯ ба самти Ҷаҳонпаҳлавон ва Нозанин буд, вале Фурӯғ мағзи худро бо баҳонаи ҳифзи виқор аз додани дастури баргардонидани нигоҳ ба самти онҳо боздошт.

Фурӯғ тасмим дорад, ки сохтмони бинои мактабро ҳарчи зудтар шуруъ кунад. Ҳафтаи баъд мошинҳои боркаш масолеҳи сохтмониеро, ки Фурӯғ баъд аз хулосаи меъмор ва маслиҳат бо ӯ супориш хоҳад дод, ба деҳа мерасонанд. Бо вуҷуди тавсияе, ки меъмор ба Фурӯғ барои саросема нашудан додааст, Фурӯғ аз ӯ мушаххасоти таҷҳизоти зарурӣро пурсида, қарордоди иҷораи мошин барои канду кови замин ва мошин барои ҷобаҷосозии масолеҳи сохтмонӣ дар сатҳи биноро аллакай бастааст ва мошинҳои сохтмониро низ дар се рӯзи оянда ба деҳа мерасонанд. Фурӯғ қасд дорад,

ки агар дар миёни сокинони деҳа сохтмончӣ пайдо накунанд, фардо ба маркази ноҳия барои пайдо намудани неруи корӣ биравад, вале аз он ҷо, ки сохтмони омӯзишгоҳи сатҳи ҷаҳонӣ барои ҳар деҳ рӯйдоди бузург ба шумор меояд, мардони деҳ ва ҳатто мактаббачаҳо ҳама барои кумак довталаб шуданд.

Фурӯғ омӯзишгоҳи худро дар ҳар гӯшаи дилхоҳи Тоҷикистон сохта метавонад, вале ӯ ин деҳаро ба хотири наздикӣ ба Ҷаҳонпаҳлавон интихоб кардааст. Бонуи ҷавон сахтгириҳои худ нисбат ба Ҷаҳонро ҷуброн кардан мехоҳад, вале Нозанинро дар канори Ҷаҳон дида, ба ақлонияти тасмими якбора ва яктарафаи худ шубҳа намуд.

Мавзуъҳои қалбӣ оқилтарин одамонро сардаргум мекунанд. Фурӯғ, гарчанде бо ҳаяҷони зиёд ба ин ҷо омадааст, Нозанинро дар канори Ҷаҳон дида, гиҷ шуд. “Ҳаминаш намерасид, ки ба деҳа омада, ҳарифи духтарони деҳ шавӣ”, – ба худ дар дил киноя зада, худро аз чанголи эҳсосоти ногуворе, ки ӯро фаро гирифта буданд, раҳо карданӣ шуд Фурӯғ. “Рашк кори сафеҳон аст, Фурӯғ. Худатро ба даст бигир. Мардона бош”, – ба Ҷаҳон ва Нозанин, ки тасмим гирифта буд, дар канори Ҷаҳон аз дур ба ҳозирин нигоҳ карда, бо Ҷаҳон суҳбат намуда, ба тамошо бипардозад, як-як ноаён ва мухтасар назар андохта, аз дил мегузаронд Фурӯғ.

Аз кучое бону Зарагул ва Шоҳҷаҳон пайдо шуданд. Бону Зарагул Ҷаҳонро берун аз ҷамъ дида, ба назди ӯ омада, салом дод:

– Салом, Ҷаҳонҷон. Хубӣ, бачам?

– Салом, бибиҷон. Фурӯғ шуморо низ ба деҳа овард? – бо тааҷҷуб ба бону Зарагул ва Шоҳҷаҳон, ки Ҷаҳонро шинохта, худро дар пушти пойи бибӣ, аз ӯ пинҳон карда, механдид, нигоҳ карда, пурсид Ҷаҳон.

– Сохтмони омӯзишгоҳ тул хоҳад кашид. Фурӯғ мехоҳад рафти корҳои сохтмониро зери назорати шахсӣ дошта бошад. Ҳамроҳ омадем, то хотири Фурӯғ ҷамъ бошад.

Ҷаҳон дар меҳрубониҳо ва мувозибати бону Зарагул аз Фурӯғ танҳоиҳои Фурӯғро эҳсос намуда, ба Фурӯғ бо ҳасрат нигарист. Фурӯғ, ки аз ҳисси нотавонӣ безор аст ва бо эҳсосоти худ даргир шуда буд, шӯриши шубҳа дар вуҷуди худро, билохира, саркӯб намуда, лоиҳаи биноро ба яке аз писарони қоматбаланд, ки дар канори ӯ истода, ба тавзеҳоти меъмор гӯш медод, супорида, бибиро баҳона карда, аз миёни ҷамъ берун шуда, ба тарафи Ҷаҳону Нозанину Зарагул омад. Шоҳҷаҳон Фурӯғро дида, ба сӯйи ӯ давид. Фурӯғ Шоҳҷаҳонро бо ҳаяҷони модарона аз замин бардошта, дар оғӯши худ фишурда, аз гунаҳои ӯ бӯсид ва сипас ба ҳозирин салом дод:

– Салом, ҷаноби Сардорхонзода. Салом, бону, – бо садои бепарво, вале дили кунҷков гуфт Фурӯғ.

Бо вуҷуди ин ки Фурӯғ дар бархӯрди аввал дар додситонӣ бо Ҷаҳон расмӣ бархӯрд карда буд, дар бемористон, гарчанде мойил ба шикастани фосилаҳо нашуд, бо Ҷаҳон бегонавор суҳбат намекард. Ҷаҳон ба “ҷаноби Сардорхонзода” гуфтани Фурӯғ ва нигоҳҳои аҷиби ӯ диққат шуда, бо нигоҳи шубҳа ва суоломез ба Фурӯғ нигариста, пас аз чанд сония далели бархӯрди расмии Фурӯғро дар канори худ дида, бо нимханда ва нимҷиддӣ гуфт:

– Шинос шавед, бону Фарҳодӣ. Ин кас Нозанин Фирӯззода. Муаллимаи фанни риёзӣ ва ҳандаса дар мактаби деҳ.

Фурӯғ дасти худро ба Нозанин дароз намуда, дасти Нозанинро фишурда, ба ҷойи табассум лабони худро ба ҳам фишурда, бо ҷиддият гуфт:

– Аз ошноӣ шодам, бону Фирӯззода.

Табассуми ба табассум номонанду иҷбории Фурӯғ ва нигоҳҳои суоломези Ҷаҳон Нозанинро ба шубҳа овард, вале

ӯ шубҳаҳои худро парешон намуда, бо чеҳраи кушода ва хандон ба Фурӯғ посух дод:

– Ман ҳам, бону Фарҳодӣ. Аз дидор бо шумо хушҳолам. Аз дидор бо шумо ва аз ташаббуси шумо хурсандам.

Фурӯғ пас аз дастфишорӣ бо Нозанин нигоҳи озмоишгари худро аз Ҷаҳон намеканд. Бону Зарагул бо Нозанин дар мавриди кадом масъалае ғарқи суҳбат шуда буданд. Нозанин ба Зарагул бо ишораи даст ба самти доманаи кӯҳҳо, ки дар он тарафи майдонча қарор дошт, нишон дода, ба ӯ чизеро шарҳ медод. Фурӯғ садои баландгӯеро, ки аз фосила ба онҳо мерасид, садои Нозанину Зарагулро дар гӯши худ пахш намуда, ба Ҷаҳонпаҳлавон ва вокунишҳои ӯ диққат шуд. Шоҳҷаҳон, ки рӯйи дӯши модар нишаста, аз сари бозуи ӯ ба нуқтаи номаълум диққат шуда буд, садо набароварда, чор тарафро бо кунҷковии кӯдакона аз назар мегузаронд.

Фурӯғ ба суолҳои худ ҳамин ҳоло посух мехоҳад, вале ақл ба Фурӯғ ишора мекард, ки ӯ ҳаққи бозпурсӣ кардани Ҷаҳонро надорад. Бо вуҷуди ин, Фурӯғ ба Ҷаҳон бо нигоҳи талабкор менигарист. Ҷаҳон бо ин ҳаяҷоноти Фурӯғи бакамолрасида ошно нест, бинобар ин хиҷил шуда, Шоҳҷаҳонро бо меҳрубонӣ аз дасти Фурӯғ гирифта, ба тарафи ҷамъият рафт.

Фурӯғ аз фирори Ҷаҳон асабӣ шуда буд, вале виқор намегузошт, ки Фурӯғ ба дунболи Ҷаҳон биравад, бинобар ин тасмим гирифт, ки посухи суолҳои худро аз Нозанин бигирад.

Фурӯғ ба суҳбати Нозанин ва Зарагул ҳамроҳ шуда, бо Нозанин дар мавриди деҳа, дар мавриди мактаби деҳ, дар мавриди боғи дастаҷамъӣ, дар мавриди мушкилоти ҷории деҳ суҳбат карда, мехост, суҳбатро ба тарафи мавзуи Ҷаҳон кашонад, вале эҳтимоли мавҷудияти муносибати ошиқона дар байни Ҷаҳон ва Нозанин ба виқори Фурӯғ фишор

меовард, бинобар ин Фурӯғ қалби беқарор ва кунҷкови худро водор ба ақибнишинӣ намуд.

Фурӯғ то ҳол ба касе ҳасудӣ накардааст, бинобар ин дар кори ҷосусӣ маҳорат надорад, балки аз ин корҳо дилгир ҳам мешавад. Бо вуҷуди ин, эҳсосе, ки Фурӯғ ба Ҷаҳон дорад, қавитар аз озорест, ки Фурӯғ ҳоло дар назди Нозанин истода, мекашад. Аз он ҷо ки Нозанин бузург шуда, аз ҷомаи нобовариҳои кӯдаконаи худ раҳо гардида, табдил ба муаллимаи чеҳракушод ва мойил ба муоширaт шудааст, ба суолҳои Фурӯғ муфассал, ҳаяҷони зиёд масраф намуда, посух медод ва мушоҳидаи ҷилваҳои балоғат ва латофат дар Нозанин забонаҳои оташи рашк дар Фурӯғро ба ин тарафу он тараф бод дода, авзои ӯро ногувортар мекард.

Саҳнаи илтифоти Ҷаҳон бо Нозанинро Фурӯғ дар зеҳни худ дубора бозсозӣ намуда, бо худ андешид, ки Ҷаҳон ҳангоми дидори дубора бо Фурӯғ табассум накарда буд. Шайтон, ки то ҳол ҷуръати додани машварат ба Фурӯғро намекард, Фурӯғро рӯйи таноби борики шубҳа дида, зуд дастбакор шуд:

„Ҷаҳон маъшуқа дорад, барои ҳамин ҳам дар Душанбе бо ту расмӣ бархӯрд намуд“. “Нозанин аз ту ҷавонтар ва гапдаротар аст”. “Ҷаҳон бо Нозанин хушбахт аст, ту беҳуда ба ин ҷо омадӣ”.

Занги телефони Нозанин нақшаҳои Шайтонро ба ҳам зад ва ба ҷойи Фурӯғ Шайтон аз рӯйи таноби шубҳаҳои Фурӯғ ба замин хӯрд.

– Бале, дадош. Наход? Бошад, худи ҳозир меоям, – телефонро бардошта, гуфт Нозанин.

Фурӯғ калимаи «дадош»-ро шунида, фавран ба тарафи Ҷаҳон нигарист. Ҷаҳон машғули бозӣ бо Шоҳҷаҳон буд ва дар даст телефон надорад.

Фурӯғ нафаси сабук кашида, бо хурсандӣ, гӯё дар рӯбарӯ беҳтарин дӯсти ӯ истода бошад, ба Нозанин баргашта, нигоҳ кард. Нозанин телефонро қатъ намуда, гуфт:

– Духтари хурдсолам таб кардааст. Бо иҷозаи шумо, бояд зуд ба хона биравам.

Пас аз худоҳофизии самимӣ бо ҳозирин Нозанин рафт. Фурӯғ ба назди меъмор, ки суханронии худро ба итмом расонида буд, баргашта, машғули суҳбат бо ӯ шуд. Ҷаҳон Шоҳҷаҳонро оварда, ба бону Зарагул супорида, бо ӯ якчанд дақиқа суҳбат карда, рафт. Пас аз нишастани меъмор ба мошин, Зарагул ба назди Фурӯғ омада, гуфт:

– Ҷаҳон ба ман пешниҳоди истодан дар хонаи онҳоро намуд. Қабул кардам.

– Бибиҷо-о-он! Ту дигар кор надорӣ? Ман виқор дорам! Дар хонаи Ҷаҳонпаҳлавон намеистам! – асабӣ шуда, расми эътироз фиғони ночорӣ баланд карда, гуфт Фурӯғ.

– То ҳол ба корҳои ту дахолат накардаам, Фурӯғ. Натиҷа: омӯзишгоҳро ба хотири ӯ дар ин ҷо месозӣ, вале ҷуръати эътироф надорӣ. Зуд дастбакор шав, вагарна Ҷаҳонро худам барои ту хостгорӣ мекунам, – гуфта, ба Фурӯғ, ки нигарони обрӯйи худ шуда, эътироз мекард, хандида, гуфт бибӣ.

– Бибиҷо-о-он! Ман дигар он духтари бепарво нестам. Модар шудаам. Ин корҳо шӯхӣ нест. Қадами аввалро Ҷаҳон бояд бигузорад.

– Мегузорад, нигарон набош. Барои ин ки қадами аввалро гузорад, бояд ба ӯ фурсат бидиҳӣ. Аз ӯ гурехта, қадами аввал мехоҳӣ? Корҳои қалбиро ман бо ин синну сол беҳтар аз ту мефаҳмидаам, – ба Фурӯғ шӯхиомез киноя зада, посух дод бону Зарагул.

Бо кумаки Ҷаҳонпаҳлавон Фурӯғ ҷомадонҳоро ба мошине, ки Ҷаҳон оварда буд, бор карда, бибиро ба нишастан дар канори курсии ронанда водор намуда, Шоҳҷаҳонро гирифта, ба нишастгоҳи ақиби мошин ворид шуд.

Нигоҳи Ҷаҳон, вақте ба оинаи болои сар назар андохт, ба нигоҳи ваҳшии Фурӯғ афтод. Нигоҳи зани ошиқи ба

маъшуқ нобовар оромиш надорад. Ӯ дар нигоҳи маъшуқ иродаи гирифтани масъулияти посухдиҳӣ ба вобастагиҳоро меҷӯяд.

Фурӯғ ин бор комилан дигаргун аст. Мисли гули шукуфта накҳати дигар дорад. Ҷозибаҳои занонаи Фурӯғ дар партави худогоҳие, ки Фурӯғ тайи солҳои фироқ касб намудааст, комилтар менамоянд. Ҷамоли бакамолрасидае, ки ҷуръати эътирофи дилбастагиро надорад.

Дар назди дарвоза Давлатбӣ бо хушнудӣ ба истиқболи меҳмонон баромада, бо Фурӯғ, Зарагул ва Шоҳҷаҳон рӯбӯсӣ намуда, онҳоро сари суфраи паҳн барои тановули ғизо ва баровардани хастагӣ даъват намуд. Ҷаҳон ҷомадонҳоро аз мошин фароварда, ба дохили хона бурд. Пас аз тановули ғизо ва ҷамъ кардани дастархон, Давлатбӣ дари утоқеро, ки ба Фурӯғ, Зарагул ва Шоҳҷаҳон ихтисос дода шуда буд, зада, пас аз гирифтани иҷоза, вориди утоқ шуда, омада, дар назди меҳмонон нишаста, мӯйҳои Шоҳҷаҳонро, ки омада, ҷойи худро дар оғӯши Давлатбӣ роҳат карда, нишаст, навозишкунон гуфт:

– Агар Фурӯғ ба пойи худ ба ин ҷо намеомад, дар ин кор дахолат намекардам. Фурӯғ омӯзишгоҳи худро дар ҳар деҳи дигар сохта метавонист, вале аз чӣ бошад, деҳаи моро интихоб намудааст? Ҷаҳонпаҳлавон туро дӯст медорад, Фурӯғҷон. Писари ман ба масоил беш аз ҳад ахлоқӣ нигоҳ мекунад. Агар мунтазири Ҷаҳонпаҳлавон бимонӣ, сабри ӯ зиёд аст. Ман ба унвони модар аҳволи дили писари худро хуб медонам. Медонӣ, вақте имрӯз ба ман занг зада, гуфт, ки шуморо ба хона меорад, бисёр ҳаяҷонӣ менамуд. Ҷаҳонпаҳлавон бо касе дарди дил намекунад, вале имрӯз эҳсос намудам, ки дили писари ман дигар дард намекунад. Муҳаббат одамро болидаруҳ месозад, Фурӯғҷон. Ҷаҳонпаҳлавон дар шодии дигарон масрур мешавад, вале худ ҳаргиз хушбахт набуд. Ман ба ӯ хуб буданро ёд додам, вале соҳиби ҳаққи худ шуданро не. Шуморо Худо барои якдигар

офаридааст. Ҳарду ба масоили дуввуминдарача меандешед, бинобар ин маҷбурам, ки ба кори шумо дахолат кунам. Ман туро расман аз бибиат барои Ҷаҳонпаҳлавон хостгорӣ мекунам, Фурӯғ.

Давлатбӣ ба Фурӯғ баҳона барои накшофарӣ нагузошт. Ашк аз чашмони Зарагул рехт. Фурӯғ низ ҷилави эҳсоси дар сина ҳабсшударо гирифта натавониста, Давлатбиро ба оғӯш гирифта, эҳсоси солҳо пинҳоннамударо ба Давлатбӣ нишон дод. Давлатбӣ фарҷоми озореро, ки Фурӯғ ва Ҷаҳон тайи солҳо аз сар гузарондаанд, эҳсос намуда, ашки шодӣ рехт. Гарчанде ҳарсе ашк мерезанд, аз он ҷо, ки гиряҳо гиряҳои раҳоиянд, фазо барои Шоҳҷаҳон, ки бо тааҷҷуб ва кунҷковӣ аз зери манаҳҳо ба аҳволи ҳозирин нигоҳ мекард, дилгир нашуда буд.

Фардо субҳ вақте Ҷаҳонпаҳлавон дасту рӯйи худро дар саҳни хона бо оби сард мешӯст, Давлатбӣ ба саҳни хона баромада, бо даст ба тахтапушти Ҷаҳон зада, бо лаҳни меҳрубони модарона гуфт:

– Субҳи шаҳбача ба хайр бошад.

Ҷаҳон ҳаяҷони нобаҳангоми модарро дарк накарда, ба модар нигариста, хандида, гуфт:

– Писари ту аз синну соли шаҳбачагӣ кайҳо гузаштааст, модарҷон.

Партави табассум дар чеҳраи Давлатбӣ, ки то ҳол ба Ҷаҳон ором ва бодиққат менигарист, дамид ва ӯ бозуи чапи Ҷаҳонро навозиш карда, ба Ҷаҳон бо хандаи рамзӣ гуфт:

– Ҳеч кас нагуфтааст. Писари ман айнан дар синну соли шаҳбачагӣ қарор дорад. Шаҳбача бинамат!

– Модарҷон, доруи сардард гуфта, ягон доруи ногуворро нахӯрда бошӣ? Авзои ту маро нигарон мекунад, – бо шӯхӣ ба модар гуфт Ҷаҳон.

– Ҳеч дору лозим нест. На сардард дорам, на подард. Тамоми хастагиҳо ва дардҳои манро шаб бо худ бурд. Хушбахтам. Ягона писарамро хонадор хоҳам кард.

Ҷаҳонпаҳлавон ҳаргиз адоҳои мастонаи Давлатбиро надидааст, бинобар ин эҳсос кард, ки модар, гарчанде маст менамояд, шӯхӣ намекунад, бинобар ин ҷиддӣ шуда, ба чашмони модар нигоҳ андохта, пурсид:

– Киро хонадор мекунед шумо? Чӣ мегӯйӣ, очаҷон?

– Ошиқи бечуръатро хонадор мекунам. Девонаи Фурӯғро, – бо лаҳни мойил ба масхара, вале нигоҳи таҳлилгар гуфт Давлатбӣ.

Давлатбӣ вокуниши писари худ ба хабари хонадоршавиро аз даст додан намехост, бинобар ин ба таҳи нигоҳи Ҷаҳон бо диққати модари нигарони аҳволи фарзанд менигарист.

Ҷаҳон дар ҷо карахт шуд. Ӯ ҳавобаландиҳои Фурӯғро мешиносад. Накунад модари рӯрости ӯ ба завқи зебоишиносиҳои Фурӯғ бархӯрда, ӯро бо ҳарфе озурда бошад?

– Модарҷон, нагӯ, ки бо Фурӯғ дар мавриди ман суҳбат кардаӣ?

Давлатбӣ аз ридои хуморолудагӣ берун омада, чеҳраи худро ҷиддӣ намуда, ба чашмони талабкори Ҷаҳон бо азми устувор нигоҳ карда, гуфт:

– Ҷаҳонҷон! Медонӣ, ки ман ба унвони модар хостори хушбахтии туам. Дирӯз аз Фурӯғ хостгорӣ намудам. Барои издивоҷ кардан бо ту ризоят дод.

Гарчанде Ҷаҳон аз ҷуръати модар ба ҳайрат афтода буд, кашиши сабуке, ки дар натиҷаи шунидани пайғоми ризояти Фурӯғ дар ду гӯшаи лабҳои Ҷаҳон эҷод шуд, аз хушнудии ӯ дарак дод.

– Модарҷо-о-он! О, Фурӯғ духтари сарироҳӣ нест, ки ту бидуни риояи расмиёт аз ӯ хостгорӣ кунӣ? Бо худам маслиҳат мекардӣ, ҳамаро аз рӯйи қоида анҷом медодем, – бо лаҳни созишкорона гуфт Ҷаҳон.

– Бо ту маслиҳат мекардам, ба ҳеч куҷо намерасидем, писарам ва хушҳолам, ки ризояти худро пинҳон намекунӣ. Ба

даст овардани таваҷҷуҳи зане, ки ҳузури ӯ қалбро ба хандидан водор месозад, мардро ба камол мерасонад. Аз ин ки модар аз ту боҷуръаттар аст, андеша намо ва сазовори эътимоди Фурӯғ шав. Фурӯғ ба ин ҷо ба хотири ту омадааст. Андеша хуб аст, вале фикри бисёр ҷуръати мардро коҳиш медиҳад. Маро хиҷолатзада накарда, пеш даро!

Ашки шодӣ дар чашмони Ҷаҳон ҳалқа зад. Модар шодии писари худро дида, аз рухсораҳои писар, ки ёдгори Сардорхони ӯ буд, бӯсид. Дар осемасарии модар Ҷаҳон нигарониҳои Давлатбӣ бобати аҳволи писарро эҳсос намуда, модарро гарм дар оғӯш гирифт. Ашк дар чашмони Давлатбӣ ҳалқа зад. Ашки шодӣ ва ашки ҳасрат дар чашмони Давлатбӣ омезиш ёфтаанд. Давлатбӣ ёди хотироти Сардорхон афтод. Сардорхон, гарчанде камҳарф буд, ҳарфи дили худро бепарда баён медошт. Ҷаҳон шӯх аст, вале аз ибрози ҳарфи дил худдорӣ мекунад. Модар даруни дил ба Ҷаҳон ва Фурӯғ орзуи саодатеро мекунад, ки худ бо Сардорхон таҷриба кардааст. Хушбахтии Фурӯғ ва Ҷаҳонпаҳлавон зоҳири дигар хоҳад дошт, вале Давлатбӣ даруни дил ба онҳо мазмуни амиқи хушбахтиеро, ки худ аз сар гузаронидааст, таманно намуд.

# **Барои қайдҳо**:

## **Барои қайдҳо**:

**МАНИЖА САИДИСЛОМЗОДА**

# ОВОРАГАРД

(роман)

Зери назари:
**Усмоналӣ Холиқзода**

Муҳаррири масъул:
**Бустоналӣ Холиқзода**

Ба матбаа 03.03.2025 супорида шуд.
Ба чопаш 10.03.2025 имзо шуд.
Коғази офсет. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$
Ҷузъи чопии шартӣ 26,50.
Супориши №25/9. Адади нашр 1000 нусха.
Матбааи "Мулквар"